

«Китоби пурқувват, нубувватӣ ва илҳомбахш».
**Кристин Кейн**, асосгузори ширкати «A21» ва хизматгузории «Propel Woman»

Худро беназир ва беҳамто қабул бикун, ва дар асри нооров ва монандшавӣ мақсади хешро амалӣ бисоз

# БЕРУН АЗ
# РАҚОБАТ


## ЛИЗА БИВЕР

Муаллифи шоҳасарҳои "Бедоршавии модашерон" ва "Духтарони шамшердор"

Дӯсти азиз,

Шуморо Худо ба таври беназир офаридааст, то ки зани тавоно ва бомақсад бошед. Бо вуҷуди ин, бисёре аз мо вақти зиёдро дар нофаҳмиҳо ва номуайянӣ сарф кардем. Мо доимо, худро бо дигарон муқоиса намуда, осоиштагӣ ва шодии худро гум мекардем.

Вақти он расидааст, ки бархоста, зиндагии берун аз рақобатро дар зебоӣ, қувват, шаъну шараф ва нуфуз оғоз намуд. Шахсияти ҳақиқии худро дар Масеҳ дарёбед, – ки бо умед дурахшон, дар хизматгузорӣ содиқ ва дар ҳама корҳое, ки мекунед,  дӯстдошта бошад.

Ин паём барои занони синну соли гуногун аст, ва барои ман шараф аст, ки имконият дорам бо ин китоб шуморо баракат диҳам, дугона ва хоҳари ман. Боҷуръатона ин маводро бо ҳар касе, ки медонед, мубодила кунед. Ин тӯҳфаи ман барои шумо аст!

Далерона ва бо муҳаббат, бо шуҷоат ва саъю кӯшиш зиндагӣ кунед!

Бо самимият,

Лиза Бивери шумо





MessengerX

Лиза Бивер
LisaBevere@ymail.com

Messenger INTERNATIONAL

«Китоби пурқувват, нубувватӣ ва илҳомбахш».
**Кристин Кейн**, асосгузори ширкати «A21»
ва хизматгузории «Propel Woman»

Худро беназир ва беҳамто
қабул бикун, ва дар асри нооором ва
монандшавӣ мақсади
хешро амалӣ бисоз

# РАҚОБАТДАН
# ТАШҚАРИДА


## ЛИЗА БИВЕР

Муаллифи шоҳасарҳои "Бедоршавии модашерон"
ва "Духтарони шамшердор"

**Without Rival** by Lisa Bevere, Tajik
© 2024 Messenger International
MessengerInternational.org
Originally published in English as Without Rival

Additional resources in Tajik by John and Lisa Bevere are available for free download and video streaming at **MessengerX.com** and on the **MessengerX** App
To contact the Author: LisaBevere@ymail.com

This book is a gift from Messenger International and is NOT FOR SALE

**«Берун аз рақобат»** Лиза Бивер, ба забони тоҷикӣ
© 2024 Messenger International
MessengerInternational.org
Аввал бо забони англисӣ бо номи «Without Rival» нашр шудааст

Маводҳои иловагӣ аз Ҷон ва Лиза Бивер бо забони тоҷикӣ барои ройгон зеркашӣ ва паҳн кардан дар **MessengerX.com** ва барномаи **MessengerX** дастрас аст.
Суроғаи электронӣ барои тамос бо муаллиф: LisaBevere@ymail.com

Ин китоб аз «Мессенҷер Интернэшнл» тӯҳфа аст ва ФУРӮХТА НАМЕШАВАД.

Зеркашӣ дар App Store | Инро гиред Google Play

App Store тамғаи молии Apple Inc. мебошад, ки дар ИМА ва давлатҳои дигар ба қайд гирифта шудааст. Google Play ва логотипи Google Play тамғаҳои молии Google LLC мебошанд.

*Эй бебаҳо!*

*Ту духтари беҳамто ва маҳбуби Падар ҳастӣ, ва дар ин замони бесобиқа ба ту паём ва ваъдаҳои бемисл бовар карда шудаанд. Ту барои замони ҳозира интихоб шуда будӣ, ки дар айни вақт бузург ва даҳшатнок аст. Маҳз барои ҳамин ту бояд нотарсона дӯст дорӣ... сахт бовар кунӣ... ва бениҳоят умедвор бошӣ.*

# МУНДАРИЧА

1. Шахсият берун аз рақобат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 1

2. Худои мо берун аз рақобат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 19

3. Ваъдаи мо берун аз рақобат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 41

4. Зинҳор муқоиса накунед! . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 67

5. Вақте ки ба шумо чун ба рақиб менигаранд . . . 89

6. Ҷинс берун аз рақобат аст . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 113

7. Рақобат байни тарс ва муҳаббат. . . . . . . . . . . . . . 145

8. Чоҳҳои чуқур ва чоҳҳои хоҳишҳо . . . . . . . . . . . . 167

9. Духтари берун аз рақобат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 191

10. Ҳаёти берун аз рақобат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 215

# 1

# Шахсият берун аз рақобат

“Хоҳиши асосии мо – вохӯрдан бо касе, ки моро илҳом мебахшад, то он нафаре бошем, ки, тавре медонем, мо чунин шуда метавонем”.

РАЛФ УОЛДО ЭМЕРСОН

Ягон вақт шумо рақиб доштед?

Ман мусобиқаҳои оддии дӯстонаи варзиширо дар назар надорам. Ман кӯдаконеро дар назар надорам, ки барои диққат ва меҳрубонии падару модарашон рақобат мекунанд.

Ман рақиби ҷиддитарро тасаввур мекунам. Ин рақибест, ки тамоман ба дӯст ё ба аъзои оила монанд нест. Вай дар майдони муҳориба он ҳадаферо пайгирӣ менамояд, ки на фақат ғалаба кунад, балки тамоман аз рақиб халос шавад.

Лекин чӣ мешуд, агар шумо мефаҳмидед, ки он ҳаёте, ки шумо ҳамеша орзу мекардед, аз доираи ин рақобатҳо берун аст? Чӣ мешуд, агар шумо медонистед, ки ба мағлуб шудан ҳоҷат нест, то аз бозӣ бароед. Чӣ мешуд, агар ошкор мекардед, ки шумо умуман мағлуб шуда наметавонед? Чӣ мешуд, агар шумо на фақат

ғайримуқаррарӣ фикр менамудед, балки ғайримуқаррарӣ *зиндагӣ* ҳам мекардед?

Бисёр сол пеш ман китоберо мутолиа намудам, ки дар он муаллиф тахмин дошт, ки он охирзамони мо медониста бешубҳа фаро мерасад, ки ба воситаи бегонагии ҳамаҷониба меояд (на бо дахолати бошандагони дигар сайёра). Дар китоб гуфта шудааст, ки вақте фаро мерасад, ки ҷаҳон ба ду гурӯҳи ба ҳам мухолиф ё ба ду мактаби тафаккур тақсим мешавад, ки байни худ рақобат доранд. Дар чунин фазои тақсимоти ҳамаҷониба ин гурӯҳҳоро бо ҳамдигар ҷанг андохтан ҳеҷ душворие надорад, то ки онҳо то пурра фаро расидани охирзамон муҳориба кунанд.

Ҳама гуна ҷудошавии систематикӣ бо чунин миқёс аз доираи хурдтаре оғоз меёбад. Вай метавонад аз даруни хона оғоз ёбад, вақте ки одамони маҷрӯҳшуда бо қалбҳои шикаста оилаҳои хароб барпо мекунанд. Қувваҳои хеле воқеӣ мавҷуданд, ки ҳақиқатҳои бардурӯғро мекоранд, ақл, ирода ва эҳсосоти одамро азоб медиҳанд, то ӯро маҷбур созанд, ки аввал ба худаш ва баъд ба дигарон дарафтад.

Аз одамоне худро канор гирифтан душвор аст, ки онҳо мегӯянд, ки мо ба тарзи кофӣ хуб, ҷавон, боақл, чаққон ва сарватманд нестем. Ба мо ҳамла менамоянд, дар интизории он, ки мо фурӯтан шуда, худро ба хоҳишҳои онҳо таслим месозем. Аммо табиати инсонӣ чунин аст, ки ӯ кӯшиш мекунад, ки аз ин шиканҷаи беохири худ гурезад, ки ӯро водор менамояд, бовар кунад, ки ҳама чиз барояш кофӣ нест. Вақте ки таҳқир то нуқтаи охирин рафта мерасад, баъзеҳо гузашт мекунанд, ба мутобиқ шудан, тақлид намудан сар мекунанд, дигарон бошанд, мавқеи муҳофизатиро ишғол намуда, ҷавобҳои айбдоркунанда равон мекунанд.

Мо дигаронро ҳукм мекунем, вақте ки маҳкумиятро ҳис мекунем.

Мо дигаронро шарманда мекунем, вақте ки моро шарманда мекунанд.

Мо аз дигарон нафрат мекунем, вақте ки худро дӯст намедорем.

Мо аз фикри дигаронро ғорат кардан дур нестем, вақте ки моро ғорат мекунанд.

Дар чунин раванд ҳама зарар мебинанд ва ҳеҷ кас чизеро ба даст намеорад. Лекин чӣ мешуд, агар ҳама чиз чуноне бошад, ки Павлус гуфтааст?

> “Аммо диндорӣ бо қаноатмандӣ манфиати зиёде дорад” (1 Тим. 6:6).

Порсоӣ – ин қобилияти ба инобат гирифтани нуқтаи назари Худо. Ин чунин маъно дорад, ки мо нуқтаи назари Худоро нисбати дигар одамон эътироф намуда, нигоҳи Ӯро оиди худамон қабул мекунем.

Қаноатмандӣ ва эҳсоси роҳат дар рӯҳи шахсии шумо ба кундзеҳнӣ оварда намерасонад, балки эҷодиётро озод мекунад! Аз азобу уқубатҳои худ даст кашед. Чашмони Ӯ бар мост, аз ин рӯ, мо метавонем чашмони худро сӯи Ӯ бардорем.

Баъд чӣ?

Ба ҷои мубориза бурдан барои он чизе, ки барои шумо пешбинӣ нашудааст... қувват хоҳед ёфт, то чизеро дарёбед, ки он қонунӣ ба шумо тааллуқ дорад.

Ман дуо мекунам, ки ин китоб зарари беҳудагиҳои ҳаррӯзаро нишон диҳад. Ба ҷои кӯшиши ғалаба намудан дар он мусобиқаҳое, ки ба шумо манфиате намеоранд, мехостам, ки барои пирӯзӣ дар ҷанг омода шавед. Барои қалъаи ҷони шумо муборизаи ҳақиқӣ рафта истодааст. Вақти он фаро расидааст, ки мавқеи *худро* дар ҷаҳон ишғол намоем. Биёед дурӯғ ва нофаҳмиҳоро фош карда, мефаҳмем, ки дар асл шумо кистед.

## Гум шуда буд ва ёфт шуд

Ман сагҳоро дӯст медорам. Ба қарибӣ, вақте ки ман аз хона дур, дар Кореяи Ҷанубӣ, будам, саги дӯстдоштаи мо Тиа гум шуд. Шояд касе аз кормандон дари даромадгоҳро сахт напӯшида буд,

ки Тиа гармии хонаи бароҳатро монда, кӯчаҳои сарди зимистони Колорадоро интихоб кард. Бо кадом сабабе вай он шаб роҳи хонаро ёфта натавонист. Ҳамсояи ношиносе меҳрубонӣ карда, он шаб ӯро дар хонааш ҷо дод ва субҳ ба паноҳгоҳи ҳайвонот бурда монд.

Тиа дар гарданбандаш нишоне дошт, вале аз он қариб фоидае набуд, чунки рақами телефони дар он нишондодашуда кайҳо кӯҳна шуда буд. Илова бар ҳамаи ин, мӯҳлати эътибори иҷозатномаи вай гузашта буд (бубахшед, ман фикр кардаам, ки иҷозатномаро барои сагҳо танҳо як маротиба медиҳанд), ва ана вай – саги маҳбубе, ки хона дорад, вале на овоз, на ҳуҷҷати мансубият дошт, ки барои пайдо кардани вай кӯмак кунанд.

Дар Кореяи Ҷанубӣ буда, ман намедонистам, ки чӣ ҳодиса рӯй додааст. Писаронам оқилона рафтор карда, гум шудани Тиаро аз ман пинҳон карданд, вале дар хона, албатта, ваҳм ҳукмфармо буд. Онҳо дар ҳама ҷо сагро ҷустуҷӯ мекарданд, вале аз ҳеҷ куҷо ёфта натавонистанд. Онҳо метарсиданд, ки ӯро сагони ваҳшӣ хӯрдаанд. Ниҳоят, чун шӯхӣ тасмим гирифтанд, ки, бо маслиҳати касе, паноҳгоҳи сагҳоро тафтиш кунанд.

Вақте ки Остин ба паноҳгоҳ омада, Тиаро дид, ӯ бовар накард, ки ин саги мост. Оворагардӣ намуди зоҳирии ӯро хеле дигаргун карда буд, саг афсурдаҳол ба назар мерасид ва гӯё аз дидани соҳибаш шод набуд. Вай дар кунҷи қафас лӯнда шуда менишаст ва тамоми баданаш меларзид. Пас аз он ки Остин пули дар паноҳгоҳ истоданашро пардохт намуд, ки тақрибан ба нархи будубоши як меҳмонхонаи хубе буд, ва инчунин чанд ҷаримаҳои калонро низ супорид (аён аст, ки барои иҷозатномаи мӯҳлаташ гузашта сахт ҷазо медиҳанд), саг боз аз они мо шуд.

Вақте ки ба хона баргаштам ва тамоми воқеаро фаҳмидам, ман каме хавотир шудам. На аз барои писаронам, балки барои саг. Тиа давоми даҳ сол аст, ки бо мо зиндагӣ мекунад, ва ин бори аввал буд, ки аз хона гурехта, барнагашт. Ман хавотир шудам... чаро ҳоло? Шояд катаракта биноии ӯро заиф карда бошад? Ё пириаш аз худ дарак медиҳад? Оё ӯ маро ҷустуҷӯ мекард?

Хулоса, муҳим нест, ки вай барои чӣ рафт. Вай узви оилаи мост, ва набудани қобилияти дарёфт кардани роҳи хона ин ҳақиқатро тағйир намедиҳад. Мо ҷустуҷӯ кардем, ҷарима супоридем, мӯҳлати иҷозатномаро дароз кардем, вай аз он қафаси нангин озод шуд ва ба ҷои худ пеши пойҳои ман ба болои кат баргашт. Як шаби оворагардӣ сабаб шуда наметавонад, ки вайро аз худам дур кунам.

Эҳтимол, шумо мефаҳмед, ки ман ба чӣ ишора карда истодаам. Агар мо (бешубҳа, соҳибони нокомили ҳайвонот) барои сагони худ ин қадар бисёр заҳмат кашем, пас Падари Осмонӣ барои мо чӣ кор мекунад? Қадами нахустин дар роҳи худшиносӣ ин фаҳмидани он аст, ки шумо барои Ӯ кӣ ҳастед. Номаи якуми Юҳанно нуқтаи назари Худоро нисбат ба мо, фарзандони Ӯ, ошкор мекунад.

> “Чӣ қадар муҳаббати Падар нисбати мо аҷиб аст! Танҳо ба он нигоҳ кунед – мо фарзандони Худо номида шудаем! Ва мо дар ҳақиқат фарзандони Ӯ ҳастем. Бинобар ин ҷаҳон моро намешиносад ва ба таври ҷиддӣ қабул наменамояд, зеро Ӯро ва ниятҳои Ӯро намедонад” (1 Юҳан. 3:1, тарҷумаи муосири Китоби Муқаддас бо забони англисӣ “The Message”).

Биёед дар бораи муҳаббати аҷиби Худо фикр мекунем. Он шуморо ба ҳайрат меорад, мафтун месозад ва мадҳуш мекунад. Вай тамоман баръакси ҳаёти оддӣ ва табиӣ аст. Умқи он басанда аст, ки моро ба тааҷҷуб орад. Ин муҳаббати аҷиб бардавом буда, монанди тӯҳфа барои харид аст, аммо аз он хеле беҳтар, зеро ин тӯҳфа бар замми тӯҳфа аст. Ба мо наҷот ато шудааст. Худо моро дар ҳолати дилшикастагӣ, дар қафас баста, дар ҷамъияти башарии динӣ ба гӯшаи фаромӯшӣ афтодагонро дида, нархи наҷоти моро супорид. Аммо бо ҳамин корашро хотима надод. Вай моро ба Худаш ҷалб намуд, иҷозатномаамонро нав кард ва шабеҳи Худаш сохт. (Ин пеш аз он буд, ки мо оббозӣ кунем!) Шумо дар ҳақиқат ба Ӯ тааллуқ доред. Ҳар як фарзанди Худро Ӯ хеле дӯст медорад. Аммо дар айни замон Ӯ ҳамаро ба таври беназир дӯст медорад.

## Баробар ё беназир?

Ба туфайли кӯшишҳои инсонии худ барои дар ҳама чиз муқаррар кардани адолат, мо аксар вақт ба васвасаи фикре меафтем, ки Худо ҳамаамонро баробар дӯст медорад. Новобаста аз он ки он чӣ қадар хуб ба назар мерасад, *баробар* ба қадри кофӣ маънои бақувватро надорад. Калимаи *баробар* ишора мекунад, ки мо ивазшавандаем, яъне ба осонӣ моро бо каси дигар иваз кардан мумкин аст. Ин ба мисли он ки: “Оҳ, не! Ман стакани бунафшрангеро аз маҷмӯи стаканҳо шикастам, ки ҳафтаи гузашта аз гипермаркет харида будам, умедворам, ки то ҳол дар фурӯш ин хелашро доранд”. Ё тавре ки дар мавриди ман: “Саге, ки дар давоми зиёда аз даҳ сол дӯст медоштам, аз ҷилав баромад. Ҳеҷ гап не. Рафта ба худам ҳамин хелашро харидорӣ мекунам ва дӯст медорам”.

**Ман фарзандонамро баробар дӯст намедорам, Ман онҳоро ба таври беназир дӯст медорам.**

Не, ман чунин нестам, ва фикр мекунам, ки Худо низ чунин нест. Ман сабабашро ба шумо нақл мекунам.

Як нисфирӯзӣ барои дамгирӣ дароз кашидам. Гап дар сари он аст, ки ман на дар болои кат, балки дар сари компютер хобам бурд. Вақте ки сарам камтар ҷумбида монд, дарҳол бедор шуда, пайдо кардам, ки ҳашт саҳифа пур аз ҳарфи “т” буд.

Он лаҳза ман фаҳмидам, ки дар ҳақиқат бояд рафта хоб кунам. Бинобар ин ман сагамро, ки дар пеши поям мехобид, гирифта, ба хонаи хоб рафтам. Хоб рафта истода, ман пичирроси Рӯҳулқудсро шунидам: “Ман фарзандони худро баробар дӯст намедорам”. Сахт ба ҳайрат афтода, рост рӯи кат нишастам. Ин фикри шайтонӣ аз куҷо пайдо шуд? Ман дар ҷавоб фавран гуфтам: “Ту бояд ҳамаамонро баробар дӯст дорӣ, набошад ин ноодилона хоҳад буд”.

Ба эътирози ман дарҳол ҷавоб омад. “Не, ин тавр нест.

*Муҳаббати баробар* нисбат ба ҳама – муҳаббате, ки онро чен карда мешавад, вале, туро бовар мекунонам, муҳаббати Маро чен кардан номумкин аст. *Яксон* ва ё *баробар* маънои онро дорад, ки фарзандони Ман ивазшавандаанд, аммо чунин нест. Дили Ман ба қисмҳо ҷудо намешавад. Дар дили Ман ягон нафар каси дигарро иваз карда наметавонад ва ҷои дигареро намегирад. Акнун ту мефаҳмӣ, ки Ман фарзандонамро бо муҳаббати яксон ё баробар дӯст намедорам. Ман шуморо ба таври беназир дӯст медорам".

Чуқур нафас гирифта, давомашро хонед. *Худо моро ба таври беназир дӯст медорад, на баробар.* Ба ман бовар кунед*, беназир* – ин беҳтар.

Агар шумо ду ва ё зиёдтар фарзанд дошта бошед, эҳтимол фаҳмидед, ки дар бораи чӣ сухан меравад. Вақте ки дар оилаи шумо фарзанди дуюм таваллуд шуд, сонитар сеюмаш, муҳаббати шумо байни онҳо тақсим намешавад. Он бениҳоят афзун мегардад. Шумо ҳатто агар кӯшиш намоед ҳам, муҳаббати худро нисбати ҳар як фарзандатон андоза карда наметавонед. Оё қувваи дили худро чен кардан мумкин аст? Муҳаббати шумо нисбати ҳар як фарзандатон беназир аст. Ҳар яке аз онҳо меҳри падару модариро дар шумо ба таври махсусе бедор мекунанд. Ҷолиб он аст, ки метавонед як чизи бемислеро дар як фарзандатон дӯст доред ва хислати тамоман муқобилеро дар дигараш. Масалан, ман як набераи эрка дорам, ки вай ба монанди ғирғирак аст. Ӯ бародари калонӣ дорад, ки набераи нахустини мост, ӯ хеле ҳассос ва бодиққат аст. Ман онҳоро муқоиса намекунам. Ман чунин муносибати фарққунандаи онҳоро нисбат ба ҳаёт дӯст медорам ва қадр мекунам. Намехоҳам, ки онҳо дар ин дунё ба якдигар монанд бошанд. Ҳеҷ кадоме аз онҳо назар ба дигаре дар дили ман ҷои бештареро ишғол накардаанд; ман ҳардуяшонро комилан ва ба таври беназир дӯст медорам.

*Баробар* инчунин маънои онро дорад, ки муҳаббати Худо ченшаванда ва андоза дорад, аммо ин тамоман нодуруст аст. Он беохир аст. *Муҳаббати беназир* маънои басо чуқур дорад. Шумо

бемислу монанд ҳастед! Августини Муқаддас суханони зебо гуфтааст: “Худо ҳар яки моро чунон дӯст медорад, гӯё ки барои дӯст доштан каси дигаре надошта бошад”.

Муҳаббати Падари Осмониро ба пироги шоколадӣ ё олучагӣ монанд кардан мумкин нест, ки онро падару модари ғамхор бурида, ба қисмҳои баробар тақсим кардаанд, то ягон кӯдак худашро дар канормонда ҳис накунад. Муҳаббати мафтункунандаи Ӯ аз назорати тақсимотӣ болотар меистад. Оё мефаҳмед, ки Худо шуморо пеш аз офариниши ҷаҳон дӯст дошт ва муҳаббаташ нисбат ба шумо беинтиҳо аст? Шумо метавонед аз Вай рӯй гардонед, гурезед, дар дӯзах барои худатон ҷойгаҳ тайёр кунед, ҳар кореро, ки хоҳед, бикунед, Ӯ аз дӯст доштани шумо даст намекашад. (Агар ба таври ҷиддӣ гӯем, оё касе дар ҳақиқат мехоҳад, ки дар дӯзах хоб кунад?)

Ба воситаи пайғамбар Ирмиё Худо дар бораи муҳаббаташ гуфтааст: “Бо муҳаббати абадӣ туро дӯст доштам, бинобар ин туро бо марҳамат ба Худ ҷалб намудам” (Ирм. 31:3).

Ба шакли феъл диққат диҳед – ин феъли замони гузашта. Муҳаббати Ӯ – кори ба иҷро расида. Ӯ шуморо бо муҳаббати азим дӯст дошт, шумои ҳақиқиро, шумои беназирро, бо муҳаббати абадӣ, ки ҳеҷ гоҳ хотима намеёбад, новобаста аз он ки чӣ қадар шумо ҷавон ё пир ҳастед, хушқаду қомат ё фарбеҳ мебошед. Ӯ шуморо вақте ки ҷавон ва беақл будед, дӯст медошт. Вай маро, то андозае ба камолрасида ва пешгӯинашавандаро, дӯст медорад. Худо муҳаббат аст. Падари мо ба мо муҳаббат надорад – Худи Вай барои мо муҳаббат *аст.*

Муҳаббати мафтункунандаи Падар нисбат ба мо беохир, маҳрамона ва бемисл аст. Шумо ба таври беназир дӯст дошта шудаед, зеро бемислу монанд офарида шудаед.

*Беназир* маънои “нотакрор, дар зоти худ ягона”-ро дорад, ва таърифи дӯстдоштаи ман – ин “надоштани шахси бо худ баробар ва ё рақиб” аст. Падари мо Худо дар зоти Худ ягона мебошад, ва мо набояд ҳайрон шавем, ки пеши назари Ӯ мо духтароне ҳастем,

ки ҳариф надоранд, бинобар ин барои бо якдигар мусобиқа кардан сababе боқӣ намемонад.

Шумо дар зоти худ ягона мебошед!

Шумо ибтидо ва интиҳои худ ҳастед. Чунин намунае вуҷуд надорад, ки барои истеҳсоли умум сохта шуда бошад. Дар байни одамон нусхаҳо, якхелагӣ ва шабеҳият нест. Шумо рақиб надоред, чи хеле ки шумо дӯст дошта метавонед, танҳо шумо метавонед, ҳамчун шумо Худо танҳо шуморо дӯст медорад. Ҳеҷ кас наметавонад беҳтар *аз шумо* бошад, чи хеле ки *шумо* ҳастед!

Худо ДНК-и шуморо нотакрор офарид ва шуморо дар ниҳон бофт, то ки тамоми оламро ба ҳайрат андозад. Худо фикр карда баромад, ки дили шумо бояд чӣ гуна бошад, Ӯ меъмори табассум ва оҳанги овози шумост, Вай дар бораи шумо фикри нек ва равшан карда истода, тамоми намуди шуморо сохт. Ӯ якҷоя бо падару модари шумо аз табассуми аввалини шумо хурсандӣ дошт ва бо меҳр қадамҳои нахустини шуморо назорат мекард.

Ба шарофати ин ғамхории меҳрубонона ва бодиққатона дар ҳаёти шумо паҳлӯҳои зиёде вуҷуд доранд, ки ба таври беназир муҳаббати Ӯро таҷассум менамоянд. Ӯ хислатҳо ва истеъдодҳои нотакрорро дар як баста гузоштааст, яъне дар шумо, духтари Худаш. Худо медонист, ки ҳар тарҳ тавассути шакли занонаи шумо беҳтар инъикос меёбад.

Вай медонист, ки шумо Ӯро намояндагӣ менамоед ва ҳамчун духтар ба Ӯ тааллуқ доштанатон афзалтар аст. Барои ҳамин, Ӯ ба шумо ҷинси занонаро интихоб кард. Байни падарону духтарон пайвастагии хеле меҳрубонона вуҷуд дорад.

Вақте ки Ӯ шуморо меофарид, танҳо дар бораи шумо фикр мекард... Шумо шодии Ӯ ҳастед.

Ин он маъноро дорад, ки шумо беҳтар намебудед, агар шумо қадбаландтар, қадпасттар, сиёҳҷурда ё сафедтар мебудед.

Инчунин ин ифодагари он аст, ки агар мард мебудед, соҳиби он муҳаббати беҳтарине намегаштед, ки ба шумо бовар

карда шудааст. Худо духтаронашро на камтар аз писаронаш дӯст медорад. Чунончи Ӯ онҳоро бо муҳаббати баробар дӯст намедорад. Худо мард ва занро ба таври беназир дӯст медорад. Шояд дар кӯдакӣ шунида бошед, ки чи хел ба шумо мегуфтанд ё ҳатто фарёд задаанд, ки интизори писар буданд, вале шумо таваллуд шудед. Мумкин худатон мард шудан мехостед. Аммо бидонед, ки Худо ҳаргиз инро намехост.

Падари мо хурсандӣ дошт, вақте ки шумо аввалин бор нафас гирифтед, ва бо гузашти солҳо фариштагон дар осмон якҷоя бо Ӯ шодӣ мекарданд, ҳангоме ки шумо аз олами боло таваллуд ёфта, духтари Вай шудед ва аз Рӯҳ пур гаштед.

Дӯстдоштаи аҷиб, дар шумо мутлақо ягон чизи тасодуфӣ нест.

## Духтаре, ки рақиб надорад

Ҳамаи ин чӣ маъно дорад? Ин маънои онро дорад, ки ҳамаи мо назар ба муҳаббати беандоза ва беохир чизи бештаре дорем. Ба шумо лозим намешавад, ки барои ҷойгузин шудан дар тахти офтоб мубориза баред ва барои муҳаббати Ӯ талош намоед. Ҳеҷ кас наметавонад шуморо ба танг оварад ё иваз кунад... Шумо рақиб надоред.

> “Эй дӯстон, мо акнун фарзандони Худо ҳастем; ва ин танҳо ибтидо аст. Кӣ медонад, ки чӣ дар пеш аст! Фақат ҳамин қадарашро медонем, ки вақте ки Масеҳ ба мо зоҳир мешавад, Ӯро хоҳем дид, ва Ӯро дида, монанди Ӯ хоҳем буд. Ҳамаи мо, ки интизори омадани Оянда ҳастем, омодаем, ва худро пок месозем, то мисли Ӯ пок бошем” (1 Юҳан. 3:2, 3, “The Message”).

Якҷоя мо мефаҳмем, ки чӣ тавр дар худии худ монем, на ягон каси дигар бошем, ки дар кӯшиши ба даст овардани муҳаббат ва қабули дигарон аст. Мо худро бо дигарон муқоиса карданро хотима медиҳем, зеро муқоиса кардан илҳом намебахшад. Муқоиса моро ғорат мекунад, ва ба воситаи мо тамоми ҷаҳонро

низ. Оё барои қиёс ва рақобат зарурияте ҳаст, агар арзиш ва фардияти мо ба таври ҷудонашаванда бо ботини беназири мо алоқаманд бошад? Мо фақат худамонро ғорат мекунему халос. Шумо духтаре ҳастед, ки рақиб надорад, нур меоред, ки мисл надорад, барои ҷанг ба таври беназир муҷаҳҳаз шудаед, ки ҳеҷ каси дигар чунин нест.

> "Азбаски мо ҳама як баданро дар Масеҳ ташкил мекунем, ҳамчун узвҳои ба таври комил офаридашуда ва ба таври аҷиб амалкунанда, биёед ба пеш биравем ва он касоне бошем, ки барои он офарида шудаем, ҳасад набурда ва худамонро бо якдигар муқоиса накарда, мағрур нашуда, кӯшиши он касе шудан накунем, ки нестем" (Рум. 12:5, 6, "The Message").

Ин оят аз Китоби Муқаддас ду хусусияти асосиро нишон медиҳад, ки ба одамон барои бе рақиб зиндагӣ кардан халал медиҳад: мағрурӣ ва ҳасад. Беҳамто будани духтаре, ки рақиб надорад, маънои онро надорад, ки шумо аллакай дар ин мақом мебошед. Ин танҳо он мазмунро дорад, ки роҳ вуҷуд дорад ва қисме аз маҷмӯъ ва вазифае дар Бадани Масеҳ ҳаст, ки шумо бояд ба иҷро расонед.

**Касе шуморо ба танг оварда ё иваз карда наметавонад... Шумо рақиб надоред.**

*Мағрурӣ* моро аз Бадан ҷудо мекунад. Дар мо фикрҳоеро таҳрик медиҳад, ки моро аз дигарон бениҳоят баланд мебардорад ва маҷбур месозад, ки бигӯем: "Ман аз ҳама муҳим ҳастам. Ман худам бо худам, ба касе мӯҳтоҷ нестам, обрӯманд, муттакабир ва бузургманиш мебошам".

Аз тарафи дигар, вақте ки *ҳасад* вазифаҳои моро паст мезанад, васваса мекунад, ки нисбати он нақше, ки Худо дар ин дунё ба мо додааст, беэътиноӣ намоем. Ҳасад мегӯяд: "Ман нақш ва ҳиссаи худро қадр намекунам, зеро туро бероҳа карда, ҷоятро ишғол намудан мехоҳам".

Ин ду хислат нӯги тези шамшери марговар аст, ки барои одамонро теғ задан ва ё барои ба ин ё он гурӯҳ монеъ шудан сохта шудааст, то ки вазифаҳои худро иҷро накунанд ва мавқеашонро соҳиб нашаванд. Баъзан душман ҳарду тарафи теғро истифода бурда, ба мардони дар Бадани Масеҳ буда ҳамла менамояд ва дар онҳо рақобат ва ғурури гендериро бедор месозад ва занонро ба қурбониёни ҳасади гендерӣ табдил медиҳад.

Барои ҳамаи мо дугонаи ҳақиқӣ бошед, ва дар шахсияти ҳақиқии худ бимонед. Вақти он фаро расидааст, ки духтарони Худо аз беҳамтоии худ баҳра баранд ва аз кӯшиши "мисли дигарон" будан ё аз мусобиқа намудан, то ки "бештар" дошта бошанд, даст кашанд. Зеро вақте ки шумо худро пинҳон менамоед, ба дигарон ҳуқуқ медиҳед, ки ба шумо беэҳтиромӣ кунанд. Одамон ҳамеша нусхаи қалбакиро аз асл фарқ карда метавонанд. Онҳо инро набинанд ҳам, аз самимӣ набудани гуфтор ва рафтор ва намуди зоҳирии шумо ҳис мекунанд. Байни пайравӣ кардан ва тақлид намудан фарқи калон вуҷуд дорад. Барои ҳамин, вақте ягон каси дигар будан мехоҳед, шумо фақат ғамгин мешаведу халос. Ҳаёт мисли имтиҳон аст, ки дар он якчанд варианти ҷавоб пешниҳод шудааст, дар байни онҳо танҳо он ҷавобҳое нодуруст шуданаш мумкин аст, ки дигарон ба ҷои шумо интихоб кунанд.

Ҳангоме ки беназирии худро поймол мекунем, мо моҳияти муҳаббати Худоро сарфи назар менамоем. Ман бисёр мехостам, то бифаҳмед, ки намуди зоҳириатон бояд шуморо камтар ба ташвиш орад. Бисёр одамон фикр мекунанд, ки беҳамто будани худро тавассути завқи шахсӣ ба либос, зеб додани мӯй, зару зевар ва ороиши рӯй нишон додан мумкин аст. Ин унсурҳои беруна танҳо лавозимот мебошанд. Онҳо аз он кушоиши амиқ, ки дар асл шумо кӣ ҳастед, дур мебошанд.

Ҳақиқат дар он аст, ки шумо метавонед намуди зоҳирии хешро тағйир диҳед, аммо бо вуҷуди ин бемисл будани худро нафаҳмед.

Биёед ба гирду атроф нигариста, ба афкори ҷамъиятии доимо тағйирёбанда, ки тасвирҳо ва идеяҳои худро ба мо таҳмил

медиҳанд, вақт сарф карданро бас мекунем, ки ғайр аз дурӯғ чизи дигаре нестанд. Биёед он чизеро, ки Худо ба мо ҷой додааст, дилпурона қабул мекунем ва ба таври беназир инъикос менамоем.

## Шумо аз они кӣ?

Ба ман донистан лозим нест, ки шумо бо кӣ муносибат мекунед. Ба ман донистани номи падару модари шумо, ё номи мактабе, ки дар он таҳсил мекунед, ё корхонае, ки дар он кор мекунед, даркор нест. Ман танҳо номи Онеро шунидан мехоҳам, ки ҷонашро бароятон фидо кард, то ки шуморо харида гирад. Аммо агар фикр кунед, ки ин қурбонии Ӯ танҳо бо ҳамин харида гирифтан маҳдуд мешавад, шумо бисёр чизро намефаҳмед. Ӯ шуморо дарёфт кард, аммо баъд аз ин на фақат шуморо гирифта тоза кард ва ба ҷои пештараатон гузошт, Ӯ шуморо бардошт. Ӯ ба шумо адолати Худро ато кард.

Бигӯед, бигзор ҳатто бо пичиррос дар дили худ: “Ман аз они Ӯ, ва Ӯ аз они ман аст”.

Танҳо Падари абадии шумо ҳуқуқ дорад, ки шуморо бо номатон бихонад. Модаратон ба шумо ҳомила шуда, бардошт ва тарбия намуд, аммо Падари Осмонӣ шуморо фикр карда баромад, офарид ва ба шумо нафаси ҳаёт бахшид. Вақте ки шумо гумроҳ будед, Ӯ фидияи шуморо дод, то ки боз фарзанди Худ биномад. Рӯзе мерасад, ки вақти мо дар ин ҷо хотима меёбад; он гоҳ Ӯ ҳар яки моро бармегардонад, ва мо мефаҳмем, ки ҳаёти мо дар замин танҳо он тухмие буд, ки дар осмон мешукуфад ва ба пуррагии ҳастии мо мерасад.

Ба кучое, ки ҳаёт имрӯз шуморо набарад, бифаҳмед, ки лаҳзаҳо, ҷой ва вазъият ҳама вақт иваз мешаванд. Дар байни саргузаштҳои тақдир муҳимтар аз ҳама донистани он аст, ки шумо кистед ва ба кӣ тааллуқ доред.

Дар аввали ин боб ман иқтибоси дӯстдоштаи худро аз Ралф Уолдо Эмерсон овардам: “Хоҳиши асосии мо – вохӯрӣ бо касе, ки

ба мо илҳом мебахшад, то он нафаре бошем, ки, тавре медонем, мо чунин шуда метавонем”. Худо ҳамон касест. Тамоми вуҷудаш ва тамоми амали дастонаш илҳом мебахшанд. Офаридгор ҳамаи он чизеро, ки мо мебинем, мешунавем ва ҳамчун махлуқот медонем, олиҷаноб офаридааст, то ки моро бо табиати илоҳии Худ бипайвандад. Вай Писари Худро фиристод, то мо муносибатамонро бо Ӯ барқарор намоем.

Бо вуҷуди ин робитаи бузург бо табиати аслии мо бисёр одамон бо он қаноатманд мешаванд, ки ба он чизҳое, ки омили муҳимтарини ҳаёт нестанд, аз қабили намуди фаъолият, молу мулк ва ҳатто доираи наздикону азизонашон, иҷозат медиҳанд, ки онҳоро муайян кунанд. Охир, худро бо он чизе, ки ба осонӣ ғасб мешавад, монанд намудан беақлӣ аст. Ҷои корро иваз мекунанд, маҳоратҳоро аз даст медиҳанд, чизҳоро гум мекунанд. Ҳатто муносибатҳои наздиктарин ҳам метавонанд аз байн раванд. Молу мулки шумо, кори шумо ва атрофиёни шумо метавонанд тағйир ёбанд, аммо муҳимтар аз ҳама он чизе, ки шумо ҳеҷ вақт гум намекунед, – ин дар ҳақиқат кӣ будани шумо, ва Офаридгор, ки ба Ӯ тааллуқ доред.

Агар шумо фақат донед, ки ба куҷо меравед, хавфи дар роҳ гум кардани худро доред. Агар шумо фақат онро донед, ки ба чӣ даъват шудаед, метавонед бо худ созиш кунед, то ба ин мақсад ноил шавед.

Ҳамин тавр, саволи қадима ба миён меояд:

> “Ба одам чӣ фоида дорад, ки агар вай тамоми дунёро ба даст оварад ва ба ҷони худ зиён расонад? Ё ки одамизод ба ивази ҷони худ чӣ фидияе медиҳад?” (Мат. 16:26).

Донистани он ки *шумо кӣ ҳастед,* аз донистани он ки шумо ба куҷо меравед, муҳимтар аст, ва ҳатто аз донистани он ки шумо ба чӣ қодир ҳастед. Азбаски Худо офаридгори шумост, Ӯ оиди кӣ буданатон чизе гуфта метавонад. Ҷавоб ба он савол, ки шумо кӣ ҳастед, он кушоишеро дар бар мегирад, ки кӣ шуданатон мумкин аст.

## Шумо кистед?

Барои ҷавоб додан ба ин савол, ба шумо лозим нест, ки кори кардаатон ё ҳатто он чизеро, ки аз сар гузаронидаед, ба назар гиред. Аз рӯи коратон ё вазъияти оилавии худ ба худатон баҳо надиҳед – бешавҳар, аз шавҳар ҷудошуда, шавҳардор ё бо касе вомехӯред. Сухан дар бораи навсозии статуси шумо дар Facebook нест. Ин ҷавоб барои ман не ва ҳатто на барои дигарон.

Ман мехоҳам, *шумо* бидонед, ки шумо кистед.

Пеш аз он ки мо давом диҳем, қаламро гиред, чашмонатонро бипӯшед, ва аз Офаридгор хоҳиш кунед, ки он беназириеро, ки барои шумо тарҳрезӣ кардааст, ба гӯшатон гӯяд. Аз навишта гирифтани суханони пурмуҳаббат ва арзишманд натарсед. Онҳо нуқтаи назари Худоро дар бораи шумо инъикос мекунанд. Бозистед ва фаҳм кунед. Ман аз шумо як чизи душвореро мепурсам – навиштани се калима ё ибораҳое, ки Ӯ оҳиста ба шумо хоҳад гуфт. Вақте тамом кардед, ба он суханоне, ки дар он лаҳза шунидед, нигоҳ кунед, лаҳзае ки тавонистед аз таърифу баҳодиҳиҳои одамони дигар даст кашида, шунидед, ки Худо дар бораи шумо чӣ мегӯяд. Эҳтимол он рӯйхате, ки тартиб додед, камтар шуморо ҳайрон карда бошад. Шояд кайҳо боз шумо ба худатон ин тавр нигоҳ накарда будед?

Ман бояд шуморо мӯътақид созам, ки Худо ҳеҷ вақт бар хилофи Каломаш чизе намегӯяд. *Рӯҳулқудс он чизеро зинда месозад, ки Каломи Худо ҷудо мекунад*. Мо Китоби Муқаддас дорем, вале мо бояд на фақат онро хонем, балки итоат ҳам кунем. Дар тарҷумаи Китоби Муқаддас “The Message” навишта шудааст, ки “Худо нозири бетараф нест” (Ибр. 12:28). Ман боварӣ дорам, саволи абадӣ, ки ҳафт маротиба дар китоби Ваҳй оварда шудааст, имрӯз барои мо ҳамчун даъват боқӣ мемонад:

> “Оё гӯшҳои шумо мешунаванд? Бишнавед. Каломи Рӯҳро бишнавед, ки ба воситаи калисоҳо мегӯяд” (Ваҳй 2:7, 11, 17, 29; 3:6, 13, 22, “The Message”).

Ин савол дар як китоби Ваҳй *ҳафт маротиба* такрор шудааст, пас, ниҳоят муҳим аст... Ин маро ба фикр водор месозад, яъне, вақте ки ман бедорам, гӯшҳои ман хоб рафта метавонанд. Дар ҳақиқат умедворам, ки ин китоб гӯшҳои шуморо мекушояд ва онҳоро ба шунидан водор менамояд.

Мо метавонем гӯшҳои худро шунаво гардонем ва овози Худоро бишнавем. Чӣ мешавад, агар мо Рӯҳулқудсро ба он соҳаҳои ҳаётамон даъват кунем, ки ба фикри мо Ӯ он ҷо хомӯш аст? Оё ба Вай иҷозат медиҳед, ки бо шумо як ба як сӯҳбат кунад? Оё мумкин аст, ки Худо бо шумо аниқ дар бораи дӯстии шумо, ақди никоҳ ва оила сӯҳбат кунад? Мо аллакай одат кардаем, ки ба огоҳиҳои Худо гӯшҳои ношунавои худро дорем, дар ҳолате ки он соҳаҳои ҳаётамонро нодида мегирем, ки Ӯ пур кардан мехоҳад. Шунидан дар дохили тамоми Бадани Масеҳ аз қарорҳои шахсони алоҳидае сар мешавад, ки ба овози Худо гӯш додан мехоҳанд. Оё мо ҷуръат дорем, ки гӯшҳоямонро кушоем, то бишнавем?

Мо наметавонем ба худамон иҷозат диҳем, ки ба тақдири бемислу монанде, ки Худо тақдим намудааст, шубҳа кунем. Агар ин тавр бошад, пас ба ҳама он атоҳое, ки ба мо бовар карда шудаанд, бо шубҳа, тарс ва хашм муносибат хоҳем кард. Худо мехоҳад, ки вуҷуди моро фидягузорӣ намояд, барқарор созад ва тағйир диҳад, то ки ҳеҷ гуна ҳолатҳо ва вазъиятҳо, ягон лаҳзаҳое аз гузашта, ягон номе аз гузашта моро муайян карда натавонанд. Оре, танқид ва ҳодисаҳои гуногун моро таҳдид карда метавонанд, онҳо ба сифати ҳаёти мо қувваи таъсирбахш доранд, аммо моҳияти ҳаёт дар дигар чиз – он дар Худо.

Худо шуморо бо тамоми дил ҷустуҷӯ кард, зеро шуморо ба таври беназир дӯст медорад, чунки шумо низ муҳаббати Ӯро ба таври беназир ба дигарон инъикос мекунед. Моҳияти аслии мо ҳамчун фарзандони Худо танҳо он оғозеро ифода мекунад, ки ба чизи хеле бузургтаре табдил меёбад, вақте ки ҳар як фарзанди Ӯ шахсе мешавад, ки ончунон офарида шудааст. Дар ҷаҳоне, ки дар он ҳар кас мекӯшад худро дарёбад ё аз нав созад, Худо он чиро,

ки ба нақша гирифтааст, ба анҷом мерасонад. Ин китоб – даъват барои Ӯро пайравӣ намудан... то ки Вай шуморо зоҳир созад!

## Саволҳо барои мулоҳиза

1. Чаро донистани он ки шумо *кӣ* ҳастед, муҳимтар аз он аст, ки шумо *ба куҷо* меравед?
2. Муҳокима кунед, ки чаро *беназир* назар ба *баробар* ё *яксон* беҳтар аст?
3. Оё якчанд рақибонро номбар карда метавонед, ки дар қабул кардани шахсияти худатон ва муҳаббати Худо шуморо ғорат кардаанд?
4. Оё ба шумо душвор аст, ки худро дар гурӯҳҳое тавсиф кунед, ки ба самти фаъолияти шумо дахл надоранд. Агар ин тавр бошад, чаро?
5. Худо дар бораи шумо чӣ мегӯяд?

2

# Худои мо берун аз рақобат

“Суханони дар ин ҷо навишташуда – ин фақат мафҳумҳои умумӣ. Шумо бояд онҳоро, тавассути таҷрибаи шахсӣ санҷида, дар худ ҳазм кунед”.

АВГУСТИНИ МУҚАДДАС

## Ӯ мисл надорад

Дар охири солҳои 1980-ум тасвири мусиқиҳои парастишии масеҳӣ ба тағйир ёфтан оғоз намуд, вақте ки ширкати мусиқии “Интегрити мюзик” ба таҳқиқи мусиқии парастишии кишварҳо ва қитъаҳои гуногун оғоз намуд ва онро дар Амрикои шимолӣ ба мо пешниҳод кард. Оилаи мо ҳар моҳ кассетаҳои навро тариқи обуна бесаброна интизор мешуд (бале, ман аллакай хеле пир ҳастам) ва баъд онҳоро беохир гӯш мекард. Мо сурудҳои дӯстдоштаи худро чунон зуд-зуд гӯш мекардем, ки вақте ки шавҳари дар сафарбудаи ман ба хона бармегашт ва онҳоро гӯш мекард, тамоми оҳангҳои дар мусиқӣ бодиққат навохташуда ва сабтгашта қариб ки шунида намешуданд. Махсусан ба мо гулчини мусиқӣ бо номи “Шодӣ

кун, эй Африқо” хеле маъқул буд. Ман хеле хуб дар ёд дорам, ки чӣ тавр писари дуюми ман Остин, дар либоси хоби худ бо тасвири Микки Маус дар болои аспаки алвонҷӣ бозӣ мекард, мӯйҳои тиллорангаш ба ҳар тараф парешон мешуданд, ва ӯ ин сурудро бо тамоми овоз мехонд.

Дар яке аз сурудҳо пешвои гурӯҳи мадҳкунии ҷанубоафриқоӣ гарму ҷӯшон ин ибораро ба забон овард: “Ту ягонаӣ!”

Бе ягон дудилагӣ, писари сесолаам, айнан ба он африқоӣ тақлид намуда, ҳамон калимаҳоро ҳар бор, вақте ки суруд садо медод, бошиддат дод зада мехонд.

Рӯзе Остин бо саволе ба наздам омад, ки ман бояд онро пешакӣ дарк мекардам.

“Модарҷон, чаро танҳо як Худо ҳаст?”

Ман кӯшиш намудам, ки ба вай равшан фаҳмонам, ки гап дар он нест, ки як Худо ҳаст, вале дар он ки Вай *ягона* аст.

“Худо як аст” маънои онро надорад, ки мо ба Худои танҳову ғамгин хизмат мекунем. Айнан ҳамон ибораи “касе дар паҳлӯи Ӯ нест” мазмуни онро надорад, ки касе дар паҳлӯи Ӯ будан намехоҳад. Худои мо чунин нест, ки фориғболона нишаста, интизор шавад ва мушоҳида намояд. Вай ҳама чизро пешбинӣ кардааст ва ҳоло аз корҳои ба анҷом расонидаи Худ ором гирифтааст, ва хурсанд мешавад, вақте ки фарзандонаш хоҳиш мекунанд, ки ба онҳо тамоми воқеаро нишон диҳад.

Ӯ Олӣ ва Қуддус аст, вале ин маънои онро надорад, ки Ӯ дар ягон ҷо, ва аз берун моро мушоҳида мекунад.

Гузашта, ҳозира ва оянда дар пеши назари Ӯ буда, дар маҷмӯъ, Худо дар ибтидо анҷомро мебинад ва ҳамин ки чизеро ба анҷом расонид, ба кори нав оғоз менамояд.

Ба воситаи мо Ӯ мехоҳад аз ботинамон ба берун назар кунад, на бо он сабаб, ки ба чашмони мо ниёз дорад, балки барои он ки ба мо рӯъёи Ӯ лозим аст.

“Худои Таоло” он Худоеро тасвир менамояд, ки аз тамоми чизҳои олиҷанобе, ки мо қодирем, донем, болотар аст. Забурсарой аз ваҳйи гирифтааш ба ҳаяҷон афтодааст, ки дар ин бора дар Забур 95 навиштааст:

> “Дар шаъни Худованд суруди наве бихонед; дар шаъни Худованд суруд хонед, эй тамоми аҳли замин! Дар шаъни Худованд суруд гӯед, исми Ӯро муборак хонед, наҷоти Ӯро рӯз ба рӯз башорат диҳед. Ҷалоли Ӯро дар миёни халқҳо баён намоед, ва корҳои аҷоиби Ӯро дар миёни ҳамаи қавмҳо. Зеро ки Худованд бузург аст ва бениҳоят мамдӯҳ; ва Ӯ саҳмгин аст барои ҳамаи худоён. Зеро ки ҳамаи худоёни қавмҳо бутҳоянд, вале Худованд осмонро офаридааст. Шукӯҳ ва шавкат ба ҳузури Ӯст, қувват ва ҷалолат дар қудси Ӯст. Худовандро васф гӯед, эй қабилаҳои қавмҳо! Дар шаъни Худованд васфи ҷалол ва қувватро гӯед. Дар шаъни Худованд васфи ҷалоли исми Ӯро гӯед; ҳадия биёред ва ба саҳнҳои Ӯ биёед. Ба Худованд дар шавкати қудсият саҷда кунед; пеши Ӯ биларзед, эй тамоми аҳли замин!” (Заб. 95:1-9).

Навиштаҷот як саволро бо тарзҳои гуногун такрор ба такрор медиҳад: “Кист ба мисли Худои Таоло?”

Ин саволи риторикӣ нест, ки ба мо барои шӯхӣ дода шудааст. Ин саволи ҳаётан муҳим аст, ки бо чунин ҷавоби баланд садо медиҳад: “Ҳеҷ кас!” Ҷавоби мо ба ин изҳорот дар бораи Ӯ моро дар чунин вазъият мегузорад, ки мо ё қабул мекунем ё надониста он чизеро, ки Худо барои мо таъин намудааст, рад менамоем. Шумо медонед, ки боре касе буд, ки худро ба Худои Таоло монанд тасаввур кард. Ин сардори фариштагон ва тоҷи офаридаҳо бо маънои том буд. Мо ӯро ҳамчун шайтон медонем, аммо он вақт номи Ӯ Лютсифер, зӯҳраи субҳидам ва сардори фариштагон, роҳбари парастандагон буд. Дар ин мақом ӯ ҷалоли Худоро медид ва дар даргоҳи Худо назди тахт дар ҳузури муқаддаси Ӯ меистод. Пайғамбар Ҳизқиёл ӯро чунин тавсиф мекунад:

> “Эй писари одам! Дар ҳаққи подшоҳи Сӯр навҳа намо ва ба ӯ бигӯй: Худованд Худо чунин мегӯяд: ту нигини мукаммал, пуррагии ҳикмат ва камоли ҳусн ҳастӣ. Ту дар Адан, дар боғи Худо будӣ; либосҳои ту бо ҳар гуна санги гаронбаҳо: лаъл, ёқути зард ва алмос, забарҷад, ҷазъ ва яшм, ёқути кабуд, баҳрамон ва зумуррад мурассаъ буд, ва санъати дафҳо ва найҳоят барои ту аз тилло буд, ва ҳамааш дар рӯзи офариниши ту муҳайё шуда буд. Ту каррубии бузургҷуссае ҳастӣ, ки бо болҳоят соя афкандаӣ, ва Ман туро бар кӯҳи пок ҷойгир кардам; мисли яке аз худоён будӣ, ва андаруни сангҳои оташин роҳ мепаймудӣ. Ту аз рӯзи офариниши худ дар роҳҳоят комил будӣ, то вақте ки маъсияти ту ошкор гардид. Дар баробари вусъат ёфтани тиҷорати ту ботинат аз ситам пур шуд, ва ту гуноҳ кардӣ, ва Ман туро аз кӯҳи Худо сарнагун сохтам, ва туро, эй каррубии сояафкан, аз даруни сангҳои оташин нест кардам. Дили ту аз зебоии ту мағрур шуд, ту ҳикмати худро аз боиси латофати худ нобуд кардӣ; Ман туро бар замин задам, пеши подшоҳон вожгун намудам, то ба ту бо нафрат назар андозанд” (Ҳиз. 28:12-17).

Худо ӯро боҳашамат, ва дар намуд ва дар қобилият пур аз ҳикмат ва комил офарид. Шояд ки дар кадом лаҳзае қуввати парастиши ӯ суст шуд. Мумкин он то ба ваҷд омада расид. Роҳи ба гуноҳ афтодани ӯ равшан нест, вале мо медонем, ки ин офаридаи боҳашамат ва хирадманд ба Офаридгор ҳамчун рақиб нигоҳ кард. Дар ибодат як дарки дақиқе вуҷуд дорад, ки берун аз Худо мо ҳеҷ ҳастем. Ишаъё инро бо чунин тарз ифода кардааст:

> «Эй зӯҳраи субҳидам, чӣ гуна аз осмон афтодаӣ! Эй, ки халқҳоро поймол мекардӣ, чӣ гуна ба замин бархӯрдаӣ! Ва ҳол он ки ту дар дили худ мегуфтӣ: “Ман ба осмон сууд карда, курсии худро болотар аз ситорагони Худо хоҳам гузошт, ва бар кӯҳи анҷумани худоён, дар ақсои шимол хоҳам нишаст; бар баландиҳои абрҳо сууд намуда, монанди Ҳаққи Таоло хоҳам шуд”» ( Иш. 14:12-14).

Ӯ натавонист ба монанди Худои Таоло *худро созад...* ӯ танҳо тавонист *худро нобуд кунад*, ва Лютсифер, зӯҳраи субҳидам, шайтон – дурӯғгӯ шуд. Ин нобудшавӣ дар дили ӯ пайдо гашт. Ӯ бо авҷи камолот оғоз намуда, бо иллат анҷом дод. Мо аз таваллудамон ноқис ва нокомил мебошем, вале дар Исои Масеҳ ба шарофати таваллуд аз олами боло мо солим ва мукаммал мегардем. Мағрурӣ одамро маҷбур мекунад, ки худро парастиш кунад, дар ҳоле ки фурӯтанӣ ғурур ва худпарастиро аз тахт сарнагун месозад. Вақте ки Ишаъё Худовандро дид, вай тамоман ҳеҷ буданашро ҳис кард.

> «Ва ман гуфтам: “Вой бар ман, ки тамом шудам! Зеро ман шахси ҳаромлаб ҳастам, ва дар миёни қавми ҳаромлаб сукунат дорам, – ва чашмонам Подшоҳро, Худованди лашкарҳоро дидааст”» (Иш. 6:5).

Ҳеҷ будани вай ғамхории Худоро нишон медиҳад, яке аз ангиштҳои сӯзон, ки замоне Лютсифер болои онҳо қадам мезад, барои Ишаъё оварда шуданд.

> «Ва яке аз сорофиён назди ман парида омад, ва дар дасташ ахтаре буд, ки бо оташгирак аз қурбонгоҳ гирифта буд, ва онро ба даҳонам расонда, гуфт: “Инак, ин ба лабҳоят расид, ва гуноҳат дур шуд, ва хатоҳоят кафорат ёфт”» (Иш. 6:6, 7).

Агар мо Ӯро биҷӯем, Ӯро хоҳем ёфт. Бо ин ваҳй мо саҷда мекунем ва тасдиқ менамоем, ки танҳо Ӯ муқаддас аст ва танҳо Ӯ нек аст, танҳо Ӯ роҳ, ростӣ ва ҳаёт аст. Танҳо Ӯ Ҳаққи Таолост.

Худи мавҷудияти Худои мо бемислу монанд аст. Ӯ ҳамто надорад, ки бо касе муқоиса шавад. Пеш аз Худо касе набуд. Худо пайдо нашудааст. Ӯ буд, ҳаст ва меояд. Акнун мо медонем, ки беназир ҳастем, ва маҳз Худои мо беназириро офарид.

Пеш аз Ӯ ҳеҷ худое набуд, бинобар ин мо низ набояд барои худ пеши назари Ӯ худоёни дигарро пайдо кунем. Ҳарчанд Худои мо ноаён аст, мавҷудияти Ӯ раднашаванда аст. Дар Нома ба Румиён навишта шудааст:

> “Ҳақиқати асосӣ дар бораи Худо ба қадри кофӣ равшан аст. Чашмони худро бикушоед, ва шумо хоҳед дид! Ба офаридаҳои Худо дурудароз ва бодиққат нигоҳ карда, одамон ҳама вақт қобили дидани он чизҳое буданд, ки одатан дида намешаванд: масалан, қуввати ҷовидонӣ ва асрори илоҳии мавҷудияти Ӯ. Аз ин рӯ, барои касе узре нест” (Рум. 1:19, 20, “The Message”).

Дар тарҷумаи муосир чунин омадааст: “Зеро он чи дар бораи Худо донистан мумкин аст, ба онҳо маълум аст, чунки Худо Худро ба онҳо маълум кардааст. Зеро хусусиятҳои нонамоёни Ӯ – қуввати ҷовидонӣ ва табиати илоҳӣ – аз замони офариниши олам ба воситаи ақл тавассути мушоҳидаи офаридаҳо дарк карда мешаванд. Пас барои онҳо узре нест!”

Тамоми махлуқот воқеияти Офаридгори худро тасдиқ мекунанд, аммо таърифи Худои мо тамоман дигар аст. Ман умедворам, ки ин боб рӯҳи шуморо ба иттифоқи бузург бо Худо бармеангезад.

Мо аллакай гуфтем, ки духтароне ҳастем, ки рақиб надоранд, зеро Падари Осмонӣ моро ба таври беназир дӯст медорад. Барои боз ҳам амиқтар пайваст шудан ба он моҳияти аслие, ки Худо ба мо додааст, фаҳмидани он зарур аст, ки ба ин атои илоҳӣ чӣ дохил мешавад. Биёед оиди он андеша мекунем, ки Худои мо беҳамто аст. Луғати Мерриам-Уэбстер Худоро чунин тавсиф мекунад: “Мавҷудоте, ки дар қувват, хирад ва меҳрубонӣ комил аст, ки ба Ӯ ҳамчун ба офаридгор ва ҳокими олам ибодат карда мешавад”.

Шояд касе фикр кунад, ки ин таъриф ҳама чизро дар бар мегирад, аммо ин танҳо ибтидо аст. Ба мо, бо маҳдудиятҳои забони одамӣ ва тафаккури заминӣ, Худои беохирро танҳо маҳдуд тасаввур намудан боқӣ мемонад. Оё суханонеро ёфтан мумкин аст, ки Онеро васф намоянд, ки ваҳй дар бораи Ӯ моро ба хомӯш будан маҷбур мекунад?

Худо аз ҳар як тасаввурот дар бораи Ӯ болотар меистад.

Барои чизеро ё касеро таъриф кардан, моҳияти онро фаҳмида, бо сухан баён кардан зарур аст. Худо бар ҳама забонҳои дунё ё ишораҳо, ки дар ин ё он забони дунё ифода мешаванд, бартарӣ дорад.

Хуб, таърифро як сӯ мегузорем. Дар бораи тавсиф чӣ гуфтан мумкин аст? Инчунин имконнопазир аст. Чӣ тавр мо метавонем ба тарҳҳои хира равшанӣ диҳем, агар мо аз нури дастнорас кӯр бошем?

> "...Ки онро Фармонгузори таборак ва ягона, Подшоҳи подшоҳон ва Худои худовандон, яктои безавол, дар вақташ нишон хоҳад дод, ки дар нури дастнорас сокин аст, ки Ӯро касе аз одамон надидааст ва дида наметавонад. Шаъну шараф ва қудрат то абад аз они Ӯст! Омин" (1 Тим. 6:15, 16, "The Message").

Агар мо бо чашмони худамон ба дидани Худо қодир набошем, пас чӣ гуна метавонем кори бештаре кунем, назар ба он ки мӯъҷизоти Ӯро қисм-қисм ҷамъоварӣ намоем? Мо сухани кофӣ надорем, ва мо он суханони Айюбро такрор мекунем, ки пас аз он, ки Худо дар гирдоби мӯъҷизаҳо ба ӯ зоҳир шуд, гуфта буд: "То ҳол ман овози Туро шунида будам, ва акнун чашмонам Туро дидааст; бинобар ин аз суханонам нафрат дорам, ва дар хок ва хокистар пушаймон мешавам" (Айюб 42:5, 6).

Ба ман ин оятҳоро дар тарҷумаи "The Message" хондан маъқул аст:

> "Ман иқрор мешавам, ки замоне бо овозаҳо дар бораи Ту зиндагӣ мекардам; акнун ман ҳамаи чизро аз дасти аввал гирифтам, бо гӯшҳои худ шунидам ва бо чашмони худам дидам! Ман пушаймонам – маро бубахш. Ман ҳеҷ гоҳ дигар ин корро намекунам, ваъда медиҳам! Ман дигар ҳеҷ гоҳ бо овозаҳо ва гапу калочаҳо зиндагӣ нахоҳам кард".

Ин ваҳй дар бораи Худо дар Айюб ташнагии зиёдеро бедор кард. Бисёре аз мо бо он ваҳй дар бораи Худо қонеъ мешаванд, ки на беш аз "овозаву хабарҳо" аст. Ҳақиқат дар он аст, ки Худо мехоҳад, то шумо аз садоқати Ӯ ғизо гиред. Ана барои ҳамин ман мехоҳам

иштиҳоятонро барангезам, зеро дар байни суханҳо дар бораи Худо ва шунидани Худо, ки ба шумо сухан мегӯяд, фарқи калон ҳаст.

Медонам, одамоне ҳастанд, ки мегӯянд, ки мо ба Худое хизмат мекунем, ки дигар сухан намегӯяд. Аммо чунин далел худи моҳияти Ӯро таҳқир мекунад. Ҳатто агар Ӯ тасмим гирад, ки хомӯш мемонад, ҷамоли офаридаҳояш овози Ӯ мешаванд. Ӯ Рӯҳи Худро фиристод, то ки моро тасаллӣ диҳад ва обод намояд. Дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, ки Рӯҳи Муқаддаси Худо моро ба ҳар ростӣ таълим медиҳад ва ҳидоят менамояд. Худо бути кар ё гунг нест. Худо он гуна падаре нест, ки шунида, ҷавоб надиҳад. Агар мо сирри Кӣ будани Худоро ошкор нанамоем, мо чӣ тавр ба Ӯ наздик шуданро намефаҳмем. Худо, дар байни чизҳои дигар, ба воситаи Каломи Худ, офаридаҳои Худ, хизматгорони Худ, ба воситаи рӯъёҳо, орзуҳо ва аъзои Бадани Худ сухан мегӯяд. Ман дуо мекунам ва боварӣ дорам, ки Ӯ бо шумо ба воситаи саҳифаҳои ин китоб гап мезанад. Худо ҳамеша гап мезанад. Савол: оё мо Ӯро гӯш мекунем ё ки маҳдуд мекунем? Муҳим аст, ки мо бифаҳмем, ки то чи андоза Худо бемисл ва дар мӯъҷизаҳо номаҳдуд мебошад, ва бовар кунем, ки Ӯ бо мо шахсан муошират кардан мехоҳад.

Теологи барҷаста Тумои Аквинӣ қисми зиёди ҳаёти худро бо он сарф намуд, ки дар бораи Худо менавишт. Коҳин ва файласуф буда, ӯ кӯшиш мекард, ки донишҳои илмиро бо донишҳои мо дар бораи Офаридгор пайваст намояд. Аммо се моҳ пеш аз маргаш Тумои Аквинӣ таассуроти амиқеро аз сар гузаронид, вақте ки дунёи ҷовидониро дид, баъд аз ин ӯ охирин суханони ҳаёташро навишта, қаламро гузошт:

> “Кори ман ба охир расид. Пас аз он чи ман дидам ва чизе ки ба ман ошкор шуд, тамоми навиштаҳо ба назарам чун коҳ намуд”.

Бо вуҷуди ин, ин шахс буд, ки хеле бодиққат омӯхт ва суханони зиёдеро иншо намуд, ки дар бораи ҷалоли Худо ва бузургии Калисо ҳарф мезананд. Ӯ тамоман дар дигар замоне зиндагӣ мекард, ки

назар ба замони ҳозира он вақт калимаҳо маъно ва мазмуни амиқ ва моҳияти бисёртар доштанд, вақте ки онҳоро интихоб мекарданд, бисёр эҳтиёткор буданд. Имконияти навиштан ва хондан имтиёзе буд, ки ба он одамони сарватманд, подшоҳон ё интихобшудагон дастрасӣ доштанд. Тумои Аквинӣ санъати хуби суханронӣ дошт, ба ин нигоҳ накарда, барои тавсифи навиштаҳояш калимаи "коҳ"-ро интихоб менамояд. Мо коҳ гуфта, чизеро меномем, ки арзиш надорад. Ин маҳсулоти иловагии нодаркории гандум аст, ки аксарият барои партови ҳайвонот ё растанӣ истифода мекунанд. Дар асл, теолог мегӯяд, ки ҳама навиштаҳои ҳаёти ӯ дар ҳолати беҳтарин барои ба зери пои ҳайвонот ва одамон партофтан мувофиқ аст.

Ин беҳтарин қиёсест, ки ӯ дар байни навиштаҳои худаш ва Худо ва ҳақиқати Худо, ки барояш кушода шуда буд, оварда тавонистааст. Мумкин ин ду ҷумла аз ҳама саҳифаҳои дар муддати беш аз даҳсолаҳо навишташуда мазмуни бештаре доштанд. Ин суханон аз фурӯтанӣ ва ҳайрат лабрезанд, барои он ки Тумои Аквинӣ он чизеро аз сар гузаронд, ки Августини Муқаддас ҳазор сол пеш аз ин гуфта буд: "Худо бисёртар дар нодонӣ шинохта мешавад".

Ваҳй оиди Худо вақте оғоз мешавад, ки мо эътироф намоем, ки дар асл Ӯро намешиносем. Ҳар як таърифи мо аз рӯи контекст ва категорияи шахс тасниф карда мешавад. Қобилияти бо сухан баён кардани моҳияти Худоро бо кӯшиши кӯдаки хурдсол монанд кардан мумкин аст, ки ҳоло нав ба гап даромада, модари худро тавсиф карда истодааст. Дар тамоми коинот одамон фақат дар як қисми офариниш иқомат мекунанд. Ин монанди он ки дар болои зарраи рег истода, ҳаракат менамоед, ки тамоми паҳно ва умқи уқёнусро тасвир кунед.

## Худои мо кист?

Дар айни замон, Падари мо мехоҳад, ки мо ба Ӯ наздик шавем, то Ӯро хубтар бишиносем, то ҳузури Ӯро ҳис намоем, ва шунидани овози Ӯро омӯзем. Дар бораи оташ донистан – ин як чиз, ҳис намудани нур, гармӣ ва сӯзиши он – тамоман чизи дигар, ва ҳамин

тавр Худо моро даъват мекунад, ки Ӯро шиносем, на ин ки танҳо дар бораи Ӯ дониш дошта бошем. Дар зер якчанд ҳақиқатҳои машҳур дар бораи Худо номбар шудаанд, чунки айнан ҳамин гуна Ӯ дар Навиштаҷот тавсиф шудааст.

**Ман Худои ягона ҳастам**. Так. Шар. 6:4; Марқ. 12:29; Ғал. 3:20; 1 Тим. 2:5; Яъқ. 2:19.

**Ман – Алфа ва Омега**. Ваҳй 1:8; 21:6; 22:13.

**Ман Воҷибулвуҷуд ҳастам**. Хур. 3:14.

**Ман... аз азал то абад**. 1 Вақ. 16:36.

**Ман Сарвар ва Комилкунандаи имони шумо**. Ибр. 12:2.

**Ман замин ва осмонро офаридаам**. Ҳас. 1:1.

**Ман қодир ҳастам**. Мат. 3:9

**Ман некӯ.** Марқ. 10:18; Луқ. 18:19; 1 Тим. 4:4.

**Ман дар миёни ту**. Так. Шар. 6:15; Луқ. 17:21; 1 Қӯр. 14:25.

**Ман рост ҳастам**. Юҳан. 3:33.

**Ман Худованди шифобахши ту**. Хур. 15:26.

**Ман рӯҳ ҳастам**. Юҳан. 4:24

**Ман Падар ҳастам**. Юҳан. 6:46; Филип. 2:11.

**Ман дар Писар ҷалол ёфтам**. Юҳан. 13:31.

**Ман шоҳид ҳастам**. Рум. 1:9; Филип. 1:8; 1 Тас. 2:5.

**Ман кушода ҳастам**. Рум. 1:17.

**Ман тарафгири шумо**. Рум. 8:31.

**Ман бар ҳама ҳастам.** Рум. 9:5; Эфс. 4:6.

**Ман раҳим ҳастам**. Так. Шар. 4:31. Рум. 12:1.

**Ман амин ҳастам**. 1 Қӯр. 1:9; 10:13; 2 Қӯр. 1:18.

**Ман аз одамон боҳикматтар ҳастам**. 1 Қӯр. 1:25.

**Ман Худои ҳарҷумарҷ нестам**. 1 Қӯр. 14:33

**Ман Худои осоиштагӣ ҳастам**. 1 Қӯр. 14:33.

**Ман қобилияти ту ҳастам**. 1 Қӯр. 3:5.

**Ман раҳим ва карим ҳастам**. Хур. 34; Наҳ. 9.

**Ман пурсабр ҳастам**. Юил. 2:13; Наҳ. 1:3.

**Ман сарафроз ҳастам**. Филип. 2:9.

**Ман дар шумо амал мекунам**. Филип. 2:13.

**Ман нонамоён ҳастам.** Қӯл. 1:15.

**Ман Худои омадаистода ҳастам**. Қӯл. 3:6.

**Ман Довари одил ҳастам**. 2 Тас. 1:5.

**Ман Наҷоткори ҳамаи одамон ҳастам**. 1 Тим. 2:3; 4:10.

**Ман ба занҷирҳо банд нестам**. 2 Тим. 2:9.

**Ман меъмори ҳама чиз ҳастам**. Ибр. 3:4

**Ман одил ҳастам**. Ибр. 6:10.

**Ман зинда ҳастам.** Ибр. 10:31.

**Ман оташи фурӯбаранда ҳастам**. Так. Шар. 9:3; Ибр. 12:29.

**Ман нур ҳастам**. 1 Юҳан. 1:5.

**Ман аз дили шумо бузургтар ҳастам**. 1 Юҳан. 3:20.

**Ман Худое, ки ҳаст ва буд ва хоҳад омад**. Ваҳй 1:8.

**Ман Қуддус ҳастам**. Ваҳй 4:8.

**Ман Худованд Худои Қодири Мутлақ.** Ваҳй 11:17.

**Ман қуввати шумо ҳастам**. Хур. 15:2.

**Ман таронаи ту ҳастам**. Хур. 15:2.

**Ман Худои ғаюр ҳастам**. Хур. 34:14. Так. Шар. 4:24.

**Ман одамизод нестам**. Адад. 23:19; Ҳуш. 11:9.

**Ман Худои худоён ва Худованди худовандон**. Так. Шар. 10:17.

**Ман Худои бузург, ҷаббор ва саҳмгин.** Так. Шар 10:17.

**Ман беғаразам**. Так. Шар. 10:17.

**Ман ифтихори ту ҳастам**. Так. Шар. 10:21.

**Ман дар ҷанг бо ту ҳастам**. Так. Шар. 20:4.

**Ман ҷанговар ҳастам**. Хур. 15:3.

**Ман паноҳгоҳи ту ҳастам**. Так. Шар. 33:27.

**Ман кӯҳпора ва қалъаи ту ҳастам.** 2 Под. 22:32, 33.

**Ман Худованд Худо ва ғайр аз Ман дигаре нест**. Так. Шар. 4:35; 3 Под. 8:60.

Ин рӯйхати пурра нест! Ман ба шумо пешниҳод мекунам, ки ҳама ин хислатҳоро омӯзед, аммо дар ин боб мо сетояшро аз назар мегузаронем. Якум – Худо ягона аст.

## Худо ягона аст

> "Бишнав, эй Исроил! Худованд Худои мо Худои ягона аст; ва ту Худованд Худои худро бо тамоми дили худ, ва бо тамоми ҷони худ, ва бо тамоми қуввати худ дӯст бидор" (Так. Шар. 6:4, 5).

Хато мешавад, агар фикр кунем, ки Худои "ягона" маъноаш якто ва сардори дигар худоён дар як намуди мусобиқаи умумиҷаҳонӣ мебошад. Он ки Худо яктост, оиди аввалин будани Ӯ намегӯяд, аммо тасдиқ мекунад, ки умуман Худованд ягона аст. *Якто* маъноаш ин аст, ки дигаре нест. Худое таҳти рақамҳои ду ё се ё чор вуҷуд надорад. Танҳо Ӯ сазовор аст, барои он ки танҳо Ӯ Худо аст. Ин дар суханони Исо оиди аҳкоми бузургтарин тасдиқ мешавад:

> «Исо ба вай гуфт: "Худованд Худои худро бо тамоми дили ту ва тамоми ҷони ту ва бо тамоми ҳуши ту дӯст бидор", ҳамин аст ҳукми аввалин ва бузургтарин» (Мат. 22:37, 38).

Муҳаббати мо ба Худо бояд ки ифодаи ягонаи дили мо, ҷони мо ва ҳуши мо бошад, он бояд ҳамоҳанг бошад ва ба як нуқта равона шавад. Нигоҳи мо танҳо ба Худост, ва танҳо Ӯ лоиқи парастиш аст. Худо мефаҳмад, ки аз боиси дудилагиамон танҳо Ӯро парастиш карданамон душвор аст, аммо Ӯ дигар худоён-рақибонро тоқат намекунад, барои ҳамин ин ҳукми муҳим аст. Он ба мо на барои он дода шудааст, ки Худо дар мавқеи Худ нисбати мо устувор нест; он ба мо барои муҳофизати мо дода шудааст, то мо парешон нашавем ва гумроҳ нашавем.

Дар ҷамъияти ҳозира ин суханҳо метавонанд нофаҳмо бошанд, чунки на ҳама одамон иқрор мешаванд, ки ба дигар худоён саҷда мекунанд. Ҳоло мо бештар майл дорем, ки барои худ бутҳои сунъӣ

дошта бошем, назар ба он ки ба худоёни тамаддунҳои қадим саҷда кунем. Худо фарзандонашро аз аввал огоҳ карда буд:

> “Бутҳо барои худ насозед, ва ҳайкал ва сутуне барои худ барпо накунед, ва санги суратдоре дар замини худ нагузоред, то ки пеши он саҷда баред; зеро ки Ман Худованд Худои шумо ҳастам” (Ибод. 26:1).

На ҳама дар боғ ё хонаи худ бо расми ягон намуд худо барои худ сутун ё санги суратдоре месозанд, аммо ин маънои онро надорад, ки мо дар дил бутҳо надорем. Бут – ин он чизе, ки шумо барои он қуввати худро сарф мекунед, ва он чизе, ки аз он қувват мегиред. Ин он чизе аст, ки шумо ба куҷо равонаед, то зиндагиро давом диҳед. Мумкин дар он шумо паноҳгоҳ мекобед. Он ҳар чиз буда метавонад, аз вобастагӣ ба лаззатҳои заминӣ, то ба хӯрду хӯрок ва ё ягон чизи дигаре аз ҳаёти иҷтимоӣ. Агар ба рӯйхати дар боло оварда, ки дар он хислатҳои Худо нишон дода шудааст, назар андозем, шумо мефаҳмед, ки Ӯ қуввати мост, ҳаёти мост ва паноҳгоҳи мост. Ягон одам ё муносибат, ташкилот ё ашё, ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз, ба ғайр аз Худо, набояд бар шумо қудрат дошта бошад.

Барои баъзеи мо ҳиссиётамон бут мешавад. Агар ман ҳис кунам, ки зебо ҳастам, яъне ман фикр мекунам, ки ман зебо ҳастам. Агар ман худро хуб ҳис намоям, фикр мекунам, ки хубам. Агар мо танҳо аз рӯи ҳиссиёт зиндагӣ кунем, онҳо моро фиреб мекунанд, ва мо зуд ба гумроҳӣ меравем.

**Бут – ин он чизе, ки шумо барои он қуввати худро сарф мекунед, ва он чизе, ки аз он қувват мегиред.**

Ҳақиқат дар он аст, ки шумо зебо ҳастед, зеро ки Худо ҳалимонро бо наҷот шукӯҳ мебахшад (ниг. Заб. 149:4). Шумо зебо ҳастед, чунки Худо ҳама чизро дар вақташ ба хубӣ ба вуҷуд овардааст (ниг. Воиз 3:11). Ба бутҳои дурӯғин ва имиджмейкерҳои заминӣ иҷозат надиҳед, ки *ба шумо* фаҳмиши худашонро дар

бораи зебоӣ талқин намоянд, зеро Худо аллакай *бар шумо* баракатро эълон кардааст! Довуд, саҷдакунанда ва ҷанговари Худо, бутпарастиро чунин тасвир кардааст:

> “Бутҳои онҳо нуқра ва тиллост, амали дастҳои одамизод. Онҳо даҳон доранд, вале ҳарф намезананд; чашм доранд, вале намебинанд; гӯш доранд, вале намешунаванд; бинӣ доранд, вале намебӯянд; даст доранд, вале ламс намекунанд, по доранд, вале роҳ намераванд; аз гулӯи худ садое намебароранд. *Созандагонашон мисли онҳо хоҳанд буд, ва ҳар касе ки ба онҳо таваккал мекунад*” (Заб. 113:12-16).

Ин чӣ маъно дорад: “созандагонашон мисли онҳо хоҳанд буд”? Вақте ки мо чизҳои одамиро боло мегузорем, мо худро бо офаридаҳои одамизод маҳдуд мекунем. Бутҳо – ин шаклҳое, ки ба фаъолият қобил нестанд. Онҳо танҳо намуди зинда доранд, аммо қувват надоранд, ки ба дигарон ҳаёт бахшанд. Ҳамин тавр, касоне ки ба онҳо саҷда мекунанд, бо он ҳиссиётҳое, ки Худо ба онҳо додааст, ба созиш медароянд, онҳо садоҳои худро хомӯш мекунанд ва озодии ҳаракатро аз даст медиҳанд. Вақте ки шумо ба Худо саҷда мекунед, шумо ба сурати Ӯ аз ҷалол ба ҷалол дигаргун мешавед. Азбаски ҳеҷ кас монанди Худо нест, роҳи беҳтари ба ин ҷаҳон овардани он чизи беназире, ки дар мост, ба ғайр аз пайравии Ӯ нест. Шумо метавонед шогирдони дигар одамон бошед, аммо ба онҳо саҷда кардан мумкин нест.

## Худованд Алфа ва Омега аст

Ҳақиқати дуюм он аст, ки Худованд Худои ҷовидонист, Ӯ аз қарн ба қарн, ба ибораи дигар, Ӯ Алфа ва Омега аст. Ин аввалин ва охирин ҳарфҳои алифбои юнонӣ аст. Вақте ки ин ду ҳарф якҷоя ифода мешаванд, онҳо рамзи аввал ва охирро нишон медиҳанд. Алфа дорои маънои “аввали ҳисоб, пайдошавӣ, таваллуд, субҳ, ибтидо ва остона” аст. Маънои калимаи “омега” на он қадар

маълум аст, аммо мазмунаш “охир, нуқтаи охирин, интиҳо” мебошад. Шояд таърифи калимаи “омега” норавшан бошад, зеро мо одамон беҳтар мефаҳмем, ки чӣ буд, назар ба он ки хоҳад буд. Маҳз барои ҳамин ба мо лозим аст, ки ба Худо наздик шавем, то маслиҳати Ӯро шунавем. Танҳо Ӯ аз ҳама дуртарин дуриҳои замонро дидааст. Касе нест, ки мисли Худои мо бошад. Ишаъёи набӣ мегӯяд:

> «Паёмҳои пешинаро аз замони қадим ба ёд оваред, зеро ки Ман Худо ҳастам, ва Худои дигаре нест, ва амсоли Ман нест. Оқибатро аз ибтидо, ва он чиро, ки ҳанӯз рӯй надодааст, аз қадим баён менамоям; Ман мегӯям: “Иродаи Ман иҷро хоҳад шуд, ва ҳар он чиро, ки хостаам, ба ҷо хоҳам овард”» (Иш. 46:9, 10).

Дар тарҷумаи “The Message” чунин навишта шудааст:

> «Таърихи дурудароз ва бойи худро дар хотир доред. Ман Худои ягона ҳастам, ки шумо доред ва хоҳед дошт, бемисл, ивазнашаванда, аз худи аввал ба шумо мегӯям, ки дар охир чӣ мешавад. Ман ба шумо ошкор мекунам, ки чӣ рӯй хоҳад дод, ва шуморо итминон медиҳам: “Ман муддати тӯлонӣ бо шумо ҳастам. Ман маҳз ҳамон чизеро мекунам, ки иҷро карданӣ ҳастам”».

Худо охири ҳама чизро дар аввал мегӯяд. Ӯ Омегаро эълон мекунад, вақте ки танҳо Алфаро менависад. Ӯ моро даъват мекунад, то ки мо ба қафо назар кунем ва садоқати Ӯро бинем. Ӯ аллакай охири ҳар як рӯзро медонад, вақте ки ҳоло танҳо субҳидам аст.

> “Вақоеи пешинаро Ман аз қадим эълон намудаам, ва аз даҳони Ман баромадааст, ва *Ман онҳоро баён кардаам, ногаҳон ба амал овардаам, ва иҷро шудааст”* (Иш. 48:3).

Ҳама чиз иҷро шуд, ҳама чиз ба охир расид. Ӯ ҳеҷ чизро нотамом

намемонад; ҳеҷ чиз Ӯро водор карда наметавонад, ки фикрашро тағйир диҳад ё нақшаашро бекор кунад. Исо ҷавоби охирони Ӯ шуд.

> «Бинобар ин ба ту аз қадим эълон намудаам, пеш аз вуқӯъ туро хабардор кардаам, ки мабодо бигӯӣ: “Бути ман инро ба амал овардааст, ва санами ман ва ҳайкали рехтаи ман инро амр фармудааст”. Он чи шунидаӣ, ба ҳамааш назар андоз; шумо, охир, метавонед инро тасдиқ кунед. Аз ҳоло низ чизҳои тозаро ба шумо эълон намудаам, ва чизҳои ниҳониеро, ки ту намедонистӣ» (Иш. 48:5, 6).

Худои мо аз ибтидо мегӯяд, то ки мо ба одамон ва ашёҳо такя накунем, ки бе шубҳа моро ноумед мегардонанд. Зеро ба мо беҳтар аст оиди он гӯем, ки Ӯ барои мо чӣ кор кард, назар ба он ки мо чӣ кор кардем, рост? Донистани пешгӯии Офаридгор аз пешгӯии офаридаҳояш беҳтар аст, дуруст?

Худо давом медиҳад:

> «Ҳоло, ва на аз қадим, ин чизҳо офарида шудааст, ва ту дирӯз онҳоро нашнидаӣ, ки мабодо бигӯӣ: “Инак онҳоро медонистам”» (ояти 7).

Инак...

Худои мо оиди охир дар аввал эълон мекунад.

Дар Масеҳ Худо моро пеш аз он ки мо Ӯро дӯст доштем,
дӯст дошт.

Ӯ моро пеш аз афтоданамон дошта гирифт.

Ӯ моро пеш аз бахшиш пурсиданамон бахшид.

Моро либоси адолат пӯшонд, пеш аз он ки мо фаҳмидем,
ки бараҳна ҳастем.

Моро пок сохт, пеш аз он ки мо фаҳмидем, ки нопок ҳастем.

Касонеро, ки душман ва ба Худо бегона буданд, Ӯ фарзандон ва дӯстони Худ номид. Пеш аз он ки мо нафаси нахустин кашем,

Ӯ қиссаи ҳаёти моро навишт. Ман шуморо даъват мекунам, то ки шумо Худои беҳамторо чунон бинед, ки Ӯ дар ҳақиқат ҳаст, ва ба Падари худ монанд шуданро сар кунед, ба мисли фарзандони хеле маҳбуб ва аҷоиб, ки чунин мекунанд.

## Худо – ин Ман Воҷибулвуҷуд ҳастам

Акнун номи Худо – Ман Воҷибулвуҷуд ҳастам-ро аз назар мегузаронем. Дар китоби Хуруҷ навишта шудааст:

> «Ва Мусо ба Худо гуфт: “Инак, ман назди банӣ-Исроил омада, ба онҳо мегӯям: “Худои падаронатон маро назди шумо фиристодааст”. Ва онҳо ба ман хоҳанд гуфт: “Исми Ӯ чист?” Ба онҳо чӣ гӯям?” Ва Худо Ба Мусо гуфт: “Ман Воҷибулвуҷуд ҳастам”. Ва гуфт: “Ба банӣ-Исроил чунин бигӯ: “Воҷибулвуҷуд маро назди шумо фиристод”» (Хур. 3:13, 14).

Ман боварӣ дорам, ки Мӯсо оиди маънои ин ном фикр мекард. Тасаввур кунед, шумо бо одаме вомехӯред ва номашро мепурсед. Ва ӯ ба шумо дар ҷавоб мегӯяд: “Номи Ман Воҷибулвуҷуд”. Шумо хоҳиш мекунед, ки фаҳмонанд, ва ба шумо дар ҷавоб танҳо мегӯянд: “Ман Воҷибулвуҷуд ҳастам”. Эҳтимол, шуморо ин ҷавоб ба ҳайрат меандозад, ва ин аҷиб нест. Давоми сӯҳбатро тасаввур кунед: “Салом, Ман Воҷибулвуҷуд ҳастам! Корҳо чӣ хел?” Ба ӯ муроҷиат карда, айни замон шумо ба худ муроҷиат мекунед**.** Хиҷолати мо нисбат ба тасаввуроти Худои яккаву ягона, ки ҳама чизро фаро мегирад, чун акси садоест. Маро, албатта, “Воҷибулвуҷуд” номидан мумкин нест. Барои мо номи аниқтар – “Ман ҳастам, барои он ки Ӯ ҳаст”.

Худо Оне, ки Ӯ ҳаст. Худо вуҷуд дорад, барои он ки вуҷуд дорад. Ман вуҷуд дорам, на аз барои он ки вуҷуд дорам, ва на аз барои он ки падару модари ман якҷоя шуданд. Билохира, ман вуҷуд дорам, барои он ки Худо вуҷуд дорад. Ӯ Офаридгори *ҳама* чизи зинда аст.

Азбаски Ӯ *Ман Воҷибулвуҷуд ҳастам* аст, ман гуфта метавонам,

ки *ман дар Масеҳ ҳастам,* Оне ки Воҷибулвуҷуд аст. Ба фикрам, мо на он қадар хуб мефаҳмем, ки то чи андоза ин се калима қувват доранд, барои он ки агар мо мефаҳмидем, мо тамоман бо дигар тарз зиндагӣ мекардем. Ҷаҳон кӯшиш менамояд, ба мо гӯяд, ки Худо кист, аммо Худо ба мо дар Писараш ошкор шуд. Ба воситаи Писараш Ӯ мехоҳад ба мо Худашро ошкор кунад ва ҳамин тавр ба мо худамонро низ ошкор кунад. Боре Исо кӯшиш кард, ки ба шогирдонаш кӯмак кунад, ки ин динамикаро дарк кунанд.

> «Вақте ки Исо ба музофоти Қайсарияи Филиппус омад, аз шогирдони Худ пурсид: “Мардум Маро, ки Писари Одам ҳастам, кӣ мегӯянд?” Гуфтанд: “Баъзе мегӯянд, ки Яҳёи Таъмиддиҳандаӣ, баъзе мегӯянд, ки Илёсӣ, ва баъзе мегӯянд, ки Ирмиёӣ ё яке аз пайғамбаронӣ”. Ӯ ба онҳо гуфт: “Шумо Маро кӣ мегӯед?” Шимъӯни Петрус ҷавоб дода гуфт: “Ту Масеҳ, Писари Худои Ҳай ҳастӣ”. Ва Исо дар ҷавоби вай гуфт: “Хушо ту, эй Шимъӯн писари Юнус! Ту ин ҷавобро на аз китоб ва на аз устодон гирифтӣ, балки Падари Осмонии ман, Худи Худо, ин сирро оиди Кӣ будани Ман ба ту ошкор намудааст. Ман ба ту мегӯям, ки дар асл ту кӣ ҳастӣ. Ту – Петрус, сахра ҳастӣ...”» (Мат. 16:13-18, “The Message”).

Шумо инро мешунавед? Вақте ки мо оиди дар ҳақиқат Кӣ будани Исо ваҳй мегирем, ба чунин ҳолате мерасем, ки барои дар бораи худамон шунидан омода ҳастем. Шимъӯн дар ҳақиқат Петрус буд. Ӯ на ҳамеша моҳигире хоҳад буд, ки аз паи ҳиссиётҳои худ меравад. Ӯ сардоре мешавад, ки ҳодияш Рӯҳулқудс аст, ва сахра мегардад. Ман аслан лаззати суханони зерини Исоро эҳсос карда метавонам:

> «Ва бар ин сахра Ман калисои Худро бино мекунам, ки ончунон қавӣ хоҳад буд, ки ҳатто дарвозаҳои дӯзах бар он ғолиб нахоҳанд шуд. Ин ҳама нест. Ва ту ба калидҳои Малакути Осмон дастрасии пурра ва озод хоҳӣ дошт, барои кушодани

> ҳамагуна дарҳо: байни осмону замин ва замину осмон дигар ягон монеаҳо нахоҳад буд. “Ҳа” дар замин дар осмон “ҳа” хоҳад буд. “Не” дар замин дар осмон “не” хоҳад буд» (Мат. 16:18, 19, “The Message”).

Вақте шумо мефаҳмед, ки кӣ ҳастед... шумо медонед, ки чӣ ба шумо дастрас аст. Хислати Калисо ва дастрасии он ба ганҷҳои осмонӣ бо ваҳйи вай оиди Масеҳ алоқаи ногусастанӣ дорад. Вақте ки мо Каломро медонем, вақте ки мо бо Калом дуо мегӯем, дар осмон акси садои “Оре” ва “Омин” паҳн мешавад.

## Шумо Исоро чӣ ном мебаред?

Тасаввуроти шумо дар бораи Худо дар шумо инъикос хоҳад ёфт. Тасаввуроти шумо дар бораи Ӯ билохира дар ҳаёти шумо ва дар қарорҳои шумо акс хоҳад ёфт. Дар мисоли он ки шумо Исоро чӣ ном мебаред, фаҳмидан мумкин аст, ки чӣ хел Худо дар ҳаётатон ба шумо ошкор мешавад. Агар мо Исоро устоди меҳрубон номем, Ӯ моро таълим медиҳад. Агар мо Ӯро устоди хирадманд номем, Ӯ ба мо хирад мебахшад. Дар ислом Исоро пайғамбар ва шифодиҳанда меноманд. Дар алоҳидагӣ ин номҳо ҳамагӣ як чизи хурдакак мебошанд. Аммо агар шумо Исоро *Масеҳ* номед, Писари Худои *Ҳай*, он гоҳ дар шумо дар бораи Исо ҳамчун Худованд ваҳй вуҷуд дорад. Дар Номаи якуми Юҳанно навишта шудааст:

**Тасаввуроти шумо дар бораи Худо дар шумо инъикос хоҳад ёфт.**

> “Ҳар кӣ эътироф мекунад, ки Исо Писари Худост, Худо дар ӯ сокин аст, ва ӯ дар Худо. Ва мо муҳаббатеро, ки Худо ба мо дорад, медонем ва ба он эътимод дорем. Худо муҳаббат аст, ва ҳар кӣ дар муҳаббат сокин аст, вай дар Худо сокин аст ва Худо дар вай. Муҳаббат дар мо чунон ба камол расидааст, ки

мо дар рӯзи доварӣ ҷуръат дорем, зеро, чунон ки Ӯ дар ин ҷаҳон аст, ончунон мо ҳастем” (1 Юҳан. 4:15-17).

Дар ин эътироф алоқаи абадӣ вуҷуд дорад ва масофаи байни фидияи Ӯ ва ҳолати воқеии мо аз байн меравад. Вақте ки мо Каломи Худоро мегӯем, мо фосилаеро, ки моро аз ҳақиқат ҷудо мекунад, бартараф мекунем. Мо ба мақоме гузошта шудаем, ки худро бо Худо монанд намоем дар асоси он ки Ӯ Кӣ ҳаст, на ин ки мо кистем. Ин маънои онро дорад, ки ман он ҳастам, ки Ӯ мегӯяд. Ман метавонам дарк кунам ва барои худам ҳама ваъдаҳои Худоро ошкор намоям, ки ба шарофати мавқеи ман “дар Масеҳ” дастрас шуданд, агар донам, ки Исоро чӣ ном барам. Оё дар ҳақиқат Ӯ Худованд, шифодиҳанда, Подшоҳи ҷаҳон, муаллиф ва иҷрокунандаи имони ман аст? Оё ман Исоро Худо меномам ё мегӯям, ки Ӯ танҳо устоди нек аст?

Азбаски Ӯ муҳаббат аст, ман дӯстдошта ҳастам ва дӯст дошта метавонам.

Азбаски Ӯ ҳаёт ҳаст, ман зинда ҳастам.

Азбаски Ӯ метавонад, ман ҳам метавонам.

Азбаски Ӯ бародари ман, ман духтари Худо ҳастам.

Азбаски Ӯ тавоност, ман боқувватам.

Азбаски Ӯ шифодиҳанда аст, ман шифо ёфтаам.

Азбаски Ӯ ҳикмат аст, ман боҳикмат ҳастам.

Азбаски Ӯ ҳаст, ман ҳастам.

Азбаски Ӯ Оне, ки Ӯ ҳаст, ман оне ҳастам, ки Ӯ мегӯяд.

Ман аҷоиб ва зебо офарида шудаам.

Ман шуморо даъват мекунам, ки Каломи Худоро ба ҳаёти худ даъват кунед ва онро таҷриба кунед. Барои он ки алҳол шурӯъ намоем, биёед ин лаҳзаро бо дуо қайд кунем.

*Падари Осмонии азиз!*

*Ман аз Ту миннатдорам, ки оне ҳастам, ки Ту мегӯӣ. Маро бубахш,*

*ки симои Туро паст задам. Маро бубахш, вақте ки ман ба бутҳои сохтаи худам саҷда мекардам. Ман аз парастиши офаридаҳои маҳдуди инсонӣ худдорӣ менамоям. Рӯҳулқудс, ҳар як соҳаҳои ҳаёти маро, ки ман бояд аз онҳо халос шавам, бикушо. Ту муҳаббат ҳастӣ, барои ҳамин ман на танҳо дӯстдошта ҳастам, балки боз дигаронро мисли Ту дӯст дошта метавонам. Ту сарчашмаи ҳаёти ман ҳастӣ, танҳо ба шарофати Ту ман нафас мекашам.*

*Ту метавонӣ он чизеро, ки дар ҳаёти ман сар кардӣ, ба итмом расонӣ, Ту ба ман барои ҳама чизе, ки дар наздам гузоштаӣ, қобилият додаӣ. Дар Масеҳ ман духтари Ту, азбаски Падари Осмонии ман ҳама чизро метавонад, ба шарофати Рӯҳи Ту ман қуввати лозимаро дорам. Ту шифодиҳандаи асосии ман, ман дигар дар ҷаҳон барои ҷароҳатҳое, ки аз он гирифтаам, шифо нахоҳам кофт. Азбаски Ту сарчашмаи ҳама гуна дониш ва ҳикмат ҳастӣ, ман ба маслиҳатҳои Ту такя хоҳам кард.*

*Маро бубахш барои он вақтҳое, ки бо суханони дигарон роҳ додам, ки назари маҳдуде дар бораи Ту дошта будам. Ман мехоҳам Туро аз наздик ва амиқ бишиносам. Ман боварӣ дорам, ки Ту аз он чи ман тасаввур мекунам, бузургтар ҳастӣ. Лутфан маро бо ҳаёте раҳнамоӣ намо, ки он ҷо рақобат ҷой надошта, пур аз мӯъҷизаҳо бошад. Ба шарофати он, ки Ту Оне, ки ҳастӣ, ман оне ҳастам, ки Ту мегӯӣ. Новобаста аз он ки ман ҳоло чӣ ҳис мекунам, ман аҷоиб ва зебо офарида шудаам.*

*Ба номи Исо, омин.*

## Саволҳо барои мулоҳиза

1. Оё шумо пештар Худои Таолоро бо ягон шахси шинос ё ягон чизи дар ҳаёт таҷриба кардаатон муқоиса кардаед? Масалан, оё фикр мекардед, ки Ӯ мисли падари шумо (хуб ё бад)? Ҳоло шумо оиди Ӯ чӣ фикр доред?
2. Оё ягон соҳае ҳаст, ки шумо бо дониши дигар одамон зиндагӣ мекунед? Дар бобати овозаҳо чӣ гуфтан мумкин аст?

3. Шумо чӣ фикр мекунед, Августин чиро дар назар дошт, вақте ки гуфт: "Худо ба воситаи нодонӣ шинохта мешавад"?
4. Дар кадом соҳаҳое, ки Худо Худро ҳамчун Ман Воҷибулвуҷуд ҳастам тавсиф медиҳад, шуморо лозим аст, ки Ӯро бисёртар шиносед?
5. Дар контексти "бут – ин ҳамаи он чизе, ки шумо ба он қуввати худро сарф мекунед, ё чизе, ки шумо аз он қувват мегиред", он соҳаҳои ҳаётатонро номбар кунед, ки дар онҳо шумо нафаҳмида барои худ бут сохтаед.
6. Дар ҳузури Худо, вақте ки шумо Ӯро бо номаш Ман Воҷибулвуҷуд ҳастам даъват мекунед, Ӯ шуморо кӣ меномад?

3

# Ваъдаи мо берун аз рақобат

“Масеҳ ба мо то он дараҷа бисёр ваъда медиҳад, ки хоҳишҳои мо дар назари Ӯ на он қадар далерона метобанд, балки бисёртар беҷуръатона ҳастанд. Мо шахсони бефаҳме ҳастем, ки аз шароб, бероҳагӣ ва комёбӣ дилхушӣ мекунем, ҳангоме ки ба мо хурсандии бузурге омода карда шудааст; ҳамин тавр кӯдак дар кӯлмак бозӣ карда мешинад ва ҳатто ба худ тасаввур намекунад, ки падару модараш мехоҳанд ӯро ба баҳр баранд. Маъқул шудан ба мо душвор не, балки хеле осон аст”.

К. С. ЛЮИС

Суханони таъсирбахш!

Мо ваъдаҳои бемисл дорем, он ганҷи мост. Ин ганҷ аз ҳама интизориҳо ва вақт бузургтар аст. Ин ганҷ ба мо дар намуди потенсиали ғайримоддӣ дода мешавад. Баъзан одамон ин ҳадияро истифода намекунанд... вай вуҷуд дорад, аммо фаъол нест.

Эҳтимол, ба шумо осонтар ва хурсандиовартар мебуд, агар ман мегуфтам, ки ба ҳисоби шумо худи ҳозир як миллиард доллар

гузашт. Аммо агар шумо ҳатто назар аз он маблағе, ки тамоми умр сарф карда метавонистед, хеле зиёдтар дошта бошед ҳам... онҳо ҳеҷ вақт ҳақиқатан аз они шумо нахоҳанд буд, чунки аз рӯи қонун боигарии заминӣ бояд дар ҷое монад, ки он ҷо офарида шудааст. Вақте ки шумо мемиред, он дар замин мемонад. Аммо он ганҷе, ки шумо доред, табдил меёбад, афзун мешавад ва бо шумо ба абадият меравад.

Ваъдае, ки ман дар бораи он сухан мегӯям, рақиб надорад, ва на танҳо аз ҷиҳати боигарӣ, боз аз ҷиҳати арзу тӯл низ. Меваи ин ваъда фарзандони шуморо боз дурудароз, баъд аз он ки шумо меравед, ҳамроҳӣ хоҳад кард, инчунин он боз шуморо дар осмон пешвоз хоҳад гирифт. Ин ваъдаро дуздидан мумкин нест ва бар ивази ягон чизи бемаъно фурӯхтан мумкин нест, масалан, ба як коса шӯрбо, чи тавре ки инро Эсов кард (Ҳас. 25). Он беҳтар нигоҳ дошта мешавад, агар хуб пинҳон карда шуда, ба орзуҳо ва умед табдил ёбад. Агар шумо замини дили худро нигоҳубин кунед, ин ганҷ шукуфон ва афзун мегардад. Миллионҳо одамоне, ки ҳаёташон тағйир ёфтааст, ҳамин ганҷро дар дили худ доранд, ва чӣ қадар одамон барои ҳиссаи худ даъво накунанд ҳам, ин ганҷ ҳеҷ гоҳ кам намешавад.

Ман оиди баракати Подшоҳи подшоҳон ва Худованди худовандон сухан меронам. Ин ганҷ хеле бузург аст, то ки бо доллар ё ҳатто тиллою нуқра андоза шавад. Агар шумо танҳо бо як либос монед ҳам, ин ганҷ ба ҳар ҳол ҳеҷ куҷо намеравад. Ин сарват бо чизҳои бо дасти одам сохта шуда алоқаманд нест, вай абадист ва метавонад ба воситаи пичирроси дуо дода шавад. Дугонаи азиз, шумо ҳам ҳамон хел малика ҳастед, чун ҳар як зани соҳибтоҷ.

## Даъвати шоҳона

Ба худ тасаввур кунед, ки касе дари шуморо мекӯбад. Шумо барои дарро воз кардан меравед ва дар таги дар элчии подшоҳро мебинед. Ба монанди афсонаи Золушка, танҳо ба ҷои элчӣ аз қасри подшоҳӣ ба назди шумо фаришта меояд. Ӯ то он дараҷа

калон ва дурахшон аст, ки шумо қариб ки ҳеҷ чизи дар пушти вай бударо намебинед, аммо шумо медонед, ки дар он ҷо тӯдаи шоҳидоне истодаанд, ки аксуламали шуморо интизор ҳастанд. Фиристодаи Худо номатонро гирифта ба шумо муроҷиат мекунад ва бо овози баланд эълон менамояд, ки шумо меросхӯр ва шоҳдухтари Малакути Осмонӣ мебошед. Қарсаққо шунида мешаванд. Муттаҳайирона бо савол ҷавоб медиҳед: “Ман?” Ӯ сарашро меҷумбонад ва ба шумо таклифномаро медиҳад. Бо дастҳои ларзон шумо лифофаро мекушоед. Хато нашудааст, дар он бо ҳарфҳои зарҳалин номи шумо бодиққат навишта шудааст. Шумо нафасатонро нигоҳ медоред ва чашмҳои пур аз ашкро мебардоред, ва мефаҳмед, ки дар назди дар ғайр аз шумо ҳеҷ кас нест. Фаришта ва шоҳидон ғайб задаанд. Касе аз даруни хона ба шумо мегӯяд: “Ин кӣ буд?”

Шуморо эҳсоси дарки ким чи хел тағйирот пур мекунад, гарчанде ки, аз рӯи вазъият чунин ба назар мерасад, ҳама чиз як хел боқӣ мондааст. Мақсади омадани ӯ на дар он буд, ки шароит ё ҷои зисти шуморо иваз кунад, балки шуморо ба дигаргуншавии ботинии бемислу монанд даъват намояд.

Шумо ба худ нигоҳ мекунед. Шумо ҳамон либосеро ба бар доред, ки дар он дарро воз кардед, аммо вай худ ба худ сабук шудааст, гӯё ки шуморо дигар ҳеҷ чиз ба танг намеоварад, маҳдуд ва муайян намекунад. Шумо ба хона бармегардед, ақли шумо равшантар шуд ва мефаҳмед, ки ҷое ки дар он зиндагӣ мекунед, хонаи ҳақиқии шумо нест. Дар як ҷои дуре шаҳре ҳаст, ки онро Худо ва Подшоҳи шумо барпо кардааст, ва Ӯ шуморо он ҷо интизор аст. Шумо аз меҳмонхона, аз назди чеҳраҳои ҳайратзадаи наздиконатон мегузаред ва ба хонаи хоб равон мешавед. Дар оромӣ ва танҳоӣ шумо лифофаро мекушоед ва оҳиста таклифномаи тиллорангро берун мекашед.

*“Духтари дӯстдоштаам, акнун ту аз нав зинда шудӣ, монанди Соро, шоҳдухтари Ҳаққи Таоло.*

*Ту дар аз наздик шинохтани Исо ба камол расида истодаӣ, ва сулҳу осоиштагии Вай дар ҳаёти ту тадриҷан афзун мегардад.*

*Ин таъиноти шоҳона дар ҳаёти ту маънои онро дорад, ки ту ба ҳама чизҳое дастрасӣ хоҳӣ дошт, ки барои ту дар роҳ ба сӯи парҳезгорӣ дар тамоми айёми умрат лозим мешаванд. Мӯътақид бош, ки вақте ту ба умқи Каломи Худованд рафта мерасӣ, ҷавонӣ ва ақлат нав хоҳанд шуд, ту оиди ганҷи аҷоиб ва ваъдаҳои қиматбаҳое, ки ба ту ато шудаанд, бисёртар хоҳӣ донист. Ҳар яки онҳо ба ту ба таври мӯъҷизавӣ дода шудаанд! Маҳбуби ман, агар ту ҳоло ҳам дар шубҳа бошӣ, бидон, ки ин аз ҳама даъватномаи беҳтарин аст! Ҳама чизе ки ба ту ҳоло лозим аст – аз ин ҷаҳон рӯй гардондан, ки он аллакай ба ту пушт гардондааст".*

Ман ҷасорати зиёдеро ба худ гирифтам ва оятҳоро аз Номаи дуюми Петрус дигаргун кардам, то ки онҳоро барои мо шахсӣ гардонам, аммо биёед онҳоро дар тарҷумаи муосири Китоби Муқаддас мехонем:

"Бигзор файз ва осоиштагӣ дар шинохти Худо ва Исои Худованди мо бар шумо фаровон бошад. Қуввати илоҳии Ӯ ҳамаи чизҳои барои ҳаёт ва парҳезгорӣ зарурро ба мо додааст, ба воситаи шинохтани Худо, ки моро ба ҷалол ва фазилати Худ даъват намудааст. Ба шарофати онҳо Ӯ ба мо ваъдаҳои бузург ва гаронбаҳоро додааст, то ки ба воситаи онҳо шумо ба табиати илоҳӣ шарик гашта, аз фасоди ҳавасҳои заминӣ дур шавед" (2 Пет. 1:2-4).

**Чӣ афзал шуморида мешавад: мерос ва ё пасмондаҳо?**

Агар Исо дари дили маро намекӯфт, ман бе ҳеҷ чиз мемондам. Танҳо ба таври мӯъҷизавӣ метавонистам ақаллан чизе мерос бигирам! Падару модарам чизе надоштанд, ки ба ману бародарам гузоранд. Агар ба ман лозим меомад, ки

байни мерос ва пасмондаҳо интихоб намоям, ман кадомашро афзал мешуморидам? Ман кайҳо фаҳмидам, ки ваъдаи Худо аз ҳар дорои арзишмандтар аст.

Чӣ тавр мо ба ин ваъдаҳои бузург дастрасӣ пайдо карда метавонем? Онҳо аз рӯи имон ба мо тааллуқ доранд. Дар Нома ба Ғалотиён (3:14 ) чунин навишта шудааст:

> “То ки баракати Иброҳим ба василаи Исои Масеҳ ба ғайрияҳудиён татбиқ шавад, барои он ки ваъдаи Рӯҳро мо бо воситаи имон пайдо кунем”.

## Вохӯрӣ бо Иброҳим ва Соро

Барои гирифтани маълумоти бештар дар бораи ин ваъдаҳо, биёед бори дигар ба достони маъруф назар меандозем ва аз берун ба он нигоҳ мекунем. Худо дар Китоби Муқаддас ҳикояҳоро навиштааст, то ки мо бисёр чизро аз таҷрибаи одамони дигар омӯзем. Вақте ки ман онҳоро мехонам, дар ҳар як ҳикоя ҷумлаҳои калидиро ҷустуҷӯ мекунам, ки метавонанд онро барои ман зинда гардонанд. Ман тасаввур менамоям, ки намуди вай чӣ гуна буд, ва ба Рӯҳулқудс гӯш меандозам, ҳамин тавр ман чизеро, ки ҳангоми хондани саҳифаҳои китоб гузошта рафта будам, мебинам ва мешунавам. Ман саволҳо медиҳам: ман худро ба ҷои онҳо чӣ тавр ҳис мекардам? Чӣ барои ман душвортарин ё даҳшатноктарин мешуд?

Ин танҳо яке аз тарзҳои хондани Навиштаҷоти Муқаддас аст. Он комилан аз рӯи Китоби Муқаддас аст. Ин усули мулоҳизакунӣ аст, ки ба шарофати он Навиштаҷот зинда мешавад. Бобокалонҳо ва бибикалонҳо аз Китоби Муқаддас – ин хоҳар ва бародарони мо. Маҳз ҳамин тавр ман “село” (калимаи ибрӣ, ки дар таронаҳои Забур бисёр истифода мешавад ва замимаи мусиқӣ ва адабиро ифода мекунад. – *Эзоҳ. тарҷ.)*-ро таҷриба мекунам – таваққуф мекунам ва мулоҳиза мекунам.

Аввал ман ба шумо Абромро муаррифӣ мекунам. Ӯ дар имон

падари мост. Ба худ одами бовафо, пир, бенуқсон ва худотарсро тасаввур намоед. Акнун Сорай. Ӯ модари мо аз рӯи ваъда аст. Ӯ бениҳоят зебо, ва, монанди Абром, вай бовафо, пир, бенуқсон ва худотарс аст.

Даъватро аз ҷониби Худо шунида, ин ду нафар ба андозаи кофӣ ҷасур буданд, ки ҳама чизи доштаашонро пас гузоранд. Худо ваъда дода буд, ки ҳаёти ин ҷуфти безурётро баракат медиҳад ва афзун мегардонад. Онҳо якҷоя як саргузашти бесобиқаеро оғоз намуданд. Онҳо он чизеро меҷустанд, ки пештар ягон маротиба надида буданд, халқеро, ки онро Худо офаридааст. Пеш аз он ки мо ба онҳо ҳамроҳ шавем, онҳо даҳсолаҳо роҳ рафтанд. Абром бояд садсола шавад, ва Соро, зани ӯ, – навадсола.

Онҳо вақте ки дар биёбон буданд, бисёр пастиву баландиҳоро аз сар гузаронданд. Ин аст хулосаи мухтасари ман. Онҳо ба он азобу уқубатҳое тоб оварданд, ки дар ҳаёти онҳо вақте пайдо шуд, ки Худо онҳоро баракат дод: ин ба ҷудо шудани Лут, ҷияни онҳо, овард, Сорайро ба ҳарамсарой ба назди фиръавн гирифтанд, Сорайро аз ҳарамсарой озод карданд. Баъд онҳо роҳро давом доданд, ҷанги на он қадар калонро ғалаба карданд, ҷияни рабудашудаи худро озод карданд ва ба подшоҳ Малкисодақ, саркоҳини Худои Таоло, даҳяк доданд. Онҳо дар ҳаёт ба озмоиши ҷиддӣ дучор шуданд ва қарори нодуруст қабул карданд, вақте ки Сорай Ҳоҷарро ба шавҳараш дод, то ки онҳо соҳиби фарзанд шаванд, ки номи ӯро Исмоил гузоштанд. Аз ноумедӣ Сорай хашмгин гардид. Фикр намекунам, ки ин секунҷа аз шавҳар, зан ва каниз ба касе маъқул буд.

Биёед чанд лаҳзаро қайд кунем, то ки онҳоро дар ин достони мухтасар дар бораи Абром ва Сорай аз даст надиҳем.

1. *Онҳо ҳамроҳ буданд*. Абром ва Соро аз Ӯр, ба қафо нигоҳ накарда, баромаданд. Роҳи бозгашт набуд. Худо онҳоро даъват кард, ва онҳо равона шуданд. Нуқта. Дар китоби Ҳастӣ (12:1, 2) чунин навишта шудааст:

«Ва Худованд ба Абром гуфт: “Аз замини худ, аз ақрабои худ ва аз хонаи падари худ сӯи замине, ки ба ту нишон диҳам, равона шав. Ва аз ту халқи бузурге ба вуҷуд оварам, ва туро баракат диҳам, ва номи туро бузург созам: ва ту намунаи баракат хоҳӣ шуд...”»

Худо барои чизи наве роҳ омода мекард. Ӯ онҳоро дар имон ва умед ба пеш мебурд. Онҳо хатогӣ мекарданд, аммо ба қафо нигоҳ намекарданд.

2. *Онҳо ҳама баҳсҳоро ба як сӯ гузоштанд*. Абром ва Сорай замини Ӯрро гузоштанд, аммо Лутро оварданд (на он қадар фикри хуб). Баракати Абром боиси афзоиши сарвати Лут гардид. Вақте ки замини онҳо ҳардуяшонро ғунҷонида натавонист, чӯпононашон ҷанҷол карданро сар карданд. То ки вазъиятро тезутунд нагардонад, Абром ба Лут имконияти интихобро дод. Барои онҳо беҳтар буд, ки ҷудо шаванд, назар ба он ки ҳамроҳ монда, ҷанҷол кунанд. Диққат диҳед: агар шумо бо одамоне зиндагӣ доред, ки набояд бо онҳо бошед, Худо ҳардуи шуморо то дараҷае вусъат дода метавонад, ки ба шумо лозим меояд, ки ҷудо шавед. Ҷанҷолҳо баракатҳои Худоро ва самаранокии ҳаёти шуморо кам месозанд.

3. *Онҳо амали имонро бо ҷо оварданд*. Вақте ки Абром ба Малкисодақ даҳяк дод, ӯ инро дар асоси ваъдаҳои Худо кард. Ба ҷои он ки аз ғаниматҳои Садӯм ба худаш чизе гирад, ӯ аз рӯи имон қурбонӣ дод, ки ба умедаш мазмун бахшид.

Ҳар сеи ин нуқта он гоҳ равшан шуданд, ки Худо ба Абром зоҳир шуд ва ваъдаеро, ки дар китоби Ҳастӣ (17:4, 5) навишта шудааст, эълон кард:

> “Ман – *инак аҳди Ман бо ту: ту падари халқҳои бисёр хоҳӣ буд*. Ва номи ту минбаъд Абром хонда нашавад; балки номи ту Иброҳим хоҳад буд; зеро ки туро падари халқҳои бисёр мегардонам”.

## Аҳди ҷовидонӣ

Вақте шумо мефаҳмед, ки шумо меросхӯр ҳастед, Худо унвони шуморо дигар мекунад. Вақте ки Худо номи Абромро ба Иброҳим иваз кард, ҳаёти падарбузурги мо вусъат ёфт. Ӯ дигар одами бе қавм нест... ӯ падари халқҳо мегардад. Дар китоби Ҳастӣ, дар боби 17-ум Худо арзу тӯли ин аҳдро муфассал мефаҳмонад. Ҳаёти Иброҳим бо чунин суханон, ба монанди “насл” ва “ҷовидонӣ”, тавсиф дода мешавад. Он замине, ки Иброҳим бар он ҳамчун мусофир қадам зада буд, як вақт мерос ва дороии ҷовидонаи насли ӯ мегардад. Айнан чи хеле ки Худо бо Иброҳим буд, Ӯ ваъда кард, ки бо насли Иброҳим низ хоҳад буд. Ман тасаввур мекунам, ки чӣ тавр Иброҳим ба бузургии ояндаи худ назар карда, дар ҳузури Худо мегирист.

Ман тасаввур мекунам, чӣ тавр Иброҳим дар пеши Худо рӯйнокӣ меафтад, чӣ тавр ӯ сари зону истода, чашмони пур аз ашкашро ба сӯи ситорагон мебардорад. Ӯ дастонашро дароз мекард, гӯё ки мехост ба кунҷи нури равшан даст расонад, ки дар торикии осмони холӣ медурахшид. Ӯ аз миннатдорӣ лабрез аст. Ҳар як калимаи ваъда то мағзи устухонҳо рафта мерасад. Дар кадом лаҳзае қабати синну сол аз байн меравад, ва Иброҳим аз сари нав ҷавон аст, ҳар як ҳуҷайраи ӯ ба таври мӯъҷизавӣ нав мегардад.

Номи нави Иброҳим дилро бо хурсандӣ ва умед пур мекунад. Ӯ ба Исмоил нигоҳ карда, фикр мекунад: “Ҳамаи ин аз они ту буд, писарам, ҳаёти ту аз афзуншавӣ ва тақдири мубораку фарох вусъат хоҳад ёфт”.

Худованд ба Абром мегӯяд, ки ин аҳд аломате металабад. Ин на он гуна аломати умумии зебо, мисли тирукамоне, ки барои Нӯҳ буд, балки ин аломати дардовари шахсӣ аст. Ҳама мардон дар хонаи Иброҳим бояд ки хатна кунанд. Хатна кардани ғилофак тасдиқ мекунад, ки Иброҳим ва насли ӯ бо Худои Таоло дар аҳд ҳастанд. Баъд сӯҳбат бо Худо бо чунин тарз сурат мегирад:

> «Ва Худо ба Иброҳим гуфт: “Зани худ Сорайро Сорай нахон; балки номаш Соро бошад. Ман варо баракат хоҳам дод, ва писаре низ аз вай ба ту хоҳам бахшид; варо баракат хоҳам дод, ва халқҳо аз вай ба вуҷуд оянд, ва подшоҳони халқҳо аз вай пайдо шаванд”» (Ҳас. 17:15, 16).

Ман аслан ошуфтаҳолиро дар чеҳраи Иброҳим мебинам. Вай бо тааҷҷуб абрувонашро боло мекунад... Соро? Аҳд бо ман? Аммо ман аллакай писар дорам... Исмоил. Ӯ писари ман аз Ҳоҷар аст. Тартиби нави савол Иброҳимро боз маҷбур кард, ки ба рӯи худ ба замин биафтад.

> «Ва Иброҳим ба рӯи худ афтода, хандид ва дар дили худ гуфт: “Наход ки аз марди садсола бача шавад, ва Соро дар навадсолагӣ бизояд?”» (Ҳас. 17:17).

Мо дар бораи модар Соро бисёр мешунавем, вақте шунид, ки писардор мешавад, ӯ ханда кард, аммо Иброҳим ба ваъдаи Худо аввалин шуда ханда кард. Вай на фақат ханда кард, боз пешниҳоди алтернативӣ ҳам дошт:

> «Ва Иброҳим ба Худо гуфт: “Кошки Исмоил пеши Ту зиндагӣ кунад!”» (Ҳас. 17:18).

Чунин ба назар мерасад, ки Иброҳим Исмоилро ба нақша ворид карданӣ буд. Барои чӣ ин ғавғоро бо Соро оғоз кунам? Чӣ фарқ дорад, ки номаш нав бошад ё кӯҳна, ӯ пир аст ва шавҳараш низ пир аст. Ман мефаҳмам, ки чаро вай чунин сухан меронад. Аммо Худо тамоман нақшаҳои дигар дорад:

> «Худо гуфт: “Валекин занат Соро ба ту писаре хоҳад зоид, ва ӯро Исҳоқ ном хоҳӣ ниҳод; ва аҳди Худро бо ӯ барқарор хоҳам кард, то ки бо насли ӯ баъд аз ӯ аҳди ҷовидонӣ бошад”» (Ҳас. 17:19).

“Валекин занат Соро...” – бисёр суханони возеҳ. Худо гӯё фикрҳои ӯро хонда бошад. Танҳо тасаввур кунед! Худо Иброҳимро мешунавад ва Исмоилро баракат медиҳад, вале на дар доираи аҳди ҷовидонӣ.

Вақте ки ду нафар дар издивоҷ як тан мешаванд, аҳди Худо ба ҳардуяшон дахл дорад. Албатта, Иброҳим Исмоилро дӯст медошт, ӯ барои вай ҳар он чиро, ки Худо ваъда дода буд, мехост, ва дар ин ҳеҷ чизи ғайритабиӣ набуд. Аммо Исмоил писари каниз буд, ва ӯ бо ҳавасҳову ташвишҳои дунё побанд буд. Ваъдае, ки рақиб надорад, бояд ҳамчун як аломат ва мӯъҷизаи бесобиқа пайдо мешуд. Пиразани нозой бояд кӯдак таваллуд мекард.

> “Вале аҳди Худро бо Исҳоқ барқарор хоҳам кард, ки Соро ӯро соли дигар дар ҳамин вақт ба ту хоҳад зоид” (Ҳас. 17:21).

Дар бисёр маврид мо низ чунин рафтор мекунем? Худо ба мо мегӯяд, ки Ӯ чизи нав ва аҷиберо ба вуҷуд меоварад, ва мо аз беимонӣ меларзем. Ӯ мегӯяд, ки ҳаёти моро вусъат мебахшад, ва мо ба Вай мегӯем, ки дар ин бора хавотир нашавад... “Фақат он чиро, ки аллакай дорам, баракат бидеҳ”. Он чи ки мо дорем ва он коре, ки мекунем, кифоя нест. Худо мехоҳад, ки дар ҳаёти мо иштирок кунад. Вай аз насл ба насл фикр мекунад. Аҳд бояд ба воситаи Исҳоқи ҳанӯз таваллуднашуда баста шавад. Ба воситаи худи он касе, ки Иброҳим ба ӯ ханда кард... на он касе, ки ба ҳасби ҷисм ба дунё овард!

Маро одамияти Иброҳим хеле илҳом мебахшад. Дар он барои ҳамаи мо дарси ибрат вуҷуд дорад. Худованд аз рӯи марҳамати Худ ҳатто он чиро, ки мо бо қуввати худ месозем, баракат медиҳад, аммо аҳди ҷовидонии Ӯ берун аз ҳудуди қуввваи инсонӣ муқаррар шудааст.

## Номи нав = сарнавишти нав

Мувофиқи анъанаи яҳудӣ ном дорои потенсиал ва сарнавишти

инсон аст. Аз ин рӯ, тағйири ном қудрати тағйир додани табиати инсонро дорад. Масалан, мо махсусан барои писаронамон номҳо интихоб кардем, то хислати онҳо маънои номашонро инъикос кунад. Ман инро аз Худои Падари худ омӯхтаам, зеро ҳар боре, ки ман онҳоро ном мегирам, ман маънои ин номро дар ҳаёти онҳо эълон менамоям.

Худо аксар вақт номҳои одамонро дигар мекард, вақте ки онҳо ифода кардани табиати хешро бас мекарданд. Шоул, таъқибкунандаи машҳури калисо, Павлус шуд, моҳигир Шимъӯн номи Петрусро аз Исо гирифт, ки маънояш “сахра“ аст. Писари Исҳоқ Яъқуб Исроил шуд, ки маънояш “шоҳзодаи Худо” мебошад. Худои мо пайваста номи одамонро иваз карда меистад. Баъзан ман фикр мекунам, ки ин як барномаи муҳофизати шоҳидон аст, ки дар он ҳамаи мо бо номи Исо амал менамоем.

Вақте ки Худо бо Абром аҳд баст, Ӯ бо иваз намудани номи ӯ қобилиятҳои ӯро боло бардошт. Ман як дӯсти оличанобе дорам, Брайан Билечи, раввини масеҳӣ, ва ӯ ба ман мазмуни тағйир додани номро фаҳмонд. Барои он ки Абромро ба Иброҳим иваз намояд, Худо ба он ҳарфҳо аз номи Худаш илова намуд. Абром маънои “падари сарафроз”-ро дорад. Маънои муфассали номи Иброҳим бошад, “падари халқҳо” аст.

Номи нав дар оянда *кӣ* шудани Иброҳимро ифода менамуд. Он дар давоми ҳаёти худи падарбузург пурра иҷро нагардид. Аммо ба шарофати он ки Иброҳим бо ҳаёташ Худоро ҷалол дод, мероси ӯ беандоза афзун мешавад. Фаромӯш насозед, ки фардият бо тақдири шумо алоқамандии зич дорад. Раввин Брайан инчунин нишон дод, ки ваъдаи Худо танҳо пас аз он иҷро шуд, ки Худо номи Соро, зани Иброҳимро иваз кард. Сорай маънои “Яҳува шоҳзода аст”-ро дорад, номи нави вай Соро шуд, ки маънояш “шоҳдухтари Худо” аст. Худо аз номи Худаш Яҳува ҳарф ба номи ӯ илова кард.

Ин ивазшавии ном кӣ шудани Сороро мефаҳмонад. Номи нав

ӯро бо Худо сахт пайваст намуда, дар айни замон ба он ишора мекард, ки ҳамаи духтарони ӯ мувофиқи ваъда мақоми шоҳонаро ишғол менамоянд. Ба туфайли номи нав акнун дастони Соро не, балки дастони Худо сарнавишт офарид.

Вақте ки аз номи Соро асоси мардона (“Яҳува шоҳзода аст”) нопадид гашт ва асоси занона (“шоҳдухтари Худо”) пайдо шуд, маънояш нозуктар гардида, мақоме ба вуҷуд омад, ки қобили қабул гашт. Маънои номи Иброҳим низ пурмазмун шуд ва нафарони зиёдро дар бар гирифт, вале ба тухмии ваъда низ хоки мувофиқ лозим аст. Ҳаёти Соро хок шуд, ва батнаш аз ваъда эҳё гашт.

Вақте ки Соро номи нав гирифт, вай гӯё ба монанди хок шуд, ки барои сабзонидани ваъдаи ба Иброҳим ва Соро додашуда омода мебошад. Худо дар бораи Иброҳим гуфт, ки вай падари халқҳои бисёр хоҳад буд, ва Соро халқ хоҳад буд; подшоҳони халқҳо аз вай ба вуҷуд хоҳанд омад. Худо аслан ба ҳардуи онҳо тасаввурот ва рӯъёро илова кард.

Вақте ки одамон бо ҳамдигар ва ба Худои худашон бо эҳтиром муносибат менамоянд, Офаридгор ба офариниши чизҳои ғайриимкон оғоз мекунад. Батни баста аз ҳаёт лабрез мешавад ва қавӣ мегардад, то ки таваллуд кунад, никоҳе, ки аз он муҳаббат рафта буд, шифо меёбад, писарон ва духтарон аз девҳо озод мешаванд, кӯдакон аз мурдагон эҳё мешаванд. Умед аз нав тавлид мешавад, имон аланга мегирад, муҳаббат тантана менамояд, ва душман ақиб мегардад, чунки овози фиреб хомӯш мешавад.

Шумо низ, вақте ки аз олами боло таваллуд шудед, номи нав гирифтед, ҳатто агар шумо онро дарк накарда бошед ҳам. Номи шумо низ васеъ шудааст. Исо, насли ваъдашудаи Иброҳим, на фақат номи моро, бо илова кардани ҳарф аз номи Худаш, дигар кард. Вай тавассути истифодаи номи Ӯ ба мо дастрасии бемаҳдудият ба Падарро дод. Дар Инҷили Юҳанно (16:26, 27) навишта шудааст:

> “*Дар он рӯз ба исми Ман талаб хоҳед кард*, ва Ман ба шумо намегӯям, ки аз Падар барои шумо илтимос хоҳам кард: зеро ки Худи Падар шуморо дӯст медорад, чунки шумо Маро дӯст доштаед ва шумо имон овардаед, ки Ман аз ҷониби Худо омадаам”.

Исо бараҳна буд, Вай шармандагиҳои моро ба Худ гирифт, ҳангоме ки дар салиб ба ҷои мо овезон буд. Ӯ ихтиёран ҳаёти бегуноҳи Худро барои мо, гунаҳкорон ва хатокорон, дод, ва тариқи ин қурбонии пурарзиш моро комилан наҷот дод ва ба ҳар як нафари мо, ба ҳар як писар ва ба ҳар як духтар мувофиқи ваъда, ҷой дод.

## Шумо шӯхӣ мекунед!

Ҳикояи мо дар боби 18-уми китоби Ҳастӣ идома дорад, вақте ки Худо боз ба назди Иброҳим меояд. Иброҳим дар назди даромадгоҳи хаймаи худ нишастааст, ки он ҷо соя аст ва баъзан шамоли салқин мевазад. Ӯ чашмонашро бардошта мебинад, ки дар рӯ ба рӯяш, дар назди булутзори Мамре, се нафар истодаанд. Аксарияти олимон розӣ мешаванд, ки ин мардҳо фариштагон буданд. Иброҳим ба сӯи онҳо давид, ба онҳо таъзим намуда, илтимос кард, ки бо ӯ бимонанд.

> «“Эй оғои ман! Агар дар назари Ту илтифот ёфта бошам, аз пеши назари бандаи Худ нагузар. Андак об биёваранд, то ки пойҳои худро шуста, зери дарахт фароғат кунед. Ва луқмаи ноне биёварам, то ки дилҳои худро қувват диҳед; ва пас аз он равона шавед; зеро ки барои ҳамин шумо пеши бандаи худ гузар кардаед”. Гуфтанд: “Он чи гуфтӣ, бикун”» (Ҳас. 18:3-5).

Ба ман маъқул аст, ки ӯ ин мусофиронро бозмедорад ва бошарафона онҳоро қабул менамояд. Иброҳим, албатта, кам ваъда медиҳад ва бисёртар кор мекунад. Вай ба назди Соро

давида омада, мефармояд, ки аз орди беҳтарин нон пазад. Баъд назди рамаи худ меравад ва аз ҳама гӯсолаи фарбеҳро интихоб мекунад, ва онро назди хизматгор меорад, то ки забҳ кунад ва тайёр кунад. Иброҳим ба меҳмонон равған, шир ва гӯшт дод. Ӯ барои меҳмонон зиёфат ороста, саховатмандона меҳмондорӣ намуд, на ин ки танҳо як газак пешниҳод кард.

Меҳмонон ҳангоми хӯрокхӯрӣ ба ӯ савол доданд:

> «Ва ба ӯ гуфтанд: *“Зани ту, Соро куҷост?”* Гуфт: “Инак, дар хайма аст”. Ва гуфт: “Соли оянда дар ҳамин вақт ҳатман назди ту хоҳам баргашт, ва занат Сороро писаре хоҳад шуд”. Ва Соро *ба дари хайма, ки дар ақиби ӯ буд, шунид»* (Ҳас. 18:9, 10).

Вақте ки ман ин тасвирро хондам, ман ногаҳон гӯё ки ба хаймае, ки он ҷо Соро буд, гузаштам. Ман аз тарқиш, аз паси китфи ӯ нигоҳ мекардам. Иброҳим бо меҳмонон дар сояи салқини дарахтон нишастааст. Садои овози онҳоро шамоли хушки биёбон, ки либосҳояшонро алвонҷ медод, баргу катони хаймаи воҳаро хичиррос мекунонд, ба осонӣ ба гӯш мерасонд.

Соро, ки дар дохил буд, сӯҳбати онҳоро мешунавад, аммо иштирок намекунад, чунки вай бо онҳо нест. Соро наҷунбида, оромона истодааст, вале Навиштаҷот фикрҳои ӯро ба мо ошкор менамояд:

> «Ва Иброҳим ва Соро пир ва солхӯрда буданд; ва одати занон аз Соро қатъ шуда буд. Ва Соро дарунакӣ хандида, гуфт: “Оё баъд аз фарсудагиям маро ҳузуру ҳаловате хоҳад буд? Ва оғоям низ пир шудааст...”» ( Ҳас. 18:11, 12).

Ин ҷо аксуламали Иброҳим хеле назаррас аст, ки маро ба ҳайрат меорад... оё ин нахустин бор аст, ки Соро ин ваъдаро мешунавад, ки ӯ писардор мешавад? Гӯё вай ба ҳайрат афтода буд. Баъзан ваъда моро ба иҷрои он маҳз ҳамон вақт хеле наздик мекунад, ки махсусан имконнопазир намояд.

Каме пештар дар китоби Ҳастӣ (17:21) навишта шудааст:

“тақрибан соли дигар дар ҳамин вақт”. Вақте ки ваъда такрор мешавад, ки Соро онро мешунавад, он гоҳ гуфта мешавад, ки “дар ҳамин вақт [дар соли оянда]”. Аён аст, ҷадвал тағйир ёфтааст. Хеле мушкил аст, то аниқ гуфта тавонем, ки аз сӯҳбати Иброҳим бо Худо ва зуҳури ин фариштагон чӣ қадар вақт гузашт, вале бешубҳа бисёр не. Аниқтараш, аз як моҳ зиёд нагузаштааст. Худованд чунин қарор дод, ки Соро мебоист ин сӯҳбатро шунавад.

> «Ва Худованд ба Иброҳим гуфт: “Барои чӣ Соро хандида, гуфт: “Наход ки ҳақиқатан зоида тавонам, дар сурате ки ман пир шудаам?” Магар барои Худованд чизи мушкиле ҳаст? Дар сари ваъда, соли оянда дар ҳамин вақт назди ту хоҳам баргашт, ва Сороро писаре хоҳад шуд”. Аммо Соро мункир шуда, гуфт: “Нахандидаам”. Чунки тарсид. Вале Ӯ гуфт: “Не, хандидӣ”» (Ҳас. 18:13–15).

Соро на фақат хандид... вай дурӯғ гуфт! Вай тарсид, зеро ин хандаи нобоварона буд, ки “шумо шӯхӣ мекунед”... бештар ханда буд.

## Зани ту, Соро куҷост?

Оятҳои қаблӣ ва баъдина маро ба он фикр водор менамоянд, ки чӣ қадар он ҷо боз ногуфтаҳо мондаанд. Ман чандин ҷойҳоро интихоб намудаам, ки мехоҳам истода гузарам. Баъзеи онҳо аз назари ман дур мондаанд.

Пеш аз ҳама, мехоҳам таваҷҷӯҳро ба саволи “Соро куҷост?” ҷалб намоям. Чаро вай дар хайма пинҳон шудааст? Чаро ӯ дар паҳлӯи шавҳараш нишаста, дар сӯҳбат иштирок намекунад?

Ман мефаҳмам, ки шумо анҷоми ин ҳикояро медонед, вале дар хотир доштан муҳим аст, ки Соро инро намедонист. Синну соли худро ба ҳисоб гирифта, вай метавонист ҳис кунад, ки достони ӯ ба охир омада, ғуруб фаро расидааст. Вай ҳис карда метавонист, ки шавҳараш бевафо аст, ва таҳқири ӯ нисбати Ҳоҷар ҳолаташро боз ҳам вазнинтар мегардонд.

Вай дардеро, ки дошт, ҳис намекард, ва иштибоҳҳои такрор ба такрори ӯ дар миёни алам, ноумедӣ ва ваъзиятҳои душвор дар ҷони ранҷури ӯ осори амиқ гузоштанд. Барои ҳомиладор шудан фаросат лозим нест. Зан метавонад дар синни хеле ҷавонӣ ва аз беэҳтиётӣ ҳомиладор шавад. Аммо Соро бояд модари Исҳоқ ва қавми Исроил мегашт, бинобар ин вай бояд омода мешуд.

Дар муддати сездаҳ сол вай мушоҳида менамуд, ки чӣ хел писарбача бо номи Исмоил ба воя мерасад. Ӯ умеди калон дошт, ки писари Ҳоҷарро чун писари худаш тарбия мекунад, аммо Исмоил худро писари вай ҳис намекард. Иброҳим қаноатманд буд, вале Соро талхком гашт. Чунин менамуд, ки ҳама кор барои Соро нобарорӣ овардааст. Аммо инчунин аз ҳама фоҷиаовар он буд, ки ҳам Соро ва ҳам Иброҳим гӯё фаромӯш карданд, ки вай кӣ буд.

Маро ин савол хеле ҳайрон мекунад: “Зани ту, Соро куҷост?”

Агар ба хонаи мо меҳмонҳо омада, маро ҷустуҷӯ кунанд, онҳо аз Ҷон намепурсанд: “Зани ту, Лиза куҷост? “Тавзеҳ ин ҷо зиёдатӣ аст, ин дар ҳоле мувофиқ аст, ки дар хона боз як зани дигаре бо номи Лиза бошад. Масалан, агар яке аз писарони ман бо духтаре бо номи Лиза издивоҷ мекард, он вақт аниқ кардан лозим меомад: “Ман Лиза, зани туро дидан омадам, на келинат Лизаро”.

Ҳар касе ки моро мешиносад, танҳо мепурсад: “Лиза куҷост?” Агар меҳмонон соҳибхоназанро нашиносанд ва бо ӯ сӯҳбат кардан хоҳанд, онҳо аз Ҷон пурсон мешаванд: “Зани ту куҷост?”

Барои ман сир аст, ки меҳмонон ҳам Иброҳим ва ҳам Сороро мешинохтанд, ва дар айни замон дар бораи вай пурсиданд, ва ном ва мавқеи вайро нисбат ба Иброҳим гуфтанд.

Оё ин тавр шуданаш мумкин набуд, ки ин меҳмонон-фариштагон мехостанд ба Иброҳим гӯянд: “Эй Иброҳим, мо ба ин ҷо омадем, то ба ту хотиррасон намоем, ки Соро зани ту аст. Мо медонем, ки дар ин давра ҳаёти оилавии шумо дигар хел ба назар мерасад, ва ту аз Ҳоҷар фарзанд дорӣ, вале Соро то ҳол зани ту аст”. Он гоҳ метавон онро шарҳ дод, ки чаро Соро бодиққат ба сӯҳбати онҳо *гӯш медод,* ки дар он бояд худаш *иштирок*

*мекард.* Меҳмонон дар ҳаёти кӯчманчиёнаи вай хеле кам буданд. Иброҳим вақте ки се марди дар назди дарахти булут истодаро дар даромадгоҳи хайма дид, аз ҷояш ҷаста бархост. Ҳикояҳои Китоби Муқаддасро хонда истода, мо андеша мекунем, ки хӯрок дар дақиқаҳои башумор тайёр шуд, аммо дар асл барои омодакунии ин таоми болаззат шояд ки соатҳо рафт.

Чаро шахс ногаҳон сӯҳбатро дар бораи ваъдаҳои Худо гӯш мекунад, ҳангоме ки ӯ дар он метавонад бевосита иштирок кунад? Шояд меҳмон ба ақиб нигаристу гуфт: “Ман падари имонро мебинам, вале модар куҷост?”

Ин мисли он ки гӯё ногаҳон ба таври мӯъҷизавӣ ба хонаи мо фариштагон омаданд, ва Ҷон онҳоро ба зиёфат даъват намуд, ва ба ӯ лозим омад, ки маро барои ба меҳмонхона даромадан маҷбур созад. Ба ростӣ иқрор мешавам, ки дар хонаи мо ин кор ҳаргиз рӯй намедод. Меҳмонони Ҷон меҳмони мананд ва меҳмонони ман меҳмони ӯ. Аммо ба хотири контексти худ фарз мекунем, ки бо ягон сабабе ман дар ҳуҷра нестам, ва ногаҳон ман мешунавам, ки меҳмонон дар бораи ман мепурсанд. Дар ин ҳолат ман фавран ба назди онҳо мерафтам!

Ман ягон асос надорам, фикр кунам, ки аз Соро хоҳиш карданд, то ки равад ё, зиёда аз ин, Иброҳим бо ӯ муносибаташро қатъ карда буд. Ман беихтиёр дар бораи он фикр мекунам, ки вай худаш ба онҳо ҳамроҳ шудан нахост. Мушкилӣ дар он аст, ки вақте одамон бо ноумедӣ хеле аз наздик рӯ ба рӯ мешаванд, онҳо кӣ буданашонро фаромӯш мекунанд. Умед дард меоварад. Аз ин рӯ, онҳо пинҳон мешаванд, ханда мекунанд, ва баъд дурӯғ мегӯянд.

Бо кадом сабабе, ки набошад, ки Соро аз хайма набаромада, сӯҳбати мардонро гӯш намуд, Худо буд, ки вайро ба таърих баргардонд. Ман боварӣ дорам, ҳамааш аз ёдрас кардан ба Иброҳим ва Соро сар шуд, ки вай то ҳол зани ӯ мебошад. Ин эълон бояд рақиби ӯ Ҳоҷарро барканор мекард ва ба ҳамаи ҳозирин хотиррасон менамуд, ки вай кист. Соро малика буд.

## Барои чӣ аз Иброҳим пурсиданд?

Дар ин ҳикоя боз як лаҳзаи аҷибе ҳаст – Соро хандид, аммо саволро ба Иброҳим доданд.

> «Ва Худованд ба Иброҳим гуфт: “Барои чӣ Соро хандида, гуфт: “Наход ки ҳақиқатан зоида тавонам, дар сурате ки ман пир шудаам?”» (Ҳас. 18:13).

Барои чӣ аз Иброҳим пурсиданд, ки Соро чӣ кор кард? Дар бораи ин порча мулоҳиза карда, дар ҳақиқат ҳис мекунам, ки он сӯҳбатеро, ки дар боби ҳабдаҳуми китоби Ҳастӣ оварда шудааст, ба Соро нарасонидаанд. Шояд Иброҳим ҳанӯз дар бораи он чи ки Худо гуфт, андеша мекард. Шояд ӯ ба Соро гуфтан намехост. Ҳолатҳое мешаванд, ки ману Ҷон фаромӯш мекунем, ки якдигарро аз маълумоте хабардор созем. Ё шояд онҳо сӯҳбат намуданд ва ин ваъдаро фаромӯш карданд. Аммо як чиз аён аст: ваъда дар бораи писар, ки аз он ҷумла ба Соро дода шудааст ва бояд ба воситаи ӯ иҷро шавад, ҳанӯз дар ҳаёти вай амалӣ нагаштааст. Фиристодагон аз Иброҳим пурсиданд:

> “Магар барои Худованд чизи мушкиле ҳаст? Дар сари ваъда, соли оянда дар ҳамин вақт назди ту хоҳам баргашт, ва Сороро писаре хоҳад шуд” (Ҳас. 18:14).

Пас аз як сол Соро бояд соҳиби писар шавад. Барои ман хеле хандаовар аст, ки Соро дурӯғ гуфт, вақте ки хандиданашро инкор кард, охир вайро ҳатто напурсиданд, балки ба Иброҳим савол доданд. Ва хусусан маро он чиз тасаллӣ медиҳад, ки Падари мо, Худои аҳди ҷовидонӣ, хандаи ботинии ӯро шунид, зеро ин танҳо маро ба он мӯътақид месозад, ки Ӯ гиряи хомӯшонаи дилро мешунавад.

Аздусар байни хандидан ба ягон фикр ва ханда кардан аз хурсандӣ фарқи калон вуҷуд дорад.

Зиндагии Соро аз ханда холӣ буд. Таваллуди Исҳоқ ҳама

чизро тағйир медиҳад. Як замоне Иброҳим ва Соро роҳи худро якҷоя оғоз намуда буданд, ва онҳо ваъдаро иҷро хоҳанд намуд, вақте ки боз якҷоя ханда карданро меомӯзанд. Ваъдаҳо талаб мекунанд, ки шавҳарону занон, хоҳарону бародарон, занҳо ва мардҳо сӯҳбат кунанд. Муддати дурудароз занҳо пинҳон буданд. Худо мехоҳад, шумо бидонед, ки Ӯ ҳангоми сӯҳбат иштироки шуморо мехоҳад. Худо ба хоҳиш ва умқи Соро ниёз дошт, то ки қавми аҳди Худро биофарад. Дар Нома ба Ғалотиён мехонем: «Зеро ки навишта шудааст: “Иброҳим ду писар дошт, яке аз каниз ва дигаре аз зани озод. Лекин он ки аз каниз буд, ба ҳасби ҷисм таваллуд ёфтааст, ва он ки аз зани озод буд, – ба ҳасби ваъда”» (Ғал. 4:22, 23).

**Худо ба хоҳиш ва умқи Соро ниёз дошт, то ки қавми аҳди Худро биофарад.**

## Сороро кӣ ҳимоя мекунад?

Пеш аз он ки Соро Исҳоқро дар оғӯшаш алла гӯяд, боз як сӯҳбате буд, ки вай дар он иштирок кардан нахост. Барои ман муаммои мутлақ аст, ки ин дафъа Соро як калима сухан нагуфт ва дурӯғ гуфт, аммо Худи Худо дахолат кард.

> «Ва Иброҳим дар ҳаққи зани худ Соро гуфт: “Ӯ хоҳари ман аст”. Ва Абималик подшоҳи Ҷарор одам фиристода, Сороро гирифт. Ва Худо пеши Абималик дар хоби шаб омада, ба ӯ гуфт: “Инак, ту мемирӣ аз боиси ин зан, ки гирифтаӣ; зеро ки вай зани шавҳардор аст”» (Ҳас. 20:2, 3).

Ман шодам, ки Худо аз номи вай сухан гуфт, зеро, аён аст, ки хомӯшӣ ҳардуро ба ташвиш наовард. Онҳо дар бораи чӣ фикр мекарданд? Худо чизи *наве* меофарид, вале онҳо то ҳол бо якдигар *чун пештара* муносибат доштанд. Ба онҳо лозим набуд, ки худро чун хоҳару бародар муаррифӣ кунанд, бахусус ин дафъа.

Онҳо аллакай номҳои нав гирифта буданд, ва Соро ба зудӣ бояд ба Исҳоқ ҳомила мешуд.

Соро, аён аст, ки зани дар зебоӣ бемисл буд... Аммо, охир, вай навадсола буд! Шояд ки вай худро бениҳоят хуб нигоҳ доштааст, ё ки Худо ҷавонии ӯро вобаста ба тайёрӣ ба таваллуди Исҳоқ тамоман нав кардааст. Дар ҳар сурат, Иброҳим медонист, ки Соро бояд дар давоми як сол ҳомиладор шавад ва кӯдак таваллуд кунад, бояд занашро аз даъвоҳои подшоҳ Абималик муҳофизат мекард. Вагарна чӣ тавр ӯ боварӣ дошта метавонист, ки вай маҳз фарзанди ӯро таваллуд мекунад? Бисёр вақт мо фикр мекунем, ки хомӯшӣ ин итоат аст, дар ҳоле ки ин хел нест... ин дурӯғ аст. Итоат маънои донистани онро дорад, ки чӣ бояд гуфт ва кай бояд гуфт. Дар ин вазъият бояд чунин итоаткориро нишон додан лозим буд.

Аз сабаби синну солашон Иброҳим ва Соро шояд аллакай бо ҳамдигар чун бародару хоҳар зиндагӣ мекарданд, вале он рӯзҳо гузаштанд. Агар муносибати онҳо баъд аз он ки Худо номҳояшонро дигар кард, тағйир наёфта бошад, пас он бешубҳа бояд баъди ташрифи фариштагон тағйир меёфт. Номҳои навшудаи Соро ва Иброҳим бояд ба муносибатҳои маҳрамонаи навшуда табдил дода мешуд. Онҳо ҳарду медонистанд, ки вай дар давоми камтар аз як сол барои фарзандашон ҳомиладор мешавад. Соро ба ин нимҳақиқат розӣ шуд, аммо биёед бифаҳмем, ки онҳо чӣ фикр доштанд?

> «Ва Абималик Иброҳимро хонда, ба ӯ гуфт: “Чӣ кор аст, ки ба мо кардӣ? Ба ту чӣ гуноҳ кардам, ки бар ман ва бар мамлакати ман гуноҳи азиме овардӣ? Корҳои накарданӣ ба ман кардӣ”» (Ҳас. 20:9).

Пас аз он ки Иброҳим сабаби нофаҳмои фиреби худро ба шоҳ Абималик шарҳ дод, шоҳ Абималик ба ҳар ҳол ӯро баракат дод ва таклиф намуд, ки дар замини вай маскун шаванд. Иброҳим дар ҳаққи шоҳ дуо кард, ва Худо батни тамоми занонро дар хонадони ӯ кушод. Аҷиб аст, ки Иброҳим дар бораи он чизе дуо кард, ки худаш

ба қарибӣ бояд дар ҳаёташ медид. Худованд Сороро муҳофизат намуд, ҳатто вақте ки шавҳараш бехатарии худро аз манфиатҳои вай болотар гузошт. Худо ба подшоҳ дар хобаш муроҷиат кард, то Сороро муҳофизат намояд, зеро вай барои Ӯ ганҷи қиматбаҳо буд. Ва мо ҳам метавонем ба Худо таваккал кунем, ки ба мо бехатариро ато менамояд ва ваъдаҳои ба ҳаёти мо додаашро ба амал меорад, вақте ки хешовандон ва наздикони мо, ҳатто шавҳаронамон, моро ноумед мекунанд.

## Зани озод ё каниз

Дар Номаи якуми Петрус (3:6) навишта шудааст: “Шумо ҳоло духтарони ҳақиқии ӯ ҳастед, агар дуруст рафтор кунед ва аз ҳеҷ чизе ба даҳшат наафтед [ба тарси воҳиманок роҳ надиҳед ва нагузоред, ки нооромӣ шуморо азоб диҳад]” (тарҷ. муосир). Соро писар таваллуд кард, вай духтар надошт, аммо Навиштаҷот мегӯяд, ки мо акнун духтарони ҳақиқии ӯ ҳастем. Мо духтарони ваъда, духтарони зани озод ҳастем, агар нагузорем, ки тарс амалҳои моро идора кунад ва ҳаяҷон ҷасорати моро бидуздад.

Соро зани озод буд, ки Худоро ва шавҳарашро қадр ва ҳурмат мекард. Ҳоҷар, аз дигар тараф, канизе буд, ки хотуни худ Сороро бад медид. Писари Ҳоҷар Исмоил ба модари худ тақлид карда, Исҳоқро масхара мекард. Соро фаҳмид, ки робитаҳои вобастаро аз оила ҷудо кардан лозим аст. Мо низ бояд ҳамин тавр амал намоем. Дар Нома ба Ғалотиён (4:30) навишта шудааст: “Каниз ва писари ӯро пеш кун, зеро писари каниз бо писари зани озод мерос нахоҳад гирифт”.

Писари каниз ҳиссаи мероси худро нагирифт. Ӯ падар ва оилаеро, ки дошта буд, аз даст дод. Зани озод ва каниз як шавҳар доштанд. Ҳар ду писар таваллуд карданд. Лекин ҳар яке бо Иброҳим муносибатҳои гуногун доштанд. Ҳоҷар ҷисмро бо бандҳои ғуломии худ нишон медиҳад. Соро таҷассуми озодӣ ва ваъда мебошад. Ин аст, ки ин ду намуди муносибатҳо дар Аҳди Ҷадид дар тарҷумаи “The Message” тавсиф шудааст:

> “Дар хотир доред, ки Иброҳим ду писар дошт: яке аз каниз ва дигаре аз зани озод. Писар аз каниз дар натиҷаи зино таваллуд ёфт; писар аз зани озод тибқи ваъдаи Худо ба дунё омад. Чунин аст моҳияти масъалае, ки ҳоло муҳим ба шумор меравад. Таваллуди ду писар ду намуди муносибат бо Худоро нишон медиҳад. Яке рамзи кӯҳи Сино дар Арабистон. Он ба он чизе, ки ҳоло дар Ерусалим ба вуқӯъ омада истодааст, мувофиқ меояд, ҳаёт дар ғуломӣ фарзандони ғуломро ба дунё меорад. Чунин аст роҳи Ҳоҷар. Ба ӯ Ерусалими озоди нонамоён муқобил гузошта шудааст, модари мо, – чунин аст роҳи Соро” (Ғал. 4:22-26).

Ба ман иборai “чунин аст роҳи Соро” хеле писанд аст. Зане, ки ба таври ғайриоддӣ то синни пирӣ бениҳоят зебо буд, қосиди зебоии бефано дар Масеҳ гашт. Мо дар натиҷаи ваъда ба дунё омадаем.

Падари имон Иброҳим ва маликаи ӯ Соро намунаи Масеҳ ва арӯси Ӯ, Калисо, мебошанд. Мо даъват шудаем, ки худро дар вобастагӣ ва итоати Исои Масеҳ гузорем. Ӯ сари мост ва ҳама имондорон бояд ба салтанат, қудрат ва роҳбарии Ӯ итоат намоянд. Аммо мо барои тарсидан ягон сабабе надорем. Ӯ шавҳари мо ва офаридгори мост. Ӯ моро бо муҳаббати Худ сохтааст.

## Пинҳон шуданро бас кунед!

Агар Худо хоҳишеро дар ботини шумо ҷой дода бошад, ба шумо қудрат медиҳад, ки онро бардоред ва таваллуд кунед. Вақте ки Худо ба ҳаёти шумо бо ваъдаи Худ меояд, ин қудрат ба шумо нозил мешавад. Шояд саҳифаҳои ин китоб ба меҳмонони Соро монанд бошанд. Шояд ин калимаҳо омаданд, то ба шумо хотиррасон кунанд, ки шумо кистед.

Ҳеҷ чиз ба мо таъсир карда наметавонад, чуноне ки Худо бо мо бевосита гап мезанад. Шумо бояд аз ҷоятон канда шуда, барои сӯҳбате, ки тақдири ояндаи шуморо муайян менамояд, ба назди

Ӯ бидавед. Ҷаҳон ба он чизе ниёз дорад, ки шумо онро дар ҳаёти худ доред. Ҳоло барои занҳо вақти пинҳон шудан нест. Вақти он расидааст, ки танҳо бо баробари зикри номи худ бидавед ва фарёд бизанед: “Ман ин ҷо! Ман гӯш кардан мехоҳам!”

Агар шумо хоҳед, ки зиндагии бемислу монанд ва беҳамто дошта бошед, пинҳон шуданро бас карда, дар сӯҳбат иштирок кунед.

Дар як сол метавонад бисёр чизҳо рӯй диҳад. Он сол барои Соро монанди дигар солҳо набуд. Ин тааҷҷубовар нест, зеро он бо ташрифҳои Худо қайд карда шудааст.

Оё шумо мефаҳмед, ки имсол барои шумо низ чунин шуда метавонад? Имсол метавонад дар сояҳо, бо писханд ва дурӯғ, оғоз шавад, аммо метавонад бо ваъда дар дил ба итмом расад.

Шумо мегӯед: “Як дақиқа сабр кунед, ман дурӯғ намегӯям”.

Не, дурӯғ мегӯед, агар шумо яке аз ин ибораҳоро гӯед:

“Хеле дер шудааст”.

“Ман хеле ҷавон ҳастам”.

“Ман хеле пир шудаам”.

“Ман мувофиқ нестам”.

“Ман хатогиҳои хеле зиёд кардаам”.

“Бо ман бе ин ҳам ҳамааш хуб аст”.

“Ба ман орзу лозим нест”.

Дурӯғ нагӯед ва нагӯед, ки бештар намехоҳед. Дигар аз орзу кардан даст накашед, вагарна дари дилатон пӯшида мешавад, аввал ханда меояд, ва баъд дурӯғ. Дари дилатонро фарох кушоед ва тамоми мӯъҷизаҳоеро, ки ба шумо пешкаш менамоянд, қабул кунед. Ба ҷои он ки ба даъват ба ҳаёти аҷиб, илоҳӣ ва пур аз мӯъҷизаҳо лабханд занем, биёед ба ҳама чизҳои бесобиқае, ки ба мо ато шудааст, хандем ва ҳайрон шавем! Охир, мо мисли Золушка ҳастем, ва ҷаҳоне, ки дар он зиндагӣ дорем, ба хоҳарони ӯгайи бадкирдор монанд аст. Боз чӣ қадар назди товораи шикаста

нишаста, гиря мекунем, ҳангоме ки шоҳзода назди дар истодааст? Шумо ҳама чизро доред, ки барои зиндагии хостаи Ӯ лозим аст. Барои чӣ шумо ба дигар одамон ва ба даъватҳо аз гузашта иҷозат медиҳед, ки ба ҷои шумо қарор қабул намоянд?

Шумо аз чӣ пинҳон мешавед?

Ҳоло ба кадом орзу лабханд мезанед? Умеди шумо чист? Шумо он хандаи асабонии дар гулӯятон банд мондаро медонед, вақте кӯшиши пинҳон намудани он ҷойро мекунед, ки, агар онро пахш кунанд, дард мекунад? Гӯш кунед! Шумо ҳам ҳама чиз ҳастед, ва ҳам чизе нестед! Ба шарофати Масеҳ ин ваъда ба шумо низ тааллуқ дорад!

Шояд дигар ҳаёти шумо ашки гулӯгиркунанда набошад. Дард рафта, танҳо хомӯшӣ боқӣ мондааст. Оё ин он ҷоест, ки аз ламси Худо ба чашмонатон ашк меояд? Дар ҷаҳон одамони тиҳиқалб аз ҳад зиёд ҳастанд, барои ҳамин онҳо ханда мекунанд, то ки умедро бо лабханд фурӯ нишонанд.

Шояд ин аз он сабаб бошад, ки мо то андозае ба падари худ Иброҳим монанд мебошем, вақте фикр мекунем, ки барои Худо кори хеле мушкиле ҳаст? Наход ки барои Ӯ ҳаёти шуморо пурмазмун кардан душвор бошад?

Наход барои Вай хеле дер шуда бошад, ки ҷаҳони шуморо аз муҳаббат пур кунад? Ба фикратон, чӣ коре барои Ӯ хеле душвор аст, ки барои шумо бикунад?

> «Вале ҳамин ки замони таъинкардаи Худои Падар даррасид, Ӯ Писари Худро фиристод, ки аз зан дар байни мо таваллуд ёфта, зери дасти шариат буд, то ки фидияи озодии моро диҳад, ки шариат рабуда буд. Ҳамин тавр, мо озод шудаем, то ки мероси ба таври ҳаққонӣ ба мо додашударо соҳиб шавем. Акнун шумо метавонед боварӣ ҳосил кунед, ки шумо аз ҷониби Худо ҳамчун фарзандони Худаш комилан пазируфта шудаед, зеро Худо Рӯҳи Писари Худро ба дили мо фиристод, Рӯҳеро, ки нидо мекунад: “Падарҷон! Падар!” Магар имтиёзи муоширати маҳрамона бо Худо туро бовар намекунонад, ки

> ту дигар ғулом нестӣ, балки фарзанд ҳастӣ? Ва агар фарзанд бошӣ, пас ворис низ ҳастӣ, ки ба мерос ҳуқуқи комил дорад» (Ғал. 4:4–7, “The Message”).

Як вақтҳо шумо, ворисонро рабуда буданд, вале баъд фидия доданд. Зиндагӣ намудан дар пуррагии ҳамаи он чизҳое, ки Масеҳ бо марги Худ дар салиб барои мо харидааст – ин кори пурҷалол ва шуҷоатмандона аст. Шумо ҳама чизеро, ки бароятон тааллуқ дорад, хоҳед ёфт, вақте ки Каломи Ӯро ба мисли як мактуби шахсӣ ба худатон мехонед, на балки чун китоби таърихӣ. Ва баъд овози худро барои мустаҳкам кардани Каломи Ӯ дар дилатон истифода баред. Новобаста аз он ки чӣ гуна менамояд ва чӣ гуна ба назар мерасад, шумо вуҷуд доред ва ҳамаи он чизеро, ки Каломи Худо нисбати шумо мегӯяд, соҳиб ҳастед. Имрӯз ва худи ҳозир Худо ба шумо номи нав медиҳад, Ӯ ваъдаҳои Худро иҷро менамояд, ва мавқеи шуморо ҳамчун фарзандаш тасдиқ мекунад. Тақдири Худо барои ҳаёти шумо ва суханони Ӯ дар бораи шумо бо ҳолати ҳозираи шумо маҳдуд нестанд. Ваъдаи Ӯ барои шумо бо чизе муқоиса намешавад. Аз он пинҳон нашавед.

Қабул намоед.

## Саволҳо барои мулоҳиза

1. Оё медонед, ки Худо шуморо даъват намудаст, ки ба табиати илоҳии Писари Ӯ худи *ҳозир* ба воситаи ваъдаҳо дар Масеҳ шарик шавед?
2. Оё дар ҳаёти шумо ягон соҳа ё муносибате ҳаст, ки он шуморо ба ташвиш меандозад, ки дар назди Худо бояд қатъ карда шавад ё рад карда шавад, то ки Вай тавонад ваъдаҳои Худашро дар ҳаёти шумо ба амал оварад?
3. Оё шумо пинҳон мешавед? Агар ҳа, пас аз чӣ?
4. Оё шумо сӯҳбатҳоеро, ки Худо дар он ба иштироки бевоситаи шумо ниёз дорад, гӯш мекунед? Чаро?

5. Дар кадом мавридҳо хомӯшӣ ин итоаткорӣ нест?
6. Оё чунин ваъдае ҳаст, ки Худо ба шумо додааст, аммо шумо ба он лабханд мезанед, ва баъд дурӯғ мегӯед?
7. Кадом иқдомро шумо ба кор мебаред, то ки одати гӯш кардан ва ҷосусӣ карданро тағйир дода, фаъолона ва бо иштиёқ амал намуданро оғоз кунед?

# MessengerX

***Барномаи шумо барои шогирдсозии ҳаррӯза***

## Комилан ройгон!

Ба дастгоҳи мобилии худ зеркашӣ карда, ба истифода бурдан шурӯъ кунед!
Ё аз веб-версия дар сайти зер истифода баред:

MessengerX.com




**125 + забонҳо, ва ҳанӯз бо ин маҳдуд намешавад**

- Маводҳоро дар зиёда аз 125 забонҳо тамошо ва зеркашӣ кунед.
- Маводҳоро бо дӯстон мубодила кунед ё гурӯҳи таълимӣ шурӯъ намоед.
- Маводҳои нав пайваста илова карда мешаванд.

## Тамошо кунед. Хонед. Шунавед.

Китобхонаи васеи манбаъҳоро, ки аз китобҳои электронӣ, китобҳои аудиоӣ, филмҳои кӯтоҳметраж иборат мебошад, ба ғайр аз он чизҳое, ки тамошо карда, хонда ва шунида метавонед, омӯзед.






## Рушд дар самтҳои муҳимтарин

Мавзӯъҳоеро аз қабили оила, муносибатҳои солим, ҳадафи шумо дар зиндагӣ, озодӣ аз порнография, мустаҳкам кардани имони шумо, шунидани овози Худо, роҳбарӣ дар соҳибкорӣ ва чизҳои дигарро биомӯзед!

## Роҳ ба сӯи рушди шумо

**MessengerX** мақсад дорад, ки ба шумо барои гузоштани қадами оянда кӯмак кунад. Мо роҳҳои шогирдсозӣ ва асбобҳои тавоноеро таҳия кардаем, ки ба шумо барои равона шудан дар ин роҳ кӯмак мекунанд.




## Функсияҳои аҷоибе, ки ба шумо писанд хоҳанд омад!

- Воситаҳои содда ва осоне, ки барои мубодила ва ҳатто шурӯъ кардани гурӯҳҳои таълимӣ ба шумо ёрӣ медиҳанд.
- Chromecast ва Air Play барои тамошо дар телевизорҳои интеллектуалии шумо.
- Пешрафти худро дар тамоми дастгоҳҳои худ захира кунед. Маводҳои писандидаатонро барои зуд дастрас кардан дар китобхонаатон захира кунед.
- Маводҳоро барои бо тариқи офлайн дидан зеркашӣ кунед.
- Ҷустуҷӯи интеллектуалӣ ва филтр барои ёфтани маҳз он чизе, ки ҷустуҷӯ мекунед.
- Ба таври автоматикӣ бобҳои мураттаби аудиокитобҳо, аудиои Китоби Муқаддас ва ҳатто сурудҳои парастиширо дар забони худатон бишнавед!

# **MessengerX** - Осон ҳамчун 1-2-3!




**1** Барномаи **MessengerX**-ро аз App Store ва Google Play зеркашӣ кунед.

**2** Аккаунт тартиб диҳед ва барномаеро, ки бо забони шумост, истифода баред.

**3** Манбаъҳои ба шумо писандро тамошо кунед, хонед, бинед, шунавед ва зеркашӣ кунед ва онҳоро бо дигарон мубодила кунед.

## Шогирд шавед, шогирдсозӣ кунед

Шумо, ҳамчун ҳамкори **MessengerX** , ба мо дар расонидани маъхазҳои тарҷумашуда ба одамони тамоми ҷаҳон кӯмак хоҳед кард.

***Зеро ҳама сазовори донистан ҳастанд!***

**MessengerX.com**

Зеркашӣ дар App Store

Инро гиред Google Play

</> Дар ҳама браузерҳо дастрас аст

4

# Зинҳор муқоиса накунед!

“Муқоиса – дузди шодӣ”.

ТЕОДОР РУЗВЕЛТ

*Ин боб, эҳтимол, бояд бо огоҳӣ навишта мешуд!*

Он чизе, ки шумо ҳоло мехондед, тоза ва нав аст. Ин ҳақиқати ғамангез ва дар айни замон ҳодисаи ногувор ва ноҳинҷорест, ки бо ман рӯй дод. Ман умедворам, ки ҳеҷ кадоме аз мо ягон вақт ба чунин ҳолати тирааҷлии мувақкатӣ дучор нашудааст, ки ман аз сар гузаронидам ва ҳоло дар бораи он ба шумо нақл мекунам. Аммо агар чунин ҳолат бо шумо рӯй дода бошад... шумо танҳо нестед. Инак.

Рӯзи хеле муқаррарӣ оғоз шуд. Ман ба ошхона рафтам, халатро аз болои пижамаи бӯмазӣ ба бар карда, онро маҳкам бастам, то ки боз як субҳи хунуки моҳи январро дар Колорадо пешвоз гирам. Ҷон як соат пештар аз хоб хеста буд, ва дар утоқи кориаш оромона китоб мехонд. Ман дар ошхона дар атрофи мошини қаҳваам

мегаштам ва бо қирраи чашм дидам, ки ду сояи писаронам ба сӯи дар равон шуданд, то аз паси корҳои худ шаванд. Остин ба кор мерафт, Алекс бошад ба мактаб. Вақте дари баромад пӯшида шуд, ман ба диван нишастам, то ки аз пиёлаи дуюми омехтаи аҷоиби қаҳваи эспрессо, ки аз қаймоқи латзада, резаҳои какаои табиӣ, дорчин, шакари коркарднашуда ва каме мурч иборат аст, лаззат барам. (Ман иқрор мешавам, дар ҳақиқат хеле мехоҳам ҳамаи дӯстонамро бо як финҷон аз ин нӯшокӣ меҳмондорӣ кунам!)

Офтоби зимистон навакак бар болои ҳавлии мо мебаромад. Ман бароҳат дар диван, лӯнда шуда, нишастам, то ки нурҳои сурхчатоби офтобро назорра кунам, ки абрҳои кабуди торикро пароканда мекарданд. Имрӯз барои ба сафар баромадан шитоб кардан лозим набуд. Пеш аз вохӯрии барвақти саҳарӣ саросема ба душ давидан лозим намеомад. Ман метавонистам рӯзи худро бо тарзи дӯстдоштаи худ – оҳиста оғоз намоям. Ман нафаси чуқур кашида, шишаи мавҷ-мавҷи финҷонро бо дастонам дошта, аз гармие, ки маро аз дарун пур мекард, лаззат мебурдам, ва ҳис намудам, ки чи хел ба майнаи сарам хун ҷорӣ мешавад. Дар атроф хомӯшии том ҳукмфармо буд.

Маҳз барои ҳамин ман бояд Китоби Муқаддасро ва китобро бо дуоҳо ва калом барои ҳар рӯз, ки ман онро он вақт мехондам, ба даст мегирифтам, ё ақаллан дар бораи некии Худо нисбати худам мулоҳиза мекардам.

Пеш аз ба даст гирифтани телефон, ман бояд фикр мекардам, ки чӣ муҳимтар аст. Ба ман бовар кунед... акнун ман медонам. Ин яке аз камбудиҳои ман аст, аммо шараф низ ҳаст. Барои ман шабакаҳои иҷтимоӣ – ин имконияти муошират бо дӯстон. Нашрҳои онҳоро варақ задан барои ман, мисли нӯшидани қаҳва бо наздикон аст. Ҳеҷ бадие дар хоҳиши муошират кардан нест, вақте ки барои он замон ва макони мувофиқ бошад. Он лаҳза комилан барои ин кор мувофиқ набуд. Ман яке аз онҳое ҳастам, ки пеш аз он ки бо одамон вохӯрад, аввал бо финҷони қаҳва, сипас бо Рӯҳулқудс вохӯрӣ менамояд.

## Рӯйхат

Дар шабакаи Твиттер наворро тамошо карда истода, ман чизеро мушоҳида кардам, ки ба бисёре аз дӯстонам умумият дошт. Одамоне, ки ман онҳоро медонам, дӯст медорам ва ҳатто нисбаташон ғамхорӣ ҳис мекунам, ба ким-кадом зан изҳори миннатдорӣ мекарданд, ки онҳоро ба рӯйхат гузоштааст. На танҳо рӯйхати оддӣ, балки РӮЙХАТ. Ин рейтинге буд, ки худи ман ҳам ба он шомил шудан мехостам.

Дар ҳамин ҷо хеле муҳим аст, ки шуморо бо рафти кор шинос намоям.

Ин рейтинг ҳар сол нав карда мешавад ва нашр меёбад. Дар давоми чанд даҳсолаҳои охир ба мураттаб намудани он ташкилотҳои гуногун ва шахсони ҷудогона машғул ҳастанд.

Ин дафъа онро ҳатто на ташкилот, балки як нафар тартиб дода буд. Муаллифи он зан буд... Ман дар бораи вай шунида будам, вале шахсан ӯро намешинохтам. Аз сабаби он ки мо шинос набудем, хоҳиши ба рӯйхати вай дохил шудани ман сусттар намешуд.

Ман ҳамаи номҳоро аз назар гузаронидам. Азбаски онҳо бо тартиби алифбо номбар шуда буданд, ва насаби ман бошад, бо ҳарфи Б оғоз мешавад, ман дарҳол фаҳмидам, ки боз ба рейтинг дохил нашудаам.

Насаби ман ягон бор дар он пайдо нашуда буд. Аммо ин дафъа номҳои тамоми наздикони ман он ҷо навишта шуда буданд. Шогирдони ман он ҷо буданд. Тарҷумони китоби ман ба забони испанӣ дар он ҷо буд.

Шумо, эҳтимол, дар ҳайрат ҳастед... ки ин чӣ хел рӯйхат аст ва чаро барои ман ин қадар муҳим мебошад? Ин рейтинги сад нафар занон-хизматгузорони беҳтарин дар Амрико аст.

Дилам тезтар ба таппиш даромад. Ба сарам саволҳо ва муқоисаҳои беҳуда омаданд. Чаро ман дар ин рӯйхат нестам?

Шояд аз он сабаб бошад, ки ман дар сомона бисёр нашр намекунам?

Майнаи сари ман сахт фикр мекард...

Зиёда аз як миллион китобҳои ман фурӯхта шудаанд, ман ба саросари ҷаҳон сафар мекунам ва тӯли зиёда аз ду даҳсола ба занон хизмат менамоям – магар ҳамин барои сазовори ҷой шудан дар рейтинг кофӣ нест?

Ман дӯсти хуб ҳастам. Дар мавриди он, ки ман зиёда аз сӣ сол боз оиладор ҳастам, чор писарро ба воя расонидаам ва оилае барпо кардаам, ки дар он ҳама дар ҳақиқат бо ҳам буданро дӯст медоранд, чӣ гуфтан мумкин аст?

Поёнтар ман сархати кӯтоҳтареро хондам. Зане, ки рӯйхатро тартиб дода буд, иқрор шуд, ки шояд на ҳамаи занҳо ба ин рӯйхат шомил гаштаанд, албатта заноне ҳастанд, ки барои дар ин рӯйхат будан сазовор мебошанд, вале бо кадом сабабе бошад, ки онҳо он ҷо нестанд. Барои ислоҳи ин вазъият вай барои номҳои дигар ҷой монда буд.

Ман то охир дида баромадам.

Оё дуруст мешавад, агар номи худамро илова кунам?

Оё ман ҷиддӣ мегӯям? Албатта, дуруст аст!

Шояд аз ёрдамчии худ хоҳиш намоям, ки ин корро кунад. Вақте ман фаҳмидам, ки чун навраси мактабхон то ба беақлӣ расида истодаам, ман ба ҷустуҷӯи шавҳарам баромадам.

Ман дар гирдоби пижама вориди утоқи кории ӯ шудам ва фарёд задам: “Ҷон, ман боз дар рӯйхат нестам!”

Азизи ман нишаста, Китоби Муқаддас мехонд, вай аз паси айнаки хонишаш бо каме парешонӣ ба ман нигоҳ кард. Ӯ дар дар бораи ин рейтинг хабар надошт. Ман тамоми санъати суханварӣ ва имову ишораи худро истифода бурда, ба шарҳ додани моҳияти масъала шурӯъ намудам. Ӯ намеҷунбид. Ман ба вай нақл кардам, ки дар ин рӯйхат киҳо буданд ва чи хел ба ман аламовар аст, ки номи ман дар он набуд. Вай ҳанӯз дар мизи худ менишаст ва қаламеро, ки барои хат кашидани оятҳо дар Китоби Муқаддас буд, як сӯ гузошта, абрӯвонашро боло кард. Вақте ки ман баромадамро тамом кардам, вай оромона аз ман хоҳиш намуд, ки якчанд

оятҳоро аз Навиштаҷот такрор кунам.

Ман чунин ҷавобро интизор набудам! Ман мехостам, ки ӯ бигӯяд: “Лиза, ман афсӯс мехӯрам. Ман розӣ ҳастам, ки хатои даҳшатнок рух додааст, телефони маро биёр. Ман ҳамаашроислоҳ мекунам ва номи туро ба рӯйхат дохил менамоям”. Аммо вай ин тавр нагуфт.

Ман дар ҷавоб ба ӯ гуфтам: “Ман ин оятҳоро намехонам – ман онҳоро аз ёд медонам! Ҳозир барои ман аз ту ин чиз лозим нест! Магар ту намефаҳмӣ? Ман аллакай аз панҷоҳ гузаштаам, ҳамин тавр ман ҳеҷ гоҳ ба ин рейтинг шомил шуда наметавонам!”

Ҷон пурсид: “Онро кӣ тартиб додааст?” Номашро гуфтам... Ин ба вай чизеро маълум накард.

“Ту ин занро мешиносӣ?”

Ман сарамро ҷумбонидам. Вай чашмонашро оҳиста сӯи Китоби Муқаддаси худ кард ва аз нав ба ман оятҳои тавсиядодаашро такрор намуда, барои таъсири бештар ба онҳо боз як ояти дигар илова намуд.

Ман аз шавҳарам ҳамдардӣ наёфтам. Ман аз утоқи ӯ фарёдкунон давида баромадам: “Ба ман хондани ин оятҳо лозим нест, то бифаҳмам, ки ман хато мекунам! Ман медонам, ки ман хато мекунам! Вале аз ин барои ман осонтар нест!”

Ба ман лозим буд, ки бо зан сӯҳбат кунам. Барои он ки шавҳарам боз сабаби хафагии маро нашунавад, хунукии дараҷаи аз сифр поёнро ҳис карда истода, ман ба айвон танҳо бо пижама баромадам. Ҳадди ақал, пеш аз пахш намудани тугмаи занг, ман фикр намудам, ки бояд ба касе занг занам, ки ҳақиқатро гӯяд, на ин ки танҳо ҳамдардӣ кунад. Қиссаи худамро бо суханони “Медонам, ки ман хато мекунам...” оғоз намудам, ва баъд тамоми воқеаро дар бораи рӯйхат нақл кардам.

“Ман дар он ҳастам?” – пурсид ӯ. “Албатта! Ба ғайр аз ман, ҳама он ҷо!” “Оё касе дар ин бора дар ташвиш аст?” – маро тасаллӣ доданӣ шуд дугонаам.

“Аён аст, ки маро ба ташвиш меорад, туро не, чунки ту дар рӯйхат ҳастӣ, – ҷавоб додам ман. Баъд ростқавлона илова намудам: – Ман намехоҳам, ки ин тавр бошад, аммо коре карда наметавонам. Медонам, ки хато мекунам, ба ман танҳо лозим аст, ки бо касе инро нақл кунам. Ҷон аллакай ба ман хондани чанд оятро аз Китоби Муқаддас пешниҳод намуд...”

Хомӯшӣ.

Оё бо шумо боре ин ҳолат рух дода буд, ки шумо гӯё худатонро аз як тараф мушоҳида доред ва фикр мекунед, ки ин зани девона кист?

Ман дар чунин ҳолат будам. Ҳар як сухани ман назар аз пештарааш хандаовартар менамуд. Ба ман лозим буд, ки гуфтугӯи телефониро зудтар қатъ намоям, ки аллакай аз оғоз кардани он пушаймон будам. Ман зуд ба дугонаам гуфтам: “Ман фақат хостам ба ту диламро холӣ кунам. Ман дигар хел фикр кардан мехоҳам. Ман бояд дигар хел фикр кунам!”

Вай комилан бо ман розӣ шуд (ки ман ҳақ набудам), ва мо хайрухуш кардем.

Ман медонистам, ки чӣ дуруст аст. Шавҳарам медонист, ки чӣ дуруст аст. Дугонаам медонист, ки чӣ дуруст аст. Вале ҳамоно ман худамро бад ҳис мекардам.

Акнун ман аз шартҳои интихоби одамон ба ин рейтинг ба хашм омада, аз он зане, ки ба ин кор машғул буд, хафа шудам. Кӣ чунин кор мекунад? Вақте ки ман бори дигар ба ин рӯйхат назар намудам, пайхас кардам, ки дар он боз номи занҳои зиёде нест, ки ӯ ба он шомил накарда буд... Шояд ман худам ин рӯйхатро тартиб диҳам. Ман метавонам номи ҳамаи онҳоро нависам! Билохира, ман дар Твиттер ва Фейсбук назар ба ин хонум пайравони зиёдтар дорам. Рейтинги ман аз ин чӣ камӣ дошта метавонад? Ман фикр кардам, шояд... даҳ сония. Не, ман ин корро намекунам!

Ҳар қадар кӯшиш кунам ҳам, ҳар қадар ҳаракат карда, ҳама номзадҳои арзандаро ба ёд оварам ҳам, ба ҳар ҳол метавонистам касеро фаромӯш кунам. Наход ки ман дар ҳаёти онҳо чунин моҷароро ба миён овардан мехоҳам, ки худам ҳалли онро мехоҳам?

(Агар ман фикр карданро сар намекардам, ки тасодуфан метавонам касеро фаромӯш кунам, ки ба он рӯйхат нависам, пас тамоми фикри ман ҳамин хел бемаъно мебуд, ба монанди ноумедие, ки ман дар давоми ним соати охир мубориза мебурдам.)

Ман телефонро гузоштам, чашмонамро пӯшидам, чуқур нафас кашидам ва тамоми ин вазъиятро раҳо кардам. Вақте ки ман ба ором шудан сар кардам, ман овози Руҳӯлқудсро шунидам, ки оҳиста ба ман гуфт: "Лиза, ту оиди ин рӯйхат айнан чунин хафа мешудӣ, агар номи ту дар он рӯйхат мебуд? Ту онро ноаниқ ва нотамом меномидӣ, агар дар он номи ту навишта мешуд?"

Лаҳзаи ҳақиқат. Не ман намеранҷидам, ба ин зане, ки ношинос аст, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ миннатдорӣ баён менамудам, ва, эҳтимол, дар Твиттер ин навигариро нашр мекардам, то диққати дигаронро ба он ҷалб созам.

Ман ҳайрон мондам.

Бале. Ман зан, модар ва модаркалон ҳастам ва новобаста аз ин, вақте ман дар бораи шахсияти ҳақиқии худ фаромӯш мекунам, ман аз сари нав қурбонии муқоиса мегардам. Рейтинг барои ман он тӯҳфае шуд, ки барои муайян намудани мушкилӣ кӯмак намуд.

Вақте ки мо аз дигарон тасдиқ меҷӯем, мо ҳамеша худро чунин ҳис хоҳем кард, ки гӯё аз берун истода дарунро тамошо мекунем. Рости гап, дар рӯи замин одаме нест, ки шуморо ба арзишманд буданатон бовар кунонида тавонад. (Бубахшед, вале ҳатто агар шавҳаратон комилан хуб мебуд ҳам, вай ба ҳар ҳол ин корро карда наметавонист.) На ягон дастовард, на ягон рӯйхат, на ягон мукофот бо боварӣ он суханонеро навишта наметавонанд, ки танҳо Худо метавонад дар дили шумо бинависад:

*Дӯстдошта, зебо, бебаҳо, дар камолот машҳур... аз они Ман.*

## Дузди шодӣ

Аз берун ҳама чиз чи хел ба назар метобад, муҳим нест, Худо Худаш медонад, ки дили занро чӣ ба изтироб меандозад, танҳо Худо медонад, ки чи хел дилҳои ба туғён омадаи занҳои пижама пӯшидаро ором намояд, ки ором кардани дилҳои худро фаромӯш месозанд, пеш аз он ки муқоисакунӣ омада, осоиштагиашонро бидуздад. Ман шуморо бовар кунонида метавонам, ки ҳар он чизеро, ки шумо аз рақобат мекунед, қуввати шуморо медуздад. Теодор Рузвелт хеле дақиқ ишора кардааст: "Муқоиса – дузди шодӣ".

Он саҳар ман аниқ дуздиро пай бурдам. Ман фикр мекардам, ки аз чунин рафтор болотар меистам. Ман дар ҳақиқат тӯли солҳо чунин таркиш надоштам! Аммо он субҳ беэътиноӣ ба рӯҳ дар якҷоягӣ бо менопауза омехтаи сӯзишворӣ эҷод карданд. Ин аз он сабаб ба амал омад, ки шояд дар ботини ман чашмаҳо баста шуда, гӯё боғи дили маро алафҳои бегона зер карданд ва он нигоҳубин металабад. Чунин менамуд, ки ман гӯё токзори худро ба ихтиёраш гузоштаам, дар ҳоле ки он хишоваи босифатро талаб мекард.

**Ҳар он чизеро, ки шумо аз рақобат мекунед, қуввати шуморо медуздад.**

Муқоиса шуморо саргарм намуда, ба худаш ҷалб менамояд. Агар иҷозат диҳед, он шуморо ҳамеша аз ҳақиқат дур мебарад. Муқоиса шуморо аз дарун дам карда, ба чанги маккоронаи ғурур меандозад ва ё ба воситаи азобҳои нобоварӣ ба қаър мекашад. Ҳам дар ин ва ҳам дар он ҳолат шумо зуд эҳсос хоҳед кард, ки тартибот вайрон шудааст, ва аз берун истода, ба дарун нигоҳ мекунед.

Ман дӯст намедорам, вақте ки одамонро дидаю дониста аз доираи худ берун мекунанд. Аммо ҳолатҳое мешаванд, ки барои он ки ба дохил назар андозем, зарур мешавад, ки худро дар берун ҳис кунем. Вай ҷавон, боақл ва зебо аст. Муҳим нест, ки ман бо

вай розӣ ҳастам ё не, ман аз он хеле миннатдорам, ки ин рӯйхат ботини маро ошкор кард.

Ман зуд ба дугонаи пуртоқатам паём фиристодам, ки шояд ба боақл будани ман ба шубҳа намудан сар карда буд. Сипас боз ба утоқи корӣ даромадам, то шавҳари муқаддасамро ба оғӯш гирам. Пас аз он ман бо кафшҳои худ шап-шапкунон ба хонаи хоб даромадам, дарро бастам ва зону задам. Қисме аз дуои ман чунин буд:

*Падари Осмонӣ!*
*Ташаккур ба Ту барои он ки ба ман камбудиҳоямро нишон медиҳӣ.*
*Маро бубахш. Решаи ин алафи бегонаро нишон деҳ.*
*Ба номи Исо, омин.*

Рӯз давом мекард, ва ман аллакай ба соати беақлии худ нигоҳ карда, ба беҳудагии он ханда мекардам. Дертар худи ҳамон рӯз ман бо ёрдамчии худ вохӯрдам. Почтаҳоро аз назар гузаронида истода, ҳодисаи хеле ғайриоддиро ошкор намудем. Аз афти кор, маро дар қатори дигар занон ба яке аз чорабиниҳои охирин, ки ба ҳавасмандгардонии занҳо бахшида шуда буд, ба ҳайси меҳмони фахрӣ интихоб намуда буданд.

Чун нишони эҳтиром нисбат ба мо аз сабаби он ҷо набуданамон онҳо дувоздаҳ лӯхтаки пластикии ба мо монанд сохта буданд. Лӯхтаки маро ба Ҷон бо умеди он фиристоданд, ки дар офиси вай ҷойи худро сазовор мешавад. Ман лӯхтакро дар дастонам алвонҷ дода, сахт хандидам, чунки дар он ҷинси сафедро дидам, ки ман ҳеҷ гоҳ онро ба бар карда, ба саҳна намебароям. Ман онро як сӯ гузоштам. Баъд овози пичирросии шиносро шунидам: “Туро ба лӯхтак табдил додаанд. Ту хушбахт ҳастӣ?”

Ман ба тарафи ин тасвири пластикӣ сарамро ҷумбонидам, ки ҷинси сафед ба бар карда буд ва дар дасташ баландгӯяк дошт. Лӯхтак низ ба мисли рӯйхат қалбакӣ буд. Ман боз ханда кардам. Ман хостам онро партоям, аммо шавҳарам онро аз ман мусодира

карда, хотиррасон намуд, ки онро ба вай фиристодаанд, на ба ман. Ман гумон дорам, ки ӯ онро барои он нигоҳ дошт, то ки дарояндаи наздики ман рӯзҳои дигари бемаъноро пешгирӣ намояд.

## Се амале, ки шумо набояд иҷро кунед

Кадом ҷойҳои Навиштаҷотро Ҷон ба ман барои дубора хондан тавсия дод, ки ман онҳоро бе ин ҳам аз ёд медонистам? Дар аввал, Номаи дуюм ба Қӯринтиён (10:12):

> "Зеро мо ҷуръат намекунем *худро дар як сатҳ монем* (дар тарҷумаи англисии Китоби Муқаддас *тасниф кунем – Эзоҳи тарҷ.)* ё бо онҳое *муқоиса намоем,* ки *худситоӣ мекунанд:* дар бехирадии худ онҳо худро аз рӯи меъёрҳои худ андоза мекунанд ва худро бо худ муқоиса менамоянд" (тарҷ. муосир).

Аз ман ёд гиред! Зинҳор тасниф, муқоиса ва худситоӣ накунед. *Чаро?* Ин як амали мағрурона аст, ҳатто агар муқоиса ба фоидаи шумо набошад ҳам. Мо ҳама медонем, ки ғурур пеш аз шикаст меояд.

Агар шумо ин манъкуниро вайрон кунед, пас худро дар ҷое хоҳед ёфт, ки ҳам хавфнок, ва ҳам то андозае даҳшатнок хоҳад буд.

*Вақте ки мо тасниф мекунем, чӣ мешавад*

Оқилон худашон тасниф намекунанд ва намехоҳанд, ки онҳоро гурӯҳбандӣ намоянд. Тасниф ба ягон синф ҷудо намекунад. Тасниф кардан маънои ба ҷои худ гузоштан ё ба ягон категория таъин карданро дорад. Синонимҳои ин калима – ба навъҳо ҷудо кардан, ба гурӯҳҳо тақсим намудан, муқоиса кардан, нишона овехтан, ба каталог дохил кардан ва шояд аз ҳама чизи ногувор, ин тамға гузоштан. Луғати тафсирии англисии Мерриам-Уэбстер ба ифодаи *нишона овехтан* чунин таъриф медиҳад – "ба категорияи паст шомил кардан, ки, одатан, тамоми мураккабӣ ва гуногунҷанбагии ашёро дар бар намегирад".

**Зинҳор тасниф накунед, муқоиса нанамоед ва худситоӣ накунед**

Ҳаёт категорияҳои пастро дар назар надорад. Дар беҳтарин ҳолат он метавонад хеле печида бошад. Ҳақиқат дар он аст, ки ҳаёти одам нисбат аз он чизе, ки мо мебинем, хеле мураккабтар аст. Ба фикри кадом одами солимақл меояд, ки ба монанди ягон ҳайвон ба худаш нишона овезад? Шабакаҳои иҷтимоӣ – аз имкониятҳои зиёд, ки ба тарзи фаъол дар замони ҳозира истифода мешаванд, чизи дигаре нест, ки қобилияти моро маҳдуд кардан дорад ва таассубро меафзояд.

Дар замони мо хуб мебуд, ки мунтазам аз худ бипурсем: “Ман чӣ сохтан мехоҳам? Оё ман мехоҳам, ки маро ба навъ ҷудо кунанд, тамға зананд ва дар баробари дигарон ғайбат кунанд?” Ман медонам, ки рӯйхате, ки ба чашми ман афтод, кӯшиши қайд кардани стандарт буд... ба он занҳои муайян ворид шуданд! Рӯйхатро барои қайд кардани он чизе тартиб дода буданд, ки на ҳамеша қайд мекунанд... занон дар хидматгузорӣ!

Вале вақте ки мо интизори дохил шудан ба ин ё он категория ҳастем, шояд чунин шавад, ки мо бо дасту пойҳои баста бимонем. Як пирамарди оқил чанд сол пеш шавҳари маро огоҳӣ дода, гуфта буд: “Ба одамон иҷозат надеҳ, ки ба ту тамға зананд. Агар онҳо ин корро карда тавонанд, пас онҳо дар ту тамғаро то он даме хоҳанд дид, ки рӯзе он туро шикаст надиҳад”.

Ман бояд бигӯям, ки аксари одамон ба навъҳо ҷудо намешаванд. Онҳое, ки нисбаташон дағалона муносибат кардаанд ва аз доираи муошират хориҷ намудаанд, хеле шод мешаванд агар шуморо ба категорияи “камтар аз” дохил кунанд.

*Вақте ки мо муқоиса мекунем, чӣ мешавад*

Далерон ҷуръат намекунанд, ки муқоиса намоянд, ҳатто вақте ки ин кор онҳоро ба қуллаҳои баланд мебардорад. Онҳо дарк мекунанд, ки қадамҳои зиёд бардоштан дар пеш аст. Онҳо ба абадият нигоҳ карда, фаҳмиданд, ки ягон чизи заминӣ ба

он баробар шуда наметавонад. Нигоҳ ба шарафмандӣ аз ҳама қавитар онҳоро ба худ банд мекунад. Муқоиса – ин паноҳгоҳ барои тарсончакон, барои онҳое, ки ҷуръат надоранд бовар кунанд, ки чизи аз ин зиёдтаре ҳаст.

Номи он кӯҳе, ки мо мебароем чист? Маъруфият? Аз нигоҳи абадият ин кӯҳи партов аст. Агар ба Навиштаҷот наздиктар шавем ва аз Павлуси расул иқтибос кунем, ин тӯдаи ахлоти сагон мебошад (ниг. Филип. 3:8), ки ҳеҷ кас ба он наздик намешавад, одатан ё аз канори он мегузаранд ё онро зер мекунанд. Мушкилӣ дар он аст, ки аксарияти мо аз болои ахлоти сагон роҳ рафта, аз паси худ осори бадбӯӣ мегузорем. Мо ба ин бӯй одат кардаем, вале аз ин он форамтар намешавад.

Биёед бихонем, ки Павлус дар Нома ба Филиппиён чӣ менависад:

> “Аммо ҳамаи он ифтихорномаҳоеро, ки одамон дар даст албонҷ медиҳанд, ки гӯё ин чизи махсус аст, ман онро канда, ба ахлот мепартоям, ба мисли он чизҳои боқимондае, ки ман пештар бартарият ҳисоб мекардам. Барои чӣ ман ин корро мекунам? Ба хотири Масеҳ. Бале, ҳама чизе, ки як вақтҳо ман муҳим мешуморидам, акнун аз ҳаётам рафтааст. Дар муқоиса бо дарки бебаҳои Худованди ман Исои Масеҳ, ҳама он чизе, ки сазовори ба даст овардан менамуд, бароям арзиши худро гум кардааст – ахлот аст. Ман ба хотири Масеҳро ба даст овардан, ҳама чизро ба ахлот партофтам, то ки бо Ӯ бошам” (Филип. 3:7-9, “The Message”).

Имконияти шинохтани Худованд Исо – имтиёзи бебаҳои мо. Вақте ки ман телефонро ба даст гирифтам, ба ҷои он ки Ӯро хубтар донам, ман машғулияти на он қадар муҳимро интихоб намудам.

Худоро шинохтан беҳтар аз он аст, ки мардум туро бишносанд.

*Вақте ки мо худситоӣ мекунем, чӣ мешавад*

Оиди худситоӣ карданамон-чӣ? Чӣ бадӣ дорад, агар мо ягон-

ягон баъзе комёбиҳои худро қайд намоем. Бале, замоне ҳаст, ки пешравӣ боиси ҷашн гирифтан ва шодӣ кардан мешавад. Аммо масъалаи тамоман дигар аст, вақте ки мо ба он чизе, ки бароямон тӯҳфа кардаанд, ҳамчун дастоварди шахсӣ муносибат менамоем. Меваҳо пухта мерасанд ва тӯҳфаҳоро ҳамту мегиранд, бинобар ин мо ба ҳар ҳол идоракунандагони атоҳои Худо мемонем, ки ба мо бовар карда шудааст.

Баъзе одамон ба таври ҳайратангез зебо мебошанд. Дигарон дар оилаҳои сердаромад таваллуд мешаванд ва тамоми неъматҳои зиндагиро доранд. Кам чунин мешавад, ки ҳам зебо ва ҳам сарватманд ба дунё оянд. Онҳое ҳастанд, ки дар шароити комилан муқобил таваллуд шудаанд. Онҳо дар қашшоқии тамом зиндагӣ мекунанд ва дар оилае тарбия меёбанд, ки аз ҳама гуна алоқаҳо маҳрум мебошанд. Одамоне ҳастанд, ки аз зебоии зоҳирӣ маҳруманд. Аксарияти мо дар мавқеи миёна қарор дорем. Бо вуҷуди ин, ҳеҷ яке аз ин шартҳо қудрат надорад, ки қисмати ниҳоии сарнавиштамонро нависад ва ё ба арзиши мо таъсире расонад. Худо ба зебоии зоҳирӣ нигоҳ намекунад, Ӯ ба дил менигарад. Боигарии як насл метавонад бол кушояд, ва насли ояндаро бе ҳеҷ чиз гузорад.

Ба назари ман ин беадолатист, аммо як чизро аниқ медонам: Худо одил аст. Вай медонад, ки чи хел душворӣ ва бартарии ҳар як ҷонро дар кафи дасташ баркашад. Танҳо Ӯ андозаи одилона дорад. Ин боз як сабаби асоснокест, ки барои чӣ мо набояд худро бо дигарон муқоиса намоем. Зеро ҳамаи он чизе, ки дар ин ҷо, дар ин ҷаҳони муваққатӣ, метавон баркашид, тарафи муқобили хеле воқеӣ дорад, ки дар абадият таҷассум меёбад.

Бо муқоиса намудан, мо ба кӯчаи сарбастае медароем, ва хатари эҷоди тасвиреро дорем, ки ба ҷои он ки Худоро ҷалол диҳад, одамро боло мегузорад. Бо чунин бозиҳо машғул шуда, мо рақибони нодаркор эҷод мекунем. Биёед риштаи суханро давом дода, қисми дуюми ояти Китоби Муқаддасро аз Номаи дуюм ба Қӯринтиён (10:12) мекушоем:

> “Онҳое ки худро бо худ андоза мекунанд ва худро бо худ муқоиса менамоянд, хирад надоранд”.

Шумо аллакай медонед, ки ман ба ин дом афтода будам. Ман мехостам фикр кунам, ки мо ҳамаамон ба он афтодаем. Мо андоза ва муқоиса менамоем. Одамоне ҳастанд, ки мағрурона худро бо дигарон муқоиса мекунанд, ва боз онҳое ҳастанд, ки аблаҳона ба муқоиса иҷозат медиҳанд, то он чизеро, ки Худо дар ҳаёти онҳо кардан мехоҳад, паст занад.

Мағрурӣ як канори матоъро ба ларза меорад, номуайянӣ ба тарафи дигараш мезанад. Ҳарду шадид хатарнок ҳастанд. Танҳо як андозаи ҳақиқӣ вуҷуд дорад, Масеҳи бемисл, Подшоҳи подшоҳони тадҳиншуда. Танҳо Ӯ муқаддас, пок ва тавоност. Мо, мисли мӯрча, дар гирди мӯрчахонаи худ хазида мегардем, ва соддалавҳона бовар мекунем, ки мӯрчахӯр аз наздик шудан ба мо метарсад, дар ҳоле ки мӯрчахӯр аз шер меларзад, ки дар сояи ӯ будан ба мо муяссар шудааст. Фарқ надорад, ки то кадом андоза мо меҳнатдӯст ва шоистаи қабул ҳастем, мо ба он Касе ки моро аз нав офаридаст, ҳатто мувофиқати наздик надорем.

Боз як ояти дигаре аз Навиштаҷот, ки ман метавонам бихонам:

> “Шумо чӣ тавр метавонед имон оваред, дар сурате ки ҷалол аз якдигар металабед, лекин ҷалолеро, ки аз Худои ягона аст, толиб нестед?” (Юҳан. 5:44).

Чаро мо бояд вақтро барои он сарф кунем, ки таърифи рақибонамонро ҷустуҷӯ намоем, модоме ки моро ба ҳузури Худои бемислу монанд даъват намудаанд?

Вақте ки ман ба дигарон иҷозат медиҳам, ки ҳаёти маро муайян кунанд, ман робитаамро бо Падари Осмонӣ гум мекунам. Ба зудӣ нигоҳи ман ба ҷаҳон аз он чизе, ки мебинам ва дар бораи худам аз одамон мешунавам, ба таҳриф шудан сар мекунад, ва ман гуфтаҳои Худоро оиди кӣ шуданам фаромӯш мекунам. Баъзе вақтҳо ҳайрон мемонам, ки рафтори беақлона ва тасаввуроти маҳдуди ман

оқибатҳое ба амал меоваранд, ки ҳатто гумон намекардам.

Умедворам, ки шумо ба он субҳи ноҳинҷор ханда мекунед ва тамоми кӯшишҳои муқоисаро аз решааш бурида мепартоед. Агар ин як маротиба не, балки рӯз аз рӯз рӯй медод, мо худамонро тамоман афгор мекардем. Дар ҳаёти ман муқоисаҳо пайваста рӯй намедиҳанд, зеро дар паҳлӯи ман чунин одамоне, ба мисли шавҳарам ва дугонаи содиқам, ҳастанд, ки беақлиро аз ман зада меронанд.

## Газидан ва фурӯ бурдан

Шабакаҳои иҷтимоӣ ба мо имкон медиҳанд, ки одамони зиёд ва овозҳои зиёдеро ба ҷаҳони худ даъват кунем. Ин метавонад хуб бошад, аммо метавонад бисёр одамони дағалро ҳамсояи мо гардонад. Агар шумо онҳоро дӯст дошта натавонед, шояд бароятон беҳтар бошад, ки сарҳад гузоред. Агар касе бо шумо номеҳрубонӣ мекунад, бо ҳамон тарз ҷавоб надиҳед, сатрро болотар бардоред. Ҳаёти пурфайз ба мо ҳуқуқ намедиҳад, ки нисбати якдигар дағалона рафтор кунем. Дар ҳеҷ куҷо навишта нашудааст: “Наздики худатро бо худат муқоиса намо ва кӯшиш намуда, ҳама имкониятҳоро истифода бар, то аз вай пеш гузарӣ”.

Павлус навиштааст: «Зеро тамоми шариат аз як калима иборат аст, чунончи: “Ёратро мисли худат дӯст бидор”. Аммо агар шумо якдигарро газида, мехӯрда бошед, эҳтиёт шавед, ки мабодо аз дасти якдигар несту нобуд гардед» (Ғал. 5:14, 15). Тасвири ногувор. Ҷисми якдигарро газида, канда хӯрдан, чун ҳайвонҳои бераҳми ваҳшӣ, то он даме ки якдигарро фурӯ баранд, – ин ҳолат набояд дар байни масеҳиён бошад. Бо вуҷуди ин, блогҳои мо ва посуххҳои пуртазоди мо тавассути дастгоҳҳои электронӣ маҳз чунин ба назар мерасанд. Шояд дар телефон ва вебсайтҳо корҳои ҷисм намоён набошад, аммо дар фазои рӯҳонӣ он бешубҳа хунолуд менамояд. То пайдо шудани дастгоҳҳои электронӣ дастрасӣ ба одамон он қадар осон набуд. Акнун шумо метавонед дар як мижжа задан газида хӯред. Бадбахтона, ман шахсан инро медонам, чунки худам ҳамин корро мекардам.

Дар он ҳолатҳое, ки ман наъра мезанам ва мегазам, он паҳлӯҳое кушода мешаванд, ки аз болояшон ҳанӯз кор кардан лозим аст. Агар касе маро захм занад, кӯшиши муҳофизат намудани ҷароҳатамро карда, мағлубият нишон медиҳам. Ман хомӯш кардани телефон ва аз он, чун аз яроқи ба паррондан омода, дур рафтанро ёд гирифтам. Аксар вақт чунин мешавад, ки одамон дар ҳолати бад ҳастанд, ба онҳо имкони гуфтан диҳед.

Байни дигаронро рӯҳбаланд намудан ва ҳасадро бедор намудан фарқияти калон вуҷуд дорад. Ҳамон тавре ки байни даъват кардани дигарон ба доираи худ ва мақсаднок аз он берун рондани онҳо фарқияти калон вуҷуд дорад. Агар шумо дар шабакаҳои иҷтимоӣ касеро пайравӣ кунед, ва он шахс дар шумо чизҳои бадро пайдо намояд, ба ҷои ӯро айбдор намудан, шояд ақибнишинӣ намуда, аз худ бипурсем: "Чаро?"

Рақобат шуморо ғорат мекунад, агар шумо он чизеро, ки душман шуморо нобуд кардан мехоҳад, ба чизе табдил надиҳед, ки Худо метавонад барои некӣ истифода барад. Ояти дигар аз Китоби Муқаддас муҳитеро нишон медиҳад, ки ҳангоми зиёд будани рақобат ба вуҷуд меояд.

> "Аён аст, ки ҳаёт ба чӣ табдил меёбад, агар шумо ҳамеша кӯшиш намоед, ки хостаҳои худро ба даст оваред: алоқаи ҷинсии беқадри доимӣ, ки бидуни муҳаббат аст; як тӯдаи зишти партовҳои ақлонӣ ва равонӣ; ҷустуҷӯи девонавор ва ғамангези бахту саодат; худоёни бозича; ҷодугарӣ ва сеҳргарӣ; танҳоии параноидӣ; рақобати бераҳмона; хоҳишҳои фурӯбаранда ва ҳеҷ гоҳ қонеънашаванда; *оилаҳои вайрон ва тақдирҳои шикаста; хоҳишҳои ночизи яктарафа; одати бади аз боиси рақобат инсонро бегонакунанда*; гирифториҳои беназорат ва идоранашаванда; тақлиди даҳшатнок ба ҷомеа. Ман метавонистам идома диҳам. Ин аллакай бори аввал нест, ки шуморо огоҳ менамоям, шумо медонед. *Агар шумо озодии худро ин тавр истифода баред, шумо вориси Малакути Худо нахоҳед шуд*" (Ғал. 5:19-21, "The Message").

Аз ин суханон гиряи кас меояд. Вақтҳои охир мо бисёр чизҳоеро, ки Павлус дар ин ҷо номбар кардааст, мушоҳида менамоем. Ман бо ангуштонам ба ҷаҳон ишора намекунам, Нома ба Ғалотиён – ин мактубе, ки ба Калисо навишта шудааст. Инсонро *бегона кардан* чӣ маъно дорад? Ин маънои ӯро аз шахсияташ, аз хислатҳои фардии ба вай хос ва нотакрориаш маҳрум сохтанро ифода мекунад. Миллатгароён яҳудиёнро то он дараҷа бегона сохта буданд, ки немисҳо ба онҳо ҳамчун ба одамони ба сурати Худо офаридашуда нигаристанро бас карданд... Онҳо мушкилиро дар он медиданд, ки ин халқ барои офаридани нажоди тозаи ориёӣ халал мерасонд. Мутаассифона, то ҳол ин тактика дар замони мо чи дар гурӯҳҳо ва чи ба таври ҷудогона ба кор бурда мешавад.

Одамон аз якдигарро доварӣ намудан ва ба ҳамдигар номҳои гуногун гузоштан худдорӣ намекунанд. Охир, ҳама дил доранд ва новобаста аз он ки мо инро дарк менамоем ё не, калимаҳои электронӣ чун пештара то ҳол захмӣ мекунанд. Тавре ки Эзоп қайд кардааст: “Дар масофаи бехатар истода, далер будан осон аст”. Аксарият аз медиа-форматҳои иҷтимоии мо “масофаи бехатар”-ро эҷод мекунанд. Ин ба одамони тарсончак ва дӯстдорони танқид ва тамасхур сабаб мешавад, ки касонеро, ки бегона сохтан мехоҳанд, таҳқир кунанд. Ин тоифаи одамон ҳаргиз чунин суханонро рӯ ба рӯ истода, гуфта наметавонанд. Барои чӣ? Зеро вонамуд кардан душвор аст, ки дар назди ту робот истодааст, вақте ки дар чашмони одам ашкро мебинӣ. Ман мебинам, ки чи хел масеҳиён якдигарро ном мебаранд, аз бидъат сар карда, то ҳақоратҳои қабеҳ... дар ҳоле ки шайтон механдад. Мо чӣ қадар бештар кори ӯро кунем, барои вай камтар кор кардан лозим мешавад.

## Чӣ тавр маззамат кардан ва ислоҳ намудан мумкин аст

Баъзе аз шумо эътироз менамоянд: “Оё одамро дар назди ҷамъият ислоҳ кардан даркор нест, агар ӯ ҳақ набошад? Даркор аст, ва хуб аст,

ки Худо дар бораи чӣ гуна ин корро кардан пешниҳод дорад.

> “Мазаммати ошкор беҳ аз муҳаббати пинҳонӣ. Таънаҳои дӯст самимист, вале бӯсаҳои бадхоҳ бисёр аст” (Мас. 27:5, 6).

Дар Навиштаҷот ибораи *мазаммати ошкор* чӣ маъно дорад? Калимаи асосӣ дар ин ҷо – ошкор. Аз ҳама беҳтар он аст, ки мазаммат бо дилҳои кушод, оғӯши кушод ва чеҳраи кушод ба амал ояд. Ҳамаи мо бояд дигаронро чунон мазаммат намоем, ки мехоҳем худамонро бо чунин тарз мазаммат намоянд. Идеалӣ ман мехостам, ки маро он одамоне ислоҳ намоянд, ки дар ман чизҳои беҳтаринро ошкор месозанд.

Навиштаҷот дар бораи ислоҳи байни дӯстон сухан меронад, вале он инчунин ба воситаи роҳбар, муаллим ва корфармо низ мувофиқ аст. Чунки ҳар мазаммат беҳтар пазируфта мешавад, агар он бевосита тавассути шахсе, ки шуморо мешиносад ва нисбати шумо хеле ғамхорӣ менамояд, гуфта шавад. Олиҷаноб аст, агар ин сӯҳбат рӯ ба рӯ сурат гирад. Агар шахсан вохӯрдан имкон надошта бошад, пас зарур аст, ки ақаллан бо телефон сӯҳбат кунед.

(Дар дохили қавс илова мекунам, ки ман мазаммат намуданро тариқи паёмҳои матнӣ тавсия намедиҳам. Ҳангоми тарҷума чизҳои зиёде гум шуданаш мумкин аст. Дар паёмҳои матнӣ забони имову ишораҳо ва оҳанги овоз вуҷуд надорад. Ману Ҷон бисёр ҳодисаҳои ногуворро аз сар гузаронидаем, вақте ки аз сабаби ин гуна паёмҳо якдигарро намефаҳмидем. Яке аз мо, одатан ман, баъзан ҳама ҳарфҳоро бо ҳарфҳои калон менависад, аз ин рӯ, паём шояд ҳамчун ФАРЁД нодуруст фаҳмида шавад!)

Ҳамаи мо мазаммати пинҳониро аз сар гузаронидаем, ин вақте ки одамон аз пасат туро мазаммат мекунанд. Ҳангоме ки одамон бе иштироки шумо дар ислоҳ намудани шумо заруриятро мебинанд, лозим меояд, ки самимӣ будани мазаммати онҳоро бисанҷед. Ҳатто агар онҳо ҳақиқатро гӯянд ҳам, агар дар ин раванд худатон иштирок накунед, он барои сабзидани шумо кӯмак намекунад.

Дар асл, чунин намудиислоҳкунӣ барои сабзидан халал мерасонад, зеро вақте одамон аз пасатон гап мезананд, онҳо шуморо маҷбур менамоянд, ки мавқеи мудофиавиро ишғол намоед. "Мазаммати ошкор", ки рӯ ба рӯ аз тарафи дӯсти самимӣ гуфта мешавад, ба ҳар ду имкон медиҳад, ки ба якдигар ҷавоб диҳанд ва ба воситаи ин раванд инкишоф ёбанд.

Кӯшиши ислоҳ намудани касе тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ – маънои ӯро ошкоро мазаммат намуданро надорад, танҳо аз он сабаб, ки ин фазо барои мардум дастрас аст. Ман дугонаҳои аҷоиби қавӣ дорам, ки онҳоро дӯст медорам ва эҳтиром менамоям. Инҳо нафароне ҳастанд, ки бо онҳо хеле дӯсти наздик ҳастам ва ҳаёташонро хуб медонам. Баъзан вақт ман мебинам, ки чи хел ин дӯстони вафодор ошкоро зери ҳуҷуми одамони дигар мемонанд, ки аз омада, рӯирост баён кардани норозигии худ шарм медоранд, ва дар ҷойҳои оммавӣ бо эродҳои бардурӯғ ба онҳо дармеафтанд, то дугонаҳои маро озор диҳанд. Китоби Муқаддас дар ин бора возеҳ гуфтааст:

> "Аз шахси бидъаткор баъд аз он ки як-ду бор насиҳат додаӣ, *канорагирӣ намо*, чун медонӣ, ки чунин шахс гумроҳ шудааст ва гуноҳ карда, худро маҳкум менамояд" (Тит. 3:10, 11).

Блогҳои чунин шахсонро нахонед, бо онҳо баҳс накунед, ба онҳо дар Твиттер пайравӣ нанамоед, дар шабакаҳои Фейсбук бо онҳо дӯст нашавед... бо онҳо умуман кордор нашавед. Барои шумо ин зараровар аст. Илҳомро биҷӯед, на тафриқаандозиро.

Дар Китоби Муқаддас дар тарҷумаи "The Message" чунин навишта шудааст:

> "Касеро, ки ҷанҷол бармеангезад, як ё ду маротиба огоҳ намо, баъд ӯро вогузор. Маълум аст, ки чунин шахс гумроҳ шудааст, зидди Худо исён бардоштааст. Ҷудоиро талқин намуда, худашро аз ҳама дур мекунад".

Чи қадаре ки зиндагиям давом дорад, торафт ҳамон қадар дӯстонам кам мешаванд, лекин онҳо ҳамон қадар содиқтаранд. Дӯстони ман нишон медиҳанд, ки кӣ шудан мехоҳам, ва душманонам нишон медиҳанд, ки кӣ шудан намехоҳам. Дар он муҳите, ки рақобат ҳукмрон аст, пеш аз ҳама, дар мо хислатҳои аз ҳама бадро маълум менамояд. Вақте ки мо пок мешавем, Худо метавонад дахолат намуда, муҳорибаро барои такмил додани хислати мо истифода барад.

Ояти навбатӣ дар Китоби Масалҳо роҳи беҳтареро пешниҳод менамояд:

> "Ҷони сер аз шаҳд ҳам нафрат мекунад, вале барои ҷони гурусна ҳар талхӣ ширин аст" (Мас. 27:7).

Ман ташнаи он ҳастам, ки дар ҳаёти худ самари бештари парҳезгориро бубинам. Ман гуруснаам, то ки бештар камол ёбам. Ҳар қадаре ки ба Худо наздик шавам, ҳамон қадар бештар ҳис менамоям, ки дар ҳаётам чи чиз ба ман халал мерасонад. Яке аз хубиҳои беҳтарини ҳаёт ин аст, ки ман дӯстоне дорам, ки аз маро бо ростӣ озор додан наметарсанд. Душманон метавонанд хушомадгӯӣ кунанд ё моро бо дурӯғ озор диҳанд. Биёед бо рӯйхатҳое, ки одамон тартиб додаанд, ва бо муқоисаҳо, қаноатманд нашавем. Вақте ки мо ҳар гуна номувофиқатиро мушоҳида мекунем, ки боиси рақобат ё худписандӣ ва танҳоии мағрур дар мо мегардад, биёед зону хам кунем. Агар мо назди Падар оем, Ӯ бо камоли майл он чизеро, ки моро аз наздик шудан бо Ӯ бозмедорад, бартараф мекунад.

## Саволҳо барои мулоҳиза

1. Оё ба шумо ягон бор ягон нишона овехтаанд?
2. (Мисолҳо метавонанд гуногун бошанд: ҷинс, нажод, маҳдудияти синну сол.) Чӣ хел ин нишонаҳо шуморо маҳдуд мекунанд? Чӣ хел шумо метавонед аз ин таснифот берун шавед?

3. Дар кадом соҳаи ҳаёт муқоиса шодии шуморо медуздад?
4. Вақте ки мо тасниф мекунем ва муқоиса менамоем – бо ин кор мо чиро нишон медиҳем? (Ишора: Мас. 29:25.)
5. Муҳити иҷтимоӣ шуморо илҳом мебахшад ва ё таҳқир мекунад? Кадом чораҳоро шумо андешида метавонед, то мутмаин бошед, ки он бароятон таъсири мусбӣ дорад.
6. Фарқи байни равиш ва ангезаҳои мазаммати пинҳонӣ ва ошкорро шарҳ диҳед.

5

# Вақте ки ба шумо чун ба рақиб менигаранд

“Баъзе муқовимат ба одам кӯмак мекунад. Осиё бо шамол не,балки бар зидди шамол мекӯбад”.

ЛЮИС МАМФОРД

Ба қарибӣ ман бо як дугонаи наздикам тариқи телефон сӯҳбат доштам. Шавҳари вай – одами боистеъдод ва продюсери мусиқӣ, ва худаш хидматгузори қавӣ ва шахси ҳаматарафа болаёқат. Ман ҳамеша онҳоро ҳамчун одамони пок, фурӯтан ва раҳмдил медонистам, гарчанде вақтҳои охир ба онҳо лозим омад, ки аз озмоишҳо гузаранд. Онҳоро тӯҳмат намуданд, онҳоро рад карданд ва беадолатона маҳкум карданд.

Дугонаам фаҳмонд: “Дар ҳаққи мо ғайбат мекарданд...”, ва баъд ба номбар кардани номҳои шахсиятҳои асосӣ шурӯъ кард. Ман гӯш мекардам. Ман мефаҳмидам. Баъд ман риштаи суханони ӯро гум кардам, чунки намедонистам, ки онҳо дар куҷо буданд ва ҳатто аз чиҳо гузаштанд. Ман дидам, ки оянда онҳоро

ба куҷо мебарад. Аз чизе, ки дидам, хеле ба ҳаяҷон омадам, ки ногаҳон гуфтам: “Хуб! Шумо аз Худо барои онҳо миннатдор шавед. Муносибати ростқавлони онҳо нисбат ба шумо шуморо он касоне сохт, ки имрӯз ҳастед”.

Бифаҳмед, ман на аз он хурсанд ҳастам, ки бо онҳо ин қадар бад муносибат карданд, балки аз он ки онҳо ба ин муомила чӣ гуна посух доданд.

Албатта, ба ман гуфтан осон аст, зеро ман ба онҳо аз як тараф нигоҳ мекунам. Баъд ман дилпурона аз номи худам шахсан илова кардам: “Ман дар ҳаёти худ аз муқовимати рақибон бениҳоят миннатдор буданро ёд гирифтаам”.

Дар он рӯзи душвор ба ман маҳз чунин сӯҳбат лозим буд. Тавассути он ман худам рӯҳбаланд шудам. Умедворам, ки ягон нафари шумо ҳеҷ гоҳ ба мазаммати тезутунд дучор намешавад ва бидъаткор номида намешавад. Агар аллакай ин бо шумо рӯй дода бошад, медонед, ки ин чи қадар дардовар аст.

Вале ба ҷои гурехтан ва дар ноумедӣ ва маъюсӣ монда пинҳон шудан, ман ба қафо нигариста, дидани садоқати тағйирнопазири Худоро омӯхтам. Ҳар вақте ман фикр мекардам, ки боз як рӯзи дигар зиндагӣ карда наметавонам, Вай маро ба Худ бардошта мебурд. Ман дар бораи садоқати Худо бештар аз душманонам омӯхтам, назар ба дӯстонам. Ман бештар мегӯям: ман дар бораи худам аз душманонам бисёртар омӯхтам, назар ба дӯстонам.

Дӯстон ба шумо паноҳгоҳ медиҳанд. Ин хуб аст, аммо ҳатмӣ нест, ки он дар шумо сабзиданро ба амал орад. Дӯстон мехоҳанд, ки шумо аз тӯфонҳои ҳаёт эмин бошед. Душманон ҳама корро мекунанд, то ки шуморо ба борони шадид тела диҳанд. Аммо чӣ мешавад, агар шумо аз он марҳилаи зиндагӣ гузашта истодаед, ки вақте Худо мехоҳад, то бидонед, ки Ӯ паноҳгоҳи асосии шумост? Кӣ дар ин ҳолат мураббии беҳтарин: рақиб ё дӯст?

Рақибон – ҳақиқати ҳаётанд. Ман медонам. Бубахшед, ба ман ҳам ин маъқул не, аммо ҳамин тавр аст. Аммо ба ҳар ҳол рақибон мақсад доранд. Эҷоди зиндагии бидуни рақибон маънои аз байн

бурдани ҳамаи онҳоро надорад. Аниқтараш, ин маънои онро дорад, ки дар ҳақиқат ҳамааш ба манфиати мост, вақте ки мо мувофиқи мақсади Худо даъват карда мешавем. Мо метавонем аз нерӯи рақибонамон истифода барем, то ки дар худ нумӯъ ва хиради бештарро барангезем.

Агар дуруст назар кунем, рақибон ҳамчун катализатор хидмат мекунанд, ки заифии моро ошкор намуда, моро ба ташаккули ҷанбаҳои пурқувват даъват менамоянд. Онҳо моро аз ҳудуди қуввати худамон берун тела дода, маҷбур месозанд, ки, вақте худро танҳо ҳис мекунем, ба боло нигоҳ кунем.

Эҳтимол шумо фикр мекунед: “Истед, шумо навакак гуфтед, ки ман духтаре ҳастам, ки рақиб надорад, вориси ваъдаҳои беҳамто ҳастам, ки барои парастиши Худо бидуни рақиб офарида шудааст”.

Ҳамааш дуруст аст. Шумо духтаре ҳастед, ки дар назари Худо рақиб надорад. Шумо бояд ба худ тавассути призмаи муносибат бо Офаридгор нигоҳ кунед, ва асоси шумо барои *муносибат* бо дигар одамон бояд ҳамин гуна бошад. Аммо аз тарафи мо чунин вонамуд кардан хеле соддалавҳона мебуд, ки рақибон вуҷуд надоранд ва ҳама ваъдаҳо ба мо бе мубориза дастрас мегарданд. Суханони Исо “Шумо нури ҷаҳон ҳастед” (Мат. 5:14) маънои онро надорад, ки торикӣ вуҷуд надорад. Гуфтани он ки шумо духтаре ҳастед, ки рақиб надорад, ифодаи он нест, ки дигар онҳоро вонамехӯред, инчунин гуфтани он ки шумо нур ҳастед, маънои онро надорад, ки шумо ҳеҷ гоҳ торикиро нахоҳед дид.

Аз решаи калимаи *рақиб* се калимаҳои ҳиссаҳои гуногуни нутқро сохтан мумкин аст: исм – рақиб, сифат – рақобаткунанда ва феъл – рақобат кардан.

Чун исм ин калима тобиши зиёди маъноӣ дорад, аз осонфаҳм сар карда, ки ҳамсол, ё каси сифатан баробар ё ҳариф дар мусобиқаро чунин номидан мумкин аст, то мафҳуми тиратар душман, бадбахтӣ ва рақиб.

Сифати *рақобаткунанда* метавонад ҳама чизро дар бар гирад, аз рақобат бо дӯст то мубориза бо душман барои зинда мондан.

Ва, ниҳоят, ибораи *рақобат кардан* ҳамчун феъл чандин маъно дорад, аз ором (шабоҳат доштан, монанд будан ё муқоиса кардан) то бартарӣ доштан (пеш гузаштан, муқовимат кардан ва баланд бардошта шудан).

Рақибон воқеианд. Эҳтимоли зиёд аст, ки ҳатто ҳоло касе ба шумо чун ба рақиб менигарад, гарчанде ки шумо дар ин бора ҳатто хабар надоред. Аксарияти одамон, худашон надониста, бо дигарон ба рақобат медароянд, сухан дар бораи мусобиқаҳои варзишӣ ва ё озмунҳои илмӣ, озмунҳои зебоӣ, тадқиқотҳои илмӣ ва ё интихобот намеравад. Ба кор дар интизории рақибон намераванд, ва, албатта, дар калисо низ касе рақибонро интизор нест! Бо вуҷуди ин, онҳо дар ҳама соҳаҳои ҳаёти мо пайдо мешаванд, мо наметавонем ба назари дигарон дар бораи худамон таъсир кунем. Бубахшед. Ҳатто агар шумо беҳтарин ширкат оид ба робитаҳои ҷамъиятиро аз номи худатон барои ҳамкорӣ бо ҷомеа киро мекардед, аздусар шумо танҳо фаҳмиши онҳоро идора мекардед. Чи қадаре ки барвақттар инро қабул намоед, ҳамон қадар беҳтар аст. Хабари хуш дар он аст, ки шумо худатон аз болои назари худ ба дигарон назорати пурра доред. Баъзан ҳодисаҳои хеле мушаххас ба вуқӯъ меоянд, вақте ки назари худро ба дигарон дигар мекунед, шумо ба таври куллӣ фикри онҳоро нисбат ба худатон тағйир медиҳед. Дар ин бора дар боби оянда муфассалтар менависам.

Новобаста аз ниятҳои рақибон *шумо* ҳамеша метавонед рақобатро ба манфиати худ баргардонед. Ҳама он чизе, ки ба шумо лозим аст – ин ду нуқтаи асосиро дар бораи назорат дар хотир нигоҳ доштан.

1. Шумо барои он чизе, ки дигарон мегӯянд, фикр мекунанд, амал менамоянд ва эҳсос мекунанд, назорат ё масъулият надоред.
2. Шумо барои он чизе, ки шумо мегӯед, фикр мекунед, амал менамоед ва эҳсос мекунед, назорат ва масъулият доред.

Мо ҳама медонем, ки рақибон бо мо чӣ кор карда метавонанд, аммо дар ин боб ман мехоҳам равшан намоям, ки рақибон *барои* мо чӣ кор карда метавонанд.

## Рақибон қудрати Худоро кашф мекунанд

Ҳангоми таваллуд пинҳон карда шуда, аз ҷониби шахси шоҳона наҷотёфта ва дар хонаи фиръавн тарбияёфта – Мӯсо аз ибтидо сарнавишти душворе дошт. Худо ҳамаи ин шароитҳоро истифода бурд, то ҳаёти ӯро нигоҳ дорад. Аммо Мӯсо низ мисли мо дарк кард, ки сарнавишт дар давраи муқовимат ошкор мешавад, на тасаллият.

**Мӯсо дарк кард, ки сарнавишт дар давраи муқовимат ошкор мешавад, на тасаллият.**

Мӯсо ин роҳи душворро вақте ёд гирифт, ки кӯшиши ҳама чизро ба дасти худ гирифтан кард, вале бо ин худро аз халқи худ ва аз ҳар он чизе, ки медонист, ҷудо намуд. Ҳаёти ӯ дар биёбон ба назари ман чун танаффуси дурударози кӯчманчиёна менамояд. Баъд ногаҳон Худо ба назди Мӯсо омад, вақте ки ӯ дар биёбони дурдаст чун гуреза зиндагӣ мекард. Ин ҷо мо дарсро мебинем. Агар шумо дар гузашта чизеро вайрон карда бошед, ин маънои онро надорад, ки барои шумо роҳ ба сӯи оянда бастааст. Мӯсо медонист, ки чаро ӯ зинда монд, вай чӣ будани даъвати Худоро нисбат ба худаш тасаввур мекард, ки барои ӯ чӣ кор кардан ва кӣ шудан лозим буд, вале ба ӯ хислати раҳокунанда намерасид. Ба Худо лозим буд, ки Мӯсо ботинан инкишоф ёбад, ки дар қаср зиндагӣ намуда, ба он ноил намешуд. Худо моро дар ниҳон ба он чизе омода месозад, ки рӯзе дар назди омма хоҳем кард. Рӯзе фаро расид, ки назди бародар Ҳорун, хоҳар Марям ва тамоми халқи Исроил Мӯсои тамоман дигар баргашт. Дар пуррагии вақт Худо ӯро ҳамчун раҳокунанда ва фиристода тадҳин намуд, то ки бо фиръавн вохӯрад.

Худо бояд Мӯсоро дар ҷаҳон ба ҷои намоён мегузошт, ва ӯро ба зӯрӣ ба назди рақибаш – фиръавн овард. Вақте Худо Мӯсоро назди фиръавн мефиристад, Ӯ ҳатто вайро огоҳ менамояд, ки фиръавн ба овози ӯ гӯш нахоҳад дод:

> “Ҳар он чиро, ки Ман ба ту амр фармоям, ту ба забон хоҳӣ ронд, ва бародарат Ҳорун онро ба фиръавн хоҳад гуфт, то ки вай банӣ-Исроилро аз замини худ равона кунад. Ва Ман дили фиръавнро сахт хоҳам кард; ва аломот ва мӯъҷизоти Худро дар замини Миср афзун хоҳам намуд. Ва фиръавн ба шумо гӯш нахоҳад дод, ва Ман дасти Худро бар Миср хоҳам андохт, то ки фавҷҳои Худ ва қавми Худ, яъне банӣ-Исроилро аз замини Миср бо довариҳои азим берун оварам. Ва мисриён хоҳанд донист, ки Ман Худованд ҳастам, вақте ки дасти Худро бар Миср дароз карда, банӣ-Исроилро аз миёни онҳо берун меоварам” (Хур. 7:2-5).

Худо дар он чизе, ки чун рисолати ба нокомӣ маҳкумшуда ба назар мерасид, мақсади аниқро медид. Бо ҳамин сабаб фиръавн мавқеи намоёни худро ишғол кард, ва ба туфайли он Худо бояд дар назди халқҳои рӯи замин баланд бардошта мешуд.

> “Агар алҳол дасти Худро дароз карда, ту ва қавматро бо вабое мезадам, ту аз рӯи замин маҳв мешудӣ, валекин барои он туро боқӣ гузоштам, ки қуввати Худро ба ту нишон диҳам, ва исми Ман дар тамоми дунё шӯҳрат ёбад” (Хур. 9:15, 16).

Рақибон қудрати Худоро нишон доданд. Муноқиша бо Миср барои ҷудо намудан ва бардоштани халқи мазлуме хизмат кард, ки дар миёни бутпарастон он Худоеро мепарастанд, ки шакл ва ном надорад. Кадом муноқишаро шояд Худо худи ҳозир истифода бурда истодааст, то ки дасти Худро дар ҳаётатон нишон диҳад ва шумо ва одамони дигарро аз зулму ситам раҳо кунад? Ба муҳорибаҳо дар сарнавишти худ бодиққат назар андозед, оё дар онҳо атои рақибро мебинед?

Кӣ подшоҳ Довудро машҳур кард? Пайғамбар, падар ё дӯст? Не, рақиби вай – Ҷолёт.

Бе ҷанги тан ба тан бо рақиби фалиштӣ Довуд метавонист дар биёбони номаълумӣ бимонад. Билохира вай аз байни ҳашт бародарон аз ҳама хурдтарин буд. Гарчанде Довуд аз ҷониби

Самуил пайғамбар ба подшоҳӣ тадҳин шуда буд, пеш аз подшоҳ шуданаш, ӯ бояд аз як қатори пурраи рақибон мегузашт. Тадҳин ҷудо менамояд, муҳорибаҳо бо Ҷолёт мумтоз мегардонанд.

Вақте ки фалиштӣ худро дар майдони ҷанг гузошт, ӯ гӯё ки Шоулро ба ҷанги тан ба тан даъват мекард. Шоул дар байни қавми Исроил қаҳрамон, ҷанговари моҳир буд, гарчанде ки чун Ҷолёт қадбаланд набуд. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Шоул аз тамоми исроилиҳо як сару китф баландтар буд. Аз рӯи тахмини олимон, Шоул аз 6 то 6,6 фут қад дошт. Ҷолёт зиёда аз нӯҳ фут қад дошт.

Ҷолёт пеши шоҳ Шоул мисли бурҷ меистод. Ва шоҳ Шоул дар назди Довуди чӯпон мисли бурҷ буд. Аммо Довуд чизе дошт, ки камбудии қадашро ҷуброн мекард, – далерӣ. Агар одам далерӣ дошта бошад, вай нотарс, диловар ва боҷуръат аст. Тадқиқотҳои охирин нишон доданд, ки ин сифат, далерӣ, муваффақияти хатмкунандагони мактаби ҳарбии дар Уэст-Пойнте бударо, назар ба холҳо дар имтиҳонҳо ё рейтинги пешравӣ, хубтар муайян мекунад. Дар рафти тадқиқот ба курсантҳо таклиф намуданд, ки аз санҷиши худбаҳодиҳӣ гузаранд, ки дараҷаи далерии шахсро аз 1 то 5 шкала муайян менамуд.

Ман боварӣ дорам, ки аз они Довуд панҷи плюс буд. Назди хирс ва шер бо дастони урён рафта намешавад, агар далерӣ набошад. Вай бениҳоят далер буд, то ба натиҷаи ҷанги тан ба тан бо азимҷусса шубҳа кунад. Шоул қадбаландтар буд, аммо ман боварӣ дорам, ки аз ҷиҳати далерӣ аз Довуд ақибтар меистод. Бе ҷасорати шахсӣ касе маъруф намешавад. Ғалаба дар муҳорибаи тан ба тани баробар он қадар арзиши таърихӣ надорад. Барои он ки ҳама дар ҷои худ мағлуб шаванд, нобаробарии назаррас лозим аст. Мушоҳидачиён бояд майдони ҷангро бо чунин суханон тарк намоянд: “Ман чунин натиҷаро тахмин надоштам, вале ин аҷоиб буд”. Довуд ба чунин як рақиби бонуфуз ниёз дошт, ки ӯро ба хат гузоштан мумкин буд. Шӯҳрати ҷанговари маъруф, вале беҷуръат Шоул ва даҳшате, ки аз тарафи қаҳрамони фалиштӣ илҳом гирифта буд, Довудро ҷанговари бемисл сохтанд.

Дар китоби "Довуд ва Ҷолёт: чӣ тавр бегонагон дӯстдоштаҳоро мағлуб мекунанд", муаллиф Малколм Гладуэлл менависад:

> "Бисёре аз он чизҳое, ки дар ин ҷаҳон барои мо арзишманданд, аз он задухӯрдҳои амиқе ба вуҷуд меоянд, ки вақте мо бо вазъиятҳои рафънопазир дучор меоем, ва онҳо ба бузургӣ ва зебоӣ табдил меёбанд... Нақши бегонагон метавонад одамонро то ба андозае тағйир диҳад, ки мо онро аксар вақт дуруст баҳо дода наметавонем: он метавонад дарҳоро боз кунад ва имконият фароҳам оварад, маърифат бахшад, он чизеро таълим диҳад ва имконпазир гардонад, ки дар акси ҳол ҳатто дар бораи фикр карданам ҳам нашояд".

Вақте ки шумо худро дар рӯ ба рӯи рақиби мағлубнашаванда мебинед, шумо ду роҳ доред: тобеъ шуда, таслим гаштан ё ки ба по рост шуда, даъват намудани он ҷасорати азиме, ки дар ботини шумост.

Довуд тамоми аслиҳаеро, ки Шоул ба вай дода буд, аз худаш дур кард ва номи Худои худро даъват намуд.

> «Ва Довуд ба фалиштӣ гуфт: "Ту бо шамшер ва найза ва мизроқ бар ман меоӣ, *валекин ман бо исми Худованди лашкарҳо, Худои фавҷҳои Исроил*, ки Ӯро таҳқир намудаӣ, *бар ту меоям*. Имрӯз Худованд туро ба дасти ман хоҳад супурд, ва ман туро кушта, калаатро аз танат ҷудо хоҳам кард, ва лошаҳои ӯрдуи фалиштиёнро имрӯз ба мурғони ҳаво ва даррандагони замин хоҳам дод, *то тамоми аҳли замин бидонанд, ки дар Исроил Худо ҳаст*"» (1 Под. 17:45, 46).

Ҷолёт на танҳо дар тақдири Довуд нақши муҳим бозид, балки шикасти ӯ ва бо вай тамоми фалиштиён, ба он овард, ки *тамоми аҳли замин* дасти Худоро бар Исроил диданд. Чун Довуд, ман медонам, ки шумо низ Худоро ҷалол додан мехоҳед. Дар ҷаҳони мо ҳанӯз ҷолётҳо вуҷуд доранд. Онҳо ба мо эътироз менамоянд ва дар бораи мавҷудияти Худои мо бадгӯӣ мекунанд. Ин бузургҷуссаҳо худро зери ниқоби дилозорон дар мактаб, дар кор,

дар ҷойҳои ҷамъиятӣ пинҳон мекунанд. Дар паси сангҳо пинҳон шуданамон бас аст, вақти он расидааст, ки Каломи Худо дар забонамон ба пеш бидавем.

Ҳамон Рӯҳе, ки Исоро аз мурдагон эҳё кард, дар шумо низ сокин аст. Рақибон мехоҳанд, ки шумо аз рӯи шартҳои онҳо бо қуввати худ мубориза баред. Таслим нашавед. Шумо бояд аз ин қавитар бошед. Мисли кӯдаконе, ки рақиб надоранд, вақте ки бо бадӣ мубориза мебарем, мо некӣ мекунем. Охир, мо ин корро на барои ҷалоли худ, балки барои ҷалоли Ӯ мекунем.

Ҷолёт Довудро ҷалол дод. Шабакаҳои иҷтимоӣ одамро машҳур карда метавонанд. Аммо на шӯҳрат ӯро подшоҳ мекунад. Шӯҳрат, агар он сӯиистеъмол шавад, барои тарбияи ҳукмфармоёни худпараст хизмат мекунад, на ин ки хидматгузоронро ба воя мерасонад. Худо намехост, ки пешвои нави беҷуръате, мисли Шоул, халқи Ӯро роҳбарӣ намояд. Ба Вай нафаре лозим буд, ки Ӯро парастиш кунад ва қуввати Ӯро ошкоро нишон диҳад. Ба мо супориш дода шудааст, ки дар назди Худо подшоҳон ва коҳинон бошем. Мо ба Худованд савганд ёд мекунем, на ба маъруфият дар байни мардум. Довуд аз Худо метарсид, Шоул аз одамон метарсид.

Тарафи дигари шӯҳрат маънои онро дорад, ки шахси машҳур мухлисони зиёд дорад, на шогирдону пайравон. Ҳаводорон наметавонанд доимӣ бошанд. Имрӯз онҳо шуморо дӯст медоранд, фардо нафрат мекунанд. Ба шоҳ Довуд мухлисон лозим набуданд. Барои вай мардон ва заноне даркор буданд, ки ба ҷонашонро қурбон кардан омода бошанд. Подшоҳони худотарс ба машваратчиёни бохирад, лашкари содиқ ва хизматгорони бовафо ниёз доранд. Барои ҳамаи инро соҳиб шудан ба Довуд лозим омад, ки аз санҷишҳо гузарад. Худо рақиберо омода карда буд, то барои ба подшоҳӣ расидани Довуд кӯмак намояд.

## Рақибон сарнавишти шуморо ошкор менамоянд

Рақибон қудрат доранд, ки шуморо аз номаълумӣ берун кашанд ё шуморо аз шӯҳрат берун кунанд. Хабари хуш дар он

аст, ки шумо бояд худатон интихоб намоед, ки онҳо дар ҳаётатон чиро ба амал биёваранд. Оё рақибон шуморо мағлуб мекунанд ё шуморо ба ғалаба мерасонанд? Маҳз барои ҳамин рақиб метавонад инчунин тақдири шуморо маълум намояд.

Довуд Худоро аз мавқеи писар ва чӯпон шинохт. Дар иҳотаи рамаи гӯсфандон ӯ дар зери нури ситораҳои дурахшони Шарқи Наздик Худоро ибодат мекард. Дар чарогоҳи биёбон вай шер ва хирсро мағлуб карда, гӯсфандони худро наҷот дод. Акнун Довуд медонад, ки вақте ба ту ҳамла мекунанд ва чун ҳайвони ваҳшӣ гирифта мебаранд, чӣ маъно дорад.

**Оё рақибон шуморо мағлуб мекунанд ё шуморо ба ғалаба мерасонанд?**

Барои Довуди ҷасур барои аз ҳузури одамон ба ҳузури Худо гузаштан шоҳ Шоул беҳтарин роҳбалад шуд; маҳз ҳамин вақт Довуд тадҳин гирифт ва баъд тақдири шоҳонаи ӯ муайян гашт.

Муносибати байни Довуд ва Шоул чун оғози он анҷом наёфт. Дар аввал Шоул Довудро дӯст медошт ва дар ҳаёти ӯ дасти Худоро медид. Вақте ки Шоул худро осебпазир ҳис мекард ва азоб мекашид, ӯро ба наздаш овард. Ӯ оиди масъалаҳои подшоҳӣ ба Довуд бовар мекард. Бубинем, ки дар Китоби Муқаддас дар ин бора чӣ навишта шудааст.

> “Ва Довуд берун омада, дар ҳар ҷое ки ӯро Шоул мефиристод, комёб мегардид; ва Шоул ӯро бар ҷанговарон сардор таъин намуд, ва ин дар назари тамоми қавм ва дар назари фармонбарони Шоул низ писанд омад” (1 Под. 18:5).

Шоул сардори беҳтареро талаб карда наметавонист. Вақте ки ӯро рӯҳи палид азоб медод, Довуд барбад менавохт, то рӯҳи шоҳро ором кунад. Шояд ин ҳикояро шумо дар хотир доред.

> «Ва ҳангоме ки онҳо меомаданд, яъне вақте ки Довуд аз куштани фалиштӣ бармегашт, занон аз ҳамаи шаҳрҳои

> Исроил бо дафҳо, бо садоҳои шодӣ ва бо сеторҳо, сурудхонон ва рақскунон, ба пешвози подшоҳ Шоул берун меомаданд. Ва занон тараб намуда, месуруданду мегуфтанд: *“Шоул ҳазорҳоро мағлуб кард, вале Довуд – беварҳоро!”* Ва Шоул бағоят хашмгин шуд, ва ин сухан ба назараш бад намуда, гуфт: “Ба Довуд беварҳоро нисбат додаанд, вале ба ман ҳазорҳоро нисбат додаанд; ӯро акнун фақат подшоҳӣ кам аст”. Ва аз он рӯз эътиборан, ва минбаъд, Шоул ба Довуд назари бад дошт» (1 Под. 18:6-9).

Ҳатто агар онҳо аслан ин қадар душманро накушта бошанд ҳам, Шоулро аздусар ин муқоиса хафа кард. Суруди занон гӯё чашмони ӯро кушод, ва баъд ӯ даҳон кушода, ба пешгӯии суқути худ шурӯъ намуд. Ба назар чунин менамуд, ки занҳо бо ин суруд ӯро масхара мекарданд, аммо ба ӯ тамоман хандаовар набуд. Ин суруд ба вай хеле сахт таъсир намуд. Солҳо гузаштанд, аз он вақте ки пайғамбар ба Шоул гуфта буд, ки аз боиси беитоатӣ ӯ подшоҳии худро аз даст медиҳад. Самуил гуфт, ки он аз вай гирифта, ба дигаре дода мешавад, ки аз ӯ беҳтар мебошад (ниг. 1 Под. 15:28). Бо ҳамин суруд риштаи ҳаёти Шоул ба таранг шудан ва канда шудан сар кард. Дар як лаҳза ӯро ҳисси изтироб фаро гирифт, вақте вай фаҳмид, ки Довуд бояд ӯро иваз кунад. Шоул нияти оромона рафтан надошт.

Вақте ки дар ботин эътимод нест, ба мижжа задан ҳам фурсат намеёбӣ, ки чи хел муқоисаи ногувор дӯстро ба рақиб табдил медиҳад. Шоул дигар арзиши Довудро, ки дар амал исбот шуда буд, надид, вай ӯро ҳамчун таҳдид дид ва дар як рӯз ҳама чиз тағйир ёфт.

> “Ва фардои он, рӯҳи баде аз ҷониби Худованд бар Шоул ҷорӣ гардида, ӯ андаруни хона ба ҷӯшу хурӯш омад, ва Довуд мисли ҳаррӯза бо дасташ менавохт; ва найзае дар дасти Шоул буд” (1 Под. 18:10).

Ёдраскуниҳои муфид барои ҳамаи мо... Худо барои ба мақсади Худ расидан ҳама чизро метавонад истифода барад. Дар ин ҳолат

Ӯ миёнарави азиятро мефиристад, то шоҳи нотавонбинро ба дами марг бирасонад.

Дар он рӯз Довуд ҳамон кори ҳарвақтаашро мекунад, – ӯ барбад менавозад, аммо ин дафъа Шоул дар дасташ асбоби дигар дорад, зеро дар дилаш дигаргунӣ ба амал омадааст.

> «Ва фардои он, рӯҳи баде аз ҷониби Худованд бар Шоул ҷорӣ гардида, ӯ андаруни хона ба ҷӯшу хурӯш омад, ва Довуд мисли ҳаррӯза бо дасташ менавохт; ва найзае дар дасти Шоул буд. Ва Шоул найзаро андохта, ба дилаш гуфт: “Довудро зада, ба девор медӯзам”. Вале Довуд ду карат худро аз пеши ӯ канор кашид» (оятҳои 10, 11).

Бубинед, чӣ фарқияте. Шоул силоҳ дар даст дар қасри худ хашмгин аст, дар ҳоле ки Довуд оромона асбоби мусиқии парастишӣ менавозад. Оё шумо фарқияти аз ин ҳам зиёдро ба худ тасаввур карда метавонед? Кӣ найза дар даст гирди хона мегардад? Шоул то ба дараҷаи одами ваҳшӣ паст фуромад.

Азбаски ман дар мавзӯи шамшерҳо китоб навиштаам, дар хонаам дар ҳар кунҷо ҳар гуна шамшер ҳаст, вале аҳён-аҳён ақаллан яке аз онҳо ба дасти ман меафтад. Ҳатто дар рӯзҳои вазнинтарин, вақте ки аз афзоиши ҳормонҳо ман аз худам мебароям, ман ҷуръат намекунам, ки ба яке аз онҳо даст расонам. Вақте ки чизе шуморо фишор меорад, шумо чунин ҳис мекунед, ки ҳама чизеро, ки ба даст меафтад, ҳаво кунед. (Аз таҷрибаи худ мегӯям.) Ба Довуд лозим меояд, ки пинҳон шавад, то аз вохӯрӣ бо ҳамон шахсе худдорӣ намояд, ки дирӯз дар майдони ҷанг ӯ паҳлӯ ба паҳлӯ меистод ва ҳоло ба вай пушт гардондааст. Чизҳои беҳтарин дар Довуд чизҳои бадтаринро дар Шоул зоҳир намуд, эҳсоси таъзиқ ба рӯҳияи воқеии тарс мубаддал гашт.

> “*Ва Шоул аз Довуд метарсид, зеро ки Худованд бо ӯ буд, вале аз Шоул дур шуда буд*. Ва Шоул ӯро аз пеши худ дур сохт, ва ӯро мириҳазор таъин намуд, ва ӯ пеши қавм даробаро мекард. Ва

> Довуд дар ҳамаи роҳҳои худ комёб мешуд, ва Худованд бо ӯ буд. Ва чун Шоул дид, ки ӯ бағоят комёб аст, аз ӯ ҳаросон шуд" (1 Под. 18:12-15).

Комёбиҳои ҷангии Довуд бояд ғалабаҳои шоҳ Шоул ҳисобида мешуданд. Аммо Шоул, ба ҷои он ки ба хизматҳои шоистаи Довуд ҳамчун мустаҳкамкунии салтанат таҳти роҳбарии ӯ назар кунад, фикр кард, ки бо ҳар як муҳориба обрӯи ӯ мерезад. Шоул ба Довуд чун ба писар нигоҳ карданро бас кард, ҳамнишинии вай дигар ӯро ором намекард. Ӯ дигар Довудро дидан намехост. Гарчанде барои ӯ ин ҳам кофӣ набуд. Аз назар дур, аз дил берун – чунин принсип ба ӯ мувофиқ набуд. Шоҳ Шоул Довудро дар ҷои шадидтарини майдони ҷанг гузошт, бо умеди он ки душманонаш ӯро дар он ҷо мекушанд. Вале боз ҳам ин ба манфиати Довуд шуд. Вақте ки Шоул мехост ӯро дафн кунад, Довуд эҳё гашт.

> "Ва Шоул дид ва фаҳмид, ки Худованд бо Довуд аст; ва духтари Шоул Микал ӯро дӯст медошт. *Ва Шоул боз ҳам зиёдтар аз Довуд тарсид, ва Шоул ҳама вақт душмани Довуд буд*" (1 Под. 18:28, 29).

Дар муддати хеле кӯтоҳ муносибати Шоул ба Довуд аз гумону тарс ба нафрат табдил ёфт. Дигар он Довуд набуд, ки писари дӯстдоштаи худ, қаҳрамони ҷанг ва иттифоқчӣ медонист. Акнун Довуд ба рондашуда ва ҷинояткор табдил ёфт. Барои ӯ давраи илтифот дар дарбори Шоул ба охир расид, гарчанде ки ӯ, аз тарафи худ, ҳеҷ гуноҳе накард. Довуд аз рафти ин рӯйдодҳо ба таҳлука афтода, шитобон қасрро тарк менамояд, то ҷонашро наҷот диҳад.

Ин фирор аз қасри подшоҳӣ дар ҳаёти Довуд ибтидои як марҳилаи тамоман нав шуд. Ба ҷои мукофот ва обрӯ ӯ ҳамеша дар биёбон ба радшавӣ, муомилаи бад ва хатари марговар дучор меомад. Баъзе олимон чунин мешуморанд, ки ин давра қариб ҳашт сол давом кардааст. Ҳамаи ин солҳои оворагиву саргардонӣ дар кӯҳҳои бесамар ба Довуд сабақҳое доданд, ки барои подшоҳи дилписанди Худо шуданаш кӯмак намуданд.

Довудро гурги бераҳме таъқиб менамуд, ки ӯро аз ғоре ба ғоре меронд. Ӯ ғамгин шуд, вақте шунид, ки Шоул коҳинон ва аҳли оилаи онҳоро танҳо барои он кушт, ки бемулоҳиза ба гуреза ёрӣ доданд. Дар давоми солҳои зиёди хусумат ва рақобат Довуд, хоҳ дар ғор бошад, хоҳ дар қаср, медонист, ки пеш аз ҳама парҳезгориро такмил додан лозим аст. Дар ҳаёти вай Ҷолёти дуюм низ буд.

Биёед ман ба шумо фаҳмонам.

Ман фикр намекунам, ки мо тамоман ноҳақ ҳастем, агар гӯем, ки эҳтимол Довуд бо падар мушкилӣ дошт. Ҳар дафъае, ки Довуд дар биёбон бо шоҳ Шоул сухан мегуфт, ба ӯ фарёд зада, ӯро “падар” мехонд. Дар ин ҷо каме ноумедии вай равшан мешавад.

> “Ва бингар, *эй падарам*, ва домани ҷомаи худро дар дасти ман бубин: модоме ки домани ҷомаи туро буридаам, вале туро накуштаам, бидон ва яқин бидор, ки бадӣ ва ҷинояте дар дасти ман нест, ва *ман дар ҳаққи ту гуноҳе накардаам, ва ҳол он ки ту камин мегузорӣ, то ки ҷони маро бигирӣ*” (1 Под. 24:12).

Ягон сабаби объективӣ вуҷуд надорад, то мо чунин шуморем, ки байни Довуд ва падараш ягон кинае вуҷуд дошт, вале дар оила чун писари ҳаштум, эҳтимол, ӯ ба таври кофӣ ғамхорӣ надида буд. Шояд Довуд дар сояи ҳафт бародарони калонӣ ба воя расида бошад. Мисли ҳама писарон, Довуд умед дошт, ки ҳусни таваҷҷӯҳ ва эҳтироми падарашро ба даст орад, аммо бо вуҷуди ин, вақте ки Самуили набӣ омад, то ки писарони Йисойро тадҳин кунад, падараш ҳатто фаромӯш кард, ки касеро фиристода, ӯро даъват намояд.

> «Ва Йисой ҳафт писарашро аз пеши Самуил гузаронид; вале Самуил ба Йисой гуфт: “Худованд инҳоро интихоб накардааст”. Ва Самуил ба Йисой гуфт: “Оё дигар писар надорӣ?” Вай гуфт: “Боз писари хурдӣ ҳаст, ки ӯ рамаро мечаронад”. Ва Самуил ба Йисой гуфт: “Фиристода, ӯро биёр, зеро ки то ӯ ба ин ҷо набиёяд, ба сари суфра нахоҳем нишаст”» (1 Под. 16:10, 11).

Чаро Самуил аз Йисой пурсид, ки оё ӯ боз писари дигар дорад? Охир, бешубҳа, ҳамин ки пайғамбар омад, Йисой бояд дарҳол барои Довуд кас мефиристод. Аён аст, ки вай Довудро ба ин мақоми интихобшуда номзад ҳисоб намекард. Агар ки пайғамбар Самуил ба хонаи мо меомад, ман ҳама кори ҳаддалимконро мекардам, то тамоми аҳли оиларо ҷамъ оварам. Ман тавассути скайп, тариқи телефон занг зада, илтимос мекардам, ки фавран ба хона оянд, ва агар касе бо кадом-як сабабе инро карда наметавонист, масъулият танҳо ба зиммаи худи ӯ мешуд.

Довуд барои таваҷҷӯҳи падарашро соҳиб шудан ҳафт рақиб дошт – бародарони ӯ. Он гуфтугӯҳои байни Довуд ва бародаронаш, ки дар Навиштаҷот оварда шудаанд, ба мо дӯстдорӣ ва дастгириро тасвир намекунанд. Зиёда аз ин, бародарони калонӣ Довудро ба мағрурӣ айбдор менамуданд, ва нақши ӯро дар хонаи падар коҳиш дода, мегуфтанд, ки дили ӯ густох ва шарир аст (ниг. 1 Под. 17:28).

Шояд барои ҳамин, вақте ки ман Забури Довудро мехонам, ман калимаҳоро намешунавам... ман садои дилро мешунавам. Байни сатрҳо ман дардҳои тӯли солҳои танҳоӣ ва ранҷу азоб ҷамъшударо мебинам. Довуд доимо бегуноҳии худро назди Шоул исбот менамуд, аммо муқовимат давом мекард.

Дар баъзе мавридҳо Довуд фаҳмид, ки ҳеҷ гоҳ бегуноҳии ӯро дар байни мардум эътироф намекунанд. Шоул Довудро ҳеҷ вақт намебахшад. Танҳо Худо ӯро мебахшад. Аз шоҳ гурехтаву пинҳон шуда, Довуд ба сӯи Худо давидан ва дар Ӯ пинҳон шуданро омӯхт. Аксар нафарон тадҳин ёфтан мехоҳанд, вале онҳо фаромӯш менамоянд, ки тадҳин бо он мақсаде меояд, ки дар ҳузури душманони онҳо амалӣ шавад.

Баъдтар, ҳангоми гурехтан аз Абшолӯм, Довуд фарёд зад:

> «Худовандо! Адуёнам чӣ қадар зиёд шудаанд! Бисёр касон бар зидди ман қиём мекунанд; бисёр касон дар ҳаққи ман мегӯянд: “Ӯро дар Худо наҷот нест”. Село. Валекин Ту, эй Худованд, сипаре дар гирди ман, ҷалоли ман ва афрозандаи

> сари ман ҳастӣ. Овозам Худовандро мехонад, ва Ӯ аз кӯҳи муқаддаси Худ маро иҷобат менамояд. Село. Ман дароз мекашам, хоб меравам ва мехезам, зеро ки Худованд ба ман мадад мекунад. Аз беварҳои мардум, ки маро муҳосира кардаанд, наметарсам» (Заб. 3:2-7).

Пас бо кадом тарз душманони ӯ зиёд шуданд? Саволи хуб. Чаро Худо онҳоро зарба назад? Масалан, ҳамаи онҳоро дар биёбон дар тӯфони регӣ гӯронидан мумкин буд.

Довуд аз пайғамбар Самуил хоҳиш накард, ки ӯро ба подшоҳӣ тадҳин намояд. Довуди нотарс дигар илоҷе надошт, ҷуз ҷасур будан барои Худо. Азбаски ӯ нисбати он ки Худо ба вай бовар карда буд, писари бовафо буд, ӯ ҳамчунин ҷанговари амини шоҳи худ буд. Йӯнотон дар бораи чунин дӯст ҳатто орзу карда наметавонист. Довудро барои ҳеҷ чиз сарзаниш кардан мумкин набуд, рафтори ӯ бенуқсон буд. Бо вуҷуди ин, дар зарфи тамоми ҳаёташ душманонаш танҳо афзун мешуданд. Чаро?

Мо ҳатман сабабашро ёфтан мехоҳем, зеро агар он вуҷуд дошта бошад, мушкилотҳои ӯ фаҳмо мешаванд. Аммо аз афташ маъно надорад.

Довуд бо ин суханон зиндагӣ мекард ва онҳоро пешгӯӣ менамуд, муборизаи вай ба ҷангҳои ҳаёти дигаре ишора мекунад: вай ба оянда ишора мекунад, ба он ки бо Исо чӣ мешавад. Чаро мо ҳайрон мешавем, ки душманон дар ҳаёти ӯ зиёд мешуданд? Суханони Петрусро аз Аҳди Нав мехонем.

> “Эй маҳбубон! Аз озмоиши оташе, ки барои имтиҳони шумо фиристода мешавад, ҳайрон нашавед, ки гӯё воқеаи аҷибе ба шумо рӯй дода бошад, балки, модоме ки шумо дар уқубатҳои Масеҳ иштирок доред, шодӣ кунед, то ки дар вақти зуҳури ҷалоли Ӯ низ ба ваҷд оед ва хурсандӣ кунед” (1 Пет. 4:12, 13).

Фишори беруна табдили ботиниро фароҳам меорад. Рақибон ба он сарнавиште ишора мекунанд, ки Худо барои мо омода

кардааст. Мо кам мешавем, то ки ҷалоли Худо дар ҳаёти мо афзун шавад. Тӯҳфа дар намуди рақиб – ин қисме аз дарсҳои тозашавӣ ва омӯзиш. Табиати инсонӣ кӯшиш мекунад, ки аз мушкилиҳо канорагирӣ кунад. Аммо вақте ки мо азият мекашем, мо на танҳо ба дарди Исо шарик мешавем, инчунин ба ҷалоли Ӯ ҳамроҳ мегардем, зеро дар онҳо Ӯ тақдирамонро ба мо ошкор менамояд.

## Рақибон моро маҷбур месозанд, ки дилҳоямонро ҳифз кунем

Вақте дар ботини мо дили сангин мешиканад, бар ивази он дили гӯштин тавлид меёбад. Вақте ки шумо худатонро дар гирифтории рақобати бемаъно пайдо мекунед, дилатон гӯё аз зарбаи марговар дардро ҳис мекунад. Ба шумо саволҳои бисёре ҳамла мекунанд, ки дар бораи худ ва ниятҳои худ шубҳа намоед. Шумо фикр мекунед: “Шояд дар ман чизе нодуруст бошад? Худо, Ту дар куҷоӣ? Чаро бо ман чунин шуд? Барои чӣ ин ба охир намерасад?”

**Оё мо мегузорем, ки ҳамлаҳо дилҳоямонро сахт кунанд, ё ба Худо иҷозат медиҳем, ки онҳоро шифо бахшад?**

Аксар вақт ҷавоби ягонае, ки мо ба саволҳои худ мегирем, – хомӯшӣ. Мо ба шубҳа намудан сар мекунем, ки Худо дар ҳақиқат моро мешунавад. Акнун ман мефаҳмам, ки агар Ӯ хомӯш аст, ин танҳо маънои таваққуфро дорад. Саҳна дар арафаи дигар шудан аст, қаҳрамонҳо ҷойҳои худро ишғол мекунанд. Рӯҳбаланд шавед. Дар ҳаёти шумо марҳилаи нав фаро мерасад. Ба ҷои он ки худатонро дар ҷои қарордоштаи худ андоза кунед, ба хотир оред, чизеро, ки Ӯ ба шумо аллакай овардааст.

Вақте ки мо дар хомӯшӣ гӯш мекунем, мо барои дигаргуниҳо омодаем. Оё мо ба он чизе, ки Худо мегӯяд, бовар мекунем, ё ба он чизе гӯш медиҳем, ки рақибон-айбдоркунандагони мо мегӯянд? Ҳамон Худое, ки дар мо кори некро оғоз намудааст, то

ба охир амин аст, ки онро ба анҷом расонад. Оё мо мегузорем, ки ҳамлаҳо дилҳоямонро сахт кунанд, ё ба Худо иҷозат медиҳем, ки онҳоро шифо бахшад? Ба суханони душман ва ё ба суханони Офаридгор таваҷҷӯҳ хоҳем кард?

> “Эй писарам! Ба суханони ман диққат намо, ба гуфтаҳои ман гӯши худро бикшо. Онҳо аз назарат дур нашавад; онҳоро андаруни дили худ маҳфуз дор. Зеро, ҳар кӣ онҳоро биёбад, барои вай онҳо ҳаёт аст, ва барои тамоми ҷисми вай офият аст. Бештар аз ҳар чизи ҳифзталаб дили худро маҳфуз дор, зеро ки зуҳуроти ҳаёт аз он аст” (Мас. 4:20-23).

Ба дигарон нигоҳ накунед. Ба суханони онҳо гӯш надиҳед. Ҳолати ҳозираи худро бо ҳаёти онҳо муқоиса накунед. Дили худро ҳифз кунед, ҳар як ваъдаро, ки як вақтҳо қабул карда будед, маҳфуз доред, бигзор он дар ниҳонхонаи қалби шумо нигоҳдорӣ шавад. Ҳамаи монеаҳоро бартараф созед ва дар худ қобилияти ба мавҷи садои Худо ҷӯр шуданро инкишоф диҳед. Агар Вай бо шумо гап задан намехост, инро аз шумо хоҳиш намекард. Овози Ӯ дили шуморо ҳифз хоҳад кард.

Дар зиндагӣ монеаҳо хеле зиёданд. Ҳаёти бемисл ва мукаммалро аз ҷониби Худо, ки шумо ташнаи он ҳастед, бо тарзи муқаррарӣ пайдо кардан ғайриимкон аст. Дар байни овозҳои бисёр ва ашёҳои ҷалбкунанда ин диққати томро талаб менамояд. Агар мо муқовимати қатъӣ нишон надиҳем, он гоҳ онҳо диққати моро ҷалб хоҳанд кард.

Паёми Масеҳ – ин диққати асосии мо. Суханони Офаридгори мо қудрат доранд, ки он чизеро, ки дар ҳаётамон навишта шудааст, иҷро кунанд. Сарчашмаи ҳаёт рӯҳу ҷисми моро ғизо медиҳад ва моро қодир месозад, ки аз шифо, мақсад ва қувват пур шавем. Ҳаёте, ки на ба рақибон, балки ба Калом нигаронида шудааст, ба душманон мутеъ нест.

Мо на фақат бояд ба Каломи Худо, ки тухмӣ аст, мутаваҷҷеҳ бошем, мо бояд боғро низ муҳофизат кунем, ки он дили мост.

Байни диле, ки *ҳифз карда мешавад* ва диле, ки *дар зиндон аст,* фарқияти калон вуҷуд дорад. Дар ҳолати аввал дил чизи қиматбаҳоро ифода мекунад, дар дуюм – он ба дили қулфзадашуда монанд.

Аксарияти одамон дилҳои худро бо умеди он сахт мекунанд, ки бо ҳамин роҳ онро то он даме эҳтиёт менамоянд, ки то ҳис нанамоянд, ки вақти шифои онҳо расидааст. Дар гузашта ман зуд-зуд ин тактикаро истифода мебурдам. Дар аввал сабукӣ назаррас буд. Онҳое, ки маро хафа карда буданд, аз доираи муошироти ман ғайб заданд. Ман ҳамин хел тез-тез дари диламро чунон бошиддат мепӯшидам, ки маълум шуд, ки он маҳкам баста шудааст. Ман чунон онро сахт бастам, ки он рӯзе асири ман гашт. Ба худ чунин қарор додам, ки ба дард мутеъ нестам, ки чӣ тавр ногаҳон дарк намудам, ки хурсандӣ барои ман ба таври ҳамешагӣ хомӯш шудааст.

Дили маҳфуз на дар зиндон, балки зери ҳимояи боэътимод ҷойгир аст. Агар шумо дилатонро қулф зада бошед, барои дуо вақт пайдо кунед. Аз Худо хоҳиш намоед, ки дилатонро аз зиндони сангин раҳо кунад ва онро бо наваш иваз намояд, ки қодир бошад ҳам шодӣ ва ҳам дардро эҳсос кунад.

Ман медонам, ки ин кор осон нест, аммо бигзор ашкатон бо худатон монад. Бигзор онҳо дили шуморо нам ва нарм кунанд. Лозим нест, ки дарди худро бо моводи мухаддир ё машрубот паст кунед, онҳо фақат ҳиссиётҳои шуморо вайрон намуда, шуморо ба суқут мебаранд. Ақли худро бо фикрҳои рӯҳро аз интиқом олуда мекарда тира насозед. Онҳоро такрор ба такрор бо ҷузъиёташ фикр карданро бас кунед, ҳар боре ҳис намоед, ки гиря гулӯгир мекунад, нишаста, гиря кунед. Дар танҳоӣ бимонед, бигзор дард бо тамоми қувваташ занад. Вақте ки ором мешавед, рӯятонро ба осмон нигаронида, овозатонро сӯи Худо баланд кунед. Ба мисли Довуд рафтор намоед, ки ҳамарӯза дилашро пеши Худо холӣ мекард. Ба назди Офаридгор бо ғамҳо ва бо рақибони худ биёед.

Биёед мехонем, ки чӣ тавр Довуд назди Худо меояд.

> “Маро аз шодӣ ва хурсандӣ баҳраманд гардон, то устухонҳое, ки Ту шикастаӣ, хушнуд шавад. Рӯи Худро аз хатоям бипӯшон, ва ҳамаи гуноҳҳои маро маҳв кун. Худоё, дили поке дар ман биофарин, ва рӯҳи дурусте дар ботинам нав бикун. Маро аз пеши Худ дур наандоз, ва Рӯҳулқудси Худро аз ман нагир. Шодии наҷоти Худро ба ман баргардон, ва бо рӯҳи олиҳимматӣ маро дастгирӣ намо” (Заб. 50:10-14).

Дили асири сахтшуда кар мешавад, устухонҳои хушк ҷавоб дода наметавонанд. Онҳое, ки дигаронро маҳкум мекунанд, ҳамеша зери бори гуноҳи худ мебошанд. Танҳо Худо метавонад дилҳои моро аз ҳар гуна ифлосӣ тоза намояд ва ислоҳ созад, то ки мо ба ҳузури Ӯ бархезем.

Дилҳои сангин тоқати ҳузури Худоро надоранд. Онҳо худашонро ҷудо мекунанд ё дар гурӯҳи истеҳзокорон мемонанд, ки дардҳои он касонеро, ки қарор додаанд, ки бо роҳҳои шифо мераванд, тамасхур мекунанд.

Ман мехоҳам бори дигар шуморо огоҳ намоям, ки бисёр одамон ин усулро ба таҷриба кардан сар мекунанд, ва баъд мефаҳманд, ки онҳо дилҳои худро ҳифз накардаанд, онҳоро дар зиндон нигоҳ доштаанд. Афсӯс ва ҳамдардӣ аз байн мераванд, ҷои онҳоро бераҳмӣ ва бепарвоӣ мегиранд. Байни дилро ҳифз намудан ва қулф задан фарқияти калон вуҷуд дорад. Агар он холӣ ва сахт шуда бошад, вақти он расидааст, ки даҳонамонро аз суруд пур кунем. Шоулро азобу уқубатҳо тарк намекарданд, аз ин рӯ, Довуд барои ӯ суруд мехонд, то азобҳои вайро биронад. Сурудҳое, ки дар атрофи мо садо медиҳанд, ким-чиро дар дурӣ нигоҳ медоранд, аммо вақте ки суруд аз ботини мо бармехезад, чизи махсусе рӯй медиҳад. Вақте ки мо на танҳо гӯш мекунем, балки худамон месароем, дилҳои мо кушода шуда, бо Офаридгор робита барқарор мегардад.

Шоҳ Шоул одати тез сухан гуфтан ва саросема амал карданро дошт. Ташвиши дар дилаш буда дар рафтораш ифода меёфт. Чи тавре ки Довуд ором кардани дили худро ёд гирифт, мо низ бояд ором кардани дили худро омӯзем.

> “Балки ҷонамро ором ва сокит мекунам, мисли кӯдаки аз сина ҷудошудае, ки дар оғӯши модараш мехобад; ҷонам андаруни ман мисли кӯдакест, ки аз сина ҷудо карда шудааст” (Заб. 130:2).

Оё ман метавонам ба шумо ошкоро иқрор шавам? Ба ҷои он ки ман ҷонамро чун кӯдак ором намоям, ман майли бо хости худам амал карданро дорам. Якчанд даҳсолаҳо пеш мо дар калисо аз матни таронаи сеюми Забур суруд мехондем. Ман ба монанди кӯдак гиря карда будам. Ҳама медонистанд, ки дар хона ман таҳти мусиқии ин суруд рақс карданро дӯст медоштам. Ба назар чунин менамуд, ки андӯҳи ман бо эҳсосоте, ки Довуд ҳангоми навиштани тарона ҳис мекард, мувофиқат мекунад, танҳо фарқияти он, ки сабабҳои ашкҳои ман аз азобҳои ӯ хеле камтар буданд. Бале, баъзан вақт онҳо хеле дардовар менамуданд. Ман боварӣ доштам, онҳо ба ҷони ман чунон амиқ ворид шуданд, ки онро комилан пур карданд.

Ба қафо нигоҳ карда, ман ҳама чизро тамоман дигар хел мебинам. Ғамҳои ман ночиз ва камаҳамият буданд. Дар куҷое норасоии таваҷҷӯҳ, куҷое сухани нохуш, шояд ҷанҷол бо шавҳар. Ман одамони зиёдеро вомехӯрам, ки барои чунин азобҳои ночиз тайёранд ҳама чизро диҳанд. Дар баъзе кишварҳо ман занони ҷасуреро мебинам, ки барои имонашон ҳар рӯз дар шароити хатари марговар зиндагӣ мекунанд. Дар куҷое набошам, дар ҳама ҷо модарони пурқувватро вомехӯрам, ки монда нашуда, меҳнат мекунанд, то фарзандонашонро хӯронанд. Ҳатто дар бораи онҳое гап намезанем, ки ба латукӯб ва таҷовуз дучор мешаванд, он касоне, ки хешу таборашон онҳоро ба ғуломӣ фурӯхтаанд.

Ман дарди шуморо ночиз намешуморам. Ман медонам, ки он воқеӣ аст. Аммо вақте мо дар ҳақиқат дар он бора ваҳй мегирем, ки Худо ҳатто бадтарин вазъиятро метавонад ба некӣ гардонад, он гоҳ рӯзе фаро мерасад, ки мо мисли Юсуф мегӯем:

> “Шумо дар ҳаққи ман қасди бад доштед, вале Худо онро ба некӯӣ гардонид” (Ҳас. 50:20).

Агар шумо ба рақибони худ бо тарзи дигар нигоҳ кунед, Худо шуморо аз дард халос менамояд. Саҳнанавис Эдмонд Берк ин алоқамандиро чунин тасвир менамояд: “Касе, ки бо мо ҷанг мекунад, вай асабҳои моро мустаҳкам мегардонад ва маҳорати моро сайқал медиҳад. Душмани мо – ёрдамчии мо”.

Ман фаҳмидам, ки дарҳоро ҳоло ба рӯи одамон пӯшидан – маънои бастани дарҳо барои ояндаи худро дорад. Ҳар вақте, ки мо кӯшиш мекунем худамонро аз атрофиён ҷудо намоем, мо хатари худамон худамонро ба қафас андохтанро дорем. Дилҳои кушода дарҳоро мекушоянд ва дигаронро ба оғӯши боз меоранд. Худо Исоро бо умеде фиристод, ки касе талаф нашавад. Барои нигоҳубини дилатон ҷидду ҷаҳд намоед, ба ҷои он ки мавқеи худатонро муҳофизат кунед, онро дурустакак маҳфуз доред.

Бисёриҳо мехоҳанд, ки роҳбар бошанд, лекин андозаи нуфуз – ин шамшери дудама, ки аз ҳарду тараф мебуррад. Дар паҳлӯятон ҳамеша одамоне хоҳанд буд, ки шуморо дӯст медоранд, аммо намедонанд. Ва ҳамеша касоне ҳастанд, ки аз шумо нафрат доранд ва намедонанд. Онҳо тамошобинонанд. Онҳо рақибон нестанд, вале тағйиротро назорат мекунанд. Мӯсо бо фиръавн ба воя расид. Довуд барои Шоул мисли писар буд. (Ҷолёт дар ҳаёти ӯ яке аз бузургҷуссаҳо буд.) Дар аксар мавридҳо рақиб касе, ки як вақтҳо шуморо хуб медонист. Довуд рақибро бо чунин тарз тасвир намудааст:

> “...Зеро ки на душман маро мазаммат мекунад, – ман ба ин тоқат меовардам; на бадхоҳам бар ман такаббур менамояд, – ман аз вай пинҳон мешудам; балки ту, эй марди ҳамвазни ман, эй ҳамдам ва ҳамроҳи ман” (Заб. 54:12-14).

Вақте ки душман дар зери ниқоби дӯст пинҳон мешавад, инро “дӯстии қалбакӣ” номидан мумкин аст. Ба ибораи дигар, ин рақиб аст. Барои фарқ карда тавонистани он, ки кӣ дӯсти ҳақиқист ва кӣ дурӯғин, истеъдод лозим аст, дар айни замон маҳз рақибони мо моро одамони ҳақиқӣ мегардонанд. Вақте ки ба мо чизе маъқул намешавад, метавонем хашмгин шавем, аммо метавонем ҳама

чизро ба Худо супорем. Ба Ӯ барои он ки Вай рақибро истифода мебарад, то ки моро пок созад, азнавсозӣ намояд, ташаккур гуфтан мумкин аст, ё шикоят кардан мумкин аст. Мо метавонем шикоят намоем, аммо метавонем дуо кунем ва суруд хонем. Интихоб аз они мост, ва ягон рақиб инро аз мо гирифта наметавонад.

## Саволҳо барои мулоҳиза

1. Он ҳолатҳоеро ба ёд оред, ки рақиби шумо ба муаллими шумо табдил ёфт?
2. Рақиб дар ҳаёти шумо чиро маълум кард?
3. Дар кадом соҳаҳо шумо далер ҳастед?
4. Дар кадом соҳаҳо ба шумо далерӣ намерасад?
5. Се фарқияти байни мухлисон ва пайравонро номбар кунед?
6. Оё шумо боре найза дар даст дар атрофи хона давидаед? Чӣ хел шумо метавонистед аз он халос шавед?
7. Чӣ тавр метавон дили худро, онро зиндонӣ накарда, маҳфуз дошт?

# 6

# Ҷинс берун аз рақобат аст

“Ман бо нажодпарастӣ муросо карда наметавонам, вақте ки одамонро барои чизе табъиз мекунанд, ки онро наметавонанд тағйир диҳанд, – ранги пӯст, ва беадолатии тоқатнопазирро наметавонам оромона қабул намоям, вақте дигаронро барои чизе ҷазо медиҳанд, ки онро низ иваз карда наметавонанд, – ҷинси худ”.

АРХИЕПИСКОП ДЕСМОНД ТУТУ

Ман дуоҳои шахсӣ дорам, ки ба воситаи онҳо, вақте ки танҳо мемонам, ба Худо муроҷиат мекунам. Бисёр вақт ман дар ҳуҷраи меҳмонхона ё дар мошин танҳо ҳастам. Аксарият медонанд, ки вақте ки ман дар дохили мошини худ мешинам, хеле ғайриоддӣ дуо мекунам. Аз мусиқии парастишӣ чизе беҳтаре нест, дар он ман комилан худро гум мекунам. Чанд сол пеш ҳаёти ман чун чарх давр мезад. Баъзан намедонистам, ки ба пеш рафта истодаам ё ба қафо бармегардам. Вақте ки дар Иордания будам, дар тирамоҳ китоби ман “Бедоршавии модашерон” нашр шуд. Сол ба охир мерасид. Рӯзи

шукргузорӣ наздик мешуд. Он вақт дуои шахсии ман чунин буд:

Падари Осмонӣ, ман боварӣ дорам, Ту медонӣ, ки ман китоб бо номи "Бедоршавии модашерон" нашр намудам. Он аллакай бо панҷ забон чоп шудааст, аммо донистан мехоҳам, ки ин бо иродаи Ту буд. Ман медонам, ки гӯё Туро огоҳ намуда, дуо мекунам, аммо инчунин мефаҳмам, ки Ту аз вақт вобаста нестӣ, барои ҳамин мехостам тасдиқи онро гирам, ки Ту тарафдори ҳамаи ин мебошӣ. Ба номи Исо, омин.

Бале, аҷиб, аммо ба ҳар ҳол ҳамин тавр буд. Медонистам, ки бояд диламро аз ин андешаҳо раҳо карда, ҳамаашро ба дасти Ӯ супорам.

Тасдиқе, ки ман пурсидам, дер наомад. Он бегоҳ тақрибан соати ҳашт ғайричашмдошт ба ман лозим омад, ки барои лоиҳаи мактабӣ ба писари хурдиам кӯмак намоям. Ман лоиҳаҳои мактабии бародарони калонии ӯро баровардам, то ки аз онҳо он чизеро, ки истифода бурдан мумкин буд, гирем, аммо дар ҳамин ҷо ӯ гуфт, ки ба вай барои анҷом додани лоиҳа плакати махсус лозим аст. Он гоҳ ман қарор додам, ки ба бародарони калонӣ барои кӯмак расонидан ба анҷомёбии лоиҳа пул пардохт намоям.

Дар хона бетартибии том ҳукмфармо буд – пораҳои маҷалла, қаламҳои ранга ва коғазҳо дар ҳама ҷо мехобиданд. Як бародар тахти диктаи Арден чоп мекард, дигаре расмҳоеро мебурид, ки ба плакат часпондан лозим буд. Ман тахтаеро овардам, ки дар он бояд тамоми пораҳоро тақсим мекардем, ва дар ин вақт телефон занг зад. Ин Ҷон буд.

Аз овозаш чунин ба назар мерасид, ки ӯ хеле дар ҳаяҷон буд. Ман ӯро бодиққат гӯш кардам.

Вай фаҳмонд, ки бо касе шинос шудааст, ки бо вай ман бояд ҳатман гап мезадам. Шавҳари ман чунин одат дорад, ки тариқи телефон маро бо одамони ношинос пайваст менамояд. Аниқ намедонам, ки ин чи хел рӯй медиҳад, аммо тез-тез чунин мешавад... Ба ин одамон, эҳтимол, бо ман сӯҳбат намудан умуман шавқовар набошад, вале барои чи бошад, ки Ҷон ҳама вақт боварии қатъӣ дорад, ки ман ҳатман бояд бо онҳо сӯҳбат кунам.

Дар аввал ман муқобилат мекардам. Аммо акнун, бо гузашти солҳо, ман инро ногузир қабул менамоям. Барои доноён қайд мекунам: агар зиёда аз даҳ сол боз шавҳаратон ин одати тоқатфарсоро дошта бошад, шумо бояд барои худ қарор диҳед, ки ин хуб аст. Ҳамин тавр, шавҳари ман чунин одати хуб дорад, ки бо одамони ношинос бо телефон сӯҳбат намуданро хоҳиш мекунад. Он бегоҳ ман эътироз намудам.

– Ҷон, ман ҳоло вақт надорам, ки бо одамони ношинос сӯҳбат кунам. Ман ба Арден дар иҷрои лоиҳаи мактабӣ ёрӣ медиҳам.

– Ҳеҷ қисса не, бо ӯ худи ҳозир гап задан лозим нест. Вай афсари ҳарбӣ аст, ҳоло банд аст, барои ҳамин ман рақами телефони туро додам. Вақте ки ӯ занг мезанад, ҷавоб деҳ. Хайр, вақти ман шуд, туро дӯст медорам!

Пеш аз он ки ман ба муқобилаш чизе гӯям, вай аллакай гӯшакро гузошт.

Мо корро аз болои лоиҳа идома додем. Тақрибан пас аз як соат телефон занг зад. Ман тасмим гирифтам, ки бо овози хастатарин ҷавоб диҳам.

– Салом, – оҳиста гуфтам ман.

Дар тарафи дигар нофаҳмиҳо буд.

– Ин Лиза Бивер?

– Бале...

– Лиза, имрӯз шавҳаратон дар ҷамъомад китоби шумо “Бедоршавии модашерон”-ро нишон дод. Вай гуфт, ки шерон даррандагони беҳтаринанд, модашерон бошанд, шикорчиёни беҳтарин.

Фикр кардам, ки, албатта, вай ин тавр гуфта метавонист. Ӯ ҳамагӣ ҳамин чизро медонад, зеро худам ба вай гуфта будам... Китобро ӯ ҳанӯз нахондааст, ман боварӣ дорам. Баъдан ҳамсӯҳбати ман гуфт: “Ӯ дар ҳақиқат ҳақ аст. Модашерони ҳақиқӣ – шикорчиёни беҳтарин”.

Ман аниқ намефаҳмидам, ки вай сӯҳбатро ба кадом тараф мебарад. Чаро занг зада, чӣ гуфтани шавҳарамро ба ман

мерасонад, ки бе ин ҳам медонистам, зеро он китобро худам навиштаам? Ба зудӣ ҷавоб аниқ шуд.

– Лиза, шумо медонед, ки мо ҷангро дар Афғонистон бой дода истодаем?

Дар ҷавоб нимғурма чизе гуфтам. Ман дар Колорадо-Спрингс зиндагӣ дорам, ин маънои онро дорад, ки ман ба хона бо он хатсайр бармегардам, ки бисёр мардон аз хизмати ҳарбӣ ба хонаҳояшон бармегарданд.

– Фаҳмидан мехоҳед, ки чаро мо дар ин ҷанг пирӯз намешавем?

– Албатта, – ҷавоб додам ман.

– Барои мо муошират бо занҳои онҳо манъ аст, – гуфт ӯ. – Вақте ки бо занҳо муошират мумкин нест, фарҳанги онҳоро тағйир додан ғайриимкон аст, агар фарҳангро дигаргун карда натавонед, дар ҷанг ғалаба намекунед.

Ман хеле бодиққат будам.

– Ман ба шумо мефаҳмонам, ки дар пойгоҳи ҳарбӣ чӣ кор мекунам. Ман бо кормандони шӯъбаи фаврӣ кор мекунам. Аз сабаби зиёд будани хатар, пеш аз ҳама мо бо дастаҳои таъиноти махсус кор мекардем, вале акнун мо ба он ҷо қисмҳои занонаро мефиристем. Онҳо ба занони афғон мерасонанд, ки овоз ва қадру қимат доранд. Онҳо мефаҳмонанд, ки барои чӣ демократия ба писарону духтарони онҳо хизмати муфид мекунад. Онҳо дар бораи эҳтиёҷоти тиббии худ ғамхорӣ намуда, фарзандонашонро озод хоҳанд кард. Оё шумо медонед, ки ин дастаи таъиноти махсус чӣ ном дорад?

Ман ҷавоб додам, ки намедонам.

– Онҳо “Дастаи модашерон” ном доранд, ва дар ояндаи наздик онҳо ба он ҷо хоҳанд рафт. Оё ман метавонам ба ҳар яки онҳо як нусхагӣ аз китобатон тӯҳфа кунам?

– Албатта!

Ин модашерон сазовори дастгирианд, зеро онҳо ба занон наздик шуда, ба онҳо умеди нав мебахшанд, ва нишон медиҳанд,

ки насиби фарзандони онҳо фақат ҷанг ва гуруснагӣ нест. Ба ин модашерон донистан лозим аст, ки онҳо на танҳо фармони ҳарбиро иҷро мекунанд, балки он чиро, ки барои абадият нақши муҳим мебозад, ба ҷо меоранд, онҳо бо рисолати шифо ва ҳаёт бахшидан ба назди хоҳарони худ мераванд, ки дар канор мондаанд ва танҳо аз сабаби мансубияти ҷинсӣ зуд-зуд ба беэътиноӣ дучор мешаванд. Ба мардони низомӣ бо занони афғон сӯҳбат кардан мамнӯъ аст, вале ба занони низомӣ фармон дода шудааст, ки ин корро кунанд.

Вақте ки мо хайрухуш мекардем, ман бори дигар дарк кардам, ки бе дахолати занон бисёр чизҳоро ба даст овардан имконнопазир аст.

Агар дар артиши Иёлоти Муттаҳида фаҳмида бошанд, ки бе дахолати занҳо мамлакат ҷанг карда метавонад, аммо ғолиб омада наметавонад, оё вақти он нарасидааст, ки Калисо духтарони худро барои бо мардон якҷоя баромад кардан муҷаҳҳаз намояд, то ки на танҳо ҷанг кунанд, балки ғолиб низ шаванд?

Рақобати гендерӣ чи аз ҷониби мардон ва чи аз ҷониби занон маълум аст, вале аксаран ҳуқуқи занҳо поймол мешавад. Зиёда аз се даҳсола аст, ки ман дар дили худ он занонеро нигоҳ доштаам, ки дар рақобати ҷинсӣ озор дидаанд. Ман китоб навишта, дар он ба ин масъала ба ин ё он тарз дахолат накарда наметавонам. Дар бисёр соҳаҳо натиҷаҳои ҷиддӣ ба даст оварда шудаанд, аммо ҳар ҳафта ман ягон қиссаи занеро мешунавам, ки дар издивоҷ, дар оила, дар кор ё дар калисо азоб мекашад. Ман пайваста дар шабакаҳои иҷтимоӣ шарҳҳои пур аз нафрат алайҳи занонро мехонам. Ҳамаи ин вуҷуд дорад, ва дар бораи мушкилоти хариду фурӯши ҷинсӣ, гендерсид ва порнография ҳатто ҳоҷати гап нест.

Мутаассифона, таассуби гендерӣ то ҳол дар сатри Инҷили мо боқӣ мондааст, гӯё мо онро барои васеъ кардани кафорати пурра ва озодии мардон истифода мебарем, ва дар айни замон ба занон ҳиссаи ченкардашударо мансуб медонем.

## Таҳдидҳои пешвоёни дин

Ман мехоҳам мавзӯи таассуби гендериро аз он замоне оғоз намоям, ки Калисо баъд аз эҳё нав таваллуд шуда, зиндагӣ мекард ва нумӯъ меёфт, ва Рӯҳи Худо бар писарон ва духтарон буд. Вақте ки эҳёи Исоро эълон намуданд, Инҷил дар суханон ва амалҳо паҳн мегашт. Сардорони ба ташвишафтодаи маъбад кӯшиш намуданд, ки тӯфонро ором намоянд ва вақте марде, ки чил сол ланг буд, шифо ёфт, Петрус ва Юҳанноро ҳабс карданд.

> “Онҳоро даъват намуда, фармон доданд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ *исми Исоро ба забон наоваранд ва таълим надиҳанд*” (Аъм. 4:18).

Дар ин контекст онҳо аз ҷониби пешвоёни дини онвақта даъват карда шуданд, маҳз онҳо Петрус ва Юҳанноро сахт огоҳ намуданд. Ин мӯъҷиза, шифоёбии одам, бо номи Исо ба амал омад. Он барои мавъиза дар бораи Масеҳ, Наҷотдиҳандаи эҳёшуда, дари васеъро кушод. Сарварони яҳудӣ байни болғаю сандон монда буданд, зеро инкор намудани шифои марди ланг номумкин буд. Онҳо байни худ андеша карданд:

> “Инак ба ҳамаи сокинони Ерусалим маълум шудааст, ки онҳо мӯъҷизаи ба назар намоёне ба амал овардаанд, ва мо онро наметавонем инкор кунем; аммо барои он ки бештар аз ин дар миёни мардум овоза нашавад, *бояд онҳоро сахт таҳдид кунем,* ки дигар ба ҳеҷ кас дар бораи ин исм гап назананд” (Аъм. 4:16, 17).

Мо ҳамаамон медонем, ки таҳдидҳо ба ин ду шогирд таъсир накарданд. Илова бар ин, онҳо таъсири баръакс доштанд ва азми ҳаввориёнро қавӣ намуданд.

> «Вале Петрус ва Юҳанно ба ҷавоби онҳо гуфтанд: “Худатон ҳукм кунед, оё дар назари Худо дуруст аст, ки итоати шуморо аз итоати Худо авло донем? Мо наметавонем аз гуфтани он чи дидаем ва шунидаем, даст кашем”» (Аъм. 4:19, 20).

Петрус ва Юҳанно қарор доданд, ки пешвоёни дин байни худ чӣ қадар метавонанд баҳс кунанд, аммо ин ҳаввориёнро боздошта наметавонад. Онҳо фаҳмиданд, ки агар ин пешвоёнро бовар кунонданӣ шаванд, вақтро беҳуда сарф менамоянду халос. Онҳо илоҷи дигаре надоштанд, ҷузъ идома додани таълим ва мавъизаи он чизе, ки, чи хеле ки онҳо медонистанд, ростӣ ба шумор мерафт. Ин мардон фаҳмиданд, ки вазъиятҳое вуҷуд дорад, ки хомӯшӣ баробар ба беитоатӣ аст.

Ин таҳдидҳо имрӯз низ дар гӯшҳои мо садо медиҳанд. Имрӯз онҳо аз забони дигар одамон мебароянд. Имрӯз вазъият ба таври дигар ба назар мерасад, на мисли он замоне, ки пешвоёни дин ба моҳигирони бесавод аз Ҷалил мавъиза намуданро манъ карда буданд. Имрӯз таҳдидҳо дар намуди фишори маданӣ ифода мешаванд, ки саъю кӯшиши тағйир додани ҷаҳонро доранд. Онҳо бо дигар тарз садо медиҳанд, аммо мақсади онҳо чун пештара боқӣ мондааст. Ҷаҳони дунявӣ дар бораи Худо сухан гуфтан ва ҳар қадар хоҳед рӯҳонӣ буданро манъ наменамояд, то он даме ки шумо номи Исоро намегиред.

Пас, мо набояд ҳайрон шавем, вақте ки арсаҳои ҷаҳонӣ таълим ва мавъизаро ба номи Исо манъ мекунанд, вақте ки калисо ба аъзои худ халал мерасонад ва овози онҳоро хомӯш мекунад... Ин амали ҳайвони тамоман дигаре аст.

Зиёда аз ду ҳазор сол аст, ки пешвоёни дин барои ҳазорҳо духтарон дар калисо мавъиза намудан ва таълим доданро дар ҳудуди муқаддаси худашон маҳдуд ва баъзан манъ мекунанд. Бори дигар мехонем, ки дар китоби Аъмол (4:18) чӣ навишта шудааст:

> “Онҳоро даъват намуда, фармон доданд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ исми Исоро ба забон наоваранд ва таълим надиҳанд”.

Вақте ки ман дар бораи ин оят мулоҳиза мекардам, пичирроси Рӯҳулқудсро шунидам: “Ба бисёр духтароне, ки Ман онҳоро даъват намудаам ва бо Рӯҳи Худ ба онҳо бахшоиш барои хизмат ато

кардаам, манъ мекунанд, ки даъвати худро дар калисо иҷро кунанд”.

Шояд шумо шунидаед, пешвоёни дин мегӯянд, ки занҳо метавонанд фақат занҳоро таълим диҳанд, мардонро онҳо таълим дода наметавонанд. Ё: “Занҳо метавонанд фикри худро баён кунанд, вале онҳо мавъиза карда наметавонанд”. Ё: “Занҳо метавонанд роҳбар бошанд, вале на дар калисо”. Чунин таҳдидҳои пӯшида ба назар оқилона мерасанд, аммо натиҷа як аст: ба Инҷил имконияти озодӣ намедиҳанд. Занҳои дар имон далерро дарҳол ба гурӯҳи занҳои хашмгин тасниф мекунанд. Занҳоеро, ки аз Худо дилпур мебошанд, иштибоҳан шӯҳратпараст меноманд. Аммо бо вуҷуди ин, мо бо ҳамон саволе дучор мешавем, ки Петрус ва Юҳанно ба миён гузошта буданд. Оё дар назари Худо ба одамон гӯш додан ва ба Худо итоат накардан хуб аст? Худо ба писарон ва духтарони Худаш чӣ фармудааст? Ҷавобро мо дар суханони Исо, ки пеш аз эҳёи Ӯ гуфта шуда буданд, меёбем:

> «Ва ба онҳо гуфт: “Ба тамоми олам биравед ва Инҷилро ба ҳамаи махлуқот мавъиза кунед. Ҳар кӣ имон оварда, таъмид ёбад, наҷот хоҳад ёфт; лекин ҳар кӣ имон наоварад, маҳкум хоҳад шуд. Ва ин аломот ҳамроҳи имондорон хоҳад буд: ба исми Ман девҳоро берун кунанд ва ба забонҳои нав сухан гӯянд; ва морҳоро гиранд; ва агар заҳри қотиле бихӯранд, ба онҳо осеб нарасонад; ва даст бар беморон ниҳанд, онҳо шифо ёбанд”. Ва Худованд, пас аз он ки ба онҳо сухан гуфт, ба осмон сууд карда, ба ямини Худо нишаст» (Марқ. 16:15-19).

Ин амр бидуни истисно *ба ҳама* имондорон дода шудааст. Супориши бузург – ин иҷозат, он сохтмон ё ташкилро талаб намекунад, ин ваколат ба намояндагони ҳарду ҷинс дода шудааст. Дар Масеҳ ҳама даъват шудаанд ва озоданд, ки Хушхабари Худоро мавъиза намоянд. Азбаски мо озодӣ ва ҳақиқати Худоро шинохтаем, набояд ба таҳдидҳои одамон иҷозат диҳем, ки моро ба хомӯш будан маҷбур созанд.

## Итоат ба Подшоҳ

Худо – Подшоҳи олишон ва муқаддаси мо. Худои мо ба мо супориш ва қувват додааст. Ӯ аз мо хоҳиш намуд, ки ба халқи Худаш аз номи Худаш муроҷиат кунем. Агар ин тавр бошад, чӣ тавр ба онҳое, ки моро зери ҳокимияти Подшоҳ роҳбарӣ менамоянд, иҷозат додан мумкин аст, ки моро боздоранд? Ҳар яки мо бояд паёми зинда ва намоёни Китоби Муқаддас бошем:

> "Ба Худованд Худои худ саҷда кун ва танҳо Ӯро ибодат намо" (Мат. 4:10).

Агар итоат ба тобеъони Подшоҳ маънои нофармонӣ ба Подшоҳро дошта бошад, он гоҳ мо бевосита бо худи Подшоҳ мушкилӣ хоҳем дошт. Чӣ тавр инро бартараф кардан мумкин аст – дар мисоли Эстер дида мебароем. Подшоҳи Форс Эстерро даъват накарда буд, мувофиқи қонуни дарбор бошад, ба худи вай ба назди ӯ бе иҷозат даромадан манъ буд. Аммо малика фаҳмид, ки, агар дар ин ҳолат ба фармони подшоҳ итоат намояд, ба Худо беитоатӣ мекунад. Эстер аз назар ба одамон маъқул нашудан, аз Худо бештар метарсид, барои ҳамин вай рафт. Вай барои чӣ тавр ба шоҳ муроҷиат намудан стратегияи аниқ дошт. Вай хомӯш намонд, вақте масъалаи ҳаёти бисёр одамон ба миён омад. Магар имрӯз ҷаҳон дигар шудааст. Имрӯз бисёр духтарон дар ҷойҳои стратегӣ ва паси вазъият пинҳон мешаванд. Баъзеҳо ҳатто бо дигар хоҳарон рӯза мегиранд ва дуо мекунанд, назорат намуда, ва лаҳзаи мувофиқро мунтазир шуда истода, ки кай қадам бардоштан мумкин аст, то тазаррӯъ намоянд.

Ман умуман дар назар надорам, ки шумо бояд ба шавҳари худ ё роҳбарони калисо исён кунед. Ман танҳо умедворам, ки шумо дарк менамоед, ки душмани ҳақиқӣ вуҷуд дорад, ки ҳатто шуморо маҷбурӣ хомӯш кунад ҳам, қонеъ намешавад. Ӯ ҳаёти шумо ва ҳаёти фарзандонатонро таъқиб менамояд.

Лаҳзаи ҳақиқат. Агар шавҳаратон ба шумо мавъиза кардани

Инҷилро манъ намояд, оё ба вай итоат мекардед?

Ман дар бораи он намегӯям, ки аз минбар баромада, дар нақши шубони калон ба таври оммавӣ мавъиза кунед. Ман мепурсам, ки оё воқеан шумо озод ҳастед ва метавонед шоҳид бошед? Оё шумо тайёред, ки ба хоҳари хурдӣ ҷавоб диҳед, дуо кунед ё маслиҳат диҳед?

Мо бо Ҷон ба наздикӣ дар бораи ин мавзӯъ сӯҳбат намудем. Ӯ фикри маро дар бораи он пурсид, ки чаро бисёр занон баҳона меҷӯянд, ки сафири Исо набошанд. Ман ҷавоб додам, ки, ба назари ман, аксарият танҳо аз аксуламали манфӣ метарсанд. Худи ҳамон ҳафта ман дар ҳавопаймо парвоз мекардам, дар паҳлӯям марде нишаста буд, ки ба ман гуфт, ки аз пуштам сухани бад гуфтанд. Ман ҷавоб додам: “Ва дар рӯям ҳам!”

Ҳозир вақти он нест, ки рӯҳафтода шавем ва рангамон парад. Зидди дорандагони сурати Худо, бар зидди мардон ва занон, ҷанг рафта истодааст. Охирин коре, ки мо бояд машғул шавем, ин бо якдигар ҷанг кардан аст! Фикр мекунам, ба аксарияти занҳо ҷасорат лозим аст, то ки ба ин гуфтугӯ тоб оваранд. Эҳтимол онҳоро таълим додаанд, ки итоат маънои хомӯш буданро дорад, ва намедонанд, ки Худо номашонро дигар кардааст. Худо шуморо барои кадом кор даъват менамояд? Шояд дар паҳлӯи шумо модари ҷавоне ҳаст, ки ба насиҳати шумо эҳтиёҷ дорад? Шояд ба шумо лозим аст, ки дар хонаатон гурӯҳи дуогӯӣ ё омӯзиши Китоби Муқаддасро ташкил намоед? Итоати порсоёна ба шавҳар обрӯ мебахшад, агар он аз итоати Худо берун набошад.

Дигар занҳо аз қуввати худ меҳаросанд, зеро касе ба онҳо тарзи идораи онро наомӯзондааст. Мо ҳамаамон занҳоеро дидаем, ки нодуруст рафтор мекунанд ва худамон низ чунин мекунем. (Ман медонам, ки баъзан хато мекунам.) Ин на аз он сабаб, ки ман ба касе мушкилӣ овардан мехостам, балки намедонистам, ки чӣ тавр садоям шунида шавад. Мо бояд зарб хӯрем, зеро чанде пеш дар ҷаҳон занҳо кам буданд.  Гап дар сари хомӯш кардани овози занон нест, балки дар таълим додани онҳост. Агар ман барои сабзидан

имконият надошта бошам, ман нумӯъ намекунам. Агар ман нашъунамо наёбам, барои дигарон ҷой намедиҳам.

Оё мо иҷозат медиҳем, ки худро ҳамчун зани хашмгин нишон диҳем? Ё мо ҳикмат ба даст меорем, то духтароне, ки дар даҳонашон Каломи Падар аст, сухан гӯянд? Оё зарур аст, ки онҳое, ки қисман ҷавоб доранд, хомӯш бошанд? Худованд нигаҳ дорад! Мо бояд фаъолона дар духтарони худ порсоӣ ва итоаткориро таълим диҳем. Барои онҳое, ки оиди риояи калом аз Номаи якуми Петрус, боби се, мепурсанд, ки занон бояд рӯҳи ҳалиму сокит дошта бошанд, ман комилан розиям! Ман метавонам оиди фурӯтанӣ аз ҳаёти Исо ва Мӯсо мисолҳо орам.

> "Ва Мусо марди бағоят фурӯтан буд, бештар аз ҳар одаме ки бар рӯи замин аст" (Адад. 12:3).
>
> "Юғи Маро ба гардани худ гиред ва аз Ман таълим ёбед, зеро ки Ман ҳалим ва фурӯтан ҳастам, ва ҷонҳои шумо оромӣ хоҳад ёфт" (Мат. 11:29).

Исо ва Мӯсо ба мо намунаи фурӯтаниро нишон доданд.

Баъзе саволҳои мо вобаста ба мансубияти ҷинсӣ тамоман аблаҳона аст. Ман аз Ҷон намепурсам, ки оё барои дугонаҳо доштан иҷозат дорам, ва ӯ аз ман намепурсад, ки оё метавонад рафта голф бозӣ кунад. Ман аз Ҷон намепурсам, ки оё ба одаме, ки шунидан мехоҳад, дар бораи Исо нақл кардан мумкин аст, ё ба ман иҷозат аст, ки дар ҷамъомади калисоямон ба ҷавонон мавъиза намоям. Мо бо ҳамдигар он масъалаҳоеро муҳокима менамоем, ки ҳам ба мо ва ҳам ба оилаамон дахл доранд, на чӣ тавр гузаронидани рӯзамонро. Агар мо дар бораи ҳар чизи майда-чуйда якдигарро мепурсидем, мо якдигарро азоб медодем. Ӯ ба ман бовар мекунад, ман ба вай! Ман ҳамсар ҳастам, на кӯдак.

Мо дар замоне зиндагӣ дорем, ки бисёр одамонро тарс мағлуб кардааст. Онҳо ба он умеди пурҷалоле, ки дар дили шумост, ниёз доранд.

Дар ниҳояти кор барои беитоатиамон ба супоришҳои Исо танҳо худамонро айбдор кардан мумкин аст. Бале, дигарон моро ба пешпо хӯрдан ва гуноҳ кардан маҷбур карда метавонанд (ниг. Мат. 18:6; Марқ. 9:42; Луқ. 17:2), аммо итоат кардан ба Подшоҳамон ин танҳо интихоби худи мост. Мисли бародарони худ Петрус ва Юҳанно, мо, хоҳарони онҳо, бояд дар пуррагии мӯъҷизаҳои Масеҳ қадам занем, ин маънои онро дорад, ки мо дар бораи он чизе, ки мебинем ва мешунавем, наметавонем хомӯш бимонем.

## Ҳамлаҳои шифоҳӣ

Шояд дар замони ҳозира заноне, ки чунин роҳро интихоб менамоянд, ба латукӯб ва зиндонӣ шудан дучор намеоянд, ба мисли Петрус ва Юҳанно, аммо бовар кунед, аз онҳо мегурезанд ва канорагирӣ менамоянд. Ин ифодаи он аст, ки шумо хавфи нодуруст фаҳмида шуданро доред ва бисёр вақт аз ҳамлаҳои шифоҳӣ ва бегонагӣ азоб хоҳед кашид.

Оид ба ин масъала ман ва Ҷон ақидаҳои гуногун дорем. Ӯ маро мӯътақид кард, ки дар аксар калисоҳое, ки вай он ҷо меравад, барои занон аз минбар мавъиза намудан манъ карда нашудааст. Баъд вай се зани хидматгузорро номбар кард, ки ҳамаашон дар мамлакатамон ва ҳам хориҷ аз он машҳур ва маҳбуб мебошанд. Онҳо роҳбарӣ мекунанд, таълим медиҳанд ва мавъиза менамоянд. Ман бо Ҷон розӣ шудам, ки дар назария ҳама чиз чунин аст, аммо дар амал ҳама чиз дигар аст. Вақте ман хоҳиш намудам, ки ӯ калисоҳоеро номбар кунад, ки занҳо мунтазам метавонанд мавъиза кунанд, на ин ки фақат дар Рӯзи модарон дар як сол як бор, ӯ камтар аз даҳ калисоро номбар карда тавонист.

Мо сӯҳбатро дар ин мавзӯъ идома додем, ва Ҷон маро бовар кунонд, ки ман ҳамчун зан чизе гуфта наметавонам, ки он теологҳоеро мӯътақид созад, ки мақоми роҳбарии зан ва қобилияти таълим додани занро дар калисо эътироф намекунанд. Ӯ ба ман пешниҳод кард, ки бо суханони худ ба занон таълим диҳам ва

гӯям, ки онҳо метавонанд мавъиза кунанд. Барои роҳбарон бошад, тамоми далелҳои ман садои хушку холӣ хоҳанд буд.

Ман розӣ шудам, алалхусус мақсади ман умуман роҳбарон намебошад. Ман ба хоҳарон, модарон ва духтарони худ, ки ҳанӯз онҳоро бовар кунонидан лозим аст, бо тарс ва ҳаяҷон менависам. Ман фаҳмонидам, ки ба занҳо мавъиза карданро таълим дода наметавонам, агар онҳо боварӣ надошта бошанд, ки оё ба зан дар калисо *таълим додан* ва *сухан гуфтан* мумкин аст. Ҳарфи шариат аллакай дили онҳоро шикофтааст. Ягон духтари ҳақиқии Худо иродаи Падари худро поймол ва таҳқир намудан намехоҳад. Онҳо он кореро ёд намегиранд, ки пешвоён барояшон манъ мекунанд. Агар одаме, ки дар калисо қудрат дорад ва Худоро намояндагӣ мекунад, тамоми умр ба шумо гӯяд, ки шумо *нокомил* ҳастед, шумо ба ин бовар мекунед. Хусусан ин дурӯғро қабул кардан осон аст, агар шумо дар гузашта душвориҳои зиёдеро паси сар карда бошед.

Ман *медонам*, зеро худам инро *аз сар гузарондаам*.

Агар шумо ба худатон боварӣ надошта бошед, ҳамеша барои ба худ ва ҳуқуқи худ фоида овардан шубҳа хоҳед кард. Ман мехоҳам пахтаро аз гӯшҳоятон кашам ва чашмони бастаатонро кушоям ва неши қонунпарастиро аз дилҳои нарматон берун кунам. Он гоҳ шумо метавонед шифо диҳед ва Рӯҳулқудсро шунавед. Шояд Рӯҳулқудс шуморо даъват менамояд, ки сафири Инҷил дар соҳаи ҳуқуқ, тандурустӣ, тиҷорат, ҳукумат ё дар нақши модар дар оилаи худ бошед. Ҳар кореро, ки мекунем, мо бояд ҳамчун барои Худованд бикунем. Ҳангоми чунин муносибат чизҳои ҷаҳонӣ муқаддас мешаванд. Ба одам гуфтан мумкин нест, ки Рӯҳулқудс ба вай муроҷиат карда наметавонад, агар вай даъватро ба таълим додан, омӯзонидан ва роҳбарӣ кардан дар ин ё он нақш дар калисо ҳис намояд.

Ҷинс ба қобилияти одамонро аз паси худ бурдан гумон аст, ки ягон робита дошта бошад. Маргарет Тэтчер на аз барои зан буданаш яке аз бузургтарин пешвоёни Британияи Кабир буд. Умуман мушкилӣ дар ҷинс нест; назди мо даъват гузошта шудааст

– фурӯ нишондани ғурури худ ва мӯътадил гардондани тамоюл нисбат ба таассуб ва доварӣ кардани одамон. Ҳамаи ин метавонад ҳатто роҳбари хубро кӯр созад. Фурӯтанӣ, таҷриба, садоқат, маърифат ва накӯкорӣ – ин танҳо чанд хислатҳое, ки барои роҳбар заруранд, аммо мансубияти ҷинсӣ барои роҳбари хуб тамоман шарт ба ҳисоб намеравад. Бе Масеҳ ҳамаи мо нокомил ҳастем. Дар ин бора дар Навиштаҷот чунин гуфта шудааст:

> “Чунин аст эътимоди мо ба Худо ба василаи Масеҳ, на ба он сабаб ки мо лаёқат дорем чизеро аз худ фикр кунем, ки он гӯё аз мо бошад, балки лаёқати мо аз Худост, ки Ӯ ба мо лаёқат бахшидааст, ки хизматгузорони Аҳди Ҷадид бошем, на бар тибқи ҳарф, балки бар тибқи Рӯҳ, зеро ки ҳарф мекушад, аммо Рӯҳ зинда мекунад” (2 Қӯр. 3:4-6).

Суханони Павлусро, ки ба Тимотиюс дар Номаи якум, боби дуюм, гуфтааст, як пешвои машҳур ана чӣ гуна шарҳ додааст: “Павлус дар ин ҷо мегӯяд, ки вақте сухан дар бораи роҳбарии калисо меравад, занҳо ба ин нақш мувофиқ нестанд, зеро онҳо бештар раҳмдилтар ва назар ба мардон зуд фирефта мешаванд”.

Мо ба қарибӣ ба Нома ба Тимотиюс бармегардем. Аммо аввал биёед дида мебароем, ки шумо пас аз хондани ин иқтибос чӣ ҳис намудед? Шарм, ҳисси гунаҳкорӣ, вайрон намудани қоидаҳо? Сабукӣ ё сафедкунӣ?

Албатта ҳеҷ кадоме аз мо қобилияти ҳис кардани қувват ва амали ин суханонро надорем. Ман ҳамагӣ як қисми хурди иқтибосро мисол овардам, вале дар паси он тафаккуре нуҳуфтааст, ки маҳкумияти хеле васеъ паҳнгаштаро нисбат ба занон инъикос менамояд. Дар идома ин пешво мегӯяд: “Гарчанде дар тӯли ҳамаи ин солҳо занони ба хашмомада бо баҳои Павлус норозӣ буданд, аз ин чунин таассурот пайдо мешавад, ки он занҳое, ки қодир нестанд ба таълимоти ӯ бовар кунанд ва таълимоташро пайравӣ намоянд, хеле ба модари худ Ҳавво монанданд, онҳо аз ниятҳои нек саршоранд, аммо хуб хабардор нашудаанд”.

Магар ба мо лозим аст, ки хашмгин шавем, то норозигии худро баён намоем? Ман метавонам бо шавҳарам дар чизе розӣ нашавам, вале ба ҳар ҳол хашмгин нашавам. Мо метавонем бо фикри ҳамкоронамон розӣ набошем, аммо хашмгин нашавем, ҳамин хел бо дӯстон низ.

Дар иқтибоси мазкур мо тахминеро мебинем, ки агар мо розӣ нашавем, ин аз он сабаб аст, ки мо занҳои хашмгин ва нодуруст маълумот гирифта ҳастем. Ҳатто тахмине ҳам вуҷуд надорад, ки мо метавонем занҳои парҳезгор, боандеша, шавқманди дониш бошем, ки кӯшиши худро идора намуданро карда, рағбати итоат ба Худоро доранд. Дар ин ҷо ҳатто фикре роҳ дода нашудааст, ки Павлус шояд дар бораи ягон чизҳои мушаххаси фарҳанги он замон сухан гуфта бошад, ки ҳоло дар фарҳанги давраи мо вуҷуд надорад.

Ин баёнот инчунин ба мо манбаи нодуруст будани фардияти худро медиҳад. Ҳавво дигар модари мо нест. Вақте ки мо аз олами боло таваллуд шудем, мо дигар фарзандони волидайни пештараи гунаҳкор, Одаму Ҳавво, намебошем. Мо фарзандони Худо гардидем.

Дар суханони ин шахс ман хоҳиши моро ба хомӯшӣ ва шарм доштан маҷбур карданро мешунавам. Дар онҳо садои эродҳои ҷинспарастӣ ва занбадбинӣ шунида мешаванд, вале тамоман овози Рӯҳулқудс шунида намешавад. Вақте ки Исо таълим медиҳад ва насиҳат мекунад, Ӯ ин корро бо муҳаббат ва пазироии умум мекунад. Ӯ Калисоро ба арӯси Худ ташбеҳ медиҳад. Суханони ин муаллиф бештар нафрати морро нисбат ба зан ба хотир меоранд.

Номаи якум ба Тимотиюсро Павлус бо дарназардошти он саволҳои ҷиддие навишт, ки шогирдаш бо онҳо рӯ ба рӯ шуд, вақте ки дар тамаддуни юнонӣ калисо оғоз мекард. Магар имрӯз ин ба мо дахл дошта метавонад, ба маданияти тамоман дигар ва ба шакли дигари ибодат, он чизе, ки он вақт ба онҳо дахл дошт? Шояд шумо то ҳол комилан мутмаин нестед. Шояд шумо аз эҳтиром ба Худо ҳаргиз ба суханони роҳбарон шубҳа намекунед, ва аз ҳамин сабаб ба тақдири худ тан додаед.

Биёед фарохтар меравем. Оё шумо ба касе иҷозат медиҳед,

ки ба духтаратон бо чунин суханон муроҷиат намоянд? Оё шумо вақте ки ӯро номуносиб, соддалавҳ, зудбовар ва бехабар меноманд, нигоҳ карда меистед? Оё ин роҳи ҳаётбахшанда ва аз Рӯҳ пуркунанда барои мазаммат ва кӯмак ба одам, хоҳ мард бошад, хоҳ зан, буда метавонад? Оё шумо ақаллан ягон дақиқа фикр кардаед, ки Худои Падар метавонад ба ягон соҳаи ҳаёти шумо нигоҳ карда, дар он нуқсонҳоро қайд кунад?

Ман мефаҳмам, шояд шумо худатон дар бораи худ чунин суханонро гуфтаед. Агар шумо тӯли солҳои зиёд масеҳӣ бошед, эҳтимол чунин шудааст, ки муаллим ва ё роҳбар дар бораи занҳои дигар дар калисои шумо ба ҳамин монанд сухан гуфтааст. Ба наздикӣ як зан, ки солҳои зиёд хизмат мекунад, ба идораи хизматгузории мо занг зада, нақл кард, ки аз сабаби сарзанишҳои роҳбарон ба шубҳа намудан сар кардааст, ки оё хизмати вай дар калисо ба Навиштаҷот мухолиф нестанд.

Ман ба шумо, духтар, хоҳар ва дугонаам кафолат медиҳам: Домод ва Худованди мо Исо ҳаргиз дар бораамон чунин суханони таҳқиромез нагуфтааст. Вай ҳаргиз ба ман нагуфтааст, ки бо мавъиза карданам ба Ӯ нанг меоварам. Ин маънои онро надорад, ки ман беҳтар шуда наметавонам, ман баъди ҳар як хизматгузорӣ ба худам баҳо медиҳам. Ба ман бовар кунед, ман ҳис менамоям, ки чи хел Рӯҳулқудс маро дар ҳар як соҳаи ҳаётам ислоҳ мекунад. Аммо вақте гап дар бораи он хизмате меравад, ки Ӯ маро даъват намудааст, ва нигоҳи Вай нисбати ман, он гоҳ ман ҳамеша пичирроси рӯҳбаландкунандаи Ӯро мешунавам.

Бишнавед, ки Ӯ дар бораи мо чӣ мегӯяд: Ӯ моро аҷоиб офаридашуда, муносиб ва лаёқатнок меномад. Ӯ ба шумо дили нав додааст ва рӯҳатонро зинда гардондааст, ки шуморо хирадманд ва ҳақиқӣ мегардонад. Ӯ шуморо аз Рӯҳулқудс пур кард ва Каломи Худро ба шумо бовар намуд, то шумо духтари фиребхӯрда набошед, балки чашмони дили шумо равшан шавад (ниг. Заб. 44:11; Ҳиз. 36:26; 2 Қӯр. 3:6; Эфс. 1:18).

Арӯси Ӯ аз мардон ва занон иборат аст. Ӯ моро аз ифлосӣ бо

Каломи Худаш пок кард ва ҳам ҷинси мард ва ҳам ҷинси занро бо хуни Худаш харида гирифт. Бо вуҷуди ин, вақте ки дар ҷамъомадҳои мунтазами хониши Китоби Муқаддас дар хонаи ман, ман тафсири мушаххаси суханони Павлусро, ки дар боби дуюми Номаи якум ба Тимотиюс навишта шудаанд, хондам, ман дар чеҳраҳои онҳо нофаҳмӣ, ҳайрат ва даҳшатро дидам. Инҳо заноне буданд, ки фикр мекарданд, ки агар ҳаворӣ чунин суханонро нависад, аз ин мебарояд, ки ҳамин хел аст, шояд дар гузашта онҳо худашон зудбовар ва номуносиб буданд. Дигарон тамоман фикр кардани онро бас карданд, ки ин суханонро бо дигар тарз шарҳ додан мумкин аст.

Вақте ки ман дар бораи духтаронатон пурсидам, оё шумо дар ботини худ ҳаяҷонро ҳис кардед? Умедворам, ки дар вуҷуди шумо як навъ ҳисси пурқуввати модарона боло шуд. Дар мавриди худи шумо-чӣ? Шумо маҳдудиятро авло мешуморед ё озодиеро, ки бароятон Масеҳ ба даст овардааст? Агар шумо барои духтаратон ба маҳдудият роҳ надиҳед, пас барои худатон низ онҳоро иҷозат надиҳед. Дар Нома ба Эфсӯсиён (2:10) навишта шудааст: “Зеро ки мо офаридаи Ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек, ки иҷрои онҳоро Худо пешакӣ ба мо таъин намудааст, ба вуҷуд оварда шудаем”.

Умедворам ва дуо мекунам, ки шумо ҳеҷ гоҳ бо қисмати нолоиқ будан, зудбовар ва ба осонӣ ба фиреб афтодан розӣ намешавед. Агар мо маълумоти кам дошта бошем, метавонем инро бо роҳи худомӯзӣ ва маълумотнокӣ ислоҳ намоем. Ман қарор додам, ки инро барои худ ҳамчун даъват қабул кунам ва аз одамоне, ки аз ман донотаранд, тамоми манбаъҳоро ҷамъоварӣ намоям. Нахуст, биёед суханони Павлусро дар партави якдигар дида мебароем.

> “Занҳо набояд ба ибодат бо суханронӣ, модоме ки онҳо бояд гӯш кунанд, ва бо саволҳо, ки дурусттараш дар хона ба шавҳарон диҳанд, халал расонанд. Китоби қонуни Худо рафторҳо ва урфу одатҳои дурустро нишон медиҳад. Ба занҳо ҳангоми ибодат ба сӯҳбати беҳуда машғул шудан иҷозат дода намешавад” (1 Қӯр. 14:34, 35, “The Message”).

> “Ба занон иҷозат намедиҳам, ки бар мардон ҳукмронӣ кунанд ва фармонҳо диҳанд. Занҳо бояд баробари дигарон хомӯш будан ва итоат карданро ёд гиранд. Аввал Одам, баъд Ҳавво: аввал зан фирефта шуда, саркардаи гуноҳ шуд! Одам аз пайи вай рафт. Аз тарафи дигар, кӯдактаваллудкунӣ ба вай наҷот овард, бо роҳи дигар кардани ӯ. Аммо наҷот фақат барои онҳое меояд, ки дар имон, муҳаббат ва қудсият устуворанд ва ба камол мерасанд. Шумо метавонед ба ин такя кунед” (1 Тим. 2:11-15, “The Message”).

Юнониён барои омӯхтани масеҳият ҷамъ омада буданд. Занҳо мавқеи нав пайдо карданд, тамоман дигар хел, на он тавре ки ҳангоми бутпарастӣ, вақте ки дар маъбади Диана коҳин буданашон, доштанд. Вақте ки Павлус ба Тимотиюс муроҷиат намуда, дар бораи рафтор дар калисо ҳарф мезанад, ӯ дар бораи шариат зикр намекунад. Вай суханони Исоро иқтибос намеорад. Ӯ ба Тимотиюс пешниҳод мекунад, ки ба таври шоиста аз байни юнониён имондорони навро сарҷамъ намояд. Дар он тамаддун дар масъалаҳои рӯҳонӣ занҳо боэътибор шуморида мешуданд.

Биёед суханони Павлусро дар тарҷумаи Китоби Муқаддас “The Passion”, ки аз забон арамӣ тарҷума шудааст, мехонем.

> “Бигзор занони нав ба имон омада ба омӯзиши итоат ба роҳбаронашон омода бошанд ва бенавбат гап назананд. Ман тарафдор нестам, ки занҳои нав ба имон омада дар калисо таълим диҳанд, даъвои қудрат бар мардон дошта бошанд, балки осоишта зиндагӣ кунанд. Чунки Худо аввал Одамро офарид, баъд Ҳавворо. На Одам Ҳавворо гумроҳ кард, балки Ҳавво Одамро аз роҳ зад ва аҳкоми Худоро вайрон намуд. Бо вуҷуди ин, зан бояд ба воситаи таваллуди кӯдак бо шаъну шарафи барқароршуда зиндагӣ кунад ва аз тарбияи фарзандоне, ки аз имон ва муҳаббат ғизо мегиранд ва дар ҳикмат рафтор мекунанд, баракат ёбад”.

Барои ба забони муосир тарҷума кардани ин суханон ман ба як

теолог ва роҳбари калисо муроҷиат кардам, ки ба омӯзиши амалии саволи оё занҳо метавонанд дар калисои зиндаи маҳаллӣ мавъиза кунанд, машғул мебошад. Доктор Гилберт Билезикян, устоди Уитон ва усқуфи калисои “Уиллоу Крик” (“Willow Creek Church”), якуним солро барои омӯзиши масъалаи хидмати занҳо сарф намудааст. Нахустин бор вай натиҷаи тадқиқоти худро дар китоби “Берун аз нақшҳои ҷинсӣ” (“Beyond Sex Roles”) нашр кардааст.

> “Дар натиҷа мо ба хулосае омадем, ки то ба гуноҳ афтодан мард ва зан ҳарду ҳукмрон буданд, ҳарду симои Худоро муаррифӣ менамуданд, ва барои якҷоя ғамхорӣ намудан оиди замине, ки Ӯ офарид, даъват доштанд. Мард ва зан ба хотири ҷалоли Худо барои иҷрои супоришҳои худ масъул буданд ва ин хизматро бо кӯмаки он воситаҳое, ки Худо ба ҳамон андозае ато кард, ки имонашон иҷозат дода буд, ба ҷо меоварданд. Бадбахтона, бинобар гунаҳкоршавӣ, ин ҳамкорӣ сахт зарар дидааст. Мо чунин мешуморем, ки он нақшаи неки Худоро барои ҳар чизе, ки гуноҳ нобуд кардааст, аз ҷумла, муносибатҳои байни мардон ва занонро, то он зебоие, ки рӯзҳои аввали баъди офариниш вуҷуд дошт, барқарор кардан мумкин аст. Аксар масеҳиёни содиқ ва соҳибмаълумот бо хулосаҳои мо розӣ нестанд. Рӯзе фаро мерасад, ки мо ҳамаамон мефаҳмем, ки то чӣ андоза дар ин ва дигар масъалаҳо мо аз ҳикмати комили Худо дур шудаем. Ва то ин дам ман дар ин мавқеъ фурӯтанона, вале устувор истодаам. Ман ба таваккал кардан тайёрам, то занҳоро ба он чизе рӯҳбаланд намоям, ки, ба фикри ман, Навиштаҷот аз онҳо хоҳиш мекунад, – барои ҳамаи атоҳои рӯҳонӣ пурра кушода бошанд”.

Агар зан барои мавъиза намудан, таълим додан ё роҳбарӣ кардан даъватро ҳис намояд, ва агар ӯ ба таври шоиста дорои он тамоми сифатҳое бошад, ки дар Навиштаҷот оварда шудааст, пас ӯро таълим диҳед ва бигзор вай маълумот гирад, то дар он мақоме, ки Худо таъин намудааст, мавъиза намояд, таълим диҳад

ва роҳбарӣ намояд. Якҷоя бо доктор Билезикян ман дар ин бобат фурӯтанона, вале устувор истодаам.

## Нигоҳи рӯҳониён ба Ҳавво

Чанде пеш ба ман муяссар шуд, ки бо раввини олиҷаноби масеҳӣ Брайан Билечи сӯҳбати тӯлонӣ дошта бошам. Ман бо ӯ таассуроти худро оиди он нақл кардам, ки бисёр духтарони Худо намедонанд, ки онҳо дар ҳақиқат кистанд. Торафт бештар аён мегардад, ки фардият ва шаъну шарафи духтарони Худо зери зарбаи фосиди рӯҳи ин ҷаҳон қарор дорад. Дар бисёр калисоҳо намедонанд, ки чӣ тавр атоҳоеро, ки Худо ба занон додааст, такмил диҳанд.

**Мард ва зан офарида шуда буданд, то ки дар худмуаррифӣ гуногун, вале дар он чи ки ба мақсад дахл дорад, якдил бошанд.**

Ман мехостам аз олими яҳудӣ бишнавам, ки Худо нисбати духтарони Худ чӣ фикр дорад. Ман аз вай хоҳиш намудам, ки ҳамаи номҳои асосиро истода гузарад, аз Ҳавво сар карда, баъд Соро ва ҳамин тавр то арӯси Масеҳ, Калисо. Рӯҳонӣ ба ман чизҳои бисёрро нақл кард, ва мехостам фикрҳои асосии ӯро мухтасар баён кунам, зеро онҳо ба шумо кӯмак менамоянд, ки дар фардияти худ устувор гардед.

Худо Одамро аз Ҳавво дида, бештар дӯст надошт. Аз ибтидо Ҳавво ҳамеша дар дохили Одам буд. Ҳарчанд Одам ба вай ном дод ва ҳатто ба ӯ мӯҳтоҷ буд, Ҳавво ҳамеша дар фикрҳои Худо буд. Худо ба вай рӯъё ва ифодаи беназири занона додааст. Зан ҳама вақт дар дохили мард вуҷуд дошт, бинобар ин барои мард бо вай будан осонтар аст, назар бе вай будан (ниг. Ҳас. 2:18). Барои Одам пайдо шудани Ҳавво "хуб не"-ро ба "хеле хуб" табдил дод.

Аз Китоби Муқаддас мо медонем, ки Худо ба Одам хоби сахте

дод, сипас яке аз қабурғаҳои ӯро гирифта, Ҳавворо офарид (ниг. Ҳас. 2:21). Мард ва зан ба таври нотакрор аз ҳам ҷудо шуданд, аммо ин он маъноро надорад, ки онҳо нимаҳои нокомил ҳастанд. Ин ду шахсияти комил мебошанд. Мард ва зан офарида шуда буданд, то ки дар худмуаррифӣ гуногун, вале дар он чи ки ба мақсад дахл дорад, якдил бошанд. Қайд кардан муҳим аст, ки то гунаҳгоршавӣ тақсимоти нақшӣ набуд. Барои ҳамин, ду нафар метавонанд як тан дар мақсад, як тан дар қалб ва як тан дар иттифоқи ҷисм бошанд.

Як рӯзи фоҷиабор Ҳавво фирефта шуд ва Одам зидди Худо исён кард. Интихоби Ҳавво маънои онро надорад, ки акнун тамоми занҳо барои он таъин шудаанд, ки бештар қурбони фиребгарӣ шаванд, назар ба ҳама мардоне, ки аз сабаби хиёнати Одам ба исён бештар майл доранд. Ман аксар вақт дар бораи кӯшишҳои ҳамчун як чизи камаҳамият тасвир кардани гуноҳи Одам, назар ба он бадие, ки Ҳавво содир карда буд, мешунавам. Ман шунидаам, ки онро "гуноҳи беихтиёрона" меноманд. Раввин Брайан Билечи бо ин розӣ нашуд. Вай тасдиқ намуд, ки Навиштаҷот мегӯяд:

> "Зеро, чунон ки ба воситаи беитоатии як кас бисёр касон гуноҳкор шуданд,票 онҷунон ба воситаи итоати як кас бисёр касон одил мешаванд" (Рум. 5:19).

Гуноҳи Одам ҷинояти беихтиёрона набуд. Дар беҳтарин ҳолат онро метавон "қасдан итоат накардан" номид, ҳарчанд баъзе олимон инро хиёнат ва исён меноманд.

Фикри дигаре низ ба сарам меояд – оё Одаму Ҳавво кӯшиш накарданд, ки як навъ дуздии фардиятро содир намоянд: билохира, онҳо мехостанд Худо бошанд!

Дар хонаи мо, вақте ки фарзандон манъкуниҳои падару модарро дидаю дониста нодида мегиранд ва ба дӯстон ва ё ба якдигар гӯш медиҳанд, мо инро рафтори беихтиёрона намегӯем. Мо инро амали беитоатӣ меномем. Агар сарбоз дар ҳарбӣ ба ягон

фармон итоат накунад, инро рафтори беихтиёрона наменоманд, мегӯянд, ки вай аз иҷро кардани фармон даст кашид.

Биёед мебинем, ки Худо оиди рафтори Одам чӣ мегӯяд.

> «Азбаски ба овози занат гӯш додӣ ва аз он дарахт хӯрдӣ, ки амр фармуда, гуфтам: "Аз он нахӯрӣ", замин аз боиси ту малъун шуд» (Ҳас. 3:17).

Нарм шудани нақши Одам аз боиси ҳолатҳои муайян пайдо шудааст. (Ман намефаҳмам, ки чаро дар баъзе кас хоҳиш пайдо мешавад, ки интихоб ва рафтори Одамро ҳимоя бояд кард, ҳангоме ки ҳамаамон дар Масеҳ бахшида шудаем.)

Ин ҳимоякунандагон мардҳоро даъват мекунанд, ки онҳо бархезанд ва роҳбарони хуб бошанд, ман ба ин даъват бо дасту пойҳоям ҳамроҳ мешавам ва мегӯям: "Бале ва омин!" Ман розӣ ҳастам, ки ҷаҳон ба одамоне, ки барои мардон намунаи хуб мешаванд, хеле ниёз дорад. Ман танҳо бо он розӣ нестам, ки ин даъват чӣ гуна рӯй медиҳад. Онҳое, ки тарафи вайро мегиранд, чунин мешуморанд, ки беҳтар аз ҳама мардон метавонанд нақши роҳбариро дар калисо ба ӯҳда гиранд, агар овози занҳоро хомӯш кунанд, ва далелҳои худро бо таърихи гунаҳкоршавӣ асоснок мекунанд.

Дар ин далелҳо ва худсафедкуниҳо ман бисёр камбудиҳоро мебинам. Зеро аён аст, ки, агар Одам бармехест ва росташро мегуфт, зарари бисёрро пешгирӣ кардан имкон дошт. Ба вай лозим буд дурандешӣ ва эҳтиёткории худро нисбати суханони Худо дар сӯҳбат бо мори фиребгар нишон диҳад, на бо Ҳавво. Одам бояд овози худро баланд карда, маҷбур менамуд, ки мор хомӯш шавад; зеро охир мо на бо ҷисм ва хун мубориза мебарем. Айнан ҳамин тавр акнун мардҳо бояд овози худро баланд бардоранд, то маҷбур созанд, ки мор хомӯш шавад, на занҳо, ки Худованд онҳоро ба сурати Худ офарид ва офаридаи Худро хуб номид.

Аз ҳама роҳи беҳтарини касеро аз хатогӣ дар оянда нигоҳ доштан – насиҳати ошкоро, на ин ки манъкунӣ. Он ки Ҳавво дар

гузашта хатогии бузург кард, набояд дар оянда духтаронашро маҷбур намояд, ки хомӯш монанд, айнан ҳамин хел гуноҳи Одам набояд писаронашро бандад! Зиёда аз бист аср мардон ва занон дар калисо паҳлӯ ба паҳлӯ зиндагӣ карданро меомӯзанд. Вақти дарки он расидааст, ки мо дар Масеҳ кистем, ва китф ба китф роҳбар шавем, чуноне ки мо дар ибтидо, барои фаъолият дар боғ, офарида шуда будем. Ба мард лозим аст, ки ҳамчун мард роҳбарӣ кунад, ва ба зан – ҳамчун зан.

Акнун мо намунаи Исоро дорем, ки чӣ тавр ба шайтон дуруст ҷавоб доданро нишон додааст:

> «Аз Ман дур шав, эй шайтон; зеро ки навишта шудааст: “Ба Худованд Худои худ саҷда кун ва танҳо Ӯро ибодат намо”» (Мат. 4:10).

Мо бояд суханҳои Худоро ҳамчун акси садо такрор кунем, на ин ки кӣ ҳақ ва кӣ гунаҳкор будани касеро муайян созем. Биёед ба Худо бо чунон иштиёқ хизмат кунем, ки мо барои зиндагӣ бо имон далелҳои зинда ва ҳаётбахш бошем. Исо – намунаи асосии мо. Мо бояд монанди Ӯ қадам занем. Мо бояд аз каси дигар дида, аз он ҷумла, аз ҳавворӣ Павлус, аз паси Ӯ бо ҷидду ҷаҳди зиёдтар равем. Павлус аз Тимотиюс хоҳиш кард, ки аз паси Павлус равад, танҳо ҳамон тавре ки худи Павлус аз паси Масеҳ мерафт: “Ба ман тақлид кунед, чунон ки ман ба Масеҳ тақлид мекунам” (1 Қӯр. 11:1).

## Дурӯғи шайтон. Шифои Худо

Шайтон мардон ва занонро ғорат мекунад, вақте ки мо маслиҳати ҷудокунандаи вайро қабул менамоем ва қувватро аз як ҷинс гирифта, ба ҷинси дигар илова мекунем. Вақт рафта истодааст. Фурсати он расидааст, ки супоришҳои Исоро ба ҷо оварем ва ба гумроҳшудагон наҷот оварданро давом диҳем (ниг. Луқ. 19:10). Кайҳо барои Калисо вақти он фаро расидааст, ки ба ҷаҳони валангор ва пароканда намунаи зинда ва намоён бошад,

ва чӣ тавр зиндагӣ карданро ба ҷамъияти бисёрмиллата, ки якбора аз чанд насл иборат аст, нишон диҳад ва ҳам ҷинси мардона, ва ҳам ҷинси занонаро барои мақсади ягона муттаҳид намояд. Агар мо масъалаҳои мансубияти ҷинсиро ҳал карда натавонем, мардон ва занон ҳамин гуна аз якдигар ҷудо ва захмӣ мемонанд. Вақте ки мо фардияти худро, ки аз ҷониби Худо дода шудааст, барқарор менамоем, он гоҳ шифои ҳарду ҷинс оғоз меёбад.

Баъзан вақт ошуфтагӣ то ба он дараҷае мерасад, ки занон худро нороҳат ҳис мекунанд, ба назарашон чунин менамояд, ки онҳо бояд мард таваллуд мешуданд. Бисёр одамон кӯшиш мекунанд, ки бо иваз кардани ҷинси худ ё кӯшиш ба гермафродитизм худро шифо диҳанд. Бихонед, ки Худо ба воситаи пайғамбар Ишаъё чӣ мегӯяд:

> «Эй вой аз каҷрафториҳои шумо! Оё кӯзагарро мисли гил ҳисоб кардан мумкин аст? Оё шоиста аст, ки маснӯъ дар бораи сонеи худ бигӯяд: "Ӯ маро насохтааст", – ва асар дар бораи эҷодкори худ бигӯяд: "Ӯ фаҳме надорад"?» (Иш. 29:16).

Савол мисли пештара боқӣ мемонад: оё мо ба Худо таваккал мекунем? Оё мо боварӣ дорем, ки Ӯ нек ва хирадманд аст, ва Ӯ хатогӣ накардааст, вақте ки моро дар батни модарамон духтар офаридааст? Оё Ӯ метавонист фикр кунад, ки дар ҳолати норозигӣ бо интихоби Ӯ, мо ҳалли масъаларо ба дасти худ мегирем.

Бовар кунед, ман медонам, ки чӣ тавр ҷароҳатҳо дард мекунанд. Ман мефаҳмам, ки барои баъзеҳо, аз он ки ман фикр мекунам, дардноктар аст... Аммо Худованд метавонад ламс кунад ва он чиро, ки одам шифо дода наметавонад, шифо бахшад. Ман хуб дар ёд дорам, ки чӣ гуна ман аз зан буданам нафрат доштам. Намедонам, ин аз куҷо ба вуқӯъ омадааст, шояд аз норасоии муносибатҳои наздик бо модарам ё аз ҳуҷуми мақсадноки шайтон, ки мехост нақшаи Худоро дар ҳаёти ман халалдор созад. Сабабҳо чи гунае ки набошанд: шароити зиндагӣ, муносибат бо занҳо ё вохӯриҳо дар калисо, аз ҳама

асосиаш – ба ман ҷойҳои суст ва осебпазир, вобаста ба он ки зан таваллуд шудаам, маъқул набуданд. Ман чун писарбача ба воя расидаам, дар байни писарон нисбат ба духтарон дӯстони бештар доштам. Бо писарон ба ман осонтар буд. Вақте ки синни балоғат фаро расид, ман худро ҳамчун шахси аз сайёраи дигар омада ҳис мекардам, ки дар олами гулобӣ ва зебо гузошта шуда буд. Духтарон бо забони киноя ва пичирросӣ сухан мегуфтанд, ки намефаҳмидам, ҳаракатҳояшон пур аз зебоӣ ва хиромон буд, ки ин духтари дағал надошт. Дар синфҳоиболоӣ ман фақат шими ҷинс ва шимҳои васеъ мепӯшидам, то камбудиҳои ҷисми занона ва худшиносии дардоварро пинҳон намоям.

Дар вақти шиносоӣ, пас аз номзад шудан, кӯшиш намудам ба Ҷон равшан фаҳмонам, ки ман – ин майнаи мард дар ҷисми зан. (Ҷон дарҳол гуфт, ки дар ин бора ҳатто ҳоҷати гап нест!) Аз тарафи дигар, ман самимона бовар мекунам, ки аз бисёр ҷиҳат ин роҳи Худо буд, ки маро барои модари чор писар шудан омода кард. Худо маро ба сафари табобатӣ гирифт. Ӯ ба ман арзиши зан буданро талқин намуд. Дар ҳузури Ӯ тамоми шармандагие, ки аз боиси дин симои занро пӯшонида буд, ба либоси зебое иваз шуд. Он ба умқи ҷони ман расид ва ба ҷои тарс ва фикри қурбонӣ будан, ки модарам надониста ба табиати занонаи ман таҳрик дода буд, ба ман ҷасорат ва қувват бахшид. Ман дӯст доштани тани худро омӯхтам, ва на фақат барои намуди зоҳириаш, инчунин барои қобилияташ ҳам. Барои ин вақт ва роҳи дурудароз лозим шуд, ва акнун метавонам шифоиро бо дигарон тақсим кунам.

Аммо чӣ мешуд, агар муборизаи ман бо зан будан ба замони ҳозира рост меомад, вақте ки чунин ҳавасмандкунии ошкорои тағйири ҷинси худ шунида мешавад? Маданияти мо мегуфт, ки корро ба дастони худ бигир ва бо маънои аслиаш мард шав! Аммо агар ман ин корро мекардам, раванди табобати Худоро ва ҳама дарсҳоеро, ки тӯли ин вақт омӯхта будам, аз даст медодам. Вақте ки мо муқоиса намудани худро бо якдигар хотима медиҳем, он гоҳ мо метавонем худро бо тамоми камбудиҳоямон қабул кунем.

Кадом қадамҳоро шумо метавонед барои раванди шифоёбӣ истифода баред?

1. *Дуо кунед*. Аз Рӯҳулқудс пурсед, ки ба шумо дили комил ато намояд ва фикрҳои нодурустро оид ба беитоатӣ кушояд. Таассуби гендерӣ ва адоват нисбат ба ҷинси худ метавонанд моро ба худ ҷалб созанд ва нигоҳамонро ба худамон ва ба якдигар таҳриф намоянд. Дуо кунед, ки хидматгузори сулҳовар бошед, на тафриқаандоз.
2. *Иродаи худро ба Худо таслим кунед*. Шояд шумо паси қоидаву қонунҳои инсонӣ пинҳон шуда бошед, ба ҷои он ки он чиро, ки медонед ва дар бораи он дар Навиштаҷот хондаед, он чиро, ки ҳангоми дуо ба шумо кушода шуда буд, итоаткорона иҷро кунед. Шояд шумо ба тарси худ аз одамон (ё ба тарсе, ки шумо зан ҳастед), иҷозат додаед, ки шуморо аз иродаи Худо боздорад. Аз Худо пурсед, ки Супориши бузург барои ин марҳилаи ҳаёти шумо чӣ гуна бояд бошад, фаҳмида истода, ки дар марҳилаи оянда он дигар гуна буда метавонад.
3. *Душмани худро бидонед*. Мо ба муқобили ҷисму хун мубориза намебарем. Вақте ки дар мо дудилагӣ пайдо мешавад, мо ба ҷосусон монанд мешавем. Яқуб мегӯяд, ки вақте ки мо ба Худо итоат мекунем, мо бояд ба шайтон муқобил истем ва вай мегурезад.
4. *Ҳаёти худ ва сӯҳбатҳои худро тафтиш кунед.* Шояд шумо бо ягон амалҳои худ ғаразҳои гендериро ғизо медиҳед? Агар Рӯҳулқудс созишеро дар ягон соҳаи ҳаётатон ошкор карда бошад, пас эҳтимолан дар онҳо таассуб ва ранҷиш ҷой доранд.
5. *Устувор истед.* Одамоне, ки ба ҳеҷ чиз муқобилат намекунанд, хавфи ба ҳама чиз афтоданро доранд. Касе ки ба кори муштараки мардону занон муқобил меистад, ӯ беихтиёр ба нақшаи аслии Худо муқобилат менамояд.
6. *Барои ягонагӣ дар Бадани Масеҳ мубориза баред*. Мардон ва занон рақиб нестанд. Мо бародарон ва хоҳарон, муҳофиз

ва иттифоқчиёни наздик мебошем. Мо бояд дар муошират, эҳтироми ҳамдигар ва муҳаббат ба бародарону хоҳарон якҷоя қадам занем. Мо бояд атоҳои якдигарро дастгирӣ намоем. Худо ба зан овоз намедод, агар қарор мекард, ки ӯ бояд хомӯш монад. Худо медонист, ки ба Одам ва ба ҷаҳони мо овози зан ва таъсири вай лозим аст.

## Ҳатмӣ ва вобастагии байниҳамдигарӣ

Ман мехоҳам, ки набераҳоям қобили фикр кардан, омӯхтан ва савол додан бошанд, то ки онҳо ростиро бишносанд, ва, онро фаҳмида истода, бо имони худ зиндагӣ намоянд. Мо мегӯем, ки занҳо метавонанд аз олами боло таваллуд шаванд, аммо ба ҳар ҳол таълимот ва ақидаҳоеро қабул менамоем, ки ҳақиқатан ва пурра озод шудани онҳоро инкор мекунанд. Аниқтараш, аксари занон, назар ба дар чорчӯбаи супоришҳои Масеҳ амал намудан, дар доираи калисо амал намудан озодтар мебошанд.

Мардон ва занони бехирад ба ду тараф истода, якдигарро барои аъмоли баде, ки замоне дар боғи Адан шуда буд, айбдор мекунанд. Айбдоркунӣ ва шармандагӣ аслан ба касе барои пеш рафтан кӯмак намекунанд. Гуноҳ ва шарм обро лойолуд мекунанд ва симои писарон ва духтаронро тира мегардонад. Чунин рафтор боз он чиро, ки Худо дар Масеҳ пок намудааст, ифлос ва таҳриф мекунад.

Ҷинси мард ва зан барои он ба офарида шудаанд, ки зебогии илоҳиро инъикос намоянд. Афсӯс ки мо аз якдигар шаъну шарафи илоҳӣ ва қувватро канда гирифтем, дар ҳаракати аз якдигар таърифу таҳсин шунидан, ки инро танҳо Худо дода метавонад. Худо моро барои он офарид, ки мо аз фарқиятҳоямон шод бошем, на ин ки аз барои онҳо якдигарро хор донем.

Акнун дар Масеҳ бараҳнагии мо бо адолат пӯшида шудааст. Дар Масеҳ мардон ва занон ба ёд меоранд, ки онҳо ҳамкор ҳастанд, на душман. Биёед дар Китоби Муқаддас мебинем, ки мо барои якдигар кӣ шуда метавонем ва бояд кӣ бошем. Мо се

оятро аз Номаи якум ба Қӯринтиён, боби ёздаҳ, дар алоҳидагӣ дар тарҷумаи “The Message” дида мебароем.

> Ояти 10: “Дарвоқеъ, ин қадар ба фарқияти байни мардон ва занон дода нашавед. На ягон мард ва на ягон зан дар танҳоӣ аз ӯҳдаи кор баромада наметавонанд ва набояд даъво дошта бошанд, ки яке аз онҳо муҳимтар мебошанд”.

Дар Масеҳ мардон ва занон аз ҳамдигар новобаста буда, вале вобастагии байниҳамдигарӣ доранд. Манбаи мо – танҳо Худо, аммо ин оятҳо оиди ҷанги қадима мегӯянд, ки бо номи ҷанги ҷинсҳо машҳур аст. Фарқиятҳои мо барои он офарида шуда буданд, ки якдигарро пурра намоем. Дар он ҷое, ки вобастагии байниҳамдигарӣ ва қабулкунӣ ҳаст, дар он ҷо бартарӣ ва мартаба нест мешаванд. Суханони шоирона дар тарҷумаи “The Message” фош кардани моҳияти рақобатро давом медиҳанд.

> Ояти 11: “Аз ибтидо мард ҳамчун инъикоси зебоӣ ва аҷоибии Худо офарида шуда буд, ин ҳақиқат аст. Аммо сар дар бадани зан аз ҷиҳати зебоӣ аз сари шавҳараш болотар аст”.

Дар ин ҷо Павлус аз ҷинси мард ва зан ба таърифи мушаххастари зан ва шавҳар мегузарад. Ба ман дидани арзише, ки ба ҳар ду ҷинс гузошта шудааст, писанд аст. Ман ба шарофати шавҳарам, ба шарофати муҳаббати вай нисбат ба Худо, нисбат ба ман ва фарзандонамон зебо менамоям, айнан ҳамин хел ман ҳам мехоҳам, ки ба шарофати муҳаббати ман нисбат ба Худо, ба оилаамон ва нисбат ба шавҳарам ӯ низ зебо бошад. Баъд Павлус ба мавзӯи умумии ҷинс бармегардад, ва аз мавзӯи издивоҷ дур мешавад.

> Ояти 12: “Зани аввалин аз мард ба вуҷуд омадааст, ин дуруст аст, аммо аз ҳамон вақт инҷониб ҳар мард аз зан ба дунё меояд!”

Зан аз қабурғаи мард офарида шуд, ва акнун мард аз батни зан ба дунё меояд. Зан нахустзодаи мард, Одам, гардид, ва акнун мо аз Одами дуюм, Исо, таваллуд меёбем. Дар идома, дар ояти дувоздаҳум, Павлус чунин суханонро менависад:

> “Азбаски аслан ҳама чиз бо ин ё он роҳ аз ҷониби Худо меояд, биёед кӯшиши муайян намудани ин беҳудагии “кӣ аввал”-ро хотима диҳем”.

Вақте ки ба мо кӣ будани Худо ошкор мешавад, рақобат оиди кӣ аввалин ва кӣ беҳтарин бояд ба итмом расад. Мо бояд нигоҳи илоҳиро дар бораи он барқарор намоем, ки танҳо Худо муқаддас аст. Ӯ аввалин ва Ӯ охирин аст, ибтидо ва интиҳост, Алфа ва Омегаи мост. Ҳеҷ кас чун Падари мо моро роҳбарӣ намуда, ва дӯст дошта наметавонад. Ин маънои онро надорад, ки писаронро зиёдтар ва духтаронро камтар дӯст медорад. Ин инчунин маънои онро надорад, ки Ӯ марду занро баробар дӯст медорад. Ӯ ба таври беназир дӯст медорад. Вақте ки мо якеро аз дигаре болотар мегузорем, мо аз тасвири Ӯ дур мешавем, чунки Худо ҷинсро барои ифодаи Худаш интихоб намудааст.

## Мардон ва занон дар калисои нахустин

Бидуни дарки солими таърихи худ мо тақдири худамонро бисёр вақт паст мезанем, вале ман шубҳа надорам, ки Рӯҳулқудс пардаи душманро, ки ақли моро тира карданӣ мешавад, дур мекунад. Навиштаҷоти Муқаддасро хонда, мо хеле равшан мебинем, ки калисо қуввае буд, ки бо он бояд муросо намуд. Вақте ки маданият ҳаракати имондоронро кӯшиш мекард, ки маҳдуд созад, онҳо баръакс рафта, ҳудудҳои навро ба даст меоварданд. Онҳо аз фармонҳои императороне, ки дар он замон ҳукмронӣ мекарданд, наметарсиданд, зеро аллакай назди Худои Таоло зону зада буданд. Онҳо *ҳамарӯза* дар миёни аломот ва мӯъҷизот зиндагӣ мекарданд. Онҳо зиндагӣ мекарданд, фаҳмида истода, ки шахси

асосии мӯътабарашон дар олами нонамоён вуҷуд дорад.

Онҳо бо Рӯҳулқудс мӯҳр гузошта шуда, барои Ӯ ҷудо карда шуда буданд. Фикр накунед, ки дар маъбадҳои онҳо мардҳо дар як тараф, занҳо дар тарафи дигар менишастанд. Аксар вақт онҳо дар бозорҳо, дар хонаҳо, дар ҷойҳои махфӣ дар ғорҳои зеризаминӣ, ҳатто дар киштиҳо ва зиндонҳо бо ҳам вомехӯрданд. Ин имондорон аз ҳар қавму забон ва таомул буданд, аммо онҳоро ҳамон як Рӯҳулқудс муттаҳид менамуд, ҳар ду ҷинс ҳамчун як Бадан, арӯси Масеҳ, бо ҳам устувор меистоданд. Вақте ки мо муттаҳидем, танҳо тарафи Худо вуҷуд дорад, на ягон тарафи дигар. Онҳо Инҷилро аз хона ба хона паҳн мекарданд. Дар китоби Аъмол (2:42-44) мо дида метавонем, ки чӣ тавр ин бадан хуб афзоиш меёфт:

> “Ва онҳо бо шунидани таълими ҳаввориён, бо мушоракати онҳо, бо шикастани нон ва бо дуо гуфтан машғул буданд. Ҳама саросар ба ҳарос афтода буданд, ва бисёр мӯъҷизот ва аломот аз дасти ҳаввориён дар Ерусалим ба амал омад. Ҳамаи имондорон бо ҳам муттаҳид ва дар ҳама чиз шарик буданд”.

Ин ибораи “дар ҳама чиз шарик” танҳо бо эҳтиёҷоти моддӣ маҳдуд намешавад, он инчунин ибодат, тарсу ҳарос, муошират, ғизо, дуо ва молу мулкро дар бар мегирад. “Шарик” маънои муштарак, васеъ паҳншуда, ҳаррӯза ва ҷамъиятиро дорад.

Мардон ва занон ба қадри кофӣ бо ҳам наздик буданд, то ки худро дар муоширату таълимот ба ҳамдигар бахшанд. Таълимот бе муошират ҷамъиятеро барпо намекунад, ки барои эҳтиёҷоти ҳамдигар хизмат менамояд. Аниқтараш баръакс, таълимот бе баҳс дар атрофи мизи мудаввар ғурурро боло бардошта, ҳақиқатро таҳриф менамояд. Он чизеро, ки мо мефаҳмем, аз рӯи чӣ тавр бо ҳақиқат зиндагӣ карданамон санҷида мешавад, на ба дараҷае ки мо онро медонем. Бисёр одамон вақте дар ақли худ медонанд, ки чӣ кор кунанд, аммо намекунанд, ба асорати вазъияти мунокишавӣ дучор мешаванд. Барои нигоҳ доштани комилии худ ва зиндагӣ намудан бо ҳақиқат, хешу табор ва дӯстон лозиманд.

Дар калисои аввалин занҳо ҳуқуқи овоз доштанд. Агар ин тавр намебуд, он гоҳ ҳодисаи Ҳанониё ва Сафира тамоман дигар гуна мебуд. Дар китоби Аъмол (5:1-11) ҳикояи марде тасвир ёфтааст, ки дар набудани занаш ба Петрус дурӯғ гуфт ва афтода мурд. Пас аз се соат занаш меояд. Вай дар бораи марги шавҳараш чизе намедонад, аммо медонад, ки чӣ гуна бояд ҷавоб диҳад. Вақте ки Петрус ӯро мепурсад, вай он дурӯғеро такрор менамояд, ки бо шавҳараш пешакӣ маслиҳат карда буданд, ва айнан чун шавҳараш дарҳол афтода мемурад. Ҳамаи инро ман барои он мегӯям, ки дар заминаи таълимоти муосири итоаткорӣ бо дурӯғҳои худ вай "хоҳишҳои шавҳарашро рӯйпӯш намуда, бо ҳамин ба ӯ эҳтиром гузошт". Аммо вақте ки Сафира тасмим гирифт, ки ба ҷои ҳақиқат дурӯғ бигӯяд, бо ҷони худаш нарх супорид. Вай аз ҳуқуқи овози худ нодуруст истифода кард. Агар вай ба Петрус росташро мегуфт, вай зинда мемонд.

Ҳангоми зуҳури ҳайратангези кушоиш дар бораи раҳмат ва файз номумкин аст, ки касе дар канор монад. Ҳам мардон, ва ҳам занон саҳми якхела доранд. Бисёре аз онҳо бори аввал инро аз сар гузаронидаанд. Худо он чиро, ки дар натиҷаи ба гуноҳ афтодан аз даст рафта буд, барои барқароршавӣ тадҳин намуд. Мардон ва занон якҷоя бо қувват ва файз "дар майдонҳои шаҳрҳои худ меҳнат намуданд ва то ақсои дунё рафтанд". Дар бораи калисои аввалин дар китоби Аъмол чунин навишта шудааст:

> "Ҳар рӯз якдилона дар маъбад ҷамъ мешуданд ва дар хонаҳои худ нон шикаста, бо дилхушӣ ва самимият бо ҳам хӯрок мехӯрданд. Худоро ҳамду сано мехонданд ва дар миёни тамоми мардум меҳру муҳаббат пайдо мекарданд, ва Худованд ҳар рӯз касонеро, ки наҷот меёфтанд, ба аҳли калисо меафзуд" (Аъм. 2:46, 47).

Дар ин оятҳо ҳаёти ҳаррӯзае, ки дар калисои аввалини ҳаввориён ҳукмрон буд, тасвир шудааст. Яҳудиён якҷоя ба маъбад мерафтанд, дар хонаҳо ҷамъ мешуданд, бо дилҳои лабрез аз миннатдорӣ ва шукргузорӣ сари мизҳо менишастанд. Ҳаёти онҳо

Худояшонро ҷалол медод, ва онҳо дар байни тамоми мардум эҳтиром доштанд.

Чаро мо ногаҳон қарор додем, ки арӯси Исо, Калисои Ӯ, занонро истисно менамояд, хор ва бадном мекунад? Чаро мо дурӯғро қабул кардем, ки мо чунин қаҳрамонҳо нестем?

Муддати хеле тӯлонӣ фаҳмиши он, ки мардон ва занон якҷоя буда метавонанд, пинҳон мондааст. Дар натиҷаи ҳаёте, ки олудаи худпарастӣ ва таассуб буд, марду зан сахт озор дидаанд.

Аммо ин интиҳои ҳикояи мо нест ва на сухани охирин дар он. Дар осмон пешбинӣ шуда буд, ки ҷинс – ин моя барои ҳамла нест, на майдони ҷанг барои роҳбарӣ. Фарқиятҳоямон моро муттаҳид менамоянд, якҷоя мо, назар дар алоҳидагӣ, тавонотарем. Бузургии духтарон ва писарони Худо, ки дар ягонагӣ сокин мемонанд, то ҳол метавонад дар замин зоҳир шавад. Ба воситаи иттифоқи мо симои Худо ошкор хоҳад шуд ва ҷалоли Худо билохира дар ҳашамати дурахшон тобон мешавад.

## Саволҳо барои мулоҳиза

1. Дар кадом набардҳо ба мардон лозим мешавад, ки худашон танҳо мубориза баранд?
2. Ҳамчун зан, оё шумо байни даъвати Худо ва маҳдудиятҳои анъанаҳои инсонӣ фишорро ҳис намудаед?
3. Супориши бузург дар ҳаёти шумо чӣ гуна ба назар мерасад?
4. Вақте ки нисбати худатон муроҷиати “номуносиб”, “зудбовар”, “соддалавҳ”-ро мешунавед, чиро ҳис менамоед?
5. Чӣ тавр шумо метавонед малакаҳои худро тавассути Инҷил такмил диҳед?
6. Дар кадом соҳаҳо шумо дар ҷустуҷӯи гунаҳкорон банд шудед?

7

# Рақобат байни тарс ва муҳаббат

“Муҳаббат зебоии қалб аст”.

АВГУСТИНИ МУҚАДДАС

Чанд вақт пеш дар як калисои аҷиб мо бо Ҷон дар мавзӯи оила ва никоҳ шаби саволу ҷавоб гузаронидем. Дар ин шоми якшанбе он ҷо одамоне ҷамъ шуда буданд, ки акнун нақшаи оила сохтанро доштанд. Вақте ки вохӯрӣ аллакай ба анҷом мерасид, эҳтимол саволи аз ҳама муҳими шом садо дод. “Ҳоло ки шумо сӣ сол боз оиладор ҳастед, ба ақиб нигариста, мехоҳед чизеро тағйир диҳед ё дигар кунед?” Ин савол ба ман буд. Вақт, ки хеле маҳдуд буд, мехостам айни замон ҳам мухтасар ва ҳам ошкоро бошам. Ман худамро ба даст гирифта, гуфтам: “Шояд ман ба Ҷон ҳуқуқ медодам, ки хато кунад ва ман ӯро бештар нотарсона дӯст медоштам”.

Дар ҳамин лаҳза мавҷ дар тамоми толор паҳн шуд. Аз он ҷое, ки нишаста будам, ман медидам, ки чӣ хел мардҳо ва занҳо саросема шуда, ашкҳояшонро пок мекарданд, бисёриҳо чуқур

нафас кашида, танҳо бо ишораи розигӣ сар меҷунбонданд. Тарс – ин бузургтарин рақиби муҳаббат, ки дар қуввати худ аз вай кам нест ва қобилияти марговаре дорад, ки дар атрофаш харобӣ ва ҳалокат мекорад.

Аз он чизҳои бисёре, ки ман дар ҳаёти оилавиам хеле метарсидам, мисли аксари тарсҳоям, ҳеҷ гоҳ амалӣ нагаштанд. Ва ҳамон тарсҳое, ки шабҳо маро азоб медоданд, дар чеҳраи хастаи ман танҳо осори амиқ гузошта, ожангҳоро меафзуданд. Дар ҳоле ки ин дар лавҳаи ҳаёти ман ба ҷуз як паи мӯйқалами наққош чизи дигаре набуд. Аммо на аз он сабаб, ки ман як рассоми моҳир будам, балки танҳо ба хотири садоқати Худо, ки маро дар ҳайрат мегузорад.

Ман иштибоҳ карданро дӯст намедорам, ва дар ин мо бо шумо монандӣ дорем. Аммо ҳоло, ба қафо нигоҳ карда, эҳтимол ман худро ба хавф мегузоштам. Ман ҳеҷ гоҳ намефаҳмам, ки дар ин зиндагӣ аз пушти тарси ман аз чӣ қадар чизҳо мо ҳардуямон маҳрум шудем. Як чизро ман аниқ медонам... Тарс – маслиҳатчии бад. Вай ҳама чизеро, ки муҳаббат бениҳоят мехоҳад дар ҳаёти мо ба ҳаракат биёрад, фалаҷ мекунад ва дар чанголи марговари худ нигоҳ медорад. Мо инро дарк менамоем ё не, вале муҳаббат ва хавф даст ба даст мераванд.

Ман дар оилае таваллуд ёфтаам ва ба воя расидаам, ки қувваи пешбарандаи он тарс буд, на муҳаббат. Тарс дар ҳаёти оилавии падару модарам нақши ҳалкунандаро мебохт. Тарс халал мерасонд, ки онҳо дӯстон пайдо кунанд, ва ҳамзамон буҷети оилаамонро хароб мекард. Дар натиҷа, ба мо ҳамеша пул намерасид, боз мо доимо норасогии муҳаббатро ҳис мекардем, ва ҳеҷ вақт касеро надоштем, ки ба ӯ бовар кунем. Тарс дар байни ҳуҷраҳои хонаи зебои мо садо дода, аз деворҳои урён инъикос меёфт. Падари ман бинокор буд, вале тарс ҳама корро кард, то ки мо дар биноҳое зиндагӣ кунем, ки гармӣ ва бароҳатии оилавиро надошт. Шабҳои зиёд ману бародарам дар кат дароз кашида, ҳаракати хоб рафтанро мекардем, дар ҳоле ки падару модарамон то нисфи шаб ҷанҷол мекарданд. Дар равшании ками чароғи шаб

ман рӯзнома навишта, ба худ қавл медодам. Гумон мекардам, ки навиштаҳои шитобкоронаам маро ҳимоя карда метавонанд. Ба худ қасам хӯрдам, ки *ҳеҷ гоҳ* осебпазир ва бедифоъ нахоҳам буд. Бо он анҷом ёфт, ки падару модарам аз ҳам ҷудо шуданд – ду карат – ва ҳар яке бо роҳи худ на ҳамчун дӯст, балки ҳамчун душман рафтанд.

Вақте ки ман масеҳӣ шудам, дили ман хона пайдо кард, вале намедонистам, ки чӣ гуна рафтор кунам. Дар вақтҳои аввали издивоҷамон ман бо бисёр механизмҳои ҳимояи нокомил вохӯрдам, ман ба домҳое афтодам, ки худам онро вақти хурдсол буданам фикр карда баромада будам. Вақте ки ман осебпазир ва бемуҳофизат буданро рад мекунам, ин маънои онро дорад, ки чӣ тавр бахшидан ва чӣ тавр қабул кардани бахшишро намедонам. Ман дар ин домҳо дармонда, қариб буд ки издивоҷамонро вайрон кунам. Гарчанде ки шавҳари ман умуман падарамро ёдрас намекард, ва ман ба модари худ монанд набудам, дар байни мо бисёр норозигиҳо ба вуҷуд меомаданд, вақте ки ман он суханҳои таҳқиромезро такрор мекардам, ки ҳангоме шунида будам, ки падару модарам фикр мекарданд, ки аллакай хобам бурдааст.

Ман мероси тарси онҳоро баояндаи худ ворид мекардам, ва ман бояд пеш аз он, ки вай бар хонаи мо қариб ҳукмрон шавад, бозмеистодам. Камбудиҳои Ҷон норасогиҳои маро бештар аз он андозае, ки ба худ тасаввур мекардам, намудор мекарданд. Аммо ба ҷои он ки ба ин дуруст аксуламал кунам, ман аз рӯи он сенария амал мекардам, ки онро аз кӯдакӣ омӯхта будам.

Гарчанде ки аз тарафи Ҷон бисёр чизҳо нисбат ба ман бахшида шуда буданд, дар марҳамат хасис будам. Аҳди издивоҷи мо ба созишнома табдил меёфт, ва муҳаббат ҳам аз байн мерафт.

Ман аз далерона дӯст доштани Ҷон даст кашидам, барои он ки метарсидам.

Ба муҳофизати кардани худ кӯшиш намуда, ман бисёртар дар олами худ хилватгузин мешудам. Бароям бо порнография ва мастурбатсия мушкилӣ доштани Ҷон кашфиёт буд, ки ӯ онҳоро ба муносибатҳои мо ворид кард. (Мо оиди ин кушоду равшан

мегӯем.) Ба гузаштаи ман бо фаҳмиш муносибат кардани Ҷонро фаромӯш карда, аз ӯ дур шудам.

Вақте ки дар бораи гуноҳи Ҷон фаҳмидам, бо кадом сабабе амри Исо оиди бахшидан, чуноне ки мо низ бахшида шудаем, аз сарам парида рафт. Ман дар тарс зиндагӣ мекардам ва аз ӯ шармам меомад, дар он вақте, ки, қариб ки бе ҳеҷ гуна дастгирии ман, вай нотарсона аз ин гуноҳ озод шудан мехост. Ба назарам, ин мушкилии мо набуд... Ин мушкилии вай буд. Аз як тараф сабаби бефаъолиятӣ ва хоҳиш надоштани ман ё кӯмак нарасониданам дар он буд, ки ман дар ин лаҳза дар китфонам вазнинии гузаштаи худро ҳис мекардам ва қарор додам, ки аз он ҳаёте, ки ҳозир ба дӯши ман афтидааст, беҳтарашро сазовор нестам.

Мо зуд-зуд баҳс мекардем. Ман аз вай аз ҷиҳати эмотсионалӣ дур шудам ва аз як тараф мубориазаи ӯро назорат менамудам. Ӯро маҳкум карда, худамро бисёртар чун муҳофизатшуда ҳис мекардам. Агар ӯ иваз нашавад, ба ман бахшидан лозим намешавад. Ин ба он овард, ки дар дигар соҳаҳои ҳаётамон низ фишорро ҳис мекардем. Ман шубҳа надорам, ки маҳз барои ҳамин солҳои нахустини ҳаёти якҷояамон, назар ба он ки бояд бошанд, хеле душвортар буданд.

Боре ман, аз навмедӣ хаста шуда, ба Худо руҷӯъ намудам: “Вақте ки ӯ дигар мешавад, он гоҳ ман ӯро мебахшам”.

То ҷое ки ман метавонистам ҳукм кунам, дар он вақт боварии байни мо комилан аз байн рафта буд, ва ман аслан намехостам, ки бори дигар ноумедии бераҳмонаро эҳсос кунам. Ба изҳороти ҳатмии ман Худо бо савол ҷавоб дод. Ӯ пурсид: “Ту ба Ман бовар мекунӣ, Лиза?”

“Бале”.

“Хуб. Ба Ман лозим аст, ки ту Ҷонро бубахшӣ, то ки вай тағйир ёбад”.

Пас аз он Ӯ ба ман он суханонро дод, ки бояд ба ӯ мегуфтам: “Ман боварӣ дорам, ки ту дигар шудан мехоҳӣ, ва туро мебахшам”.

Ин аз равиши муқаррарии ман хеле фарқ мекард, ҳангоме ки ман

мегуфтам: “Вақте ки ту дигар мешавӣ, ба тавбаат бовар мекунам”.

Ин гуна тарзи фикрронӣ аз чизҳои як вақтҳо медонистаам он қадар дур буд, ки фаҳмидам, ки ин Худо маро раҳнамоӣ карда истодааст.

Дар он лаҳзае, ки ман ба Ҷон марҳамати бешарт зоҳир намудам, барои ҳардуямон раванди шифоӣ оғоз ёфт. Ӯ дар худ қувват пайдо намуд, то аз зулмоти шармандагӣ ба равшании Худо барояд, ки он ҷо аз гирифториаш озод шуд. Ҳангоме ки нигоҳи ман ба ӯ тағйир ёфт, ин бароямон замони дигаргуниҳо гашт. Ман ба Худои бетағйир бовар карда тавонистам.

## Муҳаббати нотарсона

Муҳаббати нотарсона на ба рафтори инсон ё ба он чизе, ки ман мекунам ё намекунам, балки ба муҳаббати содиқонаи Худо асос ёфтааст. Вақте ки ман дар назди Падар бо номи Исо ба гуноҳҳоям иқрор мешавам, ҳеҷ гоҳ шарм нахоҳам кард. Вай ба ман қисмати беҳтареро тайёр намудааст.

Вақте ки одамон моро ноумед мекунанд, бо кӯшиши кам кардани хатарҳо дар оянда, мувофиқи рафторашон қисман муҳаббатро кам мекунем, ки ин ғайриоддӣ нест. Мо аз таваккал... метарсем. Мо аз дӯст доштан метарсем. К. С. Люис дар китоби худ “Муҳаббат” мефаҳмонад, ки чунин тарзи муносибат чӣ хатогӣ дорад.

> “Дӯст доштан, яъне осебпазир будан аст. Касе аз ин эмин нест, муҳаббат пур аз андӯҳ аст. Дӯст бидор – ва дили ту дар хатар аст. Агар онро ҳифз намудан хоҳӣ, онро на ба одам, ва на ба ягон ҳайвони ваҳшӣ надеҳ. Онро бо лаззатҳо ва хоҳишҳои камарзиш печонида, ба сандуқчаи худпарастӣ қулф бизан. Дар ин тобути бехавфу торики беҳаво он шикаста намешавад. Онро дигар шикастан, расидан ва наҷот додан ғайриимкон мегардад. Дӯст доштан, яъне осебпазир будан аст”.

Ҳамин тавр. *Дӯст доштан – яъне осебпазир будан.* Шояд ин гуна наздикӣ ба мо писанд набошад, вале то он ҷое ки ман

мефаҳмам, аз ин гурехта намешавад (ва ба ман бовар кунед, кӯшиш намудам, ки ин корро кунам). Аммо фикр накунед, ки *осебпазир* шуда, шумо *бандӣ*, қурбоние мешавед, ки касе тарафдораш нест. Дар асл касе ҳаст, ки шуморо ҳимоя мекунад, зеро муҳаббат ҳаргиз хотима намеёбад.

Ҳоло биёед мефаҳмем, ки осебпазир гашта, мо ба кадом хатар дучор мешавем. Яке аз таърифҳои *осебпазирӣ* – ин кушода будан, вақте ки ман дар назари ҳама чун дар кафи даст намоён ҳастам. *Осебпазириро* метавон бо одами *бараҳна* муқоиса намуд. Вақте ки ман либосҳоямро бадар мекунам, худамро сахт зери хатар мемонам, зеро айни замон ҷое надорам, ки пинҳон шавам, ва ман тамоман беҳимоя ҳастам.

Муҳаббат – ин паноҳгоҳ. Ҷои бехатар ва хуб муҳофизатшудаест, ки шумо метавонед комилан бараҳна бошед, ва шумо шарм намедоред.

Дар фаҳмиши маъмулии мо “бараҳна” аксар вақт бо шаҳвоният айният дорад. Аммо дар фаҳмиши ман “бараҳна шудан” маънои нотарсона дили худро кушодан, рози дил гуфтан, пурра ботини худро зоҳир сохтанро дорад. Вақте ки мо дар назди Худо кушода ҳастем, мо мавқеъҳои устувортаринро ишғол менамоем. Ин метавонад чун парадокс ба назар расад, аммо барои ман беҳтар аст, ки бемуҳофизат ва дар назди Худо кушода бошам, назар ба он ки беҳуда кӯшиш намоям, ки дар зери ҷандаҳои шармандагӣ ё либоси адолати шахсӣ заифиҳои худро пинҳон дорам.

Исо ба хотири мо осебпазир шуд, вақте ки аз Худ табиати илоҳияшро дур карда, ба мо монанд шуд, то ки ба Ӯ монанд шуда тавонем. Исо осебпазир шуд, то ки муҳаббати Худоро ба мо ошкор намояд. Аз ин сабаб муҳаббати мо нотарсона, имон – беандоза зиёд, ва умед – барангезанда шуда метавонад.

Одаме, ки муҳаббати бебокона дорад, бо имони номаҳдуд, имоне, ки ғайриоддист, ва бо умеди чунон амиқ вусъатёфта, ки ҳаяҷоновар аст, фарқ мекунад. Аммо ҳоло ин се чиз боқӣ мемонад: имон, умед, муҳаббат. Онҳо дар ҳамоҳангӣ, ба ҳамдигар

зич печида, зиндагӣ мекунанд, ва ба мо қувват мебахшанд, ки истодагарӣ кунем. Бо вуҷуди ин, муҳаббат қувваи бузургтарин дар рӯи замин ба ҳисоб меравад. Бе муҳаббат имони ҳақиқӣ вуҷуд надорад. Ва инчунин бе муҳаббат умед нест.

Худо муҳаббат аст. Муҳаббат абадист. Муҳаббат ҳаргиз хотима намеёбад. Чизе ки ба муҳаббат бовар кардаед, ҳеҷ гоҳ нест нахоҳад шуд ва чизе ки аз муҳаббат тавлид ёфтааст, ҳаргиз намемирад. Аммо ҷойҳое вуҷуд доранд, ки муҳаббат он ҷо нумӯ намеёбад; муҳаббат дар ҷое, ки рақибаш – тарс вуҷуд дорад, нашъунамо ёфта наметавонад. Тарс – ин роҳ ба нестӣ, яъне, аслан, ин сарбастагӣ. Тарс – ин рӯҳи палид, ки қурбонии худро азоб медиҳад. Садои тарс аз вартаи шубҳа бармеояд, дар ҳоле ки муҳаббат ҳикматро аз нури имон ба даст меорад. Агар шумо ба овози тарс хеле дурудароз гӯш диҳед, ноком мегардед.

Чанд сол пеш, вақте ки ман китоби аввалини худро менавиштам, ман ваҳй гирифтам, ки мухолифи тарс – ин на имон ва ҳатто на далерӣ, балки муҳаббат аст. Ба ман лозим буд, ки дарсҳои овони кӯдакиамро беҳтар азхуд кунам, вақте фаҳмидам, ки маҳз муҳаббат шери тарсончакро аз афсонаи “Афсунгари сарзамини Оз” ҷасур ва нотарс гардондааст. Ин фикр вақте инкишоф ёфт, ки ман сифатҳои тарсро дар боби сенздаҳум аз Номаи якум ба Қӯринтиён иваз намудам: “Тарс бетоқат ва золим аст, ва дар айни замон ҳасадхӯр ва худсито. Тарс мағрур ва дағал аст. Тарс исрор менамояд; он хашмгин ва бадкина аст; ба ҷои он ки аз ростӣ шод шавад, аз дурӯғ хурсанд мешавад. Тарс касеро муҳофизат намекунад, ба ҳеҷ чиз бовар намекунад, ба чизе умед надорад, ба чизе тоқат кардан намехоҳад. Тарс хотима меёбад”.

**Мухолифи тарс – ин на имон ва ҳатто на далерӣ, балки муҳаббат аст.**

Мева ва қувваи пешбарандаи тарс барои роҳҳои муҳаббат мухолифони мустақим маҳсуб меёбанд. Тамоми корҳои неке, ки як вақтҳо кардаам, ва ҳама дарсҳои

ҳаётие, ки азхуд намудаам, танҳо он вақт, ки ман тарсро паси сар намудам, дар ҳаёти ман таҷассуми худро пайдо намуда тавонистанд.

Одамони хавфҷӯе вуҷуд доранд, ки дӯстдорони эҳсосоти ҳаяҷонбахш мебошанд, ки дар хуни худ ба хатар майл доранд. Ва ин, бешубҳа, далерони бебок ҳастанд, аммо танҳо онҳоеро, ки дӯст медоранд, ҳақиқатан одамони ҷасур номидан мумкин аст.

Худо муҳаббат аст. Муҳаббат нотарс аст. Худо нотарс аст. Мо фарзандони Худо ҳастем. Ба мо қобилияти нотарсона дӯст доштан дода шудааст. Муҳаббати нотарсонаи Худоро қабул намуда, мо нотарсона дӯст дошта метавонем. Маҳз он касе ки нотарсона дӯст дошта метавонад, бе тарс зиндагӣ мекунад.

Чунин ба назар мерасад, ки ин аён аст. Дар баробари ин касоне ҳастанд, ки чунин рафтор менамоянд, ки гӯё Худо ба ҳайрат афтода бошад. Тавре ки ин барои Ӯ комилан ногаҳонӣ буд. Мо аз он чи мебинем ва мешунавем, хашмгин мешавем, ва ба назари мо чунин менамояд, ки аксуламали Ӯ ба бераҳмӣ ва бадкирдориҳои одамон ва бадбахтиҳо бояд айнан чун аксуламали мо бошад. Аммо ин тавр нест.

## Муҳаббати комил

Бе муҳаббат ҳатто ҷасорати беандоза низ ҷуз аз сохтакорӣ чизи дигар нест. Амалҳои онҳо барои *таассурот гузоштан* ба атрофиён тарҳрезӣ шудаанд, на ин ки барои нишон додани муҳаббати онҳо хизмат менамояд. Таассуроти одами шуҷоъро гузоштан кофӣ нест, зеро далерии ҳақиқӣ вақте зоҳир мешавад, ки ман худамро ба хатар монда, ба хотири каси дигар таваккал мекунам. Ин чунин маъно дорад, ки вақтҳое мешаванд, ки ба ҷои қаҳрамони миллӣ шудан, ман ҷони худро фидо мекунам, худамро қурбонӣ менамоям.

> “Касе муҳаббати бузургтар аз ин надорад, ки ҷони худро барои дӯстони худ фидо кунад” (Юҳан. 15:13).

Дар тарҷумаи “The Message” навишта шудааст:

> “Беҳтар аз ҳама муҳаббати шумо он лаҳза зоҳир мешавад, ки ҳаётатонро барои дӯстонатон зери хатар мегузоред”.

На барои намоиш, балки барои дӯстон. Номаи якум ба Қӯринтиён (13:3) ба ҷасорат ва қурбонии бе муҳаббат чунин баҳо медиҳад:

> “Ва агар тамоми дороии худро тақсим кунам ва ҷисми худро ба сӯхтан диҳам, лекин муҳаббат надошта бошам, – ҳеҷ манфиате намебинам”.

Назри фақирӣ ё амали худфидоӣ *бе муҳаббат* ғайр аз қурбонии диндорона чизи дигаре нест. Исо аз тарафи Падар хеле дӯстдошта буд ва моро интихоб кард, то моро ҳамон қадар дӯст дорад, чунон ки Падар Ӯро дӯст медошт. Муҳаббат барои истодагарӣ дар имон ба Ӯ қувват бахшид, ва Ӯ ба хотири мо инро гузашт ва аз мо умедҳои калон дорад.

Исо ба гузаштаам нигоҳ накарда, маро дӯст дошт. Ӯро дар оянда хато кардани ман низ натарсонд. Охир Вай медонист, ки чунин мешавад. Ва гарчанде ҳамаи мо *хато мекунем,* ин тамоман маънои онро надорад, ки мо худамон *иштибоҳ* ҳастем. Агар фикр кунед, ки шумо иштибоҳ ҳастед... хато мекунед.

Ҳатто гуноҳ карда, ман гунаҳкор намешавам. Муҳим нест, ки ман чӣ ҳис мекунам, зеро Исо маро одил гардонидааст. Ва ягона роҳе, ки ба Вай нотарсӣ ва муҳаббатамро ба ҷавоби қарзи боварие, ки ба ман ҳамчун пешпардохт дода шудааст, нишон дода метавонам, ин бо ҳаёти итоаткорона эҳтиром гузоштан ба бовареи Ӯст.

> “Зеро Ӯро, ки аз гуноҳ бехабар буд, *барои мо қурбони гуноҳ сохт,* то ки мо дар Ӯ адолати Худо шавем” (2 Қӯр. 5:21).

Исо ваъда дод, ки он ҷавобе хоҳад буд, ки бузургтар аз ҳама мушкилиҳои мост. Шумо метавонед ҳама қувват ва вақти худро

дар кофтукови худатон ва гуноҳҳоятон сарф намоед, ва ба зудӣ ин ягона чизе мешавад, ки шумо дида метавонед. Шумо аз гунаҳкории худ рӯҳафтода мешавед, ва вақте ки ин бор бароятон тоқатнопазир мегардад, диққати худро ба гуноҳҳои дигарон равона мекунед. Барои ман пӯшида нест, ки он роҳбароне, ки нисбати дигарон аз ҳад зиёд серталабанд, аксар вақт нисбати худ боз ҳам серталабтар ҳастанд. Вақте ки ман ба худ менигарам, камбудиҳоро мебинам; вақте ки чашмонамро ба Масеҳ менигаронам, тамоми айбҳои ман дар дурахши Ӯ нопадид мешаванд. Ва ба ман дар партави нурҳои Ӯ чӣ хел намудор шуданам бештар маъқул аст.

> "Сӯи Ӯ нигоҳ карданд ва мунаввар гардиданд, ва чеҳраҳошон хиҷил нашуд" (Заб. 33:6).

Исо намегузорад, ки гуноҳҳои мо бо худ муҳаббати Ӯро пинҳон кунанд. Ҳангоме ки мо худро осебпазир ҳис мекунем, ба ҷои чашмони худро аз шарм пӯшидан, вақти он аст, ки нигоҳамонро бо умед баланд кунем. Муҳаббати комили Ӯ тамоми тарсҳои моро меронад.

Пас чаро ман иҷозат медиҳам, ки тарсҳои нокомили ман садди роҳи муҳаббати комили Ӯ бошанд? Ва бигзор ман на ҳама вақт мефаҳмам, ки "чаро" ва "барои чӣ" баъзе ин ё он чизҳо рӯй медиҳанд, ман мутмаинам, ки метавонам ба Ӯ таваккал кунам. Зеро ягон чиз ба муҳаббати Худо баробар намешавад. Ӯ маро дӯст дошт, ва аз ин рӯ, ман тасмим гирифтам, ки ба Ӯ эътимод кунам. Чунки Ӯ ягона умеди ман аст. Биёед аз Забур таронаи навадумро такрор кунам, то он паёмеро шунавем, ки Худо ба зан расонидааст.

> "Азбаски ба ман ихлос бастааст, ӯро раҳоӣ хоҳам дод; ӯро тақвият хоҳам кард, чунки исми Маро шинохтааст" (Заб. 90:14).

Танҳо фикр кунед... Чӣ тавр муҳаббат метавонад моро зери хатар гузорад, агар он ҳаргиз хотима наёбад ва ноумед накунад? Муҳаббат қобил аст, ки ҳама гуна ҷароҳатҳои ҳаётро шифо диҳад.

Роҳҳои зиёде вуҷуд доранд, ки чӣ хел мо метавонем нотарсона дӯст дорем.

Ва муҳаббати нотарсона нисбат ба ҳамсари худ – ин танҳо яке аз ин роҳҳо. Фарзандон ва падару модарро ҳамчунин бояд нотарсона дӯст дошт. Муносибатҳо бо дӯстон ҳам бояд дар асоси муҳаббат бунёд карда шаванд, на аз рӯи рашку ҳасад ва тарсу ғаризаҳои шахсӣ. Шумо метавонед касб ва ҷои коратонро дӯст доред. Шумо метавонед калисои худро дӯст доред. Касе хонданро дӯст медорад, ва касе хандиданро. Дар куҷое ки шумо муҳаббатро пайдо накунед, дер ё зуд шумо эҳтимол ба душвориҳо ва ҳатто ба нокомӣ дучор меоед.

Чӣ моро ба қадами оянда меорад: дӯст доштани душманони худ. Чаро Исо чунин суханонро гуфт?

Зеро ин ҳамон намуди муҳаббат, он навъест, ки вақте ки бузҳоро аз гӯсфандон ҷудо менамоянд. Мо аз омма фарқ мекунем, вақте ки бадхоҳони худро дӯст медорем. Вақте дидаву дониста дӯст доштани он касонеро *интихоб менамоед,* ки манфиатҳоятонро поймол намуда, ба шумо зарар расонда метавонанд... ҳама чиз тағйир меёбад. Ҳатто агар вазъиятҳои шумо тағйир наёбанд ҳам, шумо дигар дар банди онҳо нестед, шумо озодед.

Ман ҳикояеро дар бораи ғуломе дар давраи Ҷанги шаҳрвандӣ дар ИМА ба хотир меорам, ки қарор дод соҳиби ярадоршудаи худро ба беморхона барад, ба ҷои он ки гурезад, ва ӯро дар майдони ҷанг барои мурдан гузорад. Ин интихоби осон набуд, аммо ин қарори вай нишон дод, ки ӯ воқеан озод аст. Ба шарофати чунин рафтораш вай хеле барвақттар, пеш аз он ки артиши Иттифоқ ошӯбгаронро пахш кунад, озодӣ ба даст овард.

Касе метавонад ба шумо тамоми умр бигӯяд, ки озод ҳастед, вале ба ҳар ҳол дидаву дониста бо ихтиёри худ ғулом боқӣ мемонед, ё шумо метавонед озодиро интихоб намоед, дар ҳоле ки дигар касон иштибоҳан шуморо моли худ мешуморанд.

Ман мефаҳмам, ки ғуломӣ расман ба шумо ҳеҷ гоҳ дахл нахоҳад дошт, бо вуҷуди ин, агар касе фикр кунад, ки шумо аз

вай қарздоред ё чизеро ба ӯҳда гирифтаед, ин одам шуморо дар ғуломӣ нигоҳ медорад. Одамоне ҳастанд, ки ғулом буда истода, худро озод медонанд. Шумо ҳамаи он чиро, ки одамон дар бораатон мегӯянд, ё чӣ гуна онҳо шуморо қабул мекунанд, назорат карда наметавонед, айни замон шумо метавонед интихоб намоед, ки ба ин чӣ гуна аксуламал мекунед.

Муҳаббат – ин интихоб. Тарс – ин аксуламал.

Муҳаббат – ин озодӣ. Тарс – ин вобастагӣ.

Муҳаббати комил тарсро меронад.

## Ба ҳар ҳол дӯст бидор

Иқтибоси зерини Кент Кейтро аксар вақт ба модар Тереза нисбат медиҳанд, зеро вай онро доимо дар пеши чашмонаш ҳамчун ёдоварӣ нигоҳ медошт. Боварӣ дорам, ки ин ё он порчаеро аз ин иқтибос аллакай шунидаед, аммо ман мехоҳам, ки онро пурра ин ҷо оварам.

> “Одамон бисёр вақт бемантиқ, беақл, худпарастанд.
> *Ба ҳар ҳол онҳоро дӯст бидор.*
> Агар некӣ кунӣ, туро барои ниятҳои нопок ва худхоҳӣ айбдор мекунанд.
> *Ба ҳар ҳол некӣ бикун.*
> Агар муваффақ шавӣ, ту дӯстони қалбакӣ ва душманони ҳақиқӣ пайдо мекунӣ.
> *Ба ҳар ҳол муваффақ бишав*.
> Кори некеро, ки имрӯз ба анҷом расонидӣ, худи фардо метавонанд фаромӯш кунанд.
> *Ба ҳар ҳол некӣ бикун.*
> Ростқавлӣ ва кушода будан туро осебпазир мегардонанд.
> *Ба ҳар ҳол ростқавл ва кушода бош.*
> Ҳатто бузургтарин занон ва мардон, ки дар сар идеяҳои азим доранд, метавонанд қурбони одамони ақлашон маҳдуд шаванд.

*Ба ҳар ҳол дар миқёси ҷаҳонӣ андеша бикун.*
Мардум ба ҷабрдидагон тараҳҳум мекунанд, аммо танҳо аз паси ғолибон меравачд.
*Барои ҳимояи мағлубшудагон истодагарӣ бикун*.
Он чиро, ки солҳо боз ба сохтанаш машғул будӣ, метавонанд дар як шаб вайрон кунанд.
*Ба ҳар ҳол бисоз.*
Одамон дар ҳақиқат ба кӯмак ниёз доранд, аммо агар ба онҳо дасти мадад дароз намоӣ, метавонанд онро газанд.
*Ба ҳар ҳол ба одамон кӯмак бикун*.
Ту тамоми кори аз дастат меомадаро мекунӣ, ва мушт мехӯрӣ.
*Ба ҳар ҳол тамоми кори аз дастат меомадаро бикун".*

Одамон шуморо ноумед мекунанд... Ба ҳар ҳол онҳоро дӯст бидоред. Агар шумо медонистед, ки ман ин суханони ӯро дарк намуда истода, ки, бале, ҳамин тавр аст, чӣ қадар зиёд бо ҳаёти худам алоқаманд намудаам. Шумо касеро ноумед кардаед? Ман – ҳа. Шояд онҳо сар ҷумбонида, зери лаб ғур-ғуркунон: "Ман аз вай ноумед шудам" гуфта рафтанд. Душманон, ва гоҳе дӯстон низ, ба шумо хиёнат мекунанд ва озор медиҳанд. Шумо медонед, ки чӣ кор кунед... Ба ҳар ҳол онҳоро дӯст доред. Агар он зиндагиеро доштан хоҳед, ки мисл надорад, пас ба зинаи нави ҳаёт гузаред, ба он тарзи зиндагие, ки берун аз ҳадди имкониятҳо ва мантиқи инсонӣ мебошад.

Ман медонам, ки дар аввал ин метавонад бемаъно ба назар расад, аммо агар шумо ба одамон барои аз хатогиҳояшон ибрат гирифтан имконият диҳед, барои дар оянда беҳтар шуданашон кӯмак менамоед.

Ҳарчанд аламовар бошад ҳам, ҳоло ба назарам чунин менамояд, ки ҳоло вақти он аст, ки барои тавзеҳи кӯтоҳ, вале муҳим, ба худ иҷозат диҳем. Хатогиҳое, ки ман ин ҷо ном мебарам, зӯроварӣ, хиёнат ва амалҳои ғайриқонуниро дар бар намегиранд. Он хатогиҳое, ки дар назар дорам, ба категорияи

иштибоҳ, нофаҳмӣ ё ҳукми нодуруст мансуб мебошанд. Ин ба амалҳои бадахлоқона, бераҳмӣ ва қасди бад дахл надорад, ки шахс қасдан ба амал меорад. Ман оиди хатогиҳо ва афтоданҳое сухан меронам, ки бо ҳар яки мо рӯй медиҳанд, дар ҳоле ки ба самти дуруст ҳаракат дорем.

Мо ҳама инсонем ва ҳамаамон хато мекунем, хоҳ шумо се карат одил бошед ё гунаҳкори гузаро. Танҳо бо ҳамон фарқият, ки муҳаббат одилро водор менамояд, ки бархезад. Дар ҳоле ки гунаҳкорон барнамехезанд ва аксар вақт дигаронро аз паси худ кашола мекунанд, одил бархоста, дигаронро боло мебардорад ва роҳашро идома медиҳад (ниг. Мас. 24:16). Муҳаббат ҳамеша боло меравад ва боло мебардорад.

> “Балки *дар муҳаббат ростиро баён намуда*, мо дар ҳар чиз ба Он ки Сар аст, яъне ба Масеҳ нумӯ ёбем. Аз Ӯ тамоми Бадан, ба воситаи ҳар навъ пайвандҳои тақвияткунанда мустаҳкам ва пайваст шуда, бо амали ҳар андоми ҷудогона ба андозаи хоси он, афзоиш меёбад, то ки худро дар муҳаббат бино кунад” (Эфс. 4:15, 16).

Вақте ки мо ростиро дар муҳаббат мегӯем, ин Бадани Ӯро обод мекунад. Муҳаббат дар тамоми самтҳои ҳаёти мо рушдро ба амал меорад. Суханони пур аз бадбинӣ боиси суст шудан ва бозистодани рушд мегарданд. Ва ҳамин тавр муҳаббат қавитар аз нафрат ва тарс аст.

## Чӣ тавр бо ноумедӣ мубориза бурдан лозим аст

Ноумедӣ натиҷаи интизориҳои бардурӯғ аст. Муҳаббат ба беҳтарин чиз *бовар мекунад*, ки бо ин ба андозаи хеле калон аз онҳое фарқ мекунад, ки танҳо аз шумо чизе интизоранд ва пайваста аз шумо чизе т*алаб доранд.* Интизориҳо ба зудӣ ба талаботҳо мубаддал гашта метавонанд, айнан чуноне ки муҳаббат ногузир сӯи умед мебарад.

Ман ба шавҳарам бовар мекунам, бо вуҷуди ин умедам ба Худост. Ману шавҳарам якдигарро дӯст медорем, аммо ин маънои онро надорад, ки ҳеҷ гоҳ ҳамдигарамонро ноумед накарда бошем... Ҳар чизе ки буд, гузашту рафт! Аммо ба ҷои он ки ноумедиҳои худро парвариш намоем, қарор додем, ки дар чунин ҳолати хавфнок наистода, балки зуд аз он дур шавем. Ба шарофати он чи ки бо мо рӯй дод, хулосаҳои муайян бароварда, аз хатогиҳои худ дарс гирифтем, тавонистем, ки аз вазъият баромада, роҳамонро давом диҳем. Мо фикр кардем, ки ин тавр беҳтар аст, ба ҷои он ки нокомиҳои худро идома дода, дар якдигар гоҳ аз ин тараф, гоҳ аз тарафи дигар, торафт камбудиҳои нав ба навро ошкор намоем.

Бовар кунед, замоне буд, ки вақте мо (ё ин танҳо ман будам?) фикр кардем, ин як фикри хеле хуб аст. Ба назарам чунин менамуд, ки агар бо қадри имкон бодиққаттар ҳамаи хатогиҳоямро дида бароям ва ба таври ҷиддӣ таҳлил кунам ва онро ҳамчун як чизи нангин қабул созам, он ҳеҷ гоҳ дигар такрор нахоҳад шуд. (Ман ин усули дардоварро бераҳмона ҳам нисбати хатогиҳои худам, ва ҳам нисбати хатогиҳои Ҷон, истифода мебурдам.)

Аммо ин усул на он қадар бенуқсон буд ва билохира ба кор наомад, зеро мантиқи ман хато буд. Баръакс, ин аст он чизе, ки ба амал омад. Мо он қадар ба ин усул таваҷҷӯҳ намудем, ки фақат он нуқсонҳоеро дидем, ки дар ҳамдигар бодиққат пайдо мекардем. Ба ҷои он ки ба некӣ умед дошта бошем, мо аз якдигар бадтарин чизро интизор мешудем. Дар натиҷа, мо чизеро, ки дар якдигар меҷустем, ёфтем.

Ман ҳамаи фарзандонамро беандоза дӯст медорам, вале ин маънои онро надорад, ки дар муносибатҳоямон боре ҳам ноумедиро аз сар нагузаронида бошем. Ва гарчанде ин бештар истисно буд, на қоида, – ва аксар вақт ман сабаби ноумедии онҳо будам, – ин то ҳанӯз ҷузъи асосии муносибатҳои мост. Ва ман дӯстоне низ дорам, ки инчунин борҳо аз ман ноумед шудаанд.

Он ки шумо нокомиро аз сар гузаронидед, маънои онро надорад, ки муҳаббати шумо мурдааст: ин маънои онро дорад, ки ҳоло айни вақти он аст, ки ба Рӯҳулқудс барои раҳнамоӣ муроҷиат намоед.

Муҳаббат – ин сад фоиз ҷалб шудан ва фидокорӣ, ва ҷалб шудани ҳақиқӣ дар он лаҳзае рӯй медиҳад, ки ман барои ба саволҳои ноқулай ҷавоб додан омодаам ва аз осебпазир будан натарсам.

Бо вуҷуди ин, ман ҳеҷ гоҳ набояд фикр кунам, ки шавҳарам, фарзандонам ё дӯстонам барои ман он касе хоҳанд буд, ки танҳо Исо метавонад бошад. Агар ман ин хатогиро содир кунам ва онҳоро наҷотдиҳанда ҳисоб кунам, онҳо маро ноумед мекунанд, зеро ман худам ба онҳо меъёрҳои баланд гузоштаам.

Шумо мебинед, ки мушкилот на дар худи онҳо ва на дар камбудиҳои онҳост, балки дар интизориҳои барзиёд ва нодурусти ман аст.

Агар шумо аз одамон чизи бештарро интизор бошед, вале онҳо онро карда натавонанд, шумо рӯҳафтода мешавед. Аммо вақте ки шумо ба чизи беҳтар, ки дар одам аст, бовар мекунед, вале вай инро карда наметавонад, шумо мефаҳмед, ки барои ӯ ҳама чиз дар пеш аст, ва ин ҳанӯз охири кор нест.

Ҳар дафъае, ки шумо хоҳиши маҳкум кардани одамонеро, ки Худо дар ҳаёти шумо гузоштааст, ҳис мекунед, як низоми муҳофизатӣ кор мекунад. Бале, касоне ҳастанд, ки беҳтар аст аз онҳо дурӣ ҷӯед, чунки миёни шумо ихтилоф аст. Ва дар баробари онҳо одамони дигаре ҳастанд, ки метавонанд аз шумо рӯй гардонанд. Аммо одатан одамон мераванд, чунки намехоҳанд, ки баъди ранҷида шудан, худро дубора дар хатар ва осебпазир ҳис кунанд.

Худо ҳамеша дар бораи ман, назар ба худам, фикри беҳтар дорад. Ба Ӯ гузаштаи ман аҳамият надорад, зеро ояндаи ман дар дасти Ӯст. Вай маро аз тарсу ваҳм ва ноумедӣ берун меоварад, то ки ҳамаи чизҳои беҳтаринро, ки дар ман аст, пайдо кунад. Павлус бо мушкилоти интизориҳои баланди калисои Қӯринтӯс рӯ ба рӯ шуд.

> “Зеро метарсам, ки дар омаданам мабодо шуморо,ончунон ки мехоҳам, наёбам, шумо низ маро,ончунон ки мехоҳед, наёбед; мабодо низоъ, ҳасад, хашм, ҷанҷол, бӯҳтон, ғайбат, ғурур ва бетартибиҳо мавҷуд бошад” (2 Қӯр. 12:20).

Ва интизор набошед, ки ноумед мегардед, зеро чизеро, ки мо интизорӣ дорем, онро ба даст меорем. Вақте ки мо аз одамон бисёр чизҳоро талаб мекунем, то он даме ки мо инро набинем, то он даме ки ин рӯй надиҳад, то он даме ки ба интизориҳоямон ҷавобгӯ нашаванд, онҳоро ситоиш намекунем, ин моро ногузир бо ғазабҳои бемаъноямон дар танҳоӣ мегузорад, ин бо он баробар аст, ки вақте мо аз орзуи худ даст мекашем, мо умедро гум мекунем. Биёед дар бораи одамон тавре фикр кунем, ки чи тавре мехоҳем, ки дар бораи мо фикр кунанд. Ки хубиҳои мо ҳанӯз дар пешанд. Ва он хатогиҳое, ки онҳо карданд, ин танҳо саҳв, хатогӣ, нофаҳмиҳои ногувор буд. Хатогиҳои шумо набояд сарнавишти шуморо муайян кунанд.

Шумо метавонед ба Исо ҷавоб диҳед ё дар гузашта зиндагӣ кунед. Интихоб аз шумост. Ва ягон каси дигар инро ба ҷои шумо иҷро намекунад.

Мо марҳаматро фаромӯш намуда, одамонро аз худамон саросемавор дур карда, ҳама муносибатҳоро қатъ месозем, дар ҳоле ки худамон дар бораи марҳамат ваҳй надорем.

## Роҳи тарс

Тарс як лаззати гарон аст. Он туро батамом ғорат мекунад. Вай қуввати шумо, орзуҳо, наздиконатон, дӯстон, азизон, молия, имон ва умеди шуморо медуздад. Тарс мехоҳад, ки ҳар он чизеро, ки муҳаббат ин қадар саховатмандона ба шумо медиҳад, нобуд кунад ва маҳрум созад. Тарс ба шумо танаффус намедиҳад, он беист, ҳар дафъа фишорро пурзӯртар намуда, ба шумо ҳуҷум мекунад.

Тарс ба хастагии шумо ва ба он, ки ба шумо истироҳат лозим аст, тахфиф намедиҳад. Вай густохона ба хоби шумо даромада, хиёнаткорона хобатонро вайрон мекунад. Тарс – ин қуввае, ки худ як антитезиси рӯҳонӣ ба шумор рафта, комилан муқобили қувваи муҳаббат ва солимақлӣ дар Рӯҳулқудс аст. Тарс мақсади худро дорад, то шуморо фалаҷ созад, айнан ҳамон тавре ки Рӯҳулқудс меояд, то шуморо озод кунад.

Мақсади тарс на танҳо шуморо аз имкониятҳои зиёд барои рушд маҳрум кардан, балки инчунин дуздидан, таҳриф кардани тасаввуроти объективии шумо дар бораи оянда аст. Ҳам тарс, ва ҳам муҳаббат, барои шумо ва ҳаёти шумо нақшаҳои худро доранд. Аммо яке аз онҳо барои некӣ, ва якеи дигар барои зарар равона шудаанд.

## Роҳи муҳаббат

Муҳаббат бошад, баръакс, пур аз меҳрубонӣ ва саховатмандӣ аст. Муҳаббат дили фарох дорад. Вай мехоҳад, ки муносибатҳо, орзуҳо ва умедҳои шуморо барқарор кунад. Ва ҳар кадоми мо ба ин навъи муҳаббат, ки ба мо аз тарафи Падар ваъда шудааст, дастрасӣ дорем. Бо вуҷуди ин, чунин фикр кардан хатои бузург аст, ки ваъдаҳои нави муҳаббат метавонанд дар заминаи тарси кӯҳна инкишоф ёбанд. Худо мехоҳад, ки навро бо *навсохта* мувофиқ гардонад.

> “Ва шароби навро дар машки кӯҳна намеандозанд; вагар на машк дарида, шароб ҳам мерезад, машк ҳам талаф мешавад; балки шароби навро дар машки нав меандозанд, ва ҳар ду маҳфуз мемонад” (Мат. 9:17).

Дар дохили шумо чизи наве ҳаст, ки тарс онро хомӯш кардан мехоҳад. Ба вай иҷозат надиҳед, ки ин корро кунад. Муҳаббати нотарсона танҳо дар шароити комилан нав, дар бастаи нав нигоҳ дошта мешавад. Боре шароби нави муҳаббатро чашида, шумо ба чизҳо бо назари дигар менигаред. Он чизе, ки пештар ҳамчун як вазифа, ҳамчун як кори ҳаррӯза медидед, акнун имконият барои хидмат аст. Шумо роҳҳои нав ба нави саховатмандиро ҷустуҷӯ хоҳед кард, ба ҷои он ки ба ҷамъоварӣ машғул шавед. Муҳаббат тарсро ғалаба мекунад.

## Зани нотарс

Соли гузашта як дӯсти наздикам ба ман дар зодрӯзам як номаи табрикотӣ (открытка) дод, ки ба ман чунон маъқул шуд, ки онро

ба оина овезон кардам. Дар он духтари ҷавоне бо шими плоидии аз пораҳои матои рангоранг дӯхташуда тасвир ёфта буд, ва дар зери он бо чунин мазмун навиштаҷот буд: “Гап дар либос нест, балки дар муносибат аст”. Ба ибораи дигар, муҳим он нест, ки чӣ мепӯшед, муҳим он аст, ки чӣ гуна онро мепӯшед. Муҳаббатро боҷуръатона ба бар кунед. Муҳаббат чизест, ки шумо барои он меҳнат мекунед.

**Аз зани нотарс дида, чизи ҷолибтаре нест.**

Ба шумо ҳақиқати аёнро мегӯям: аз зани нотарс дида, чизи ҷолибтаре нест.

На бепарво, балки маҳз нотарс. Духтарони нотарс, ки бо ваъдаҳои Худо мусаллаҳ шудаанд, ки бо имон мустаҳкам гардидаанд. Ин табиист, вақте ки мо *ба худамон* менигарем, ва ба мо супориш дода шудааст, ки ба худамон аз партави Каломи Худо нигоҳ кунем. Ва агар мо аз боло ба худ назар кунем, ҳеҷ фоидае намеёбем. Дар баробари ин, ба мо ҳеҷ манфиате нест, агар ба худ бо такаббур нигарем, ва қадри худро паст занем.

Аз тарс мо ба худ аз лиҳози нотавонии худ менигарем ва танҳо он чизеро мебинем, ки мо қодир нестем. Аммо вақте ки дар мо муҳаббат амал менамояд – ҳамон муҳаббати нотарсона, – мо ба манбаи қувваҳои ғайриоддии Худо пайваст мешавем.

Тарс рад мекунад, муҳаббат ҷалб месозад.

Ҷолиб будан чист?

Бовар кунед, ин бештар аз намуди зоҳирии ман аст. Ҳодисаҳои даҳшатноки нақлиётӣ таваҷҷӯҳи зиёдро ба худ ҷалб мекунанд. Барои хубтар фаҳмидани маънои ин калима, биёед ба решаи калимаи “ҷолиб” назар афканем, яъне ба калимаи “ҷалб кардан”, ки маънояш “ҷазб намудан, наздик кардан, шавқу рағбат барангехтан, баъзе эҳсосотро дар касе ангеза додан ё бедор кардан, ба мисли оҳанрабо ҷалб намудан”.

Ҳаёти шумо, мисли оҳанрабо, ё баракатро, ё лаънатро, ба худ ҷалб мекунад. Аз ин рӯ, аз худ бипурсед:

Ман аз чӣ метарсам?

Муҳаббат маро ба чӣ даъват менамояд?

Ман киро бахшидан намехоҳам, то он даме ки он шахс тағйир наёбад? Вақте ки ман бо одамон муҳаббатро тақсим мекунам, оё касе ҳаст, ки бо ӯ эҳтиёткор ҳастам ва онро бо андозаи муайяншуда қатъӣ иҷро менамоям?

Чӣ мешавад, агар ман ба суханони тарс дода шуда, ба дом афтодам?

Вақти он расидааст, ки вазъиятро ба фоидаи худ бигардонем. Ва ин кори осонтарин аст. Танҳо зиндагии худро бо Худо ҳамоҳанг созед ва аз Ӯ ҳамаи мӯъҷизаҳои беназиреро қабул кунед, ки Ӯ мехоҳад дар ҳаёти шумо ба амал орад. Ва барои кӯмак ба шумо барои оғоз намудан, ман ба шумо намунаи дуоро медиҳам, ки бар суханони Павлус асос ёфтааст, ки ба Тимотиюс ирсол шуда буданд.

Духтари маҳбуби ман, ман дуо мекунам, ки Худо баракати файз, муҳаббат ва шукуфоиро аз ҷониби Худои Падар ва Худованди мо Исои Масеҳ дар ҳаёти ту фаровон гардонад! Ман туро рӯҳбаланд месозам, ки дар ҳаёти худ шӯълаи атои рӯҳониеро, ки Худо дар дохили ту гузоштааст, дубора фурӯзон бикунӣ. Зеро Худо ҳаргиз ба ту рӯҳи тарсончак намедиҳад, балки Рӯҳулқудс ба ту қуввати бузург, муҳаббат ва фикри солим медиҳад!

Пас, ҳаргиз аз шаҳодати Худованди мо шарм надор, балки бо ваҳйи қудрати Худо мусаллаҳ шуда, бар бадӣ ғолиб ой. Ӯ ба мо ҳаёти нав дод, моро бо Худ зинда кард, ва бо даъвати муқаддаси Худ, ки дар ҳаёти мо ҷой дод, моро ба сӯи Худ даъват намуд. Ва ин на аз сабаби аъмоли неки мо, балки ба туфайли иродаи илоҳии Ӯ ва он файзи аҷибе буд, ки пеш аз оғози замонҳо ба ҳамроҳии мо бо Исои тадҳиншуда шаҳодат медод! (ниг. 2 Тим. 1:2, 6-9).

Инро ҳамчун амали иҷрошуда қабул намоед. Ба ин бовар кунед.

Ин суханонро ҳамчун иродаи Худо барои ҳаёти худ қабул созед. Биёед дуо мекунем.

*Падари Осмонӣ!*

*Ман рехтани файзу муҳаббат ва шукуфоии Туро дар ҳаёти худ қабул мекунам. Ман он атои рӯҳониеро, ки Ту дар дохили ман гузоштаӣ, дубора меафрӯзам. Худованд, ман медонам, ки Ту ба ман рӯҳи тарс надодаӣ, ва аз ин рӯ, ман ба он гӯш додан ва ба маслиҳаташ пайравӣ карданро рад мекунам. Падар, ба Ту ташаккур, ки Ту ҳама он чиро, ки ин душман аз ман дуздидааст, барқарор менамоӣ ва бармегардонӣ.*

*Ту ба ман Рӯҳулқудсро ато кардӣ, ки ба ман қувват, қудрат, муҳаббат ва ақли солимро, ки пур аз фикри солим аст, медиҳад. Аз ҳамин рӯз сар карда, ман муҳаббатро интихоб мекунам. Ман аз Инҷил шарм намекунам, аз тарс намеларзам ва нотарсона дӯст хоҳам дошт.*

## Саволҳо барои мулоҳиза

1. Шумо кадом қадамҳои амалиро гузошта метавонед, то одамонро бештар нотарсона дӯст доред?
2. Оё дар оилаи шумо мушкилие ҳаст, ки ба ҷои он ки “мушкилии мо” гӯед, “мушкилии вай” мегӯед?
3. Оё дар ҳаёти шумо соҳаҳое вуҷуд доранд, ки норасогии осебпазирӣ ё ошкорбаёнӣ боиси норасогии муҳаббат шудааст? Шумо барои тағйир додани ин ҳолат чӣ кор карда метавонед?
4. Оё дар ҳаёти шумо соҳаҳое вуҷуд доранд, ки дар онҳо хатогии *содиркарда* шумо маҷбур месозад, ки *худро* иштибоҳ ҳис кунед? Дар куҷо он барои шумо айният шуд?
5. Оё боре бо шумо чунин рӯй дода буд, ки афтодед (гуноҳ кардед) ва аз хестан метарсед? Шояд ин ҳоло рӯй дода истодааст. Кӯшиш кунед, ки худро кушоед ва дар ин бора ба дӯст ё дӯстдоштаатон нақл кунед.
6. Оё шумо фарқи байни зани нотарс ва зани бепарворо гуфта метавонед?

8

# Чоҳҳои чуқур ва чоҳҳои хоҳишҳо

“Озмоишҳо ва душвориҳо ба мо кӯмак мерасонанд, то дар ҳақиқат кӣ буданамонро дарк намоем; онҳо асли моҳиятамонро нишон дода, имкон медиҳанд, ки аз чӣ сохта шуданамонро бубинем”.

ЧАРЛЗ СПЕРҶЕН

Ба гумон кардан ҷуръат менамоям, ки шумо мехоҳед, ки духтари соҳибфаҳм бошед. Агар шумо дар ҳаёти худ умқ ва чуқурӣ хоҳед, бояд белро ба даст гирифта, ба кофтан шурӯъ кунед.

Бо Чарлз Сперҷен розӣ нашуда наметавонам: озмоиш ин дар ҳақиқат ҳам кашфиёти бузург аст. Ба ҳар ҳол, озмоишҳои ман ҳамин тавр аст. Онҳо даъват шудаанд, ки муаллимони мо бошанд, вале ниҳоятан аз мо вобаста аст, ки мо чӣ гуна шогирд мешавем. Рӯзҳое буданд, ки ман баҳои ду мегирифтам. Ва вақте ки ин рӯй медод, ман ҳаракат мекардам, ки баҳоро ислоҳ кунам. Ба ростӣ, бигзор ман на ҳамеша беайб ҳастам, аммо ба ҳар ҳол кӯшиш менамоям, ки ба таври шоиста зиндагӣ намоям. Ва ман интихоб дорам, ки ба

ин озмоишҳо чӣ гуна муносибат кунам. Оё ман онҳоро ҳамчун фиристодаҳо қабул менамоям, ё ба худам раҳм карданро сар карда, аз худ манзараи воқеан ғамангезро зоҳир месозам.

Мо ҳамаи он чизеро, ки бо мо рӯй медиҳад, инчунин он чизеро, ки дар бораи мо гуфта мешавад, пурра назорат карда наметавонем, аммо вақте ки сухан дар бораи амалҳои ҷавобӣ меравад, дар бораи он ки мо дар ин ё он вазъият чӣ гуна рафтор хоҳем кард, мо нотавон нестем.

Мо ҳуқуқи интихоб дорем, ки аксуламали моро пурра назорат мекунад. Ва азбаски мо аз Сперҷен иқтибос меорем, биёед бубинем, ки ба фикри ӯ аксуламали мо ба озмоишҳо бояд чӣ гуна бошад.

"Ман бӯса кардани мавҷеро, ки маро ба Сахраи Абадӣ мепартояд, ёд гирифтам".

Ин аст аксуламали ғайримуқаррарӣ ва ғайричашмдошт ба он чизҳое, ки моро ба ҳайрат меоранд. Ба наздикӣ ман мушоҳида кардам, ки чӣ тавр наберачаам София дар назди соҳил оббозӣ мекард. Вай бо хурсандӣ сӯи мавҷҳо мешитофт, ва давида худро ба об мепартофт. Муҳим нест, ки мавҷҳо ӯро чанд маротиба аз пой афтонданд ва ӯ сарозер қаъри об рафт... Охир, ин танҳо як бозӣ буд. Хандида, вай бо пойҳояш қаъри обро ҳис менамуд, чашмонашро пок мекард ва ба рӯи об пайдо мешуд, ва боз ба сӯи мавҷҳои нав медавид.

Дар бораи сахра сухан ронда, Сперҷен на соҳили санглохро дар назар дорад, ки аз он маҷрӯҳ шудан мумкин аст, балки Масеҳро ҳамчун Сахраи наҷоти мо. Ҳар рӯз ба мо барои муайян кардани он, ки мо ба зарбаҳои тақдир чӣ гуна ҷавоб медиҳем, имконияти нав пешниҳод карда мешавад. Агар мо мавқеъ гирифта, дифоъ кунем, ҳамаи партовҳо ва чизҳои нолозима ба рӯй зада мебароянд ва ҳамчун мушкилӣ мемонанд. Вале агар мо фурӯтан шавем, ин душвориҳо имконият медиҳанд, ки Рӯҳулқудс ҳаётамонро пурмаъно ва моро шахсони парҳезгор кунад. Душвориҳо асли моҳияти моро бекаму кост нишон медиҳанд. Моҳияти мо дар

Масеҳ, ба он чизе, ки Ӯ кардааст, асос ёфтааст, на ба дастовардҳои гузашта ё ҳозираи мо. Дар озмоишҳо мо ба Масеҳ монанд шуда, устувор ва матин мешавем. Ба ростӣ, Масеҳ он Сахраи маъруф аст, ки дар ҳама чиз аз ман болотар аст. Ӯ марказ ва тамаркузи ҳаёти ман аст. Ҳамон Сахраест, ки дар Он ман шабона оромӣ меёбам ва аз субҳи содиқ такягоҳ пайдо мекунам. Танҳо дар Ӯ умед ва такягоҳи мост.

## Омода кардани хок

Биёед акнун аз баҳр ба замини сахт мегузарем. Ман дар яке аз ҷойҳои зеботарини иёлати Колорадо зиндагӣ мекунам, ки баъзан чашмро бо сабзаҳои тару тоза шод мегардонад, вале аксар вақт бо манзараҳои хушк ва бесамар низ. Аз сабаби номусоидии боду ҳаво дар маҳалли мо замин хеле сахт аст. Аз ин рӯ, ба ман мушкил нест, ки ҳаёти худро бо порчаи замини хушкшуда муқоиса кунам. Ба замини хушкшудаи ҳавлии худ нигоҳ накарда, ман мехоҳам, ки дили ман нарм бошад. Ҳар дафъае, ки ман аз чизе меранҷам, хоҳ он чизи ночиз бошад, хоҳ чизе, ки таҳдид мекунад, ман наметавонам аз он фикр халос шавам, ки касе ба ҳудуди ман ҳуҷум карда, қисмати ҷони маро халалдор кардааст. Дар байни пораҳои замини кофташуда ҳашаротҳои зарароварро мушоҳида менамоям, ки кӯшиш мекунанд, ки ба зери замин баргарданд. Ман мебинам, ки онҳо ба зери замин хазида мераванд. Ва он гоҳ мефаҳмам, ки, бо истифода аз ноогоҳии ман, ин ҳашаротҳои зараровар решаҳои издивоҷи маро хӯрда, навдаҳои дӯстиро заиф ва раванди афзоишро суст карданд. Вақте ки ин ҳолат рӯй медиҳад (ва ин бештар аз он ки ман мехостам, рӯй медиҳад), сӯҳбати ман бо Падарам тақрибан чунин ба назар мерасад:

“Оҳ, не! Ин даҳшатнок аст! Ин чӣ тавр рӯй дод? Падари Осмонӣ, Ту инро мебинӣ? Ту шунидӣ, ки ман ҳозир чӣ гуфтам ё чӣ фикр кардам?” Вале Ӯ ҷавоб медиҳад: “Лиза, ин барои ту ваҳй шуд, аммо на барои Ман. Ин кирмҳо кайҳо боз дар ҷони ту ҷойгир

шудаанд. Вақти он расидааст, ки ба худ ба он савол ҷавоб диҳӣ, ки оё ту мехоҳӣ, ки онҳо минбаъд низ дар он ҷо бимонанд, ва ҳосили ояндаи туро зери хатар гузоранд?”

Ҳангоми азназаргузаронии дақиқ ман наметавонам ба тухмиҳое, ки ҳанӯз насабзидаанд, аҳамият надиҳам. Инҳо вақтро талаб мекунанд. Инҳо ваъдаҳои амиқи Худо ҳастанд, ки ҳанӯз дар ҳаёти ман ва оилаам иҷро нашудаанд. Ман ҳатто ба шубҳа меафтам, ки онҳо умуман ягон вақт месабзида бошанд. Падари ман пурсаброна мефаҳмонад:

“Ин сироят хеле зуд паҳн мешавад. Интихоб ҳамеша дар дасти туст, ту метавонӣ ба онҳо лойқаи баҳона пошӣ ва корҳояшонро рӯйпӯш кунӣ. Аммо онҳо мемонанд. Агар ту аз сироят халос шудан хоҳӣ, бояд онро бо сухан ва амал рад созӣ ва ба Ман иҷозат диҳӣ, ки онҳоро тоза кунам”.

Вақте ман мебинам, ки онҳо воқеан чӣ гунаанд, ман иқрор мешавам ва аз кирмҳои зишти ҳасад, шубҳа ва тарси одамӣ даст мекашам. “Офарин! Вақте ки мо дар ин ҷо ҳастем, ту ин алафҳои бегонаро мебинӣ? Биё онҳоро низ биканем. То даме ки замин нарм аст, осонтар мешавад. Акнун биё ба ҷои онҳо тухми Каломи Маро шинонем”.

Як дақиқа! Охир, ин ҷанги воқеӣ аст. Кирмҳои ноаён ин як тарафи кор, аммо кандани ҳар гуна ишораи сабзаҳои намоён, ҳангоми интизории иҷрои ваъда, тамоман чизи дигар аст. Ман барои фикрҳои бемулоҳиза таваққуф мекунам, ки шояд алафҳои бегонаро ба муддати кӯтоҳ нигоҳ дорам. Ақаллан, то пайдо шудани навдаҳои нав? Бе онҳо ман мисли як пораи бараҳнаи замин хоҳам буд. Ман ба баҳс шурӯъ мекунам:

“Худованд, аммо он гоҳ хоки ман беҳосил ва холӣ ба назар мерасад”.

“Лиза, ту мехоҳӣ ба назар пурсамар намоӣ ё пурсамар бошӣ?”

Ин савол ба насли имрӯза аст. Оё намуди зоҳирии мо аз ботини мо муҳимтар аст? Агар мо фақат ба зоҳиран самаранок будан

кӯшиш кунем, мо бо чор марҳилаи афзоиш муросо мекунем. Он чизе, ки ниҳонӣ кошта мешавад, рӯзе ошкор хоҳад шуд. Ман оҳи вазнин мекашам.

“Хуб, ташаккур”.

“Розӣ шудем”.

Ва инак ман, мисли замини урён, истодаам, вале шарм намедорам, зеро медонам, ки ҳоло ваъдаҳо дар ботини ман бемамониат афзоиш хоҳанд ёфт. Озмоишҳо ва ғаму андӯҳ заминро тоза намуда, ҳама чизеро, ки ба инкишофи оянда халал мерасонанд, нест мекунанд. Ин вохӯриҳо барои он заруранд, ки моро барои оянда тоза ва омода созанд. Инҳоянд чанд калимаҳои дигар, ки ба ҷои “озмоиш” ба осонӣ иваз карда мешаванд: таҷриба, ғаму андӯҳ, арзёбӣ, дард ва азоб, таҷрибагузарониҳо, имтиҳонҳо ё ҳамту санҷишҳо.

Вақте ки аз таҷрибаҳои дар боло зикршуда нороҳатиро ҳис мекунем, мо дар худ паҳлӯҳои заиф ва бақувватамонро ошкор месозем. Якҷоя ва дар алоҳидагӣ ин машаққатҳо мусоидат мекунанд, ки мо ҷойҳои хушку холии ҷони худро нарм карда, онро ба марҳилаи нави навбатӣ омода созем. Бе тайёрии ҷиддӣ қисми зиёди намӣ аз Каломи Худо ба ҳаёти мо дохил нахоҳад шуд. Дили мо ба мисли замини аз беобӣ сахтшуда хоҳад буд, ки обро ҷаббида наметавонад. Агар замини хушкшударо омода накунем, гарчанде борони сел борад ҳам, мо дар байни серобӣ хушкиро  ҳис хоҳем кард.

Озмоишҳо ба мо нишон медиҳанд, ки Худои мо чӣ гуна аст.

Вақтҳое буд, ки ман бо шумо оиди мақсади озмоиш комилан розӣ мешудам. Ман он вақт ба шумо мегуфтам, ки агар мутобиқи Каломи Худо зиндагӣ кунед, бо шумо ҳеҷ чизи бад рӯй намедиҳад. Ман ҷавон, содда ва аз таълимотҳое пур будам, ки озмоиши вақтро нагузашта буданд. Ман фикр мекардам, ки ин таълимоти амиқ аст, гарчанде дар асл аз боиси айби он ман дар сатҳи рӯякии ҳаёт зиндагӣ мекардам.

Ҳар чизе, ки ба ман барои ҳаёт ва порсоӣ лозим аст, ҳақиқатан

дар Каломи Худо нуҳуфтааст, аммо маҳз мусибатҳо дар ҳаёт моро ба зону мешинонанд, то ки ҳақиқат ба дилҳои мо ворид шавад ва кори худро ба иҷро расонад. Аз ин нуқтаи назар, Каломи Худо – ин на маҷмӯи ҷумлаҳо барои беҳтар кардани сифати ҳаёт, балки суханони ҳақиқӣ оиди ҳаёт.

## Таҳқиқи ҳаёти хеш

Дар ҳаёти ман як марҳилаи кӯтоҳ ва нофаҳмое вуҷуд дошт, ки сабаби асосиаш он буд, ки ман пинҳон доштани баъзе чизҳоро маъқул медонистам. Ман масеҳии ҷавон ва навимон будам, ки каме пеш шавҳар карда будам, ва ба ман нав лозим омад, ки ба нарм кардани хок шурӯъ намоям. Аз берун фақат якчанд изи хароштҳо намудор буд. Аммо ман дар хотир дорам, ки чӣ тавр ҳама чиз якбора иваз шуд. Ман фидокорона дуо мегуфтам ва ба Худо саҷда мекардам. Ман соддалавҳона тахмин доштам, ки, азбаски ман зани шубони навтаъиншуда будам, ба гумон аст, ки дар ҳаётам чизеро ҳал кардан зарур меояд. Бо оромии комил ман Худоро даъват кардам, то ки ҳаёти маро *таҳқиқ* кунад. Як шабонарӯз нагузашта, ман аз суханони худ пушаймон хӯрдам.

*Падари Осмонии азиз!*

*Магар ман таҳқиқ карданро хоҳиш кардам? Мумкин аст ман суханонамро баргардонда гирам? Ба ҳиссиёт дода шуда, ман нодуруст гап зада мондам. Ман мехостам аз Ту хоҳиш кунам, ки бо кабудизоркунии берунии ҳаёти ман машғул шавӣ.*

Ӯ ба ман иҷозат надод, ки аз суханони худ даст кашам. Бо раҳнамоии Рӯҳулқудс ман калимаи “таҳқиқ”-ро талаффуз кардам. Мисли бисёр масеҳиёни дигар, ҳаёти ман пур аз хоҳишҳои амиқ ва дуоҳои рӯякӣ буд. То ин лаҳзаи хатарнок дар вақти парастиш дуоҳои ман маро холӣ мегузоштанд. Суханоне, ки мегуфтам, дар ҳаётам чизеро ба вуҷуд намеоварданд, барои он ки ман бештар ҳамчун ӯҳдадорӣ дуо мекардам, на ин ки чун қурбонӣ. Ман мешунидам, ки дигарон чӣ тавр дуо мегӯянд, ва ман низ ҳамин

хел дуо мегуфтам. Бале, ба ман гуфта буданд, ки дуо – ин сӯҳбат бо Худо, аммо бо худам ҳеҷ кор карда наметавонистам, худамро дар толори Подшоҳӣ, дар иҳотаи фариштагоне тасаввур менамудам, ки маро гӯш карда, фикр мекарданд, ки чӣ сафсата мегӯям.

Ин фикрҳо имкон намедоданд, ки дуоҳоямро дар сухан баён кунам, ки метавонист тӯфони шадиди ноумедиро дар дилам боздорад. Ман намедонистам, ки бо ин эҳсоси озордиҳандаи гуруснагӣ нисбати чизи бузургтаре чӣ кор кунам.

Акнун ман медонам, ки Худо озмоишҳоро истифода мебарад, то ки дуоҳои маро амиқ гардонад. То он даме, ки ба Худо барои тагурӯ кардани ҳаётам иҷозат надодам, ман намедонистам, ки чӣ гуна ба Ӯ иҷозат диҳам, ки дар ботинам кор кунад. Ҳамагуна душворӣ ва озмоишро ман дарҳол мебастам! Ба ҷои он ки душвориҳоро қатъиян бартараф кунам, ман худро бо бандҳо ва одатҳои кӯҳна побанд мекардам. Агар онҳо маро мағлуб карданӣ шаванд, мегурехтам. Агар гурехтан муяссар намешуд, ман бо умеди он ки онҳо худ ба худ гузашта мераванд, пинҳон мешудам.

Душвориҳои ҳаёт маро ба ҳарос ва хашм меандохтанд. Ман нисбати дигарон сахтгир гашта, нисбати худам боз ҳам сахтгиртар мешудам. Азизам, агар шумо низ чунин амал кунед, бидонед, ки ҳаётатон барои худатонро шиканҷа додан хеле вазнин аст. Дар тӯли даҳсолаҳо ман фаҳмидам, ки Сперҷен ҳақ будааст. Бо мурури замон, ба қафо нигоҳ карда, ман акнун мебинам, ки Каломи Худо ба мо мегӯяд, ки мо аз они Кӣ ҳастем ва бо аксуламалҳоямон ба озмоишҳо нишон медиҳем, ки мо аз чӣ офарида шудаем. Машаққатҳои зиндагӣ қудрат доранд моро аз оне ки ҳастем, ба он касе ки будан мехоҳем, табдил диҳанд. Аммо дар куҷое дар роҳ мо ба дурӯғ оиди он бовар кардем, ки бидуни иштирок дар ҷанг метавонем қаҳрамон бошем.

## Чоҳҳои чуқур

Ба ман вохӯрдан бо касе, ки ӯро чоҳи чуқур меноманд, писанд аст. Ин маънои онро дорад, ки, назар ба намуди зоҳириаш, ботини ӯ хеле бузург аст. Чоҳҳои амиқ асрори худро доранд, онҳо

гуфтаниҳо доранд, ман бошам саргузаштҳоро дӯст медорам. Инҳо одамоне ҳастанд, ки чунин озмоишҳоро гузаштаанд, ки аз боиси онҳо дигар чоҳҳо кайҳо тира ва ифлос мешуданд, аммо оби онҳо тоза боқӣ мондааст. Чоҳҳои чуқур ба фавворaҳое табдил меёбанд, ки ба атрофиён таровaт мебахшанд. Чоҳи чуқур қобилияти бузурги инъикос карданро дорад. Ҳангоми муошират бо чоҳи чуқур шумо, назар ба худи вай, дар бораи худ бисёртар мефаҳмед.

Ман якчанд чунин занҳоро медонам. Онҳоро ҳамеша боз ҳам беҳтар донистан мехоҳед. Дар паҳлӯи онҳо ман ҳаросон мешавам, зеро ман то ҳол саволҳои зиёд дорам. Вақте ки ман дар назди онҳо ҳастам, гӯш доданро, назар ба сухан рондан, афзалтар медонам. Ман мехоҳам ҳар як сухани онҳоро дошта гирам. Ман худам ҳам мехоҳам чоҳи чуқур бошам, ва бо вуҷуди ин, дар ҳаётам лаҳзаҳо ва соҳаҳое мешаванд, ки ман бисёртар ба кӯлмак монанд ҳастам.

Баъзан барои фаҳмидани чоҳи чуқур, аз тарафи ман лозим аст, ки бо дили худ кор кунам. Ба онҳо он қадар шавқовар нест, ки ман кадом китобҳоро навиштаам ва дар кадом конфронсҳо мавъиза кардаам. Аксарияти онҳо худашон метавонанд аз ин фахр кунанд. Онҳо роҳро давом медиҳанд. Ба онҳо донистан даркор нест, ки ман чиро саршор мекунам, онҳо мехоҳанд бишнаванд, ки ман худро бо чӣ пур мекунам. Онҳо маро дар бораи шавҳар, фарзандон, наберагон ва дили ман мепурсанд. Онҳо медонанд, ки ба куҷо бояд оҳиста неш зананд ва аз чӣ пурсон шаванд. Ман саривақт дарк намекунам, ки аллакай ҳамаи деворҳоро шикаста, қуфлҳоро кушода, ба онҳо ҳама чизро гуфтаам. (Ба шавҳарам ин маъқул нест.)

Ман худамро на дар дами таппонча, балки зери таъсири меҳрубонӣ пурра ошкор мекунам.

Вақте ки ман бо ин чоҳҳои чуқур вомехӯрам, бисёр чизҳоро мефаҳмам. Барои чунин шахс шудан, ба ҳаёт муносибати солим доштан лозим аст. Амиқиятро харидан мумкин нест, ба он ҷидду ҷаҳд кардан лозим аст. Он вақте меояд, ки мо барои ростқавл будан ба қадри кофӣ далер ҳастем. Ба ин маъно чуқурӣ бештар ба мушакҳое монанд аст, ки аз машқҳои пайваста инкишоф меёбанд.

## Ҷоҳҳои хоҳишҳо

Чанде пеш ба ману Ҷон аз агентии интихоби кадрҳо муроҷиат карданд. Як шабакаи телевизионии фароғатӣ тасмим гирифт, ки намоишномае эҷод кунад, ки дар он назари рӯҳонӣ ба баъзе масъалаҳои амиқи ҳаётӣ, ки одамонро дар ҷаҳони имрӯза ба ташвиш меоранд, баррасӣ карда шавад. Ин бори аввал набуд, ки ба мо бо чунин дархост муроҷиат мекарданд. Ба мо пештар ҳам пешниҳод карда буданд, ки дар чунин реалити-шоуҳо иштирок кунем, ва ман аниқ медонистам, ки қаҳрамони чунин барнома шудан намехоҳам. Ман ба ҳамкоронам гуфтам, ки дар он ҷо ҳузур доштанам маъное надорад. Аммо намояндаи онҳо бовар кунонд, ки ин дафъа намоиши телевизионӣ ба куллӣ дигар хел хоҳад буд. Продюсерҳо мехостанд мошине созанд, ки шунавандагони худро ба он рӯзҳое баргардонад, ки одамон барои ҷавоб ба калисои маҳаллии худ мерафтанд. Бо нохоҳамии зиёд мо ба ҳар ҳол розӣ шудем, ки кӯшиш кунем.

Ҷон дар як шаҳр буд, ман дар шаҳри дигар, ва мо занги конфронсӣ кардем. Ба мо чанд саволҳо доданд, ки мо ба онҳо ростқавлона ва кушоду равшан ҷавоб додем. Бояд иқрор шавам, ки ман ҳатто интизор набудам, ки ба мо дубора занг мезананд, аммо ба мо занг заданд. Продюсер гуфт, ки ҷидду ҷаҳди мо ба онҳо писанд омад, ва онҳо мехостанд, ки бо мо як мусоҳибаи дигар гузаронанд. Ин дафъа мо як соат тавассути скайп бо сабт сӯҳбат кардем. Ба мо рӯйхати саволҳоеро фиристоданд, ки бояд дар мусоҳиба садо медоданд. Саволи аввалин чунин буд:

> “Духтари шонздаҳсолаам бо дӯстдоштаи худ, ки аз ӯ калонтар аст ва таҷрибаи ҷинсӣ дорад, алоқаи ҷинсӣ дорад. Вай нахустин мард дар ҳаёташ аст. Оё ман бояд ҳамчун модар аз ӯ хоҳиш кунам, ки аз муоинаи духтур гузарад ва аз воситаҳои зидди ҳомиладорӣ истифода барад? Чӣ кор кунам?”

Ба ман лозим набуд, ки муддати тӯлонӣ фикр кунам, дар

сарам дарҳол калимаи “не” пайдо шуд. Духтари ноболиғ дар хона бо падару модараш зиндагӣ мекунад. Ман бе шакку шубҳа ҷавоб додам ва фаҳмондам, ки Китоби Муқаддас моро даъват мекунад, ки аз зино гурезем, на ин ки онро ташвиқ кунем. Ман ба ин оила маслиҳат додам, ки якҷоя ҷамъ шаванд ва гап зананд, то ба ин духтар ва ҷавонмарди ӯ фаҳмонанд, ки чаро онҳо дигар наметавонанд бо ҳам вохӯранд...

Пеш аз он ки ман ҷавобамро тамом кунам, намояндаи телевизион суханони маро қатъ кард ва фаҳмонд, ки а) алоқаи ҷинсии онҳо ба ҳар ҳол идома хоҳад ёфт, б) онҳо намехостанд, ки мо аз Китоби Муқаддас иқтибос гирем. Онҳо танҳо маслиҳатҳои рӯҳонӣ мехостанд. Баъд вай гуфт, ки дар идораи оҷонсӣ рӯйхати саволҳо тартиб дода шуда буд ва яке аз онҳо аз ҷониби худи ӯ буд. Хоҳари ин зан бо марде алоқаи ҷинсӣ дошт ва модараш ба маслиҳат ниёз дошт, ки чӣ кор кунад. Дар он лаҳза мо фаҳмидем, ки мусоҳибаро идома додан нашояд.

Дар идораи оҷонсӣ медонистанд, ки мо муаллимони Китоби Муқаддас ҳастем, аммо бо вуҷуди ин, намехостанд, ки мо аз Китоби Муқаддас иқтибос гирем. Онҳо аз мо ҷавобҳои амиқи рӯҳонӣ мехостанд, вале бе иқтибос аз Китоби Муқаддас. Наход ин имконпазир бошад? Наход ҳикмати ҳақиқӣ бе маслиҳати Худо вуҷуд дорад? Ман ба фикр фурӯ рафтам, чӣ мешуд агар ман аз як мутахассиси “ню-эйҷ” иқтибос меовардам, онҳо эътироз намекарданд? Онҳо мехостанд аз мо ҷавобҳои рӯякӣ бишнаванд, валекин онҳо ба гӯш амиқ намудор шаванд, – ин чоҳҳои хоҳишҳо.

Онҳо намехостанд, ки ба муноқиша роҳ диҳанд ва беихтиёр бо маслиҳатҳои худ дар бораи манъкунӣ касеро озор диҳанд. Онҳо мехостанд, ки мо одамонеро, ки кори бад мекунанд, баракат диҳем, ва ба онҳо бигӯем, ки кори бади онҳо дар асл кори хуб аст. Онҳо пешакӣ фикр мекарданд: “Ҳар чи бодо бод, бинобар ин мо бояд он чиро, ки қабул шудааст, бигӯем, то ба мардум нагӯем, ки онҳо хато мекунанд”. Онҳо мехостанд, ки ба онҳо чизе бигӯянд, ки ба ҳақиқат наздик бошад. Онҳо намехостанд, ки эътиқоди

масеҳӣ ошкоро баён шавад, балки пинҳонӣ эълон шавад. Бале, онҳо розӣ ҳастанд, ки Худо бузург аст, аммо биёед Исо ва Китоби Муқаддасро берун аз дарвоза гузорем.

Ба ибораи дигар, ман боварӣ дорам, ки онҳо аз шунидани чунин суханон аз ман хушҳол мешуданд: “Бале, муҳаббати модарро нишон диҳед, ва хоҳиш кунед, ки духтаратон фавран аз ташхиси бемориҳои БВЧГ (ЗППП) гузарад. Ба ӯ ёд диҳед, ки худро аз ҳомиладории номатлуб муҳофизат кунад. Бори дигар, вақте ки дӯстдоштаи ӯ меояд, бо шавҳаратон ба ӯ бигӯед, ки шумо духтари худро ҳамчун ганҷ гиромӣ медоред. Ба ӯ бигӯед, ки синнусоли ӯро ва таҷрибаи ӯро дар алоқаи ҷинсӣ эҳтиром мекунед. Аз ӯ бипурсед, ки оё ӯ метавонад як бастаи презервативҳоро ҳамчун тӯҳфаи оилаи шумо қабул кунад. Ҳамин тавр, шумо ҳар кори аз дастатон меомадаро мекунед, то боварӣ ҳосил кунед, ки ӯ духтари шумо бо БВЧГ (ЗППП) сироят намекунад”.

Оё шумо мебинед, ки ин чӣ қадар маслиҳати бемаъно аст? Аммо ман мефаҳмам. Продюсерон ҳақиқатро аз Китоби Муқаддас шунидан намехостанд, онҳо чоҳҳои хоҳишҳоро мехостанд. Онҳо гӯё ба ман ва Ҷон мегуфтанд: “Мо ба шумо танга мепартоем, шумо бошад, лутфан хоҳиши мардумро қонеъ кунед. Гуноҳашонро баракат диҳед, ва бигзор онҳо худро хуб ҳис кунанд”.

Метарсам, ки бисёре аз масеҳиён бо чоҳҳои хоҳишҳо қонеъ мешаванд, ба ҷои он ки гӯш кунанд, ки онҳо бояд чоҳи чуқуртар созанд. Занони хеле зиёд хоҳишҳои амиқ, аммо зиндагии сатҳӣ доранд. Онҳо медонанд, ки маслиҳати ҷаҳоние, ки аз он пайравӣ мекунанд, ин танҳо акси овози холии худашон аст, аммо бо вуҷуди ин тасаввур мекунанд, ки чизи дигаре вуҷуд надорад... Аз ин рӯ, онҳо бо чоҳҳои хоҳишҳои холӣ қаноат мекунанд. Дар бораи зиндагии худ фикр карда, онҳо мехостанд:

Инро нагуфтан.

Инро накардан.

Бо ӯ издивоҷ накардан.

Бо ӯ издивоҷ кардан.

Мактабро хатм кардан.

Дӯстони бештар доштан.

Ба вай монанд будан.

Инро нахаридан.

Инро харидан.

Бештар дуо гуфтан.

Китоби Муқаддасро бисёртар хондан.

Бештар боинтизом будан.

Пуртоқаттар будан.

Кошки ҳама чизро танҳо бо хоҳиш гирифтан мумкин мебуд, пас ҳамаи мо зебо, аҷоиб, тавоно ва далер мебудем. Уолт Дисней гуфтааст: "Орзу – ин хоҳише, ки дар дили мо ҳангоми хоб пайдо мешавад". Ман бо ин розӣ ҳастам, аммо орзу ва хоҳиш танҳо вақте воқеият меёбанд, ки мо бедор шуда, бо он орзу коре мекунем. Хоҳиш орзуро ба ҳаракат меорад, мо корро ба ҳаракат меорем. Хоҳиш кардани он, ки ҳама чиз хуб шавад, кам аст, хуб амал кардан лозим аст. Ана кай амиқӣ инкишоф меёбад.

## Хатарҳои фиреб

> *«Зинҳор касе худро фирефта накунад: агар касе аз шумо худро дар ин ҷаҳон ҳаким медониста бошад,* бигзор ҷоҳил шавад, то ки ҳаким гардад. *Зеро ки* ҳикмати ин ҷаҳон *пеши Худо* ҷаҳолат аст, *чунон ки навишта шудааст: "Ҳакимонро ба макри худашон гирифтор мекунад". Ва боз: "Худованд афкори ҳакимонро медонад, ки ботил аст"»* (1 Қӯр. 3:18-20).

Бале, дар ин ҷо навишта шудааст: "Зинҳор касе худро фирефта накунад", аммо ҳамаи мо медонем, ки зан метавонад ба таври осон худро фирефта кунад. Пас барои чӣ одам, хоҳ зан бошад, хоҳ мард, мехоҳад ба чашми худ хок пошад ва худро фирефта кунад?

Дар асл, ҳеҷ кас дониста худро фирефта кардан намехоҳад. Аммо чи тавре ки шавҳарам зуд-зуд гуфта меистад: "Мушкилии фиреб дар он аст, ки вай фиребгар аст".

Фиреб метавонад чунин кунад, ки чизҳо, одамон, вазъият ва маслиҳат, аз он чизе ки дар асл ҳастанд, дигар гуна менамоянд. Фиреб метавонад итоаткорӣ ба Худоро ҳамчун пайванди қонуншиносӣ ба назар орад. Фиреб метавонад чунин кунад, ки душмани ҷони шумо бо овози дӯст сухан мегӯяд. Фиреб метавонад то ба дараҷае амиқ дарояд, ки бадӣ ба некӣ, ва некӣ ба бадӣ монанд мешавад. Қуввати фиреб дар он аст, ки вай то он даме ки шумо ба чӣ боварӣ доштанро фарқ накунед, обро ифлос месозад. Худо медонист, ки мо бо чунин хатар вомехӯрем, барои ҳамин Ӯ барои мо стандартеро дод, ки бо гузашти вақт, бо дигаргуншавии маданият ва эҳсосоти одамон иваз намешавад. Стандарти мо – ин Китоби Муқаддас, одамони парҳезгор – ин одамоне, ки онро бо худ мебаранд.

Интихоб аз мост. Мо чиро мехоҳем: ҳикмати ин ҷаҳон ё ҳикмати абадӣ? Ҳар дафъае ки офарида худро аз Офаридгор боақлтар тасаввур мекунад, вай ба худфиребӣ меғӯтад. Вақте ки вазъиятҳо обро ифлос мекунанд, фақат Каломи Худо қувват дорад ба мо равшанӣ диҳад. Агар шумо бо Каломи Худо пур нашавед, иштибоҳан аблаҳӣ ба назар ҳикмат менамояд. Шумо дар хатар хоҳед буд, ва ба фиреб бовар карда, дасисакорию махфӣ буданро бо кушодагӣ ва ростқавлӣ иваз мекунед.

Дар хотир доред, ки ҳикмати мор бо дасисакорӣ ва маккорӣ печонида шуда буд. Маккорӣ қурбонии худро маҷбур мекунад, ки дар чизе манфиатро бинад, гарчанде дар асл тамоман дигар мақсад дорад. Мор ниқоб пӯшида, ба назди Одаму Ҳавво ҳамчун дӯст бо маълумоти дохилӣ омад. Вай худро як дӯсти самимӣ вонамуд кард, ки бо хоҳиши кӯмак кардан омадааст, ва ба Одаму Ҳавво воситаи ба Худо монанд шудан ва чӣ тавр фарқ кардани неку бадро пешниҳод

**Мо чиро мехоҳем: ҳикмати ин ҷаҳон ё ҳикмати абадӣ?**

кард. Вай ваъда дод, ки онҳо ба ин дараҷа боло мебароянд, ҳатто агар ба ҳикмати Худо гӯш надиҳанд ҳам. Одаму Ҳавво намехостанд фирефта шаванд, онҳо он чизеро мехостанд, ки мор ба онҳо ваъда дод. Ба ҷои он ки аз боварӣ ба суханони мор даст кашанд, онҳо қарор доданд бовар кунанд, ки Худо ба онҳо дурӯғ гуфтааст. Мор ваъда дод, ки онҳо монанди худоён мешаванд, дар асл бошад, онҳо бе худо гаштанд. Дар Навиштаҷот барои мо огоҳие ҳаст:

> “Балки Худо барҳақ аст, агарчи ҳар одам козиб бошад” (Рум. 3:4).

Раҳоӣ аз фиреб тавассути тавба аст, вақте ки мо ҳикмати худро ҷоҳилӣ меномем ва дар назди Худованди Абадӣ ва Ҳаким худро фурӯтан месозем. Тавба он вақт ба амал меояд, ки мо аз дурӯғ даст мекашем, то ки ҳақиқатро ба даст оварем.

Ваъдаҳои ҳиллагаронаи шайтон мисли акси садо имрӯз дар тамоми замин паҳн мешаванд. Як вақтҳо пешниҳоди вай, назар ба аҳкоми Худо, нармтар, хубтар ва фоидаовартар менамуд. Ниҳоятан, ба назари шумо чӣ беҳтар менамояд? Чашида, мурдан ё чашида, боҳикмат шудан? Мор мағрурӣ ва ҷоҳилии одамро бар зидди худи мо истифода мебарад. Кӣ бовар кардан намехоҳад, ки мо аз он ки ҳаст, донотар мебошем? Барои ҳамин ӯ ба мо тамаллуқгӯӣ мекунад. Ҳақиқат дар он аст, ки бе Масеҳ ҳикмати ҳақиқӣ вуҷуд надорад. Берун аз Масеҳ танҳо донишҳое мавҷуданд, ки бо вақт ва таҷрибаи заминӣ маҳдуданд.

> “Аммо Рӯҳ кушоду равшан мегӯяд, ки дар замонҳои охир баъзе касон аз имон баргашта, ба арвоҳи фиребанда ва таълимоти шаётин гӯш хоҳанд андохт” (1 Тим. 4:1).

Арвоҳи фиребанда ҳамеша ба мо мегӯяд, ки берун аз Каломи Худо дониш вуҷуд дорад. Ӯ моро бовар мекунонад, ки мо дар ҷаҳони муосир зиндагӣ мекунем, ва Худо он суханонеро, ки замоне гуфта буд, фаромӯш кардааст. Ин рӯҳҳо суханони морро

такрор мекунанд: “Ба Худо гӯш надеҳ, худат барои худат худо бош”. Бисёр одамон инро пай намебаранд, зеро онҳо фикр мекунанд, ки танҳо касе, ки ба ҷодугарӣ ва шайтонпарастӣ машғул аст, фиреб хӯрдааст. Аммо аксар вақт арвоҳи фиребанда ва девҳо ба мо як чизро нишон медиҳанд, дар ҳоле ки чизи дигарро таъқиб мекунанд. Агар шумо масеҳӣ бошед, онҳо наметавонанд ҷони шуморо бигиранд, аз ин рӯ, онҳо ҳар кореро мекунанд, то қудрати шуморо бигиранд ва чоҳи шуморо олуда кунанд. Бисёр чизҳои нопок дар ҷаҳон дар асри мо маъмул ва қабул гардидаанд. Навиштаҷот ба таври равшан моро огоҳ мекунад:

> “Аммо аз қиссаҳои нолоиқи аҷузаҳо рӯй гардон, балки *худро дар диндорӣ машқ деҳ;* зеро ки машқи ҷисмонӣ кам фоида дорад, вале *диндорӣ барои ҳама чиз фоиданок аст*, ки ваъдаи ҳаёти *ҳозира ва ояндаро* дорад” (1 Тим. 4:7, 8).

Хато накунед, гумон карда, ки қиссаҳо ҳеҷ зарар надоранд, танҳо аз он сабаб, ки дар бораи онҳо гуфта мешавад, ки онҳо қиссаҳои нолоиқи аҷузаҳо мебошанд. Чунин нест. Инҳо афсонаҳое нестанд, ки бо сеҳру ҷоду фаро гирифта шудаанд, то ки ба мо ягон ҳақиқатро омӯзонанд, инҳо таълимоти девҳо, ки барои куштан, дуздидан ва нобуд кардан фиристода шудаанд.

Берун аз маслиҳати Худо ҳикмати ҳақиқӣ вуҷуд надорад.

Исо ҳеҷ гоҳ ба он чизе, ки мо шунидан мехоҳем, бознамеистад, Ӯ амиқтар меравад ва ба мо он чизеро мегӯяд, ки бояд бишнавем.

## Аз чоҳи худ об кашидан

Дар дохили ҳар яки мо чоҳи хеле воқеӣ мавҷуд аст. Ин ҷони мост, ҷое, ки мо аз он ҷо об мекашем. Пайғамбар Ирмиё онро обанбор (сардоба) меномад.

> “Зеро ки қавми Ман ду кори бад карданд: Маро, ки чашмаи оби ҳаёт ҳастам, тарк карда, барои худ сардобаҳо канданд,

> сардобаҳои кафидае ки наметавонад обро нигоҳ дорад” (Ирм. 2:13).

Чоҳҳои ҷонҳои мо метавонанд аз хеле хурд то хеле чуқур бошанд, сатҳи об мувофиқи қобилияти мо метавонад боло ё поин равад. Муҳим нест, ки чоҳ чӣ қадар чуқур аст... Агар дар обанбор шикофе бошад, он обро нигоҳ дошта наметавонад. Бо мурури замон чоҳро чуқур ва мустаҳкам кардан мумкин аст. Рӯҳи мо зарфест мисли чоҳ. Дар он мо хоҳишҳо, тарсҳо ва орзуҳои амиқи худро нигоҳ медорем.

Баъзан об дар чоҳи ҷони ман аз ҷараён бозмеистад. Баъзан ман ҳис мекунам, ки вай аз нав ҷорӣ мешавад. Бо вуҷуди ин, об дар чоҳ ҳамеша ҳаст, ҳатто агар он кам ё танҳо нимпур бошад ё аз ҳад зиёд пур шавад. Дар замонҳои қадим душманон чоҳҳоро бо рег ё хок пур мекарданд, зеро ҳама мефаҳмиданд, ки об – ин сарчашмаи ҳаёт. Айнан чунин корро захмҳои бераҳмона пӯшидашуда дар ҳаёт метавонанд кунанд.

Вақте мо ҳис мекунем, ки чоҳи мо лабрез мешавад, мо метавонем онро кушоем ва ба ғаму орзуҳои амиқи ҷонамон иҷозат диҳем, ки овози худро ёбанд. Вақте ки ман худро бад ҳис мекунам, ва чоҳи ман банд ва ифлос мешавад, баъзан ягона чизе, ки лозим аст, – ин суруд, то ки онро кушояд ва рӯҳи маро тароват бахшад. Ханда ва вақт бо оила ва дӯстони худотарс обанборро пур мекунанд. Хондани Калом, навиштани рӯзнома ва дуо ба ман мисли нӯшокии хунуки назди фаввора дар рӯзи тафсон тароват мебахшанд.

## Занҳое, ки гузаштаи худро доранд

Ҳамаи мо гузаштаи худро дорем. Баъзеҳо дорои гузаштаи равшантар ҳастанд, аз они баъзеҳо тиратар. Яке аз мо гузаштаи хуб дорем, дигаре гузаштаи даҳшатовар. Муҳим он нест, ки гузаштаи шумо чӣ гуна буд – хуб ё бад, хатари бештар дар он аст, ки бо гузаштаи худ зиндагӣ кунем. Мо барои зиндагӣ дар зери сояи шӯҳрат ё шарм офарида нашудаем. Мо барои он офарида

шудаем, ки дар нури имрӯза зиндагӣ карда, ба ояндаи пур аз нури дурахшон нигарем. Ин аст роҳи одилон.

Ман фаҳмидам, ки табиати инсон кӯшиш мекунад, ки ба ақиб нигариста, дар бораи гузашта сӯҳбат кунад, дар ҳоле ки Худо ба пеш нигариста, ояндаи моро эълон менамояд. Шунидани саргузашти одамон ин хуб аст, аммо барои ба пеш ҳаракат кардан, донистани орзуҳои онҳо барои мо муҳимтар аст.

Азбаски ман бисёр сафар мекунам ва мавъиза мекунам, ман афзалият дорам, ки ба ҳазорон занон оиди умед башорат диҳам. Чӣ хел ман мехостам, то шумо бубинед, ки чӣ тавр чеҳраҳояшон мешукуфад, вақте ки ман боҷуръатона эълон менамоям:

> “Ҳамлаҳо ба ҳаёти шумо аз рӯи имкониятҳое, ки шумо дар оянда доред, шарҳ дода мешаванд, на аз гузаштаи шумо”.

Ногаҳон онҳо мефаҳманд, ки саргузашти онҳо ҳанӯз ба охир нарасидааст. Онҳо мефаҳманд, ки ҳаёташон барои чизе пешбинӣ шудааст, ва душман мунтазам ва барқасдона онҳоро ба ҳадаф мегирад. Дар ин лаҳза онҳо чизеро мефаҳманд, ки шумо низ бояд бифаҳмед. Гап дар гузашта нест, балки ҳамеша дар оянда аст. Бале, моро оқибати интихобамон интизор аст. Ман инро мефаҳмам. Ва бо вуҷуди ин, ҳар коре, ки накунед, Худо аллакай пеш-пеши шумо меравад ва дар он ҷое, ки, ба гумони шумо, имконияте нест, роҳ муҳайё месозад.

Шумо ба ақиб менигаред ва тасаввур мекунед, ки бо амалҳои худ ягона дареро, ки пешатон кушода буд, бастаед. Медонед-чӣ? Ин дурӯғ аст. Бале, ин дар баста аст, аммо агар шумо ба қафо нигаред, дари дигареро мебинед, ки барои шумо боз аст. Он метавонад дигаргуна ба назар расад, ба он шояд дохил шудан душвортар бошад, аммо агар шумо дар Худо амал кунед, Ӯ ҳамеша шуморо ба он ҷое, ки бояд бошед, хоҳад овард. Ӯ ҳамеша ба шумо асбобҳои зарурированиро медиҳад, то ки чоҳи амиқ ва устуворро канда, аз он об кашед.

Мушкилӣ дар он аст, ки бисёре аз мо назди чоҳи нимкафида ва хурди орзуҳо нишаста, гиря мекунанд: "Кошки ман ин корро намекардам! Ман ҳама чизро вайрон кардам!"

Ин имконнопазир аст! Шумо, дугонаи азизам, на он қадар қавӣ ҳастед. Зане, ки гузаштаи худро дорад, маънои онро надорад, ки оянда надорад. Зане, ки гузаштаи худро дорад, маънояш он нест, ки ба одамони дигар ҳуқуқ медиҳед, ки ояндаи шуморо идора кунанд. Ояндаи шумо дар дасти Худост. Августини Муқаддас ба мо маслиҳати хубе медиҳад, ки чӣ тавр чоҳҳои худро амиқтар кунем: "Оё шумо боло рафтан мехоҳед? Ба поён рафтанро сар кунед. Оё шумо нақша доред, ки манорае бисозед, ки то ба осмон бирасад? Аввалан таҳкурсии фурӯтаниро бигзоред".

Исо мехоҳад, ки бо мо дар нуқтаи аз ҳама паст вохӯрад ва на як маротиба, балки борҳо. Аксар вақт мо мефаҳмем, ки бояд Ӯро дар лаҳзаи аввали наҷоти худ вомехӯрдем, вале пасон фикр мекунем, ки баъд Ӯ моро ба дасти тақдир ҳавола кардааст. Ин комилан нодуруст аст. Дар аввал мо Ӯро ҳамчун Худованди наҷот вомехӯрем, ва сипас, боз ва боз дар фурӯтанӣ, мо бо Ӯ ҳамчун Касе вомехӯрем, ки ҷонҳои моро барқарор мекунад ва шикофҳои обанборҳои қалбҳои моро таъмир мекунад.

## Дар оби паст ғарқшудаистодагон

Вақте ки дар машғулиятҳои наҷотдиҳандагон мехондам, ман фаҳмидам, ки ҳамасола бисёр одамон дар наздикии ҷои бехатар ғарқ мешаванд. Се гурӯҳи калонтарини хатар – ин хеле хурдон (то синни панҷсола), ҷавон ва беаҳамиятон (мардон дар синни аз бист то бисту панҷсола) ва одамони солхӯрда (аз шастсола боло). Аҷиб аст, ки қариб нисфи ғарқшудагон дар масофаи тақрибан ду метр аз ҷои бехатар ҳалок мешаванд. Онҳо ба таҳлука меафтанд ва чӣ тавр наҷот ёфтанашонро намефаҳманд. Айнан барои ҳамин фоизи бисёри одамон дар оби паст дар чуқурии на зиёда аз як метр ғарқ мешаванд. Агар онҳо ақли солимро нигоҳ медоштанд, то омадани

кӯмак пояҳошон дар поён меистоданд, ё рӯи об шино мекарданд. На ҳама вақт чуқурӣ, балки аксарият вақт таҳлука аз омадани ҳодисаи ногаҳонӣ ба ҳалокат мерасонад. Одамони беаҳамият намефаҳманд, ки об хатарнок аст, ва фикр мекунанд, ки онҳо осебнопазир ҳастанд.

Биёед насли он заноне набошем, ки дар оби паст ғарқ мешаванд. Биёед ба Рӯҳулқудс иҷозат диҳем, то чуқуртар равад.

## Чоҳи зинда

Дар анҷоми роҳи заминии мо, ҳамаи мо мехоҳем шунавем: "Хуб". Калимаи "хуб" онро мефаҳмонад, ки мо чӣ гуна он кореро анҷом медиҳем, ки ба иҷро карданаш даъват шудаем. Вақте ки сухан дар бораи ҳаёти инсонӣ ва муҳаббат меравад, ҳеҷ чизи "комил иҷрошуда" вуҷуд надорад. Танҳо одамони нокомил ҳастанд, ки хуб кор мекунанд. Калимаи "хуб" – ин тӯҳфа барои ҳамаи мо. Ин калима маънои "сиҳат ва саломат"-ро дорад. Он одамонеро тавсиф мекунад, ки хато мекунанд ва меафтанд, вале боз бармехезанд. Мо бояд ҳамеша, назар ба афтодан, як маротиба зиёдтар бархезем.

Ин гуна муносибатро мо бояд дар худ инкишоф диҳем, агар умқеро хоҳем, ки моро дастгирӣ кунад. Биёед бубинем, ки дар Китоби Масалҳо (24:16) дар тарҷумаи "The Passion" чӣ навишта шудааст:

> "Дӯстдорони Худо метавонанд ба бадбахтӣ дучор шаванд ва ҳафт маротиба биафтанд, аммо онҳо боз ва боз бармехезанд".

Бадбахтӣ – ин мактаби ҳаёт. Нархи дарсҳоро дар ҳар як синф метавон аз рӯи он чен кард, ки аз шумо чӣ талаб карда мешавад, то ки бори дигар бархезед. Бархоста, ба оина нигоҳ карда, дарк кунед, ки хато кардед, ҳатто агар ин ба шумо гарон афтад. Аммо фитодани шарирон марговар хоҳад буд.

> "Аммо шарирон аз як бало меафтанд ва ҳеҷ гоҳ бархоста наметавонанд".

Ман ду роҳбарро ба ёд меорам, ки ҳарду шахсони соҳибистеъдоду болаёқат буданд, ва ҳарду якхел пешпо хӯрда, афтоданд, аммо онҳо роҳҳои гуногуни барқароршавиро интихоб карданд.

Як шубон нақшаи аз ҷониби шӯрои калисо ва гурӯҳи машваратии ӯ пешниҳодшударо пайравӣ кард. Ба ин одам, зани ӯ ва ба тамоми оилаи онҳо талаботи баланд гузошта шуда буд. Онҳо маҷбур шуданд, ки ҳама чизро тарк кунанд ва ба шаҳри дигар кӯчида раванд, дуртар аз дӯстони пештара ва муҳите, ки дар он муддати тӯлонӣ зиндагӣ доштанд, калисоеро, ки онҳо сохта буданд, тарк кунанд. Онҳо хонаи нави рӯҳонӣ ёфтанд, ки дар он ба онҳо дар раванди шифоёбӣ кӯмак мекарданд. Ин оила зиндагии комилан навро бо имони қавӣ ба он оғоз намуд, ки танҳо чунин тағйироти куллӣ ба онҳо кӯмак карда метавонад, ки барқарор шаванд.

Ман боварӣ дорам, ки онҳо эҳтимол баъзан эҳсос мекарданд, ки бо онҳо беадолатона муносибат карда, маҷбур карданд, ки нархи хеле гаронро супоранд. Ман медонам, ки онҳо аз таҳқири одамоне, ки дӯстони худ меҳисобиданд, захмӣ мешуданд. Дар муносибат бо одамон ҳамеша имконияти хато кардан вуҷуд дорад. Аммо ин оила дилҳои худро аз ғаму андӯҳ нигоҳ дошта, қарор доданд, на ба гузашта, балки ба оянда нигариста зиндагӣ мекунанд.

Ҷон рӯзе бо ин пешво аллакай дар як давраи ороми хидмат, омӯзиш ва шифоии ӯ барои хӯроки нисфирӯзӣ мулоқот кард. Вақт мегузашт, онҳо пеш мерафтанд. Ҳоло ин ҷуфти оилавӣ зиндагии пурра, издивоҷи мустаҳкам доранд, фарзандонашон одамони муваффақ шудаанд. Онҳо бо як ташкилоти калон дар Амрико, ки бо таъсиси калисоҳо машғул аст, ҳамкории зич доранд. Ба туфайли ин ҳамкорӣ онҳо метавонанд дар бораи таҷрибаи зиндагии худ ошкоро нақл кунанд, ба роҳбарони дигар кӯмак кунанд, ки шифо ёбанд ва худро аз шикастҳои зиндагӣ, ки бо онҳо рӯй дод, нигаҳ доранд. Онҳо боз ва боз бармехестанд. Душвор буд, вале онҳо комёб шуданд.

Роҳбари дигар ва занаш роҳи дигарро пеш гирифтанд. Ман дар хотир дорам, ки Ҷон бо ин пешво мукотиба дошт. Шавҳарам ӯро даъват мекард, ки новобаста аз ҳама чиз устувор монад.

Ӯ розӣ шуд. Аммо бадбахтӣ рӯй дод, ва онҳо дигар хел рафтор карданд. Онҳо тасмим гирифтанд, ки аз раванди барқароршавии пешниҳодкардашуда даст кашанд. Ба назари онҳо чунин менамуд, ки роҳбарони калисо аз онҳо амалҳои бемаъноро талаб мекунанд ва бо онҳо беадолатона рафтор мекунанд. Шояд аз баъзе ҷиҳат ин тавр бошад... танҳо Худо медонад.

Фоҷиа дар он аст, ки аз боиси хафагии худ онҳо боз ба гуноҳҳои пешинаи худ баргаштанд. Онҳо эксперт оид ба муносибати нодуруст нисбат ба худ гаштанд. Мутаассифона, онҳо барои худ ягон дарс нагирифтанд.

Шикаст бори дуюм дер нахоҳад монд, агар мо ба он ҳамчун ҳукм назар кунем, на ҳамчун дарси зиндагӣ. Агар шумо як маротиба афтодед, ин маънои онро надорад, ки шумо ноком ҳастед. То даме ки зинда ҳастед, бо ҳолатҳои талх рӯ ба рӯ мешавед. Фикр накунед, ки дар ин қоида истисно вуҷуд дорад. Баъзе нафарон ғаму андӯҳро бо шаъну шараф таҳаммул мекунанд, дигарон не. Ман ба қадри кофӣ дидам, то бидонам, ки инро пешгирӣ кардан мумкин нест. Одамон шуморо захмӣ ва ноумед хоҳанд кард; баъзеҳо қасдан, баъзеҳо бехабар. Ҳаёт баъзан ба шумо мушкилот меорад, ҳадди ақал нороҳатӣ. Ҳамаи мо, бо ин ё он роҳ, ба бадбахтӣ гирифтор мешавем. Аммо як ҳақиқати зебо вуҷуд дорад. Дар ҳаёти ман чунин бадбахтиҳо рӯй доданд, ки ман гумон мекардам, ки онҳоро ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳам кард. Бо вуҷуди ин, қисми зиёди онҳоро ман қариб дар хотир надорам. Чаро? Ман бархостам ва рафтам. Ҳангоме ки ман мерафтам, ба сарам бадбахтиҳои нав меомаданд. Аз он вақт инҷониб, чунон оби зиёд дар зери кӯпруки ман ҷорӣ шуда рафтааст, ки ҳамон фоҷиаҳое, ки ман дар сисолагиам паси сар карданро умед надоштам, имрӯз дар панҷоҳсолагиам ба ман дараҷаи магистрӣ оварданд.

Ҳар як монеа ба мо имконият медиҳад, ки чизеро омӯзем. Мо шинохтани монеаҳо ва мушкилотро сар мекунем. Мо тасмаҳои бехатарии худро тафтиш мекунем, то ки онҳо ба таври мустаҳкам баста бошанд. Мо Каломро мехонем, то ки он роҳи моро равшан

кунад. Ҳар дафъае, ки мо бармехезем, қобилияти мо такмил меёбад. Чоҳ чуқуртар мешавад ва барои оби зиндаи Рӯҳулқудс ҷой медиҳад.

## Вафодорона ва содиқона ба анҷом расонидан

Дар забони англисӣ калимаҳои "хуб" ва "чоҳ" якхела садо медиҳанд. Ин чоҳ ба мо тасвири сарчашмаи обро, мисли ҷӯй ё фаввора, нишон медиҳад. Вақте ки мо аз чашмаи оби ҳаёт қувват ва тавоноӣ мегирем, мо аз қувват лабрез мегардем, то ба дигарон тароват бахшем. Чоҳҳои чуқури оби ҳаёт медонанд, ки сарчашмаи онҳо беохир аст. Ва он гоҳ одамон, ба мо нигоҳ карда, на тангаҳои дар қаъри ҷӯйи обаш паст пошидашударо, балки садоқати ақлнораси Худоро мебинанд.

Шунидани суханони "Хуб, ғуломи нек ва мӯътамад" тасдиқи он аст, ки кор иҷро карда шудааст. Китоби Муқаддас пур аз ҳикояҳо ва масалҳоест, ки дар бораи чизҳое нақл мекунанд, ки оқибати хуб ё бад доранд. Нӯҳ киштиро дар давоми чандин сол сохт. Шимшӯн, бо вуҷуди он ки тамоман нобино буд, роҳи худро бо намоиши аҷиби қувваи илоҳӣ ба анҷом расонд. Петрус, ки Масеҳро инкор карда буд, ва Павлус, ки Масеҳро таъқиб мекард, дар ниҳоят, дар қувваи хидмати худ роҳи аҷиберо тай карданд. Ва одами дигаре ҳаст, ки ба сохтмони хона сар мекунад, пеш аз он ки хароҷоти онро ҳисоб кунад. Ӯ кори худро хуб сар кард, аммо тамасхур карда шуд, зеро кори худро тамом накард (ниг. Луқ. 14:27–29). Ва ғуломи дигаре буд, ки аз оғояш як талант гирифта буд, ки қарор дод то омадани оғояш онро дар замин пинҳон кунад. Тангаҳо аз замин намерӯянд, аз ин рӯ, вақте ки ӯ талантро аз замин бардошт, дар дасти ӯ на камтар ва на бештар аз он буд, ки дар аввал дошт. Дар он ҷое, ки оғоз карда буд, ба анҷом расонида, ғулом унвони шарир ва ҷой дар торикии берунаро гирифт (ниг. Мат. 25:14–30).

Ҳар се ҳикоя дар бораи он нақл мекунанд, ки муҳим на суръати ҳаёт, балки хуб анҷом додани давиш аст. Итоати устувор, амин ва пайваста ҳамеша дар партави оташи тасодуфии шавқу ҳавас ва

авҷи фаъолнокӣ ғолиб хоҳад шуд. Ва агар дар ягон ҷои роҳ пешпо хӯрем ё ҳатто афтем, вале пайваста бархезем ва дар самти дуруст роҳамонро давом диҳем, Худо моро ба хона мебарад.

**Муҳим на суръати ҳаёт, балки хуб анҷом додани давиш аст.**

Барои муваффақ шудан дар зиндагӣ, чоҳҳои чуқури мустаҳкам кофтан лозим аст, ва ин фидокориро талаб мекунад, ки он чизеро, ки оғоз кардем, дуруст анҷом диҳем. Ҳар як инсон метавонад чоҳи хоҳишҳоро бунёд кунад, аммо вазифаи мо ин аст, ки чоҳҳои чуқурро бисозем, обанборҳои ҳаёт, ки бо Каломи Худо мустаҳкам карда шуда, аз сарчашмаи Рӯҳулқудс нав карда шудаанд. Дар ин мукофоти бузурги Худовандро – ҳаёт ва ваъдаи беназир, ки ҳамто надоранд, – метавон дарёфт.

## Саволҳо барои мулоҳиза

1. Кадом соҳаи ҳаёти шумо дар айни замон аз ҷониби Худо "таҳқиқ" карда мешавад?
2. Занеро, ки ба чоҳи чуқур монанд аст, чӣ гуна тасвир мекардед?
3. Оё мумкин аст, ки одам шахси рӯҳонӣ бошад, вале бо вуҷуди ин, ба Китоби Муқаддас мувофиқ набошад?
4. Чӣ тавр шумо метавонед чоҳи худро боз ҳам хубтар нигоҳубин кунед?

# 9

# Духтари берун аз рақобат

“Золим мемирад, ва қудрати ӯ ба охир мерасад,
риёзаткаш мемирад, ва қудрати ӯ оғоз меёбад”.

СЁРЕН КИЕРКЕГОР

Ин зан.

Ба ҳокими пурқудраттарин ва хашмгинтарини ҷаҳон беитоатӣ нишон дод.

Вай мисли ҳеҷ каси дигар Инҷилро мавъиза мекард.

Ҳамаи зарбаҳо, васвасаҳо ва шиканҷаҳоеро, ки танҳо тасаввур кардан мумкин аст, таҳаммул кард, ва бо вуҷуди ин, ба Инҷил, ба дӯстон ва Худованди худ содиқ монд.

Ба зиндон андохта шуд, аммо ин вайро шикаста натавонист.

Бешавҳар буд, аммо дур аз танҳоӣ.

Ба қатори ҳаввориён дохил карда шуд, таърихнигорони Калисои ибтидоӣ хидмати ӯро аз рӯи шумораи аломатҳо ва мӯъҷизаҳо беназир медонанд.

Шояд шумо донистан мехоҳед, ки сухан дар бораи кӣ меравад.

Ман мефаҳмам. Ман худам чанде пеш дар бораи вай шунидам. Вай яке аз бисёр занонест, ки модарони Калисо шудаанд, ва номҳояшон зери реги замон дафн шудаанд. Ман дар умрам чандин маротиба дар бораи қаҳрамонии ӯ шунидаам. Ман мехостам дар бораи ӯ бештар донам. Пас аз он ки ман дар бораи ин зани достонзеб ба қадри кофӣ ҳикояҳои ҷудогона шунидам, ман ба таҳияи ҳикояи муфассал дар бораи ӯ аз китоби таърихи Калисо шурӯъ кардам. Ман ба омӯзгорони Китоби Муқаддас занг мезадам, дар Интернет ҷустуҷӯ мекардам ва китобҳо мехаридам. Ҳамин ки номи ӯро фаҳмидам, ман тавонистам як тасвири кофӣ тартиб дода, зиндагии ӯро тасаввур намоям, ва ҳоло ман фикр мекунам, ки шумо низ бояд ҳатман бо ӯ вохӯред.

Номи ӯ Фотина аст, ё баъзан вайро Фотини меноманд. Ин номи юнонӣ, ки маънояш “мунаввар” аст. Вай ин номро ҳангоми гирифтани таъмиди масеҳӣ қабул кард. Исо, чунон ки бо ҳамаи мо воқеъ шудааст, ҷаҳони вайро низ бо ваҳй дар бораи нур пур кард. Ҳамчун як масеҳии содиқ, вай дар байни шогирдоне буд, ки дар болохона ҷамъ омада буданд. Вақте ки қуввати Рӯҳулқудс бар онҳо нозил шуд, ӯ низ дар ҳамон ҷо буд; забонаҳои оташин бар ӯ фуруд омад, ва вай аз Рӯҳулқудс пур шуда, ба забонҳои дигар сухан гуфтан гирифт. Рӯзи Пантикост Фотина супориш гирифт, ки Инҷилро то ақсои дунё мавъиза кунад.

Хоҳари ҷасури мо ҳар чизеро, ки ӯро маҳдуд карда метавонист, тарк кард, вай аз ҳаёти бароҳат даст кашид ва ба марзҳои дурдасти Африқо рафт. Вай танҳо нарафт, балки қариб ҳамаи хешовандонашро бо худ бурд. Вохӯрии вай бо Исо ҳаёти ӯро чунон дигаргун кард, ки ду писараш ва панҷ хоҳараш ба Худованд имон оварданд. Фотина, писараш Юсуф ва хоҳаронаш ба гӯшаҳои дурдасти дунё сафар карданд, тавре ки Исо дар Аъмол (1:8) гуфта буд.

Дар Африқо онҳо содиқона меҳнат мекарданд, ва Хушхабари Масеҳро дар Карфаген паҳн мекарданд ва самараи олиҷаноб ба даст меоварданд. Вақте ки онҳо дар бораи он фаҳмиданд, ки император Нерон масеҳиёнро дар саросари империя бераҳмона

таъқиб мекунад ва онҳоро ба зиндонҳо меандозад, Фотина ба ҷустуҷӯи ҳикмати Худо сар кард. Исо ба вай дар хоб зоҳир шуд, ва ба вай гуфт, ки ба Рум биравад ва дар назди ҳоким ҳозир шавад. Аз ин рӯ, ба ҷои пинҳон шудан аз ғазаби император, Фотина, писараш ва хоҳараш бо ҳамроҳии шумораи зиёди масеҳиёни Карфаген ба Рум равона шуданд.

Онҳо огоҳиҳоро дар бораи оқибатҳои эътирофи ошкорои имони худ ба Масеҳ шуниданд. Мардум аз онҳо хоҳиш мекарданд, ки пинҳонӣ Худои худро парастиш кунанд. Ин аст гуфтугӯе, ки байни писараш Виктор, ки афсари артиши Рум буд, ва сардори ӯ Себастиан ба вуқӯъ омад.

> «“Виктор, ман медонам, ки ту, модарат ва бародарат пайравони Масеҳ ҳастед. Ҳамчун дӯст аз ту хоҳиш мекунам, ки ба фармони император итоат кунӣ. Агар оиди масеҳиён хабаркашӣ кунӣ, тамоми дороии онҳоро ба даст меорӣ. Ман ба модарат ва бародарат мактуб менависам ва аз онҳо хоҳиш мекунам, ки дар назди мардум Масеҳро мавъиза накунанд. Бигзор онҳо пинҳонӣ имони худро эътироф кунанд”. Виктор ҷавоб дод: “Ман мехоҳам мисли бародарам ва модарам воизи масеҳӣ бошам”. Себастиан гуфт: “Оҳ, Виктор, ҳардуи мо медонем, ки ба ту, модарат ва бародарат чӣ азобҳое дар пеш аст”».

Кадоме аз мо ошкоро эътироф кардани имони худро давом медод, агар мефаҳмид, ки ин қарор бадбахтиро кафолат медиҳад? Баъдтар Виктор тақдири модараш, бародараш ва холаашро тақсим кард. Дар ҳамон ҳуҷҷат дар бораи вохӯрии аввалини вай бо император Нерон чунин гуфта шудааст:

> «Омадани Фотина ва фаъолияти ӯ дар шаҳр кунҷковиро ба бор овард. “Ин зан кист?” – мепурсиданд мардум. “Вай бо анбӯҳи пайравонаш омад ва бо ҷасорати зиёд дар бораи Масеҳ мавъиза мекунад”. Сарбозон фармон гирифтанд, ки ӯро назди император оранд, аммо Фотина онҳоро интизор

> буд. Онҳо вайро бо писараш Юсуф ва дӯстони масеҳиаш ба назди Нерон оварданд. Император, онҳоро дида, пурсид, ки барои чӣ онҳо омадаанд. Фотина ҷавоб дод: “Мо омадаем, то ба шумо имон овардан ба Масеҳро таълим диҳем”. Ҳокими нимдевонаи империяи Рум ӯро натарсонид. Вай мехост, ки ӯ имон оварад!»

Тааҷҷубовар нест, ки Нерон намехост, ки мавъизаи ӯро қабул кунад. Ӯ фармон дод, ки ҳар касеро, ки дар бораи худаш мегуфт, ки ҳаёташ дар дасти Исост, ба дастонаш бо таёқи оҳанӣ бизананд. Посбонон Фотинаро ва ҳамаи касонеро, ки бо вай буданд, барои имони онҳо ба латукӯб фиристоданд. Дар давоми се соат маҳбусонро бо таёқҳои оҳанӣ мезаданд, аммо масеҳиён, то тамом шудани қуввати ҷаллодонашон, ҳеҷ дардро эҳсос намекарданд ва забур месароиданд.

Вақте Нерон фаҳмид, ки латукӯб ба онҳо ҳеҷ таъсире надод, онҳоро ба зиндон андохт ва нақшае тарҳрезӣ кард, ки чӣ гуна Фотина ва хоҳарони ӯро аз имонашон дур кунад. Ин дафъа ӯ ният дошт, ки онҳоро ба воситаи меҳрубонӣ ба иродаи худ тобеъ созад. Бо фармони ӯ дар толори калони зиёфатӣ шаш тахт монданд, дар назди ҳар яки онҳо сарватҳои гуногун гузоштанд, ки танҳо дар империяи Рум пайдо кардан мумкин буд. Император барои ҷамъоварии ганҷҳо, ки ҳеҷ як зан пеши онҳо истодагӣ карда наметавонад, маблағҳои зиёде сарф кард. Дар баробари тилло ва нуқра назди ҳар як зан ҷавоҳироти гаронбаҳо ва либосҳои зебо гузоштанд. Ҳамаи ин сарватҳо, инчунин зиндагии осоиштаи боҳашамат ба онҳо бар ивази инкор кардани имони масеҳӣ ва қурбонӣ ба худоёни румӣ пешниҳод карда шуд. Барои ба чунин пешниҳод моил кардани онҳо, император духтараш Домнинаро ба кор ҷалб кард.

Вақте ки Домнина ба толор ворид шуд, ӯ ба Фотина самимона салом дод ва дар сӯҳбаташ номи Масеҳро зикр кард. Фотина иштибоҳан ӯро хоҳари худ дар Худованд шуморид. Вай ӯро сахт

ба оғӯш гирифт ва ошкоро ҳамчун шахси наздик дар имон ба ӯ дар бораи муҳаббати дигаргунсозанда ва бузурги Масеҳ нақл карданро сар кард. Домнина натавонист ҳақиқатро дар бораи худ пинҳон кунад, аммо ба ҷои ба имон муқобилат кардан, вай масеҳиятро қабул кард. Дар сӯҳбати онҳо канизакони духтари император ҳузур доштанд, онҳо низ аз забони хоҳарони масеҳӣ мавъизаи далеронаи Инҷилро шуниданд ва имон оварданд. Сипас Фотина аз Домнина ва канизони вай хоҳиш кард, ки тамоми ҷавоҳиротро аз толор берун кунанд ва ба бенавоёне, ки дар кӯчаҳои Рум меёбанд, тақсим намоянд. Домнина таъмид ёфт ва номи нав гирифт.

Нерон дар ғазаб шуд. Ӯ фармон дод, ки Фотина бо хоҳарон ва писаронаш ба оташ кушта шаванд. Барои ин як танӯри калон сохта шуда буд, аммо вақте ки онҳоро ба оташ андохтанд, оташ ба онҳо ҳеҷ осебе нарасонид. Сипас Нерон фармон дод, ки онҳоро бо заҳр бикушанд. Ҳангоме ки ҷаллод омад, Фотина ихтиёран аввалин шуда нӯшокии заҳрнокро нӯшид, аммо заҳр ба ӯ ва оилааш таъсир накард. Онгоҳ яке аз онҳое, ки Нерон бо заҳр ба назди асирон фиристода буд, ба Масеҳ имон овард. Онҳо се соли дигар дар зиндон буданд, ва дар ин муддат онҳо ба ҳар гуна шиканҷаҳое, ки ба сари императори хашмгин меомад, дучор мешуданд.

Аммо ҳар қадаре ки ӯ кӯшиш мекард, ки онҳоро хомӯш кунад, овозаҳо дар бораи онҳо бештар паҳн мешуд. Каломи имони онҳо ва қувваи онҳо дар тамоми империя паҳн шуд, ва зиндони онҳо ба хонаи ибодат табдил ёфт. Сокинони Рум мунтазам ба ҳабсхонаи имондорон барои дуо ва шунидани Инҷил меомаданд. Дар тӯли се сол паём дар бораи Масеҳ аз утоққҳои зиндон ба Рум мерасид, ва бисёриҳо имон оварданд.

Нерон яке аз хизматгорони собиқи худро, ки ӯро дар зиндон шинонда буд, даъват кард, ва ин мард он воқеаҳоро ба ӯ нақл кард. Онгоҳ император амр дод, ки дарҳол ҳамаи масеҳиёнеро, ки дар зиндон нигоҳ медошт, ба истиснои Фотина, сар буранд. Вай умед дошт, ки матонати ӯро ба воситаи ғаму андӯҳ ва танҳоӣ бишканад,

бинобар ин амр дод, ки ӯро аз зиндон бароварда, ба чоҳи чуқур, торик ва хушк партоянд. Баъзе сарчашмаҳо хабар медиҳанд, ки вай дар ибтидо хеле рӯҳафтода буд. Вайро дар қабри кушода барои чанд ҳафта дар танҳоӣ гузоштанд. Ин барои Фотина рӯзҳои торик буд, вай ғамгин буд, аммо на аз сабаби аз даст додани наздикону пайвандонаш. Зан медонист, ки онҳо аз маҳбаси заминӣ озод шуданд ва аллакай хонаи худро дар осмон пайдо кардаанд. Вай аз он ғам мехӯрд, ки аз имтиёзи риёзаткаш шудан ба монанди писарону хоҳаронаш маҳрум карда шуд, ва ба ин васила тоҷи уқубаткашонро аз даст дод. Аз он чи ман мутолиа кардам, чунин ба назар мерасад, ки ин давраи зиндагӣ барои ӯ душвортарин буд.

Дар ҳар як сарчашмаи таърихӣ ин лаҳза зикр шудааст. Тибқи яке аз нақлҳо, вай дар қаъри чоҳи хушк мурд, аммо на аз навмедӣ, балки аз рӯи интихоби худ. Мисли Истефанус, вай дар хоб Наҷотдиҳандаро дидааст ва ба Ӯ рӯҳи худро супоридааст. Дар сарчашмаҳои дигари хаттӣ гуфта мешавад, ки вайро пас аз муддати тӯлонӣ дар маҳбас аз чоҳ бардоштанд, ва, пас аз он ки Исо дар хоб ба ӯ зоҳир шуд, вай аз бори зиндагии зиндонӣ раҳо ёфт.

Дар ҳар сурат, ҳаёти ин зан чоҳи чуқури оби ҳаёт буд, ки ба бисёр одамони дигар ғизо ва тароват мебахшид.

## Риёзаткашони муосир

Фотина мухлисону тарафдоронро ба вуҷуд наовард, ҳаёти ӯ шоҳидон ва риёзаткашонро ба вуҷуд овард. Ин зан чизе дошт, ки ман ҳам мехоҳам дошта бошам. Ин хислат, ки рӯзҳои наздик метавонад ба ҳамаи мо лозим ояд – матонати устувор. Калисоҳо дар ҳоле афзоиш меёбанд, ки ҷаҳон ба масеҳият хайрхоҳ аст. Аммо шогирдони содиқ дар давраи озмоиш ба дунё меоянд. Таърихнигори маъруфи католик Кристофер Генри Доусон навиштааст:

> “Калисо дар зери сояи чӯбҳо ва табарҳои ҷаллодон инкишоф меёфт, ҳар як масеҳӣ дар хатари шиканҷаи ҷисмонӣ ва марг

> зиндагӣ мекард. Андешаи уқубаткашӣ тамоми таърихи масеҳияти ибтидоиро рангин кардааст. Ва на танҳо бо тарс, балки бо намуна ва умед. Риёзаткаш ҳамчун масеҳии комил ва қаҳрамони ҷамъияти нав ва муноқишаи он бо ҷаҳони кӯҳна ҳисобида мешуд. Ҳатто он масеҳиёне, ки ба озмоишҳо тоб наоварданд ва аз имон дур шуданд, ба риёзаткашон ҳамчун наҷотдиҳандагон ва муҳофизони худ менигаристанд".

Мо дар даврони пур аз зулму фасод зиндагӣ мекунем. Ҳар дафъае, ки ман фикр мекунам, ки аз ин бадтар шуда наметавонад... бадтар мешавад. Масеҳиён то ҳол ба марг ва уқубат дучор мешаванд, ва, ба ҷои мавҷи норозигиро баланд бардоштан, ҷаҳон бепарвоӣ зоҳир менамояд. Дилам дард мекунад, аммо тамоман ҳайрон намешавад. Чанде пеш дар Амрико мактаббачагони масеҳӣ барои имони худ дар вақти ҳамлаи як марди бо яроқ мусаллаҳ, ки бераҳмона ба сари ҳар касе, ки Масеҳро эътироф мекард, ва ба пои ҳар касе, ки аз имони худ даст мекашид, тир холӣ мекард, шаҳид шуданд. Ба ҷои он ки онро ҷинояти нафратнок номанд, расонаҳои мо масъалаи назорати силоҳро муҳокима карданд.

Агар Китоби Муқаддасро дуруст шарҳ диҳем, онгоҳ осоиштагӣ ва озодшавӣ ба воситаи роҳбарони ҷаҳонӣ намеоянд. Аммо ин маънои онро надорад, ки мо бояд дар назди торикӣ хомӯш бошем. Мо бояд ваҳйи зинда ва таъсирбахш бошем, чуноне ки дар Номаи якум ба Юҳанно (4:4) навишта шудааст:

> "Шумо, эй фарзандон, аз Худо ҳастед, ва онҳоро мағлуб кардаед, зеро Ӯ, ки дар шумост, аз он ки дар ҷаҳон аст, бузургтар аст".

Дар мамлакатҳои гуногуни дунё масеҳиёнро сар мебуранд, ва видеои ин куштори ваҳшиёнаро дар тамоми олам ҳамчун огоҳии ҷаҳонӣ барои ҳар касе, ки худро марди салиб меномад, паҳн мекунанд. Дар партави он чи рӯй дода истодааст, ман фикр

мекунам, ки ҷинояткорон дар хотир доранд, ки мо кистем, вале мо бошад фаромӯш кардаем.

Чанде пеш низомиёни мусулмон ба яке аз коллеҷҳои Кения ворид шуданд, ки масеҳиён барои дуои субҳ ҷамъ омада буданд, ва ҳамаи ҷамъомадагонро ба қатл расонданд. Сипас ҷинояткорони мусаллаҳ ба донишҷӯёни дар хобгоҳҳои наздиктарин буда ҳамла карданд ва бо истифода аз таппонча аз онҳо оиди имонашон пурсиданд. Ва боз ҳар касе, ки ҷуръат дошт худро масеҳӣ номад, тирборон карда шуд. Тақрибан 150 нафар ҳалок гардида, бисёриҳо захмӣ шуданд. Созмоне, ки масъулияти ин кушторҳоро ба дӯш гирифт, дар шабакаҳои иҷтимоӣ ифтихор кард, ки ин танҳо оғози кор аст, ва ба мардуми салиб ваъда дод, ки ҷиноятҳои бештар ба амал хоҳанд омад.

Вақти он расидааст, ки ба уқубатҳои Масеҳ омода шавем. Беҳтар аст диле дошта бошем, ки ба ҷавоб омода аст, ва ба уқубатҳо тайёр бошем, назар ба он ки ногаҳон аз Ӯ рӯй гардонем. Мо бояд инчунин ба уқубатҳо ҳамчун шогирдон муносибат кунем.

> “Онҳо аз шӯрои пирон баромада, *хурсанд шуданд, ки ба хотири исми Ӯ сазовори беҳурматӣ гардидаанд*, ва ҳар рӯз дар маъбад ва дар хонаҳо дар бораи Исои Масеҳ таълим ва башорат медоданд” (Аъм. 5:41, 42).

Оё шумо боре шахсеро вохӯрдаед, ки ба хотири имони худ ба Масеҳ латукӯб шуда бошад? Оё шумо бо шахсе имкони муоширaт доштед, ки хурсанд аст, ки лоиқи шармандагӣ барои *Ном* гаштааст? Ман доштам. Ҳаёти ин муқаддасон пур аз покӣ аст, на аз барои он ки онҳоро мезаданд, балки аз он ки онҳо Исои зиндаро дар уқубатҳои худ ба хотири Ӯ вохӯрданд. Онҳо тоҷи файзеро, ки ман ҳоло ба он кӯшиш мекунам, ба даст овардаанд. Ман бо онҳое вохӯрдаам, ки дар ҷойҳое, ки аз боиси имонашон ба масеҳият хатарнок аст, заҳмат мекашанд. Ин одамон қариб ҳар рӯз дар хатар ҳастанд. Бисёр вақт инҳо бародарону хоҳарони азизам мебошанд,

ки дар тарҷумаи китобҳои мо заҳмат мекашанд. Он чизеро, ки ман дар амният менависам, онҳо дар хатар монда, тарҷума мекунанд. Аксар вақт ман худро нолоиқ ҳис мекунам, ки дар канори онҳо кор мекунам. Ҳаёти онҳо ба ман суханони Павлусро, ки дар Номаи якум ба Қӯринтиён навишта шудааст, хотиррасон мекунад:

> “Чаро мо низ ҳар соат ба мусибатҳо дучор мешавем? Эй бародарон, қасам ёд мекунам, ки ман ҳар рӯз бо марг рӯ ба рӯ мешавам ва дар Худованди мо Исои Масеҳ ба шумо фахр дорам” (15:30, 31).

## Заифии ғарбиёна

Метавонам бо шумо ростқавл бошам? Ман аз вазъияти Калисои Ғарб метарсам. Мутаассифона, дар замони ҳозира мо бештар бо одамоне рӯ ба рӯ мешавем, ки номи Ӯро бадном мекунанд. Баъзан ман аз бепарвоӣ ва худхоҳии худ метарсам.

Чанде пеш ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ ману Ҷон бо шубонҳо сӯҳбат мекардем, онҳо гуфтанд, ки калисоҳои онҳо пайваста аъзои ҷамъомадро, ки Исои Масеҳро ҳамчун Худованд эътироф мекунанд, дар бораи гуноҳи зино огоҳ мекунанд. Дар ҷавоб онҳо нигоҳҳои ҳайрон ва баҳонаҳои нобоварона мегиранд. Мардону занон бе никоҳ якҷоя зиндагӣ мекунанд, ва инро бо он сафед мекунанд, ки онҳо рӯзе издивоҷ хоҳанд кард, пас чӣ бадӣ дорад, ки ҳоло алоқаи ҷинсӣ дошта бошанд?

Хидматчии дигар бо ташвиш дар бораи як пешвои маъруфи масеҳӣ нақл кард, ки нақша дошт аз ҳамсараш ҷудо шавад, гарчанде барои ин ҳеҷ асос аз Китоби Муқаддас вуҷуд надошт. Вай инро чунин мефаҳмонад, ки аз боиси талоқ шояд барои тақрибан як сол аз имконияти мавъиза кардан маҳрум шавад, ва баъд ҳама чиз ба таври муқаррарӣ идома хоҳад ёфт. Мутаассифона, ӯ шояд ҳақ бошад. Тарс назди инсон дигар моро аз гуноҳ боздошта наметавонад. Танҳо тарси Худованд моро аз бадӣ дур карда метавонад.

Пас аз як хидматгузории махсус, ки дар он Рӯҳулқудс бо қуввати Худ сахт амал кард ва садҳо занонро водор кард, ки салиби худро бардоранд ва Исоро пайравӣ кунанд, ин роҳбар ба саҳна баромад ва ба ҳамаи занон гуфт, ки фишорро ҳис накунанд, зеро Худо аз онҳо чизеро талаб намекунад, ба Ӯ танҳо будани онҳо кофист. Наход?

Ман аз Исо хеле миннатдорам, ки Ӯ дар он ҳолат наистод, ки Ӯ Писари Худо аст, балки Вай ихтиёран табиати илоҳӣ ва имтиёзҳояшро тарк кард, то ки ба ҷои мо кори хизматгориро ба ҷо оварад. Ман ба калисо менигарам ва бо ҳайрат мушоҳида менамоям, ки чӣ қадар он ба олам пайвастааст ва бо он омезиш ёфтааст.

## Зане, ки гузаштаи худро дорад

Дар саргузашти Фотина ҳама чиз дигар буд. Вақтҳое буданд, ки ӯ низ дар гуноҳҳои амиқ зиндагӣ мекард, ӯро радди маърака меҳисобиданд. Вай зане буд, ки гузаштаи худро дошт, ки зери қонуне зиндагӣ мекард, ки ба ӯ барои оянда умеде намегузошт.

Навиштаҷот ба мо равзанаро ба гузаштаи ин зан мекушояд. Вақте ки мо бори аввал ӯро вомехӯрем, ӯ ном надорад, аз шавҳар ҷудо шудааст ва аз ҳама неъматҳои ҷамъиятӣ маҳрум аст. Ҳаёти ӯ дар ҳама самтҳо шикаст хӯрдааст, ҳеҷ кас тасаввур карда наметавонист, ки вай рӯзе хидматчӣ шуда метавонад. Вай худаш инро медонист ва Инҷилро дар шакли саволҳо ва фарзияҳо нақл мекард. Шояд шумо низ, мисли дугонаи мо, дар худ маҳкумияти одамонро ба андозае эҳсос мекунед, ки ҳамаи эътиқодоти шумо танҳо дар шакли ишораҳо ва саволҳо садо медиҳанд.

Онҳоро бубахшед.

Одамоне, ки шуморо бо гузаштаи худатон мепайванданд, ҳанӯз ваҳйро дар бораи марҳамати Худо ва қуввати таваллуд аз олами боло аз сар нагузаронидаанд.

Шояд шумо ба худ савол диҳед. Гузаштаи ман бароям саволҳои зиёдеро гузошт. Гарчанде ки ин бадтарин ва даҳшатноктарин ҷойҳои ҳаёти ман буданд, баъдтар ба шарофати кафорат онҳо

ба чуқуртарин чоҳҳои ман табдил ёфтанд. Ин дуруст аст, ки навимондоронро набояд зуд ба мақоми роҳбарӣ гузошт, аммо ба ҳар ҳол ҳамаи масеҳиёнро даъват кардан лозим аст, ки шоҳидони қудрати наҷотбахш бошанд. Аз файзи бебаҳои Исо мо набояд сӯиистифода намоем ё онро барои сафед кардани тарзи ҳаёти гунаҳкоронаи худ истифода барем (ниг. Рум. 6:1, 2). Баръакс, файз бояд моро рӯҳбаланд созад, ки тағйир ёбем ва дигаргун шавем, то ки зиндагии мо афзуншавии адолатро инъикос намояд ва дар бораи номҳои нав шаҳодат диҳад.

Пеш аз он ки Фотина номи нави “мунаввар”-ро гирифт, мо ӯро танҳо аз рӯи қавмаш мешинохтем. Мо бо ӯ вохӯрдем, вақте ки мо сӯҳбати шахсии вайро бо Исо гӯш кардем. Вай дугонаи мо аст, зани сомарӣ. Тааҷҷубовар аст, ки ин зан, ки замоне панҷ шавҳар дошт, рӯзе бо панҷ хоҳар кор хоҳад кард! Ба ман ин хеле маъқул аст, зеро ки дар Китоби Муқаддас шумораи панҷ рамзи файз аст. Вай аз файз ба файз зиндагӣ мекард.

Ба ман ин зан ҳамеша маъқул буд. Дар тӯли солҳои зиёд ман ӯро ҳамчун як зани дорои иқтидори бузург мешиносам. Вай чоҳи чуқур буд, вале ӯ дар оби пасти ҳаёт зиндагӣ мекард. Озмоишҳо ва воқеиятҳои интихоби ӯ дар дохили вай як чуқурии амиқ, торик ва хушкро кофтанд. Душмани ҷонаш мехост, ки ин ҷой абадан дар ҳаёти ӯ шикаста бошад, то ки вай аз ҳама ҷудо зиндагӣ намояд ва ҳамаи орзуҳои худро дафн кунад.

Вақте ки ман дар бораи сӯҳбати Исо бо ин зан, ки дар боби чоруми Инҷили Юҳанно навишта шудааст, мехонам, худро дар ҷои ӯ мегузорам. Ман тасаввур мекунам, ки гӯё шогирдон фикр карданд, ки беҳтар аст Исои хастаро дар назди чоҳ танҳо гузоранд. Ҳанӯз вақти он набуд, ки чӯпонон чорвояшонро ба обдиҳӣ баранд, занон дар он минтақа аллакай саҳарии барвақт барои хонаҳои худ об оварда буданд.

> «...Исо аз сафар монда шуда, бар сари он чоҳ нишаст, ва тақрибан соати шашум буд, ки зане аз сомариён барои об

> кашидан омад. Исо ба вай гуфт: “Ба Ман барои нӯшидан об деҳ”. Зеро ки шогирдонаш барои харидани хӯрок ба шаҳр рафта буданд» (Юҳан. 4:6-8).

Исо аз сафари тӯлонӣ ва кунҷкобии фарисиён хаста шуд. Ман тасаввур мекунам, ки чӣ хел Ӯ дар канори чоҳи қадимаи Яъқуб нишастааст. Офтоби нисфирӯзии Шарқи Наздик бераҳмона метасфонад, аммо Ӯ хунукии аз чоҳи чуқур вазидаро ҳис мекунад. Исо ба даруни он менигарад ва дар бораи таърихи он фикр мекунад, ва вайро бо рӯйдодҳои рӯзҳои Худ муқоиса мекунад. Сафари онҳо ба Яҳудо ба таври ногаҳонӣ қатъ шуд, роҳ дурудароз ва пур аз чангу хок буд. Ӯ таъмид доданро бас кард, вақте фаҳмид, ки роҳбарони динӣ ин корро барои ҳисоб кардани шогирдони Ӯ ва Яҳё ба як воситаи мусобиқа табдил додаанд (ниг. Юҳан. 1).

Чаро онҳо асли воқеиятро надиданд? Онҳо дар якҷоягӣ кор мекарданд. Бале, одамони зиёде меомаданд. Одамон пас аз солҳои хушксолӣ сахт гурусна буданд. Акнун ба онҳо нубувват ва ваъда ёрдам медоданд. Ҳаёти онҳо тавассути тавба ва ҷараёни об дар вақти таъмид барқарор карда мешуданд.

Ҳама чиз муқаддас ва пур аз умед буд, аммо онҳо онро ба сирк табдил медоданд. Аз ин рӯ, Ӯ маҷбур шуд, ки обҳои Ӯрдунро ба хотири ин биёбон тарк кунад.

Лаҳзае Ӯ чашмонашро аз чанг ва офтоби дурахшон мепӯшад. Ӯ истироҳат мекунад ва дар назди ин чоҳи қадима интизори бозгашти шогирдонаш аст. Оҳи вазнини Ӯ шунида мешавад. Ногаҳон дили Ӯ пур аз интизорӣ мешавад, Вай пичирроси Рӯҳулқудсро мешунавад: “Ман дар ин саҳрои сомарии бесамар мақсад дорам”. Исо як калимаро мешунавад -- дарав. Вай чашмонашро мекушояд ва духтари танҳои сомариро мебинад, ки барои об кашидан меояд.

Вай зарфи вазнинро оварда истодааст. Он монанди он зарфҳоест, ки занон дар субҳ барои обкашӣ меоранд. Худи зарфи ӯ, ба мисли қалбаш, холӣ аст. Ин духтар ба дараҷае паст рафтааст,

ки ҳатто аз ҷамъияти занон худдорӣ мекунад. Донишмандони Китоби Муқаддас тахмин мекунанд, ки вай қарор кард, ки дар нисфирӯзӣ биёяд, зеро он вақт дар назди чоҳ одам камтар буд.

Ӯ вайро мушоҳида мекунад. Ӯ пайхас мекунад, ки чӣ тавр вай, ба Ӯ нигоҳ карда, зуд чашмонашро дур мекунад. Аз либосҳои Ӯ зан мефаҳмад, ки дар пеши ӯ яҳудӣ аст. Яҳудиён бо сомариён муошират надоранд, аз онҳо нафрат доранд. Ин зан аллакай бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ шудааст, ва ҳоло тамоман намехоҳад, ки дубора ба онҳо дучор шавад.

Аз эҳтиёт, вай аз тарафи дигар назди чоҳ меравад, сипас зарфи худро хам мекунад ва омода мешавад, ки об бигирад. Ӯ ба вай муроҷиат мекунад. Бо тааҷҷуб вай сарашро боло мекунад ва ба ҳайрат меафтад. Оҳанги садои Ӯ диққати вайро ҷалб мекунад. Ӯ аз вай об мепурсад, гӯё вайро ба ягон ҷо даъват мекунад, на талаб мекунад. Бо нобоварӣ вай ҷавоб медиҳад:

> "Чӣ тавр Ту, ки яҳудӣ ҳастӣ, аз ман об мехоҳӣ, дар сурате ки ман зани сомариам? Зеро ки яҳудиён бо сомариён муошират надоранд" (Юҳан. 4:9).

Шумо тасаввур карда метавонед, ки хурофот чунон сахт буд, ки агар яҳудӣ аз ҳамон пиёла об нӯшад, вай наҷис мегардид. Вай на танҳо аз Сомария, балки зан ҳам буд. Аммо Исо аз чашидани косаи вай наметарсад... Ӯ омода аст, ки ба ҷои ӯ косаи ғазаби вайро бинӯшад. Исо инчунин намехоҳад, ки вайро мисли дигар мардоне, ки вай мешинохт, истифода барад. Ӯ мехоҳад бо вай шинос шавад. Шояд Ӯ мехоҳад сӯҳбат кунад. Шояд Ӯ аз ҳавобаландии пешвоёни дин, ки Ӯро намефаҳманд, хеле хаста шудааст. Эҳтимол, мисли бисёре аз мо, Ӯ аз он ки дили худро ба шахси ношинос мекушояд, тасаллӣ меёбад.

> «Исо дар ҷавоби вай гуфт: "Агар атои Худоро медонистӣ, ва кист, ки ба ту мегӯяд: "Ба Ман барои нӯшидан об деҳ", ҳоло худат аз Ӯ хоҳиш мекардӣ, ва Ӯ ба ту оби ҳаёт медод"» (ояти 10).

Зан дар ҳайрат монд. Ин мард кист, ки ба ӯ дар бораи Худои бахшоянда сухан мегӯяд? Вай атрофи чоҳро қадам мезанад, то ба Ӯ наздиктар шавад ва бинад, ки Ӯ чӣ дорад, ки ба Ӯ имкон медиҳад, ки чунин чизҳои аҷибро бигӯяд. Оё назди пои Ӯ зарфест? Вай мебинад, ки Ӯ чизе бо худ надорад, ки пешниҳоди Ӯро шарҳ дода метавонист. Оё мумкин аст, ки ваъдаи ин Шахс низ, мисли суханони ҳамаи боқимонда мардони ба ӯ шинос, хушку холӣ бошад? Ҳайрон шуда, вай дар бораи қобилияти Ӯ барои гирифтани оби ҳаёт мепурсад.

> “Эй оғо! Ту зарфе надорӣ, ки об кашӣ, ва чоҳ чуқур аст: пас, аз куҷо оби ҳаёт дорӣ?” (ояти 11).

Вай қайд мекунад, ки оби тароватбахш бояд аз қаъри чоҳ пайдо шавад. Шояд ин яҳудӣ чоҳи Яъқубро тамасхур мекунад? Чоҳ таърихи бой дорад, ва он аз аксари чоҳҳои дигар чуқуртар аст. Вай бо Ӯ сӯҳбатро давом медиҳад:

> “Магар Ту аз падари мо Яъқуб бузургтар ҳастӣ, ки ин чоҳро ба мо дод, ва худаш ва фарзандонаш ва чорвояш аз он менӯшиданд?” (ояти 12).

Аҷиб аст, ки ин чоҳро дар тӯли асрҳо чоҳи Яъқуб меномиданд. Худи номи Яъқуб маънояш “фиреб додан, бе ҷо мондан, аз пошна гирифтан” аст. Вақте ки Худо душманиро байни насли зан ва насли мор пешгӯӣ кард, Ӯ гуфт, ки мор ба пошнаи насли вай зарба хоҳад зад. Баъдтар Худо номи Яъқубро ба Исроил иваз кард, ки маънояш “шоҳзодаи Худо” аст.

Дар ин бора бояд андеша кард: зане, ки борҳо аз тарафи мардоне, ки вай бовар дошт, ки эҳтиёҷоти асосии ӯро қонеъ карда метавонанд, фиреб хӯрдааст, акнун худаш бо Шоҳзодаи сулҳи Исроил дар назди чоҳи Яъқуб сӯҳбат мекунад. Ҳарчанд вай хато мекунад, Исо аниқ медонад, ки Ӯ чиро дар назар дорад.

Мавзӯи ин сӯҳбат асосан на дар бораи ҳолати чоҳ, балки дар

бораи ташнагии сахти вай аст. Исо он кореро мекунад, ки Ӯ аз ҳама беҳтар мекунад... Ӯ саволҳои вайро сарфи назар мекунад ва бевосита дар бораи хоҳишҳои амиқи вай мегӯяд.

> “Ҳар кӣ аз ин об нӯшад, боз ташна монад; лекин ҳар кӣ аз обе ки Ман ба вай медиҳам, нӯшад, абадан ташна намонад, балки обе ки Ман ба вай медиҳам, дар вай чашмаи обе гардад, ки то ҳаёти ҷовидонӣ меҷӯшад” (Юҳан. 4:13, 14).

Дар калимаҳои “ҳар кӣ” Исо ҳамаи касонеро муттаҳид месозад, ки бештар аз он чизе, ки ин замин дода метавонад, орзу мекунанд. Он яҳудиён ва сомариён ва ҳар касеро дар бар мегирад, ки дар оянда ё дар ҳозира ба ин манбаъ меоянд. Ҳар як чоҳи заминӣ ин рамзи ташнагии бениҳоят сахти инсон аст.

Дар тарҷумаи “The Passion” чунин навишта шудааст:

> “Агар шумо аз чоҳи Яъқуб об нӯшед, шумо боз ва боз ташна хоҳед монд” (Юҳан. 4:13).

Чоҳҳои кӯҳна ташнагии шуморо ба таври абадӣ қонеъ карда наметавонанд. Танҳо Худо инро карда метавонад. Ин чоҳҳои қадима ба одамон пурра кӯмак карда наметавонистанд, зеро сарчашмаи онҳо аз шароити замин вобаста буд. Дар ҳар лаҳза душман метавонист ворид шуда, ба чоҳ заҳр ва ифлосӣ партояд, ё хушксолии тӯлонӣ онро хушк карда метавонист.

**Ҳар як чоҳи заминӣ ин рамзи ташнагии бениҳоят сахти инсон аст.**

Мисли чоҳи кӯҳна, қонунро ба осонӣ бо фармонҳои инсонӣ заҳролуд карда мешуд ё ба замини урфу одатҳо ва қоидаҳое, ки аз тарафи одам сохта шудаанд, дафн карда мешуд. Сомариён танҳо панҷ китоби аввали Тавротро эътироф мекарданд ва дар кӯҳи худ ибодат мекарданд. Онҳо дар зери сояи қонун зиндагӣ доштанд, гарчанде ки яҳудиён исбот карданд, ки ҳатто қонун бо тамоми пуррагиаш ба мо

он ҳаётеро, ки орзумандем, дода наметавонад. Ин қонунҳои қадима ва патриархҳо ба мо барои он дода шудаанд, ки талаботи сахти моро ба оби зиндаи Рӯҳулқудс нишон диҳанд. Қонун ҷои ибодатро талаб мекунад. Қонун Худоро дастнорас мегардонад. Ибодати Худо бо риояи қоидаҳо маҳдуд мешавад ва манбаи ҳаёт буданро бас мекунад. Таҳти қонун ибодати мо на доимӣ, балки даврӣ мегардад. Дар шароити қонун Худоро аз дур дидан мумкин аст, аммо Ӯро ламс кардан номумкин аст. Қонун ба мо чунин кӯҳи Синоро медиҳад, ки аз он метавон Худоро дид, аммо ба оғӯши Ӯ афтодан мумкин нест.

Вақте ки маъбади мо, ки барои ибодати Худо таъин шудааст, дар куҷое дар наздикӣ ҷойгир аст, на дар дохиламон, мо хатари бегона шуданро дорем. Вохӯрии Исо бо зани сомарӣ бисёр чаҳорчӯбаҳои қонунро вайрон кард. Ин зан қонунро вайрон карда, бо мард зиндагӣ мекард. Ҳатто дар калисои нисбатан либералии имрӯза дар бораи ӯ “дар гуноҳ зиндагӣ мекунад” мегуфтанд. Аммо Исо шарми вайро аз назар гузаронд ва бевосита ба дили шикастаи вай сухан гуфт.

Қонун аз шумо бештар талаб мекунад, аз он ки қодир аст ба шумо диҳад. Оби зиндаро наметавон ба зарф рехт ё бо тарозу чен кард, чунки он нури шоранда аст. Дар бораи оби мурда бошад, чунин гуфтан мумкин нест. Агар шумо хоҳед, ки на танҳо аз чоҳи Яъқуб об бинӯшед, балки обро бо худ бигиред, ба шумо зарф лозим аст. Ва шумо ба хонаатон танҳо ҳамон миқдори обро, ки дар он меғунҷад, бурда метавонед. Оби мурда намедурахшад, он вазнин аст. Агар ҳар рӯз ду литри тавсияшудаи обро истеъмол кунем, ин тақрибан ду килограмм барои ҳар як шахс аст. Агар барои тайёр кардани хӯрок, рӯбучин, шустушӯй ва оббозӣ барои тамоми оилае, ки аз чор нафар иборат аст, об кашонем, онгоҳ вазни он аллакай беш аз нӯҳ килограмм мешавад. Ғайр аз ин, зарф ҳам вазн дорад, ва барои об овардан масофаи муайянро тай кардан лозим аст.

Роҳро барои об бояд ҳар рӯз боз ва боз тай кард. Исо дар бораи ташнагии доимӣ ва беохир сухан меронад. Ин зан, духтари Шарқи Наздик, дар биёбони хушк ба воя расида, тамоми умр бо ташнагӣ шинос буд. Чоҳе нест ва обе нест, ки ҳарчанд сард бошад ҳам, эҳти-

ёҷоти сахти ӯро ба муҳаббат, ғамхорӣ ва муошират қонеъ гардонад. Рӯҳаш тамоман хушк шуда буд. Вай умедвор буд, ки чизе пайдо кунад, ки хоҳишҳои ӯро қонеъ созад ва рӯҳашро тароват бахшад, аммо боз ва боз ба фиреб дучор мешуд. Хоҳишҳои ин зан маъмулӣ буданд, аммо, мисли бисёре аз мо, вай ҷавобро дар ҷойҳои нодуруст меҷуст.

Дар хостани муҳаббат ягон чизи бад нест.

Дар хостани зиндагии маҳрамона бо шахси дигар ягон чизи бад нест.

Дар хостани зиндагии шоиста ягон чизи бад нест.

Дар хостани зиндагии мақсаднок ягон чизи бад нест.

Дар хоҳиши доштани дӯстон ягон чизи бад нест.

Дар хоҳиши дар парастиш зиндагӣ кардан ягон чизи бад нест.

Исо хоҳиши занро масхара намекунад ва ӯро аз боиси он хор намебинад. Ӯ тасдиқ мекунад, ки ташнагии вай асоснок аст, вақте ваъда медиҳад, ки онро қонеъ мекунад. Исо ба ҷои бенавоӣ ба вай ҳаёти абадиро пешниҳод мекунад. Аз варта ва ғаму андӯҳи ҷон вай Ӯро самимона илтиҷо мекунад:

> “Эй оғо! Ба ман аз он об деҳ, то ки дигар ташна намонам ва ба ин ҷо барои об кашидан наоям” (Юҳан. 4:15).

Дар ин фиғони талх ман умедро мешунавам. Дар вай ман худро мебинам. Исо, лутфан чунин бикун, то ки ман дигар ин ҷо наоям, зеро ки ин ҷой ҳамеша ба ман дар бораи шикастам хотиррасон мекунад. Ман низ мисли ӯ қонуни ҷавонии худро риоя карда натавонистам. Вай медонист, ки барои ин тӯҳфаро ба даст овардан коре накард ва сазовор набуд, вай онро танҳо муфт ба даст оварда метавонист. Ӯ тамоми дороии худро барои хоҳишҳояш сарф кард, ҳавасҳояш ӯро ғулом карданд.

Пеш аз он ки Исо ба вай оби ҳаёт дода тавонист, Ӯ бояд медид, ки вай омода аст, ки худро холӣ кунад. Оё ӯ воқеан аз баҳри ҳама чиз баромадааст? Вай дар бораи оби мурдаи чоҳ, ки ин зан муддати тӯлонӣ аз он об мекашид – мардҳо – сухан меронд.

> «Исо ба вай гуфт: “Бирав ва шавҳаратро бихон ва ба ин ҷо биё”» (ояти 16).

Фикр накунед, ки бо ин суханон Исо қудрати Худро нишон доданӣ буд ё мехост, ки гуноҳи вайро хотиррасон кунад. Аниқтараш Ӯ мехост, ки зикри шавҳараш ба вай сарчашмаи дарди ӯро нишон диҳад. Хоҳари ҷасури мо ҳақиқатро гуфт, ба он нигоҳ накарда ки вай хуб медонист, ки бо ин ҳақиқат метавонад худро аз оби зиндае, ки раббонӣ ба ӯ пешниҳод мекунад, маҳрум созад.

> “Ман шавҳар надорам” (ояти 17).

Эҳтимол ин ҳақиқат бори вазнине буд, ки дили ӯро фишор медод. Панҷ издивоҷи номуваффақ. Бо вуҷуди ин, вай барои рафтори худ ҳеҷ гуна ҳисси гунаҳкорӣ ё баҳонае нишон намедиҳад, танҳо як ҳақиқати ошкоро ва даҳшатнок. Ман шавҳар надорам...

> «Исо ба вай гуфт: “Ту рост гуфтӣ, ки шавҳар надорӣ; зеро ки панҷ шавҳар доштӣ, ва касе ки алҳол дорӣ, шавҳари ту нест; ин суханат рост аст”» (оятҳои 17, 18).

Исо метавонад бо онҳое кор кунад, ки нотарсида ба гуноҳҳояшон иқрор мешаванд ва ростгӯй ҳастанд. Вай чи хеле ки буд, гуфт, ва Ӯ ҷузъиёти гузаштаи ӯро илова кард. Панҷ мард ӯро зани худ меномиданд, то ки оқибат ӯро тарк кунанд. Баъзан фикр мекунам, ки чаро ӯро барои гуноҳҳояш таъна мезананд. Модаркалони ман чор маротиба бо се мард издивоҷ карда буд. Вай қурбонӣ набуд; ин интихоби ӯ ва нуқсон буд. Аммо шояд дар ҳаёти ин зан вазъият дигар гуна буд. Аммо мо аниқ намедонем, ки оё вай дар ҳақиқат хато кардааст. Вай зери қонун зиндагӣ мекард, ин маънои онро дошт, ки марде, ки бо ӯ издивоҷ мекард, метавонист қарор кунад, ки издивоҷ бо вай хатогии ӯст, ва вайро бо коғазе, ки ноумедии ӯро тасдиқ мекард, тарк кунад. Аз рӯи қонун вай наметавонист шавҳари худро бо хоҳиши худ иваз

кунад. Барои издивоҷи дубора ҳуҷҷати талоқ лозим буд. Оё шумо тасаввур карда метавонед – панҷ маротиба ба нокомӣ дучор шудан? Ин зан ончунон захмӣ шудааст, ки омода аст бо марде зиндагӣ кунад, ки бо ӯ ба як болин сар мемонад, аммо номҳои гуногун дорад. Зиндагии ӯ пур аз хоҳишҳоест, ки қонеъ шуданро рад мекунанд. Рӯҳи вай шикастааст, аммо умед ҳанӯз зинда аст.

> «Зан ба Ӯ гуфт: “Эй оғо! Мебинам, ки Ту набӣ ҳастӣ”» (ояти 19).

То ба қарибӣ ман вазни ин эътирофро намефаҳмидам. Вай ба ҷаҳоне, ки ба ӯ ношинос буд, қадам гузошт, зеро сомариҳо боварӣ доштанд, ки танҳо як пайғамбар вуҷуд дорад ва ин Мӯсо аст. Вақте ки ин зан Исоро пайғамбар эътироф кард, вай барои мукофоти пайғамбар кушода шуд, чунон ки навишта шудааст: “Ҳар кӣ пайғамбарро ба исми пайғамбар қабул кунад, мукофоти пайғамбарро хоҳад ёфт” (Мат. 10:41).

Мукофоти пайғамбарон чист? Ман боварӣ дорам, ки ин ато метавонад бо роҳҳои гуногун ифода шавад, аммо ҳеҷ чизе арзишмандтар аз ваҳй ва дарки ҳақиқати зинда нест. Пайғамбаронро пешбинон низ меноманд. Ҳар ҷое, ки Исо мерафт, Вай чашмони ақлро мекушод. Вақте ки вай тасмим гирифт, ки Исоро ҳамчун пайғамбар қабул кунад, вай баояндаи худ нигарист ва аз Ӯ пурсид, ки дар куҷо бояд ибодат кунад. Ман метавонам танҳо тасаввур кунам, ки вай аз зиндагии пешинааш ва роҳҳои пешинааш чӣ қадар хаста шуда буд. Вай ҳеҷ тасаввур карда наметавонист, ки дар ҳаёти ӯ давраи нав фаро мерасад, ки дар он на ҷои ибодат, балки Шахсияте, ки мепарастанд, муҳимтар мешавад.

> «Исо ба вай гуфт: “Эй зан! Ба Ман бовар кун, соате мерасад, ки на дар болои ин кӯҳ ва на дар Ерусалим Падарро парастиш хоҳед кард”» (ояти 21).

Дар тарҷумаи “The Passion” аз забони арамӣ ин оят боз ҳам васеътар кушода мешавад:

> “Зани азиз, ба Ман бовар кун, соате мерасад, ки на дар болои ин кӯҳ ва на дар Ерусалим Падарро парастиш хоҳед кард, балки дар дили худ”.

Вай Исоро ҳамчун пайғамбаре, ки Ӯ ҳаст, эҳтиром мекунад, ва Исо дар ҷавоби ӯ мегӯяд “азиз”, ки вай чунин аст. Ин калима маънои “маҳбуба, қиматбаҳо, дилхоҳ, бебаҳо, дӯстдошта ва беназир”-ро дорад. Аҷиб аст, ки охирин бор кай вайро чунин ном бурданд. Вай дили шикаста ва рӯҳи захмии ин зани сомарииро бо суханоне шифо бахшид, ки сарнавишти ӯро дар бар гирифта буданд.

Ман то ҳол мешунавам, ки Исо ҳар яке аз духтарони Худро даъват мекунад: “Ба Ман бовар кун, духтари азизу бебаҳо ва маҳбуби Ман, замони ту расидааст...” Замони ту расидааст, ки имон оварӣ. Як дақиқа фикр кунед. Ӯ ба рӯҳи шумо чӣ мегӯяд?

Худои мо ба мо на дар кӯҳ, на дар шаҳр ва ҳатто на дар калисо наздиктар аст. Ҳеҷ кас шуморо аз ҳузури Ӯ нигоҳ дошта наметавонад. Хушбахтона, ягон хатогӣ наметавонад шуморо аз Он Касе, ки дар дохили шумост, ҷудо кунад. Исо парастиши шуморо дар чоҳи дили шумо интизор аст. Навиштаҷот ба мо хотиррасон мекунад, ки Худои мо мисли овоз наздик аст.

> «Аммо вай чӣ мегӯяд? “Калом наздики туст, дар даҳони ту ва дар дили туст”, яъне каломи имон, ки мо онро мавъиза мекунем» (Рум. 10:8).

Исо ба ин зан назари комилан нав дод, вақте ки вай ба қаъри ҳаёташ расид. Оё касе дар бораи Худое, ки маҳдудияти маконро надорад, шунидааст? Дар бораи Худое, ки мехост бо ӯ дар ҳар ҷое, ки бошад, вохӯрад? Тасаввур кунед, ки барои ӯ ин чӣ гуна хабари хушбахтона буд. Вай дар байни халқи худ ва дар байни яҳудиён рондашуда буд, вале Худо дар маъбади қалби ӯ маконе барои Худ муҳайё кард. Чи хеле ки вай бо Худо ростқавлу самимӣ буд, ҳамчунин Писари Худо низ Худро ба ӯ ошкор кард. Интихобаш

вайро маҷбур кард, ки аз доираи ҳаёти худ берун бароят. Исо вайро ба дохил даъват мекунад.

> “Шумо он чиро, ки намедонед, парастиш мекунед, вале мо он чиро, ки медонем, парастиш мекунем, зеро ки наҷот аз яҳудиён аст; лекин соате мерасад, ва аллакай расидааст, ки парастандагони ҳақиқӣ Падарро ба рӯҳ ва ростӣ парастиш хоҳанд кард, зеро ки Падар толиби ин гуна парастандагони Худ мебошад: Худо рӯҳ аст, ва онҳое ки Ӯро парастиш мекунанд, бояд ба рӯҳ ва ростӣ парастиш кунанд” (Юҳан. 4:22-24).

Исо ҳудудҳои вайро бо ҳақиқат такон медиҳад. Агар суханони ин раббонӣ дуруст бошанд, пас, Падар чунин парастандагонро меҷӯяд, ки мисли худи вай аст, – парастандае, ки хоҳиши дар Рӯҳ ва ростӣ парастиданро дорад.

Мо киноярo намебинем, зеро мо медонем ва қабул мекунем, ки ҳар чизе, ки Исо ошкор мекунад, ҳақиқат аст, аммо он вақт суханони Ӯ комилан нав буданд. Аниқтараш, вай ҳеҷ гоҳ дар бораи Худои Падар нашунида буд. Дар тарҷумаи “The Passion” дар ин бора чунин навишта шудааст:

> “Минбаъд ибодати Падар масъалаи интихоби на ҷои дуруст, балки масъалаи дил аст. Зеро ки Худо Рӯҳ аст, ва Ӯ орзуманди парастандагони ҳақиқӣ аст, ки Ӯро дар Рӯҳ ва ростӣ парастиш хоҳанд кард” (Юҳан. 4:22, 23).

Вай метавонист бо Худое, орзуманди ӯ буд, робита дошта бошад. Ман боварӣ дорам, ки дар он лаҳза вай дар партави таҷрибаи муноқишаи худ бо дини ҳукмрон умеди пурҷалолеро дарк кард. Вай дақиқ намедонист, ки ба чӣ бовар кунад, дилаш аз умед, изтироб ва мӯъҷиза меларзид, аммо он чизе, ки ба ӯ маълум буд, бо ҷасорат гуфт.

> «Зан ба Ӯ гуфт: “Медонам, ки Христос, яъне Масеҳ меояд: чун Ӯ ояд, аз ҳар чиз ба мо хабар хоҳад дод”» (ояти 25).

Ба фикрам, Исо натавонист ба имони кӯдакона ва софи ӯ муқобилат кунад. Ӯ дигар наметавонист Хушхабари ростиро аз ӯ пинҳон созад. Ман тасаввур мекунам, ки чӣ хел Ӯ бодиққат ба вай менигарад, вақте ки оҳиста мегӯяд:

> "Ман, ки бо ту сухан мегӯям, Ҳамонам" (ояти 26).

Ӯ айнан ҳамон кореро кард, ки вай аз Масеҳ интизор буд... Ӯ ба вай дар бораи худи вай нақл кард. Баъзан Худои мо, ҳама чизро нагуфта, ба мо ҳама чизро ошкор мекунад. Ором бош, азизам. Масеҳи мо, тадҳиншуда, аксар вақт ба саволҳои мо оиди парастиш ҷавоб медиҳад, ва ба мо дар бораи худамон ҳақиқатро мегӯяд. Бо як зарба Ӯ анъанаҳои бемаъноро фош мекунад ва ҳукми инсониро бо шамшери ростии Худ мебурад. Кӣ кӯзаи пур аз оби худро партофта, аз паи Ӯ намедавад? Ин Исои мост. Ӯ аз шармандашудагон шарм намедорад. Ӯ онҳоро зери боли Худ мегирад ва ба онҳо ҳақиқатҳои муҳимеро, ки фарисиён (ва баъзан ҳатто шогирдон) гӯш кардан намехостанд, ошкор мекунад.

Ин лаҳза гузашт. Шогирдони Исо баргашта, дар ҳайрат афтоданд, ки Исо бо зане сухан меронад, ки танҳо сазовори таҳқири онҳост. Вале вай дигар ба муносибати онҳо аҳамият намедиҳад. Ҳамту ки шумо худро аз ҷониби Худо пазируфташуда ҳис кардед... аз тарафи инсон рад шудан барои шумо чӣ аҳамияте дорад? Аҷиб аст, ки ҳеҷ яке аз шогирдон сомариёнро ба дидани Исо даъват накард. Аммо боке нест, зеро ки Исо аллакай элчии Худро фиристод. Вай пештар дар бораи ӯ фикр мекард.

> «Зан кӯзаи худро монда, ба шаҳр рафт ва ба мардум гуфт: "Биёед ва Касеро бубинед, ки ҳар он чи кардаам, ба ман гуфт; оё Ӯ Масеҳ нест?" Онҳо аз шаҳр берун шуда, назди Ӯ меомаданд» (оятҳои 28-30).

Агар бодиққат назар кунем, онгоҳ мебинем, ки вай калимаҳоро бомулоҳиза интихоб намудааст. Вай Ӯро пайғамбар наномид

ва нагуфт, ки Ӯ яҳудӣ аст, дониста истода, ки ҳам ин ва ҳам он метавонад ҳамватанони вайро аз Ӯ дур кунад. Вай шаҳодати шахсии худро нақл мекунад, то ки ба онҳо роҳро ба сӯи Ӯ кушояд. Ба ман хеле маъқул аст, ки дугонаи мо онҳоро, ба ҷои он ки раванд ва гӯш кунанд, даъват мекунад, ки раванд ва Ӯро бубинанд. Дидан – маънои бовар карданро дошта метавонад, вақте ки чашмони мо кушода аст, мо мехоҳем, то ки дигарон низ бубинанд.

Ба ман хеле маъқул аст, ки чӣ гуна Исо як чизи гаронбаҳо, муҳим ва муқаддасро ба зане ошкор мекунад, ки дар назари дигарон оддӣ, бадахлоқ ва ифлос буд. Асрори Худоро ба он касе, ки ҳама бадтарини бадтаринҳо мешуморанд, гуфта истода, Ӯ дарро барои ҳамаи мо боз мекунад. Ин аст, ки ман дар бисёр китобҳои худ ба қиссаи вайро ишора мекунам. Ман ҳамеша дар сӯҳбати онҳо як паҳлӯи навро меёбам ва ҳеҷ гоҳ ба он бетараф намемонам.

Аллакай солҳои зиёд ман ин сӯҳбати самимонаро дӯст медорам, ки вайро аз як зани нокому бадбахт ба як шахси содиқу арҷманд табдил дод. Ба ман ҳатто маъқул буд, ки номи вай дар Китоби Муқаддас навишта нашудааст, зеро ки ман метавонистам ба осонӣ номи худро дар ин ҳикоя гузорам. Ин пеш аз он буд, ки ман дарёфтам, ки номи вай Фотина, “мунаввар”, аст. Худи ҳамон рӯз вай дар Сомария ба мавъизаи Инҷил шурӯъ кард, аммо шумо медонед, ки ҳудудҳои вай бо ин минтақа маҳдуд нашуд.

Саргузашти ӯ барои ҳар яки мо, чоҳи чуқур, ки дар оби паст зиндагӣ мекунад, бояд рӯҳбаландкунанда бошад. Чӣ гуна боз метавон шарҳ дод, ки зане, ки дар гуноҳ зиндагӣ мекард, бо пайғамбар дар бораи парастиш сӯҳбат мекунад? Чоҳи ӯ на танҳо чуқур буд... он хушк ҳам буд. Вай панҷ шавҳар ва ду писар дошт, аммо хоҳиш аз байн нарафта буд. Ин зан, ки дорои потенсиали бузург буд, бо тамоми вуҷудаш худро бахшида буд.

Ногаҳон ҳама чиз тағйир ёфт. Вай дар бораи тӯҳфа фаҳмид. Исо ӯро даъват намуд, ва вай далерона аз Ӯ оби ҳаётро хоҳиш кард. Ин Масеҳи аҷиб вайро комилан мешинохт ва беандоза дӯст медошт. Аз ин рӯ, духтари беназир ба даъвати Ӯ ҷавоб дод ва оби зиндаи Ӯро бо

фаровонӣ нӯшид, ва сипас ба Фотина, башоратдиҳанда ва ҳавворие, ки бо матонати устувор ба хатар рӯ ба рӯ шуд, табдил ёфт.

Зане, ки гузаштаи худро дорад, оё ту ба ӯ пайравӣ мекунӣ?

## Саволҳо барои мулоҳиза

1. Оё дар ҳаётатон шумо барои қувваи Худо ташна ҳастед?
2. Таърихи Фотина ба шумо чӣ таъсир расонд?
3. Оё ба шумо маъқул аст, ки вай зане дар назди чоҳ буд? Дар ин ҷо барои мо чӣ ваъдае ҳаст?
4. Оё дар ҳаётатон соҳаҳое ҳастанд, ки шумо мисли як чоҳи чуқур ҳастед, ки бо ҳаёти ночиз зиндагӣ мекунад?

# 10

# Ҳаёти берун аз рақобат

“Шумо ҳаргиз барои дар назди худ гузоштани мақсади
нав ё ягон чизи навро орзу кардан пир нахоҳед буд”.

К. С. ЛЮИС

Ман мехостам ба шумо як қиссаи дигари қадимаро дар бораи далерӣ ва фидокорӣ нақл кунам. Замоне як духтари зебои ҷавон бо номи Фекла зиндагӣ мекард. Як рӯз вай шунид, ки Павлус дар хонаи ҳамсоя Инҷилро мавъиза мекунад. Вай бо дилу ҷон нишаста, Павлусро гӯш мекард, ки ҷавонмардон ва занонро даъват менамуд, ки Масеҳро бо парҳезгорӣ ва накӯкории худ ҷалол диҳанд. Фекла номзад шуда буд, вале пас аз суханони Павлус қарор дод, ки аз издивоҷи дарпешистода даст кашад ва боқимонда рӯзҳои худро барои ҷалоли Худо бахшад. Павлус ҳатто намедонист, ки ба Фекла чӣ гуна таъсир расондааст. Дар ҳамин ҳол, модар ва домоди духтар қарори ӯро напазируфтанд. Онҳо тамоми восита ва нуфузи худро истифода бурданд, то ки мардуми ба хашм омадаро бар зидди Павлус барангезанд. Дар натиҷа, Павлусро ба ҳузури ҳокими

Иқуния бурданд, ки дарҳол ӯро ба зиндон андохт.

Феклаи ғамзада ҷавоҳироти худро ҷамъ карда, ба посбонон дод, то ки дар зиндон бо Павлус вохӯрда, шахсан аз ӯ Хушхабарро дар бораи Исо бишнавад. Вақте ки хешовандони духтарак духтари гумшудаи худро дар маҳбаси Павлус пайдо карданд, онҳо қарор доданд, ки ҳардуяшонро ба назди ҳокими шаҳр баранд. Павлусро латукӯб карда, аз шаҳр берун ронданд. Феклаauthor модари худаш ба додгоҳ кашид, ва духтарро ба қатл маҳкум карданд. Вайро бояд дар оташ месӯзониданд, то ба ҳамаи духтароне, ки ба чунин исён ҷуръат мекарданд, дарси ибрат гардад.

Вақте ки Фекла ба сӯи қатл мерафт, Павлус ва дигар масеҳиён дар ғорҳои зеризаминӣ, ки берун аз шаҳр буд, ҷамъ омада, бо ҷидду ҷаҳд дуо мегуфтанд. Фекларо ба сутун бастанд, аммо вақте ки гулхан афрӯхтанд, оташ ба вай зараре нарасонд. Сипас тӯфони шадиде сар зад. Борони сел оташи зери пойҳои духтарро хомӯш кард ва ӯ аз марг наҷот ёфт. Ҳукуматдорон қарор дода, ки ин аломат аз боло буда, аз ҷониби худоёни юнонӣ фиристода шудааст, тарсиданд, ва ӯро озод намуда, аз шаҳр берун карданд. Феклаи рондашуда ба дигар масеҳиёни рондашуда ҳамроҳ шуд, ва онҳо қарор доданд, ки бо Павлус ба Антиёхия раванд.

Ҳамин ки онҳо ба шаҳр даромаданд, марде бо номи Искандар, ки бонуфуз ва соҳибқудрат буд, аз зебоии Фекла мафтун шуд ва кӯшиш кард, ки духтарро аз Павлус бихарад. Аммо баъди рад шудани пешниҳодаш, ҳаракат кард, ки духтарро бо зӯрӣ бигирад. Аммо Фекла барои номуси худ сахт мубориза мебурд ва дар давоми талош гулчанбари сари Искандарро гирифта партофт ва дар пеши ҳама бо ҳазар Искандарро тела дода, ба ӯ фармон дод, ки ба офариниши Худо даст нарасонад.

Искандар хашмгин шуда, вайро ба назди ҳокими Антиёхия бурд. Ҳангоми бозпурсӣ Фекла иқрор шуд, ки бо кӯшиши раҳо шудан ва гурехтан либоси Искандарро пора кардааст. Ва боз ба марг маҳкум шуд. Қатли ӯро рӯзи дигар таъин карданд. Ин дафъа вайро бояд ба назди ҳайвонҳои ваҳшӣ мепартофтанд.

Занони Антиёхия ба хашм омаданд. Ҷазои Фекла ба назари онҳо беадолатона буд. Як зани ашрофзодаи румӣ баромад карда, талаб кард, ки Фекла то қатл шудан дар хонаи ӯ бимонад, на дар зиндон, то ки бакорати ҷавонзани масеҳиро ҳифз кунад. Дар як шабонарӯз занҳо дугонаҳои наздик шуданд.

Субҳи рӯзи дигар зани ашрофзодаи солхӯрда сахт гиря мекард, дар ҳоле ки Фекларо бо занҷир баста, ба майдон назди модашери ваҳшӣ мебурданд. Вақте ки духтарро дар намоишгоҳ ба назди шерҳо ва хирсҳо партофтанд, издиҳоми мардум ба ҳаяҷон омад. Аввал модашер ҳамла карданӣ шуд. Вай ба сӯи ӯ давида омад, аммо ба ҷои ҳамла кардан, рӯй гардонд ва дар мавқеи муҳофизатгар дар назди пойҳои Фекла истод.

Хирс ба ҳамла шитофт, аммо пеш аз он ки вай ба духтар наздик шавад, модаршер вайро кушт. Сипас шери нарина ҳамла кард, аммо модашер боз ҳам барои ҳимояи муштарии худ бархост. Ҷанг бо марги ҳарду шер ба поён расид, ва ҷасадҳои онҳо, ки ба ҳам печида буданд, ба пеши пойҳои ӯ афтоданд. Масъулони бозиҳо ҳайвонҳои дигарро ба майдон бароварданд, аммо ҳайвонҳои ваҳшӣ, як ба як, ногаҳон ақибнишинӣ карданд ва аз ҳамла саркашӣ мекарданд. Вақте ки тарси Худо минбарҳоеро, ки навакак пурталотум буданд, пур кард, издиҳом хомӯш шуд. Онгоҳ Фекла овозашро баланд карда, бо ҷуръат дуо гуфт.

Ҳоким бархост ва бозиҳоро қатъ кард. Вай мехост бидонад, ки ин зан кӣ буд ва манбаи қувваи ӯ дар чист. Вай ҷавоб дод: “Ман бандаи Худои Ҳай ҳастам... Ман ба Писари Одам, ки ҳусни таваҷҷӯҳи Худо бар Ӯст, имон овардаам. Зеро ки ягона Ӯ роҳи наҷот ва сарчашмаи ҳаёти ҷовидонӣ аст... Ҳар кӣ ба Ӯ имон наоварад, зиндагӣ нахоҳад кард...” Ҳоким фармуд, ки ба ӯ либос биёранд ва ӯро озод кунанд. Дар он рӯз садҳо одамон, агар ҳазорҳо набошад, ба Исо имон оварданд. Ва, чи тавре ки сарчашмаи таърихии Калисои аввалин хабар медиҳад, занони Антиёхия якдилона Худоро ситоиш мекарданд, то даме ки деворҳои шаҳр аз садои баланди ситоиш ба ларза омаданд.

Фекла умри дароз ва пурбаракат дид ва Инҷилро мавъиза мекард, то даме ки дар синни навадсолагӣ вафот кард.

## Зиндагии боҷасорат ва далерона

Чӣ ин занро бо номи Фекла чунон қавӣ гардонид? Вай бараҳна буд ва шарм намедошт, зеро мувофиқи ваҳй, дар Исои Масеҳ, ӯ шахсияти аслии худро медонист. Ва, бо вуҷуди ҷавондухтар буданаш, вай ба ҳар ҳол элчии боварибахши Подшоҳии Худо шуд. Дар он ҷо, дар майдон, бо овози баланд дуо гуфта, дар назди марг ҷасоратро нишон дод. Духтари ҷасур, ки ҳатто агар либоси мувофиқ дошта бошад ҳам, дар минбар истодан ва мавъиза кардан ба ӯ манъ карда мешуд, дар он Колизейи хунхор дар байни ҳайвоноти ваҳшӣ бараҳна истода, ҷонҳои зиёдеро барои Худованд наҷот дод. Вақте ки ман чунин ҳикояҳоро мехонам, ба ман тасаввур кардани он маъқул аст, ки чӣ хел Ҳавво (ва, ман боварӣ дорам, Соро низ!) табассум мекунад. Дар ниҳоят, дар ҷанге, ки Ҳавво дар гаҳвораи ғамхорӣ ва бехатарӣ дар боғи Адан истода, мағлуб шуд, баъдтар духтарони аз нав таваллудёфтаи Худо дар майдонҳои душмании ошкоро ғолиб омаданд.

Издиҳом барои тамошои иҷрои ҳукм омаданд, аммо ба ҷои ин шоҳиди сафедкунии комил шуданд. Бигзор зиндагии мо ин меросро давом диҳад. Вақте ки мо ҳар рӯз эълон мекунем, ки наҷоти мо ва тамоми вуҷуди мо дар Масеҳ, ва танҳо дар Ӯст, мо қобилияти бо Худо пур шудани худро афзун мегардонем ва бозгашти Исоро наздик мекунем.

Имрӯз мо дар бораи Китоби Муқаддас бештар аз ҳар давраи таърихи инсоният маълумот дорем. Ва ин дониш моро ба куҷо овард? Мо маълумоти зиёдатӣ дорем, аммо дар айни замон норасоии равшани тағйирот. Метарсам, ки дар аксари ҳолатҳо дар бисёр соҳаҳои ҳаёт ақл ва истеъдод имрӯз аз Каломи Худо ва роҳнамоии Рӯҳулқудс муҳимтар аст.

Аммо ман чизи бузургтарро хоҳонам. Чиро ман дар рӯҳи худ ҳис мекунам, ин рехтани Рӯҳулқудсро ва ҳосили беназири онро.

Ин ҷаҳони валангор ниёз дорад, ки қуввати Худоро бубинад. Шояд вақти он расидааст, ки мисли Калисои ибтидоӣ дуо гӯем.

> “Ва алҳол, эй Худованд, ба таҳдидҳои онҳо назар андоз ва ба бандагони Худ ато фармо, то ки бо камоли ҷасорат каломи Туро баён кунанд, дар сурате ки Ту дасти Худро барои шифо бахшидан ва барои нишон додани аломоту мӯъҷизот ба исми Писари Муқаддаси Худ Исо дароз бикунӣ” (Аъм. 4:29, 30).

Пас, ин дуоҳо ба чӣ оғоз бахшиданд?

> “Ҳамин ки дуояшон ба охир расид, маконе ки дар он ҷамъ шуда буданд, ба ҷунбиш омад, ва ҳама аз Рӯҳулқудс пур шуданд ва каломи Худоро далерона мегуфтанд” (ояти 31).

Ин вақте аст, ки Каломи Худо бояд бе мамониат ва бо ҷасорат эълон карда шавад. Дар бисёр мавридҳо мушкилоте, ки Фекла дар замони худ бо онҳо рӯ ба рӯ шуд, аз мушкилоте, ки мо бо онҳо рӯ ба рӯ мешавем, чандон фарқ намекунад. Вақте ки вай интихоберо кард, ки ҳеҷ кас аз ӯ интизор набуд ва ӯ қарор дод, ки тамоми ҳаёташро ба Худо бахшад, норозигӣ боло шуд. Аъзои оилааш кӯшиш карданд, ки ӯро боздоранд, ҳукумат кӯшиш кард, ки ӯро аз имонаш баргардонад, мардон кӯшиш карданд, ки ӯро бо зӯрӣ тасарруф намоянд ва муқовиматро, ки онҳо онро шӯриш меҳисобиданд, пахш кунанд. Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, Фекла дар ҳақиқат озод буд. Ҳаёт ё марг, барои ӯ аҳамият надошт, вай аниқ медонист, ки ӯ кист, – бандаи Худованди Таоло.

## Зиндагии беназир

Мо дар чунин рӯз ва аср зиндагӣ мекунем, ки дар ҳама ҷо тӯфон аст. Агар шумо донед, ки кистед ва ба кӣ тааллуқ доред... онгоҳ истодагарӣ карда метавонед. Мо зиндагии беназирро интихоб кардем, зиндагиеро, ки танҳо Рӯҳулқудс офарида метавонад.

> “Агар мо бар тибқи Рӯҳ зиндагӣ мекарда бошем, бояд бар тибқи Рӯҳ рафтор ҳам кунем: ҳавобаланд нашавем, якдигарро асабонӣ накунем, аз якдигар ҳасад набарем” (Ғал. 5:25, 26).

Инак, мо аз ҳамон чизе, ки оғоз кардем, бо ҳамон чиз ба анҷом мерасонем. Бо дарки беназирии худ дар рӯҳ зиндагӣ кунед. Шумо барои он офарида нашудаед, ки нусхаи касе бошед. Шумо барои Писари Худо таъин шудаед. Падари осмонии шумо пеш аз он ки нафаси аввалини худро бикашед, тафсилоти амиқи ҳаёти шуморо навиштааст. Ӯ ҳаёти шуморо бо ҳарфҳои зинда навиштааст. Ҳеҷ кас наметавонад ба ҷои шумо зиндагӣ кунад. Вақти он расидааст, ки саҳифаҳои китоби шумо зинда шаванд. Бо сарнавишти одамони дигар зиндагӣ карда, шумо аз он чизе, ки Рӯҳулқудс барои шумо омода кардааст, маҳрум мешавед. Ҳамаи мо ва ҳар яки мо роҳи хоси худ ва тақдири махсус дорем. Агар шумо хоҳед, ки ҳаёти беназир дошта бошед, роҳнамоии Рӯҳулқудс хеле муҳим аст. Зиндагӣ бо Рӯҳулқудс на танҳо як мафҳум ё орзуи ошиқона аст. Ин таҷассуми интизоми рӯҳонӣ ва парастиши шахсӣ аст. Ҳаёти фидокорӣ, на фароғат. Бо ҳар як қадами итоаткорӣ дар соҳаҳои ҳам шахсӣ ва ҳам ҷамъиятӣ, Худо мақсади Худро барои ҳаёти шумо равшантар мекунад, ва овози Ӯ барои шумо фаҳмотар садо медиҳад.

**Шумо барои он офарида нашудаед, ки нусхаи касе бошед. Шумо барои Писари Худо таъин шудаед.**

Ҳаёти шумо ва потенсиали он – ин асбобе, ки Худо додааст. Сад афсӯс мебуд, агар ҳар он чизе, ки доред, мисли ҷавоҳирот ва талантҳо, зери тӯдаи андешаву интизориҳои бегонагон дафн мешуд. Шумо дар ин замин ба ҳайси тамошобин нестед. Бисёр чизҳои муҳимтар ва шавқовартаре ҳастанд, ки шумо метавонед дар ҳаёти худ анҷом диҳед. Вақти он расидааст, ки шумо инро бидонед.

Акнун оядаи шумо аст.

Шумо ин нуқтаро дар доираи вақт доред. Фардо ба ҳеҷ кадоми мо кафолат дода намешавад. Аммо маҳз ҳамин лаҳза, дар ин ҷо ва ҳоло, – бидонед, ки он аз они шумост, ва касе наметавонад онро бигирад. Қувваи интихоби шумо метавонад ба тамоми лаҳзаҳои дигари ҳаётатон таъсир расонад.

Дар шумо сарнавишти аҷибе гузошта шудааст, ки пур аз ваъдаҳост. Аммо китоби ҳаёти шумо метавонад нокушода монад. Ё шумо метавонед онро кушоед ва саҳифа ба саҳифа гардонед. Бубинед, ки Павлус дар Нома ба Ғалотиён чӣ менависад:

> “Бигзор ҳар кас амали худро имтиҳон намояд, ва он гоҳ фақат дар худ фахр хоҳад дошт, на дар дигаре; зеро ҳар кас бори худро хоҳад бардошт” (Ғал. 6:4, 5).

Агар шумо дар ҷустуҷӯи кӣ буданатон банд бошед, пайдо кардани шахсияти хеш хеле душвор мешавад. Шумо бояд донед, ки дар ин сафар, ки “Ҳаёт” ном дорад, чӣ нақше доред, агар хоҳед, ки пеш равед ва суст нашавед.

> “Пас, бодиққат назар кунед, ки чӣ гуна рафтор менамоед, на чун бехирадон, балки чун хирадмандон, ва фурсатро ғанимат донед, чунки ин рӯзҳо шарир аст” (Эфс. 5:15, 16).

Агар шумо вақти худро пешакӣ ба нақша нагиред, онгоҳ рӯзҳо ба як мижжа задан мегузаранд, дар ҳоле ки шумо дар байни ниёзҳо ва фаромӯшӣ аз соҳил ба соҳил партофта мешавед. Пас аз гузоштани ин китоб, фавран қалам ва коғазро гиред. Ба истифодаи вақти худ муносибати оқилона ва беғаразона пайдо кунед, ба он чизе, ки рӯзҳои шуморо пур мекунад, назар кунед ва барои боз орзу кардан вақт ҷудо кунед.

Ҳадафҳо ва орзуҳои худро бодиққат ҳамоҳанг созед. Инак, духтарони беназир, орзуи шумо чист? Шумо метавонед ногаҳон дарёбед, ки ҳаёти шумо дилгиркунанда ё оддӣ аст. Аммо муҳим

нест, ки он ҳоло дар кадом ҳолат аст. Ишқи шумо чист? Агар шумо онро гум карда бошед, ба ҳузури Худо баргардед ва то он даме, ки онро дубора пайдо накунед, он ҷо бимонед. Ҳам ақлатон ва ҳам дилатонро пок созед. Ба сайругашт бароед, мусиқии масеҳиро гӯш кунед, парастиш кунед, бо сарчашмаи рӯҳи худ пайваст шавед.

Шумо ҳеҷ гоҳ аз ҳад зиёд пир, аз ҳад зиёд камбағал, аз ҳад зиёд сарватманд, аз ҳад зиёд соҳибмаълумот ё аз ҳад зиёд бесавод нахоҳед буд, то ки мақсад ё орзуҳои худро дошта бошед. Ва инчунин шумо ҳеҷ гоҳ барои ин хеле ҷавон нестед.

Чунин мешавад, ки ман ба баҳри занони масеҳӣ назар мекунам, ва иқрор мешавам, ки аз дидани он ки чӣ қадар онҳо рақси ҳаёт ва хидмати худро зебо иҷро мекунанд, ҳайронам. Дилам пур аз умед мегардад, ки дар замони мо бисёр занони зебои ҷасур ва худотарс дар сафи пеш ҳастанд. Ман фикр карданро сар мекунам, ки шояд ман ба боло рафтанро бас кунам, шояд вақти он расидааст, ки поён равам. Чанде пеш ман дар ин бора андеша мекардам ва овози Рӯҳулқудсро шунидам, ки мароислоҳ мекард. “Пайдо шудани онҳо маънои онро надорад, ки ту бояд ақибнишинӣ кунӣ. Ту бояд боисрор ба пеш ҳаракат карданро давом диҳӣ. Ман нақша надоштам, ки онҳо туро ба қафо тела диҳанд, бигзор онҳо туро барои пеш рафтан таҳрик диҳанд”.

Роҳи болоравии ман метавонад гуногун бошад, аммо ман ҳеҷ гоҳ нашунидаам, ки Худо гӯяд: “Ба поён нигар, дастонатро поён кун”. Ӯ мегӯяд: “Болотар рав. Рӯҳбаланд шав!” Вақте ки духтарони Ӯ якҷоя ҳастанд, ман ҷалоли Худовандро мебинам.

Инак, азизам, ман ба шумо ишқи худро баён мекунам. Ин шумо ҳастед! Ман дуо мекунам, ман меҳнат кунам, то ки Масеҳ, Тадҳиншуда, дар шумо зоҳир шавад. Ман бесаброна интизори он ҳастам, ки шуморо дар Ӯ устувор ва пойдор бинам, то ки шумо он чизеро, ки аз азал танҳо ба шумо бовар карда шудааст, пайдо кунед. Ман мехоҳам ба шумо дар ҷустуҷӯи муҳимтарини шумо – ҷустуҷӯи Худованди мо ёрӣ расонам. Вақте ки ман ин китобро менавиштам, ман фаҳмидам, ки мавзӯи хеле васеъро фаро гирифтаам, чунки

мо дар рӯзҳои пур аз рақибоне зиндагӣ мекунем, ки барои лутфу марҳамати мо мубориза мебаранд. Павлус дар замони дигар зиндагӣ мекард, аммо калисое, ки ӯ дӯст медошт, ҳамон муборизаҳоро паси сар мекард.

> "Зеро ман дар ҳаққи шумо бо рашки Худо рашк менамоям, чунки шуморо ба марди ягонае номзад сохтаам, то ки чун бокираи поке ба Масеҳ пешниҳод намоям. Аммо тарси он дорам, ки чи тавре ки мор бо макри худ Ҳавворо фирефта намуд, ҳамон тавр афкори шумо низ фосид шуда, аз самимияте ки дар Масеҳ аст, рӯ хоҳад тофт. Зеро, агар касе омада, Исои дигареро мавъиза намояд, ғайр аз Он, ки мо Ӯро мавъиза кардем, ё шумо рӯҳи дигаре гиред, ғайр аз он ки гирифтед, ё башорати дигаре, ғайр аз он чи қабул кардед, — шумо онро ба хубӣ таҳаммул менамоед" (2 Қӯр. 11:2-4).

Ё тавре ки дар тарҷумаи Китоби Муқаддас "The Message" навишта шудааст:

> "Он чи ки маро ғамгин мекунад, ва он чи ки чаро ман дар бораи шумо ин қадар ғамхорӣ мекунам, – ин оташи Худо, ки андаруни ман фурӯзон аст! Ман дасту дили шуморо ба Масеҳ ваъда додаам, то ки шуморо ҳамчун арӯси пок ва беайб ба шавҳараш тақдим намоям. Аммо акнун метарсам, ки ҳамон мор, ки Ҳавворо бо суханони нарм фирефта буд, шуморо низ фиреб медиҳад, ва шумо аз самимият ва муҳаббати пок, ки ба Масеҳ доред, маҳрум мешавед. Гӯё касе ба шумо дигар Масеҳеро, на Онеро, ки мо ба шумо ошкор кардаем, башорат медиҳад, – башорати дигар бо рӯҳи дигар – ва шумо онро таҳаммул менамоед".

Маро ҳамчун модар гӯш кунед – ё ҳатто ҳамчун бибӣ: шумо на барои созиш ё мувофиқат офарида шудаед. Офаридгор асолати Худро ба ДНК-и шумо бофтааст. Танҳо шумо метавонед ба ҷаҳон ифодаи беназири муҳаббат ва ҷалоли Ӯро диҳед, ва меваҳо ва мукофоти он, ки шумо инро чӣ тавр амалӣ месозед, то абад бо шумо хоҳад буд.

## Тоҷҳои абадӣ

Дар ибтидои ин китоб ман муфассал баён кардам, ки шумо кистед ва Худо кист, ва, бо истифода аз асбобҳое, ки ба мо дода шудаанд, чӣ гуна ба Ӯ наздиктар шудан мумкин аст. Ба ғайр аз ваъдаҳои беандоза ва гаронбаҳое, ки моро шарикони табиати Худо мегардонанд, инчунин зеварҳо ҳастанд, ки рамзи қудрат мебошанд.

Ман ҷавоҳиротро дӯст медорам, аммо на ҳамаашро, балки он ҷавоҳиротеро, ки таърих дорад. Ангуштариҳои арӯсии ман таърихи издивоҷи моро тасвир мекунанд. Ман барои таваллуди ҳар як писарам ангуштариҳо дорам. Ман гарданбанде дорам, ки рамзи шамшер аст, дастпонае, ки шакли тирро дорад ва боз яктои дигаре, ки маънои мисли духтар ҷанг карданро ифода мекунад. Ман зеварҳое дорам, ки дӯстонам ба ман тӯҳфа кардаанд, ва онҳое, ки бо рӯйдодҳои муҳим ё тағйиротҳои ҳаёти ман алоқаманданд. Маъно ва саргузашти тӯҳфа ба ман кӯмак мекунад муайян намоям, ки оё он ҷавоҳирот аст ё ороиши оддӣ.

Ба ман асари масеҳии “Роҳ ба сӯи қуллаҳои Ту”, ки Ҳанно Харнард навиштааст, хеле маъқул аст. Ман ин асарро аввалин бор дар синни бистсолагиам хондам, аммо он то имрӯз бо ман аст. Ман онро ба фарзандонам дар айёми наврасиашон мехондам, ва то ҳол, ҳар вақте ки лозим меояд, ман худам онро мехонам. Ин асар-аллегория аст, ки дар он зани ҷавон, ки пур аз тарс аст, аз хонааш баромада, ба баландиҳо, ба кӯҳҳо, меравад, ки дар он ҷо муҳаббати комил тарсро аз байн мебарад. Дар тӯли тамоми роҳ вай бо бисёр печутобҳо, гардишҳо ва озмоишҳо рӯ ба рӯ мешавад, ва дар ҳар ҷо қаҳрамоне, ки Оҳ-Метарсам ном дорад, қурбонгоҳ месозад, сангеро барои хотира интихоб мекунад ва онро дар борхалтааш бо худ мебарад. Боре ӯ ба чунон рӯҳафтодагӣ дучор мешавад, ва ваъда ба назараш хеле дур менамояд, ки вай ба васваса меафтад, ки ин сангҳои ёдгориро ҳамчун чизи бефоида, ки танҳо ноумедиҳои ӯро хотиррасон мекунад, партояд. Аммо, баъди бомулоҳиза андеша карданаш, ӯ онҳоро дубора ҷамъ мекунад,

онҳо бефоида набуданд, зеро баъдтар ҳар кадоми онҳо ба ороиши тоҷи ӯ табдил ёфтанд.

Ба ақидаи илоҳиётшиносон дар Навиштаҷот панҷ тоҷи мушаххас зикр шудааст. Тоҷи адолат, ки мо онро вақте соҳиб мешавем, ки гуноҳ ва шарми худро ба адолати Масеҳ иваз мекунем, ва Ӯ моро бо наҷоти Худ тоҷгузорӣ мекунад. Тоҷи шодӣ барои онҳоест, ки, сарфи назар аз шароитҳо, Худоро мепарастанд ва Ӯро ситоиш мекунанд. Тоҷи ҷалол – барои онҳое, ки бозгашти бошаҳомати Ӯро бесаброна интизоранд. Дар чанд саҳифаи охири китоб ман мехоҳам дар бораи ду тоҷи боқимонда муфассалтар нақл кунам.

### *Тоҷи ғайрифонӣ*

Дар бораи он дар Номаи якум ба Қӯринтиён (9:24-27) гуфта мешавад:

> “Оё намедонед, ки давандагони майдони мусобиқа ҳама медаванд, аммо фақат як нафар мукофот мегирад? Ҳамин тавр бидавед, то ки соҳиби он гардед. Ҳамаи риёзаткашон аз ҳар чиз худдорӣ мекунанд: онҳо барои гирифтани тоҷи фонӣ, лекин мо барои гирифтани тоҷи ғайрифонӣ. Бинобар ин ман медавам на он тавре ки бар абас бошад, ва мушт мезанам на он тавре ки фақат барои задани ҳаво бошад; балки ҷисми худро азоб медиҳам ва ғулом мегардонам, то ки ба дигарон мавъиза намуда, худам маҳрум набошам”.

Ин тоҷ ҳамчун мукофот барои мусобиқа аст, ва тарзи тамрини мо ба тарзи давиданамон таъсир мерасонад. Машқу тамрин кори на он қадар шавқовар аст, аммо ин дисквалификатсия ё мағлубият дар мусобиқа нест. Дар бисёр ҳолатҳо Рӯҳулқудс мураббии мост.

> “Ва Рӯҳулқудси Худоро, ки бо Он ба интизори рӯзи озодӣ мӯҳр зада шудаед, андӯҳгин накунед” (Эфс. 4:30).

Ҳама чиз ҷоиз аст, аммо на ҳама чиз ба парҳезгорӣ мусоидат мекунад; чи тавре ки на ҳама чиз кӯмак мекунад, ки мусобиқаатонро хуб ба анҷом расонед. Аммо Худо медонад, ки барои ин чӣ лозим аст. Ӯ медонад, ки кай мо бояд тезтар давем ва кай оҳистатар. Ӯ медонад, ки аз кӣ бояд машқҳои шахсӣ гирифт, ва аз кӣ дурӣ бояд ҷуст. Мо бо риояи дастуру супоришҳои Ӯ ғолиб меоем. Мо барои чизҳои муваққатӣ мусобиқа намекунем, мо барои абадият ҷадал мекунем.

> “Дар рӯи замин барои худ ганҷҳо ғун накунед, ки дар ин ҷо куя ва занг мезанад, ва дуздон нақб канда, медузданд; балки барои худ ганҷҳо дар осмон ғун кунед, ки дар он ҷо куя ва занг намезанад, ва дуздон нақб намеканانд ва намедузданд; зеро ҳар ҷо, ки ганҷи шумост, дили шумо низ дар он ҷо хоҳад буд” (Мат. 6:19-21).

Вақте ки дили шумо дар осмон аст, шумо метавонед роҳро низ ба осмон пайдо кунед. Ганҷи шумо дар дил ниҳон аст ва бо муҳаббат ҳифз карда мешавад. Мо дар ҷаҳоне зиндагӣ мекунем, ки пур аз суханҳо, идеяҳо, китобҳо, фикрҳо, робитаҳои иҷтимоӣ, зебоӣ, эҷодкорӣ ва ҳикмат аст. Бисёре аз ин рӯйхат хеле хуб аст. Аммо дар он як чизи хатарнок ҳам ҳаст, ки ҳатман кӯшиш мекунад, ки шуморо ба коми худ кашад, шуморо афсурда созад, ва дар кадом лаҳзае шумо метавонед мусобиқаро тамоман тарк кунед. Каломи Худо моро огоҳ мекунад:

> “Ҷаҳонро дӯст надоред, на он чиро, ки дар ҷаҳон аст: касе ки ҷаҳонро дӯст медорад, дар вай муҳаббати Падар нест; зеро ҳар чи дар ҷаҳон аст: шаҳвати ҷисм, ҳаваси чашмон ва ғурури зиндагонӣ — аз Падар нест, балки аз ин ҷаҳон аст. Ва ҷаҳон бо ҳавасҳояш гузарон аст, аммо касе ки иродаи Худоро ба ҷо меоварад, то абад боқист” (1 Юҳан. 2:15-17).

Ин ҳамаи он чизест, ки аз дилбастагӣ ба чизҳои заминӣ, моро мепайвандад ва гумроҳ мекунад.

Ҳавасҳои ин ҷаҳон ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. Шаҳвати ҷисм, ё хоҳиш, то ки ҳама чиз ба тавре ки мо мехоҳем, бояд бошад.
2. Ҳаваси чашмон, ё вақте ки ҳар чизеро, ки ба он чашматон меафтад, ба даст овардан мехоҳед.
3. Ғурури зиндагонӣ, ё хоҳиши ба назари ҳама муҳим тофтан.

Ҳар кадоми мо дар тӯли умри худ ҳадди ақал бо як нафар аз ин “рақиб” мубориза мебарем, агар бо ҳар сеи онҳо набошад. Онҳо метавонанд дар ҳаёти шумо бо тарзҳои хеле гуногун зоҳир шаванд, ва ҳар яке аз онҳо дар давраҳои гуногуни ҳаёт метавонанд шаклҳои гуногунро гиранд. Вақте ки ман ва шавҳарам нав оиладор шудем ва мо ҳанӯз фарзанд надоштем, ман хеле худпараст будам. Фикр мекунам, дурӯғгӯӣ намешавад, агар гӯям, ки ман мехостам ҳама чиз ба таври писандидаи ман бошад, ва тайёр будам қариб ҳар чизеро, ки дар мағоза медидам, харидорӣ кунам. Худоро шукр, ки барои ташвиқи рафтори манфури ман пул надоштем, аммо ин маънои онро надорад, ки ман он чизҳоро намедидам ва намехостам, ки онҳоро бо ҳар восита ба даст орам. Пасон ман дар давоми панҷ сол соҳиби се фарзанд шудам, ва ягона чизе, ки ман акнун орзу мекардам, ин каме хоб кардан буд! Дар мавриди хоҳиши ба назар муҳим тофтан, бояд гуфт, ки ҳар қадаре ки ман калонсолтар мешавам, ҳамон қадар ман эҳсос мекунам, ки барои ман кофист, ки арзиши худро дар назди оила, дӯстон ва чанд нафар духтари рӯҳонӣ дарк кунам.

Ин ҳавасҳое, ки аксар вақт рафтори моро муайян мекунанд, ба ҷаҳоне васл шудаанд, ки дар зери вазни абадият ба пора-пора шудан маҳкум шудааст.

Ҳама чиз: ВАО, мусиқӣ, рекламаҳо ва барномаҳои фароғатӣ, – барои ғизо додани шаҳват пешбинӣ шудааст. Ҳеҷ гоҳ дар таърихи инсоният мо ба чунин дастрасии наздик ба одамоне, ки бо онҳо тамоман робита надорем, дучор нашудаем. Вақте ки одамон бо одамоне, ки мебинанд (дӯстон, хешовандон) дар муносибат кардан душворӣ кашанд, тааҷҷубовар нест, ки муносибат бо Худое,

ки дида намешавад, барояшон хеле душвор аст.

> *“Касе ки иродаи Худоро ба ҷо меоварад, то абад боқист”* (1 Юҳан. 2:17).

Барои аз ҷаҳон ҷудо шудан, мо иродаи худро сарнагун мекунем ва иродаи Худоро қабул мекунем. Дар он мо аз ин робитаҳои хатарнок шифо меёбем.

> “Худованд Худои худро бо тамоми дили ту ва бо тамоми ҷони ту ва бо тамоми қуввати ту ва бо тамоми ҳуши ту дӯст бидор, ва ёри худро мисли худ дӯст бидор” (Луқ. 10:27).

Вақте ки муҳаббати Худо дар ҳаёти шумо фаровон аст, ҷозибаи ин ҷаҳон камтар мешавад. Вақте ки ман дар бораи Худо фикр мекунам ва ба Ӯ иҷозат медиҳам, ки маро дӯст дорад, ман мефаҳмам, ки ман худро сабуктар ҳис мекунам. Вақте ки ман ба худам оддитар муносибат мекунам, ман атрофиёнро бештар дӯст медорам. Вақте ки ман диққати худро ба Худо равона мекунам, вақте ки ман муҳаббати худро ба дигарон зоҳир мекунам, онгоҳ ман хеле камтар аз паи чизҳои бефоида меравам, зеро ки муносибатҳои ман ин холигиро пур мекунанд.

> “Эй зинокорон! Оё намедонед, ки дӯстӣ бо дунё душманӣ бо Худост? Пас, касе ки мехоҳад дӯсти дунё бошад, душмани Худо мегардад” (Яъқ. 4:4).

Баъзан ман аз худ мепурсам, ки оё мо Навиштаҷотро ҷиддӣ қабул мекунем, ё ин ки он дигар ба “хонасозии файз”-и мо дахл надорад. Тасаввур кардан душвор аст, ки ягон кас дидаву киниста бар зидди Офаридгори худ исён кунад. Павлус бо зинокороне сарукор дошт, ки мехостанд ҳам зери шариат, ва ҳам зери файз, зиндагӣ кунанд. Яъқуб ба онҳое муроҷиат мекунад, ки аҳди ҷовидонӣ доранд, вале касоне ки, мисли зани Лут, бо таъсири ин ҷаҳон мубориза мебаранд.

Диққат диҳед, ки ин тағйирот танҳо аз хоҳиши дӯстӣ бо ҷаҳон, дурусттараш, таҳаммулпазирӣ ба ҳама чизи ҷаҳонӣ, оғоз меёбад. Яъқуб дар ин ҷо чӣ мегӯяд? Доштани дӯстон дар ин ҷаҳон ё ҳатто дӯстони дунявӣ доштан – бо дӯстӣ бо ҷаҳон як хел нест. Мо бояд дар ин дунё дӯст бошем, аммо на дӯсти ин дунё. Якумаш муносибати моро ба мардуми замин нишон медиҳад, дуюмин муносибати моро ба системаи арзишҳои ин ҷаҳон дар назар дорад. Шумо ҳеҷ гоҳ бар чизе, ки худатон таҳти таъсири он қарор доред, қудрат нахоҳед дошт. Мо даъват шудаем, ки нисбат ба ҷаҳони мо дилсӯзӣ зоҳир кунем, на ҳамдарди ба арзишу ақидаҳои он.

Ин маънои онро дорад:

Бараҳнагони ин дунёро либос пӯшонидан, бо ҷаҳониён ба хотири шарикӣ урён нашудан.

Гуруснагони дунёро сер кардан, гуруснаи ин дунё нашудан.

Мо фиристодагони шифо ҳастем, даъват шудаем, ки сари бистари ин ҷаҳони дардманд нишинем, на ин ки бо ин ҷаҳон ҳамбистар шавем.

Ҳатто дар муносибатҳои шахсӣ худро ҳамчун сафири Подшоҳӣ нишон додан, ки дар он ҷо аҳкоми Подшоҳро эҳтиром мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки рӯзе ин муносибатҳо ба озмоиш дучор мешаванд.

Барои ба даст овардани тоҷи ғайрифонӣ мо бояд рақобати худро як сӯ гузошта, даъвати Худоро қабул кунем, то Ӯро, дигаронро ва худро дӯст дорем.

## *Тоҷи ҳаёт*

Ва, ниҳоят, тоҷи охирин – тоҷи ҳаёт. Чунин ба назар мерасад, ки онро тоҷи риёзаткашон низ номидан мумкин аст. Бисёре аз қаҳрамонони Китоби Муқаддас, ки дар Нома ба Ибриён ҳамчун "падарони имон" номбар шудаанд, ин тоҷро ба даст овroutед: Истефанус, Петрус ва бисёр пайравони дигари Масеҳ, ки мо ҳеҷ гоҳ номашонро аз ин тарафи парда истода намедонем. Инҳо одамоне

ҳастанд, ки ҳама чизро фидо карданд. Тоҷи ҳаёт бо нархи беназир харида мешавад.

> “То дами мамот амин бош, ва тоҷи ҳаётро ба ту хоҳам дод. Ҳар кӣ гӯш дорад, бишнавад, ки Рӯҳ ба калисоҳо чӣ мегӯяд: касе ки ғолиб ояд, аз мамоти дуюм зараре нахоҳад дид” (Ваҳй 2:10, 11).

Ба ман хеле маъқул аст, ки чӣ тавр дар тарҷумаи Китоби Муқаддас “The Message” ин оят ошкор мешавад: “Ман тоҷи ҳаёт дорам, ки махсус барои ту, бо андозаи ту, бофта шудааст, ва он аллакай туро интизор аст”.

Мо дар замоне зиндагӣ мекунем, ки дили бисёр ва бисёр одамон аз тарс хоҳад ларзид. Зулм, бекорӣ, гуруснагӣ ва ҷанг тарс назди маргро ба вуҷуд меоранд. Тӯҳмат, айбдоркунӣ ва таъқибот тарс назди одамонро ба вуҷуд меоранд. Аён аст, ки шайтон мехоҳад, ки моро дар беамалӣ ғарқ кунонад ва моро маҷбур созад, ки ҳамеша худро муҳофизат кунем. Мисли Нерон, ӯ мехоҳад моро бо зулму даҳшат, аз як тараф, ва бо сарват ва шаҳват, аз тарафи дигар, ба васваса андозад. Бештар аз ҳама дар ҷаҳон душмани мо мехост, ки мо ҳамеша дар назди фаввора истода, бе охир аз он ҷо тангаҳоро ҷамъ карда, ва ба он партофта, орзуҳоямонро баён кунем. Аммо барои ба даст овардани ин тоҷ, шумо бояд ба чуқуроб ғӯта занед.

**Барои ба даст овардани ин тоҷ, шумо бояд ба чуқуроб ғӯта занед.**

Чанде пеш маро се ҳодисаи даҳшатнок дар як рӯз фаро гирифт. Дутои онҳоро ман дар Интернет аз сомонаи яке аз духтарони рӯҳонии худ хондам. Вай бо оилааш ташкилоти мубориза бо ғуломии ҷинсиро дар Исроил роҳбарӣ мекард. Дар мақолаи аввал ман дар бораи яксаду панҷоҳ духтарон ва занони ҷавон, ки худкушӣ кардаанд, хондам. Ҳамаи онҳоро аъзои гурӯҳи террористии ИГИЛ

асир гирифта, ҳамчун ғуломони ҷинсӣ истифода мебурданд. Чунин ба назар мерасад, ки бо мақсади илова кардани таҳқир ба ин ҷароҳатҳои бе ин ҳам зиёд (маънавӣ ва ҷисмонӣ), ҷасадҳои онҳоро ба сагҳо мехӯронанд. Ба чашмони худ бовар накарда, ман паёмро такрор ба такрор хондам. Чӣ гуна метавонад ин гуна бадии ошкоро ва бешармӣ ҳақиқат бошад?! Ҳанӯз ҳам, вақте ки ман ин сатрҳоро менависам, дар пеши назарам як тасвир пайдо мешавад: сагҳое, ки бадани ин духтаронро бераҳмона пора-пора мекунанд. Аз тасвирҳое, ки тасаввуроти ман кашидааст, аз даҳшат ба ларза омада, ман суханони китоби Ваҳйро ба ёд меорам:

> “Ва аждаҳо ба зан дарғазаб шуда, рафт, то бо боқии насли вай, ки аҳкоми Худоро риоят мекунанд ва шаҳодати Исои Масеҳро доранд, ҷанг кунад” (Ваҳй 12:17).

Чунин кирдорҳо аз ҳад зиёд бераҳмонаанд, то ки одам ба он ҷуръат карда тавонад... Ба ин танҳо аждаҳои ваҳшӣ қодир аст. Ин ғазаб бар зан ва насли вай, ки аҳкоми Худовандро риоя мекунанд ва шаҳодати Исоро нигоҳ медоранд, нигаронида шудааст (ниг. Ваҳй 12:17). Дар давоми даҳ рӯзи охир ин тасвир барои ман ғамангезтар шуда, ба андозаи тасаввурношуданӣ расидааст.

Мақолаи навбатӣ дар бораи мукофоти канизони ҷинсӣ ба мардоне, ки Қуръонро аз ёд медонанд, сухан мегуфт. Таҷовуз ба номусалмонон ҳамчун амали ибодат ҳисоб мерафт. Донистани он аламовар аст, аммо метарсам, ки то замони чопи ин китоб, мавҷҳои ҷиноятҳои ваҳшиёнаи бештаре ин даҳшатро зери худ дафн хоҳанд кард.

Ҳикояи сеюм ба почтаи кории ман расид. Мо як корманди асосӣ дорем, ки тақсимоти ройгони манбаъҳои ахбори масеҳӣ ва адабиётро дар кишварҳое, ки таъқибот ва камбизоатӣ дастрасии одамонро ба иттилооти масеҳӣ маҳдуд мекунанд, роҳбарӣ мекунад. Яке аз дӯстони ҷасури мо, ки дар Шарқи Наздик кор мекард, ҳангоми тирпарронии масеҳиёни Сурия кушта шуд. Ба

мо ҳолати марги ин мардро фаҳмонида, чунин навишта буданд: “Баъзеҳо даъват шудаанд, ки бисёр чизҳоро диҳанд, вале касе ҳар он чи дорад, медиҳад”.

Ман аз ин хабар дар ҳайрат мондам. Дар роҳ ба мулоқот ман кӯшиш мекардам, ки дар хаёлам номае ба зани бевааш нависам. Ман ҳис мекардам: ҳар чизе, ки ман менависам, метавонад нисбати ҳаёти ӯ ва шароите, ки вай дар он қарор дошт, ҳамчун таҳқир садо диҳад. “Афсӯс мехӯрам” – хеле рӯякӣ, “ташаккур” – дар ин маврид номуносиб ба назар мерасид. Ман мефаҳмидам, ки дар хона дар амнияти комил нишаста, ки ҳеҷ гоҳ марги риёзаткашро надидаам, ба вай менависам. Ман ҳамеша мусиқии масеҳӣ ва парастишро дар даст дорам, ман китобҳои масеҳӣ ва Китоби Муқаддасро бештар аз он ки хонда метавонам, дорам. Анборҳои ман пур аз хӯрок, ва ҷевонҳои ман пур аз либос аст; ва имрӯз, вақте ки ман набераҳоямро нигоҳубин мекунам, онҳо механданд ва бозӣ мекунанд, ҳатто намедонанд, ки бародарону хоҳарони мо дар Масеҳ чунин дард доранд.

Ман шарм доштам. Ногаҳон ман ҳис кардам, ки гӯё ҳаётам поймол шуда бошад, гӯё ҳаёти ман на бештар аз як садафи холӣ арзиш дошта бошад, ва ҳама чизе, ки ман медонистам ва доштам, ногаҳон ба мисли кафку булӯри собуне, ки набераҳоям мекунанд, бевазн гашт. Ман мехостам ба касе занг занам. Зане, ки калонсолтар ва оқилтар бошад, ки метавонад бифаҳмад, ки ман чиҳоро паси сар мекунам, ҳатто агар вай ба ягон саволе, ки дар ботини ман пайдо мешавад, ҷавоб дода натавонад ҳам.

Ман бисёр саволҳо доштам. Чаро ман ин қадар чизҳоро дорам, дар ҳоле ки заноне, ки дар он тарафи уқёнус ҳастанд, чунон ноумед ҳастанд, ки омодаанд бимиранд, ба ҷои он ки як лаҳзаи дигар зиндагӣ кунанд, Адолат дар куҷост? Ман мехостам, ки дарди диламро рафъ кунам. Онгоҳ ман дарк намудам, ки муқоиса карданро сар карда истодаам. Эҳсоси чунин тазод ҳеҷ бадӣ надорад, аммо муқоиса худ аз худ бефоида аст. Ба ин саволҳо ҷавоб нест. Фақат море ҳаст, ки ба аждаҳо табдил ёфтааст, ва

мардону заноне ҳастанд, ки зери таъсири вай нисбат ба ҳамдигар корҳои даҳшатовар мекунанд. Он вақт ман фаҳмидам, ки ман интихоб дорам. Ман метавонистам ин саволҳои ғазаболудро идома диҳам, ё иҷозат диҳам, ки аломатҳои саволии ҳаёти ман ба аломатҳои хитобӣ табдил ёбанд. Ман ашкҳоямро пок кардам ва қарор додам, ки ҳаёти онҳо барои ман ҳамчун дарси грамматика хизмат хоҳад кард ва ба ман кӯмак хоҳад кард, ки аломатҳои пунктуатсияро дар ҳаётам дуруст гузорам.

Чунин ҳикояҳо дар бораи таъқиботҳо нав нестанд – чунин ҳодисаҳо дар ҳар аср чандин бораҳо рух додаанд. Ва дар синни панҷоҳу панҷсолагӣ ман бояд зане бошам, ки дар бораи саволҳое, ки дар ин тарафи абадият истода, ҳеҷ гоҳ ҷавоб дода наметавонад, фикр накунад. Синну сол худ аз худ ба он чизе, ки дар асл маъно надорад, мазмун бахшида наметавонад. Мо аллакай дар хатти марра қарор дорем, ва рӯйдодҳои рӯзҳои мо абадиятро боз ҳам ҷолибтар мекунанд. Бинобар ин, то даме ки чунин имконият дорем, мо бояд хуб меҳнат кунем. Танҳо дар абадият ин ҳикоя маъно пайдо мекунад, ва дар ин давра, дар ин ҷо ва ҳоло, мо метавонем дуо гӯем ва боварӣ дошта бошем, ки Худо дуоҳои моро мешунавад, агар дили мо аз рақобат, ҳасад ва муқоиса озод бошад.

> “Як Бадан ҳаст ва як Рӯҳ, чунон ки шумо низ ба як умеди муайян даъват шудаед; як Худованд ҳаст, як имон, як таъмид, як Худо ва Падари ҳама, ки Ӯ бар болои ҳама, ва ба воситаи ҳама, ва дар ҳама мебошад. Аммо ба ҳар яке аз мо файз ба андозаи атои Масеҳ бахшида шудааст” (Эфс. 4:4-7).

## Бо зиндагии худ умр ба сар баред!

Ба мо бисёр чизҳо ато шудааст: нуқтаи назари беназири мо – ин тӯҳфа, ҳар чизе, ки мо дидем ва аз сар гузаронидем – ин ҳам тӯҳфа. Мо интихоб дорем. Мо метавонем бигузорем, ки ҳамаи ин моро фаро гирад ва ҳеҷ кор накунем. Мо метавонем ба ин

ҳадяҳои ҳаёт ҳамчун як чизи оддӣ муносибат кунем ва ба худ иҷозат диҳем, ки рӯҳафтода шавем. Ё мо метавонем дар бораи қудрати лаҳзаҳое, ки аз сар гузаронидем, фикр кунем ва зиндагии ҳайратангез дошта бошем.

Дар даҳ соли охир ман дар бораи модашерон, занону духтарони шамшердор ва салибдор, дар бораи он ки чӣ тавр ҳамчун зан мубориза бурдан мумкин аст, дар бораи бӯсидан то ашк, назар ба тарбияи рӯҳ, бештар навиштаам. Ва акнун ман менависам ва умедворам, ки ҳар чизе, ки вақти худро дар дили шумо интизор аст, амалӣ хоҳад шуд. Зеро:

Шумо, духтаре ҳастед, ки барои бо ҳаёти беназир зиндагӣ
кардан даъват шудааст.
Шуморо Падари беназир дӯст медорад.
Шумо дар замони беназир зиндагӣ мекунед.
Шумо аз кишвари беназир ҳастед.
Шумо бо қурбонии беназир харида шудаед.
Ба шумо номи беназир дода шудааст.
Ба шумо қувваи беназири Рӯҳи Ӯ ато шудааст.
Шумо забони беназирро медонед.
Шумо узви Бадани беназир ҳастед.
Вазифае, ки ба шумо дода шудааст, беназир аст.
Шумо бо силоҳи беназир мусаллаҳ ҳастед.
Шумо дар ҷанге иштирок мекунед, ки беҳамто аст.
Шумо ба дуои беназир даъват шудаед.
Дар назди мо имкониятҳои беназир ҳастанд, зеро мо ба
ҳосиле гузошта шудаем, ки беназир аст.
Тақдири мо ин абадият аст, ки беназир аст.

Биёед тавре зиндагӣ кунем, ки дар зебоӣ, қувват, некӣ ва бузургӣ беназир бошем... Касе бисёр медиҳад, касе ҳама чизро медиҳад.

Дар назди Худованд истода, бо умеди дурахшон ба Ӯ содиқона хизмат кунед ва ҳамеша ва дар ҳама ҷо Ӯро дӯст доред. Зеро шумо, хоҳар ва дугонаи ман, сарнавишти беназир доред. Бинобар ин, бо ҷасорати аз муҳаббат тавлидёфта биравед, ва сарбаландона бо сарнавишти худ умр ба сар баред!

## Саволҳо барои мулоҳиза

1. Таърихи Фекла ба шумо чӣ гуфт?
2. Фарқияти байни дӯстӣ бо ҷаҳон ва дӯсти ҷаҳон будан дар чист?
3. Дар кадом соҳаҳои ҳаётатон ба шумо лозим аст, ки аломатҳои пунктуатсияро иваз кунед?
4. Кадом қадамро шумо ба сӯи ҳаёти беназири худ мегузоред?

# ИЗҲОРИ МИННАТДОРӢ

Тасаввур кунед, ки ҷаҳон чӣ гуна мебуд, агар ҳар яки мо дарк мекардем, ки мо то чӣ андоза дӯстдошта ва боқадр ҳастем. Дар китоби худ “Берун аз рақобат” Лиза Бивер моро рӯҳбаланд мекунад, то бифаҳмем ва дарк кунем, ки то чӣ андоза мо беназир офарида шудаем ва аз ҷониби Худо дӯстдошта ҳастем. Аз ин рӯ, ҳар яки мо барои иҷрои нақшаи Худо даъвати ҳалкунанда ва муҳимро гирифтаем. Ин китоб – даъват барои пайравӣ ба Худо ва рисолате, ки Ӯ барои шумо таъин кардааст.

**- Холли Вагнер,** шубон ва муаллиф

Мо дар фарҳанги пур аз ҷонҳои саргардон зиндагӣ мекунем, ки шахсияти худро дар ҷойҳои нодуруст меҷӯянд. Ин китоб – як қутбнамои ҳақиқие, ки ба мардону занон манбаи аслии ҳуввияти рӯҳониро нишон медиҳад. Мо ба Худо тааллуқ дорем, Ӯ моро интихоб кардааст, ва мо ба таври беназир дӯст дошта шудаем. Лиза ба таври аҷиб ин ҳақиқатҳои абадиро дар ҳаёт амалӣ гардонидааст. Ин китоб барои хондан ҳатмист!

**- Бреди Бойд,** шубони калисои “Ню Лайф Чӯрч” дар Колорадо Спрингс ва муаллифи китоби *“Вобастагӣ аз шуғл”*

Дар китоби «Берун аз рақобат» Лиза Бивер ҳақиқати амиқро дар бораи он ки Худо моро кӣ офаридааст, ва Ӯ ҳар яки моро шахсан, ба таври беназир, дӯст медорад, мубодила мекунад. Пас аз хондани ин китоб, ман тасаввур карда наметавонам, ки чӣ гуна

касе метавонад ба муҳаббати Худо нисбати худ шубҳа кунад!

**- Крис Ҳоҷис,** шубони калони калисои “Чӯрч оф ҳайлендс” ва муаллифи китобҳои *“Ҳавои тоза”* ва *“Чаҳор пиёла”*

Агар шумо ягон бор бӯҳрони шахсиятро аз сар гузаронида бошед, ин китоб ҳама чизро тағйир медиҳад. Фаҳмиши он ки ҳар яки мо дар Масеҳ кӣ ҳастем, моро тағйир медиҳад. Ба ҷои он ки кӯшиш кунем, ки бехатарии худро таъмин намоем, мо дар нақшаи бузурги наҷоти Худо ҷои худро ишғол мекунем.

**- Шейла Уолш,** муаллифи китоби *“Худо одамони дилшикастаро дӯст медорад”* ва сухангӯи асосии конфронси “Занони имон”

Китоби “Берун аз рақобат” ҳақиқатҳои муҳимро ошкор месозад, ва ман боварӣ дорам, ки он ба ин насл таъсири сахт хоҳад расонид. Лиза Бивер муҳаббати Худоро ба таври нав чунон зебо ва равшан баён мекунад, ки он бешубҳа ҳар як хонандаро мафтун мекунад. Ба қадри он ки хонандагон бо ин китоби аҷиб амиқтар ва амиқтар шинос мешаванд, онҳо бештару бештар дар бораи муҳаббати Худо нисбати онҳо ва ҳамчунин оиди он ки чӣ гуна шахсияти худро дар Ӯ пайдо намудан муҳим аст, хоҳанд донист.

**- Мэтю Барнетт,** асосгузори “Маркази дрим”

Китоби “Берун аз рақобат” – ёдраскунии бениҳоят хуби муҳаббати Худо ба ҳамаи одамон. Лиза ба ин мавзӯъ бо ваҳйи тоза муносибат карда, фикрашро бо назокат ва мухтасар баён менамояд. Ин дар ҳақиқат як китоби аҷибест, ки ҳар як хонандаро рӯҳбаланд мекунад.

**- Кэролайн Барнетт,** шубони “Маркази дрим”

Дар ҷаҳоне, ки онро рақобат ва муқоисаҳо фаро гирифтааст, хондани ин китоб барои ҳар як модар, духтар, роҳбар ва дӯст ҳатмист. Вақти он расидааст, ки ба ҷои якдигарро муқоиса кардан, бояд дасти

ҳамдигарро гирифт. Вақти он расидааст, ки ба ҷои тоқат кардани якдигар, ба ҳамдигар хурсанд мебояд буд. Мо рақибон надорем; аз ин рӯ, ба ҳама имконият медиҳем, ки муваффақ шаванд.

**- Шарлот Гамбилл,** шубони калони калисои "ЛАЙФ чӯрч", Бредфорд, Шоҳигарии Муттаҳида

Агар шумо худро беарзиш ҳисобед ё мақсаднокӣ надошта бошед, китоби "Берун аз рақобат" – он чизе, ки ба шумо лозим аст, ки мунаққиди ботинии худро ба хомӯш шудан маҷбур созед. Худо шуморо ба он пешбинӣ намудааст, ки дар ҳама ҳолат қаноатмандӣ ёфта, бидуни муқоиса зиндагӣ кунед.

**- Шубон Стивен ва Холли Фуртик,** калисои "Элевейшн чӯрч"

Лиза ба шумо барои фаҳмидани он кӯмак мекунад, ки чӣ тавр метавон озодӣ ва бовариро эҳсос кард, ки аз донистани он меоянд, ки шумо – асари беназири Худо, берун аз муқоиса ва рақобат, ва шумо ҳама чизи ба шумо лозимаро доред, то ки ба даъвати беназире, ки Худо ба шумо додааст, ворид гардед.

**Виктория Остин,** шубони калисои "Лейквуд Чӯрч" дар Хюстон, Техас

Китоби Лиза Бивер "Берун аз рақобат" шуморо ба ченаки нави шахсияти шумо дар Масеҳ бедор мекунад. Китоби Лиза пур аз фаҳмиш ва ҳикмати илоҳӣ аст. Он шуморо даъват мекунад, илҳом мебахшад ва муҷаҳҳаз мегардонад, то ки ба даъвати беназири Худованд дар ҳаёти худ саъю кӯшиш кунед. Агар шумо кӯшиш мекунед, ки ба он чизе, ки Худованд дар бораи тақдиратон мегӯяд, мутобиқ бошед, ин китоб барои шумост! Ман дар ҳақиқат онро тавсия медиҳам.

**- Крис Валлотон,** ёрдамчии калони шубони калисои "Бетел чӯрч" дар Реддинг, Калифорния

Лиза Бивер тӯли солҳои зиёд дӯсти наздики мо буд, ва мо боварӣ дорем, ки хираде, ки вай дар китоби худ “Берун аз рақобат” мубодила мекунад, ба бисёр одамон озодӣ меорад. Саҳифаҳои ин китобро хонда, аз Худо хоҳиш кунед, ки ба шумо барои мағлуб кардани кӯшиши муқоисакунӣ ва рақобат кӯмак кунад ва ба Ӯ иҷозат диҳед, ки ба шумо чӣ гуна қабул ва қадр кардани онро, ки Ӯ шуморо кӣ офаридааст, нишон диҳад.

**- Ҷеймс Робинсон,** асосгузор ва президенти “ЛАЙФ аутрич интернейшнл”

Ман Лизаро дӯст медорам. Каломе, ки вай меорад, аҳамият дорад. Ман мехоҳам, ки ҳама ин китобро бихонанд ва ба паёми ӯ бовар кунанд. Фаҳмидани кӣ будани худ, ва эътироф кардани ниёзмандии худ ба дигарон хеле муҳим аст. Ин китоб ба шумо қувват мебахшад; шумо ҳис хоҳед кард, ки чӣ тавр Падар ба шумо шахсияти ҳақиқӣ ва устувори шуморо нишон медиҳад.

**- Ҷенн Ҷонсон,** пешвои парастиш ва муаллифи сурудҳо дар “Бетел Мюзик”

Китоби “Берун аз рақобат” – ин як даъвати олиҷаноб ба бедоршавӣ барои занони ҳамаи синну сол. Паёми Лиза дар бораи он ки ҳамаи мо ба таври беназир аз ҷониби Худо дӯстдошта ва даъватшуда ҳастем, хеле зарур аст. Ман ғайрат ва нерӯи ӯро, ки ҳар як саҳифаи ин китоб аз он лабрез аст, дӯст медорам.

**- Алли Уортингтон,** муаллифи китоби *“Нобуд кардани шуғл; Чӣ гуна бояд озодӣ ва мақсадро дар ҷаҳони аз ақл бегонашуда пайдо кард”*

Суханони пур аз Рӯҳ ва далеронаи Лиза барои озод кардани занон аз муқоиса, мағрурӣ ва ҳасад кӯмак мекунанд. Вай чи тавре ки мавъиза мекунад, ҳамон тавр зиндагӣ мекунад; вақте ки шумо ба Исо тааллуқ доред, шумо берун аз рақобат ҳастед.

**- Сара Бесси,** муаллифи китобҳои *“Исо – феминист”* ва *“Ошуфта; Фаҳмидани имони инкишофёбанда”*

Китоби нави Лиза – ин ганҷи бузург! Ин китоб – эквиваленти чопшудаи он аст, ки Худо рӯи моро бо кафи дастони Худ ба оғӯш мегирад, диққати моро ба Худ равона мекунад, ва баъдан оҳиста ва боэътимод мегӯяд: “Ман туро дӯст медорам”.

**- Лиза Харпер,** муаллиф ва муаллими Китоби Муқаддас

Фаҳмидани мансубияти шумо ба Худо, ҷои беназири шумо дар оилаи Худо ва хислати Масеҳ барои рушди минбаъдаи дил ва рӯҳи солим басо муҳим аст. Лиза Бивер дорои қобилияти беназири фаҳмонидани ҳақиқати Китоби Муқаддас ва инчунин ваҳйи шахсӣ аст, вақте ки сухан дар бораи ин принсипҳои абадӣ меравад. Шумо аз нав на танҳо кӣ будани худро дарёфт хоҳед кард, балки кӣ будани Ӯро низ – Наҷотдиҳандаи тавонои берун аз рақобат.

**- Брайан ва Бобби Хюстон,** асосгузорон ва шубонҳои калони калисои умумиҷаҳонии “Хиллсонг”

Дар ҷаҳоне, ки ба занон муқоиса ва рақобат хос аст, Лиза Бивер кореро мекунад, ки аз ҳама беҳтар метавонад – моро бо суханони ғамхор, қавикунанда ва шифобахш ба дили занонаи худ наздиктар мекунад: “Духтарам, ту комил ҳастӣ, зеро ки ту ба таври беназир дӯст дошта шудаӣ”. Китоби “Берун аз рақобат” эҳтиёҷ ба рақобатро аз мо дур мекунад, ва мо бехатарона ба дили Падар фуруд меоем ва дар оғӯши Ӯ реша меронем. Хондани ин китоб барои ҳамаи заноне, ки ба муносибатҳои амиқтар, шахсият ва ҳадаф кӯшиш доранд, ҳатмӣ мебошад.

**- Криста Блэк Глиффорд,** муаллифи сурудҳое, ки бо мукофотҳо қайд шудааст, воиз ва муаллифи китобҳои *“Худо зиштрӯёнро дӯст медорад”* ва *“Дили шифоёфта”*

Китоби нави Лиза Бивер “Берун аз рақобат” – ин тавсифи зебои муҳаббати беназири Худо ба ҳар яки мо. Ин китоб ба мо хотиррасон мекунад, ки мо рақиб надорем, зеро Худо моро бо

арзиш ва шахсияти нотакрор дар Ӯ офаридааст. Ин китоб барои хондани ҳама ҳатмист!

**- Ҷентезен Франклин,** шубони калони калисои “Фри чейпел” ва муаллифи шоҳасарҳо аз рӯи нақли “Ню-Йорк Таймс”

Дугонаи азизи ман Лиза Бивер бори дигар ин корро кард. Китоби “Берун аз рақобат” – ин китоби пурқувват, нубувватӣ ва илҳомбахш, ки ба шумо барои ошкор кардани кӣ будани шумо ва ҳамчун духтари Худо ба кӣ тааллуқ доштанатон кӯмак мекунад. Ин китобро ба ҳар як зане, ки мешиносед, тӯҳфа кунед – ман худам чунин хоҳам кард.

**- Кристин Кейн,** асосгузори “A21” ва “Пешравӣ барои занон”

Худо моро якхела дӯст намедорад, балки ба таври беназир дӯст медорад. Дар китоби “Берун аз рақобат” Лиза ҳақиқатҳоеро ошкор мекунад, ки ба шумо барои пайдо кардани қувват ва ҳадаф кӯмак мекунанд.

**- Марк Беттерсон,** муаллифи китоби *“Кашидани доираҳо”* – шоҳасар аз рӯи нақли “Ню-Йорк Таймс”, ва шубони калисои “Нешнл комюнити чӯрч”

# БЕДОРШАВИИ МОДАШЕРОН

*Бедор шав ва дунёи худро дигар кун*




Модашер аз хоб бедор мешавад – симои пуршукӯҳи қувват, иштиёқ ва зебоӣ. Табиати аслии вай ин ба олами атроф амр кардан, муҳофизат намудани наслҳо ва пурра кардани қуввати шер мебошад. Дар гала модашерон ба хотири таъсир расонидан ба тамоми олами атроф дар ягонагии пурра амал мекунанд.

Шумо низ модашер мебошед.

Дар “Бедоршавии модашерон” Лиза Бивер дар мисоли ҳаёт ва симои модашер зани қавӣ ва дар айни замон боназокатро тасвир мекунад. Хислатҳои ғайричашмдошти ин офаридаи пурэъҷозро ошкор карда, Лиза занонро даъват менамояд, ки дар ҳаққи якдигар ғамхорӣ зоҳир кунанд, мувофиқи рисолати худ хидмат намоянд ва дар дуо пурқувват бошанд. Ба воситаи ин паём шумо имконият пайдо мекунед, ки шахсони эҳтиёҷмандро муҳофизат кунед ва барои мазлумон садо баланд намоед.

Китоби “Бедоршавии модашерон” аз шабоҳатҳои барҷастаи табиати ваҳшӣ ва ҳикояҳои библиявӣ дар бораи  модашерон пур буда, занонро даъват мекунад, ки муттаҳид шаванд ва ба таври ҳамешагӣ дар ин Замин қувват пайдо кунанд.

Масеҳ Шер аз қавми Яҳудо номида шудааст. Мо бошем, модашерони бедоршудаи Ӯ мебошем.

Дар **MessengerX.com** дастрас аст

# MessengerX

*Роҳ ба шогирдӣ барои ҳар кас, дар ҳар ҷо*




- **Ройгон бо бештар аз 125 забонҳо**
- Ҳамчун барнома ва онлайн дастрас аст
- Маводҳое, ки барои такомули рӯҳонии шумо нигаронида шудаанд
- Саргузашти ҳаёт ва роҳи шогирдии худро тадқиқ кунед






Китобхонаи пурраи маводҳоро барои шогирдсозии Messenger дастрас мекунед – китобҳои электронӣ, дарсҳои видео ва аудиоӣ, аудиокитобҳо, Китоби Муқаддас... Дар тамоми дастгоҳҳои худ тамошо кунед, хонед ва шунавед.

**MessengerX.com**

Зеркашӣ дар App Store

Инро гиред Google Play

Дар тамоми ҷаҳон дар App Store ва Google Play дастрас аст.

«*"Берун аз рақобат"* мавқеи беназирро нисбати ҷанги доимие, ки бар зидди шахсияти мо дар Масеҳ ғазаб мекунад, ошкор мекунад».
— ҶОЙС МАЙЕР
Муаллими Китоби Муқаддас ва муаллифи шоҳасарҳо

Бесабаб нест, ки мо дар одамони дигар рақибонро мебинем ва худро бо муқоиса ва рақобат маҳдуд мекунем. Мо душмане дорем, ки ба ақл, ирода ва эҳсосоти мо таҳдид мекунад ва моро водор мекунад, ки ба худамон ва атрофиёнамон ҳамла намоем. Ҳамин тавр мо аз наздикон бегона шуда, фардият ва мақсади худро гум мекунем.

Дар китоби *"Берун аз рақобат"* муаллифи шоҳасарҳо Лиза Бивер нақл мекунад, ки чӣ гуна ваҳй дар бораи муҳаббати Худо ин бандҳоро вайрон месозад. Шумо мефаҳмед, ки чӣ гуна дар одамон дидани рақибонро бояд бас кард ва муносибатҳои амиқро бо Офаридгори худ бисохт, муносибатҳое, ки ваъдаи аслии фардият ва наздикии ҳақиқиро дар худ нигоҳ медоранд. Ин таълимоти солими библиявӣ аст, ки пур аз ҳикмати нубувватӣ буда, ба замони мо дахл дорад. Лиза бо ҳазлу ҳавас моро даъват мекунад!

- Рақобатро дур кунед, ва он беҳтаринро дар шумо ошкор мекунад.
- Аз сӯҳбатҳое, ки шумо бояд дар он иштирок намоед, пинҳон шуданро бас кунед.
- Ба изҳороте, ки занҳо ношоиста, зудбовар ва соддалавҳ ҳастанд, ҷавоб диҳед.
- Рақобати ҷинсиро дар ҳаёти худ безарар созед ва бо мардон якҷоя меҳнат кунед.

Вақти он расидааст, ки як қадам ба пеш гузошта, берун аз рақобат зиндагӣ кунем.

**Лиза Бивер** дар услуби аслӣ, дилчасп ва ҳаҷвиаш ҳақиқатҳои Китоби Муқаддасро бо татбиқи амалӣ мепайвандад. Китобҳои ӯ, аз ҷумла "Ба мисли зан биҷанг", "Бедоршавии модашерон" ва "Духтарони шамшердор," ба зиёда аз 65 забон тарҷума гардида, дар саросари ҷаҳон бо миллионҳо нусхаҳо пахн шудаанд. Лиза ва шавҳараш Ҷон муаллифони шоҳасарҳо ва асосгузорони "Messenger International" мебошанд.



Маълумоти бештарро дар **MessengerX.com** пайдо кунед

Messenger
INTERNATIONAL

Ин китоб – тӯҳфа аз ҷониби муаллиф.
На барои фурӯш.

Бештар мехоҳед?
Зеркашӣ кунед.